ҚУТБӢ КИРОМ

# МИНБАРИ ВИҶДОН

«Адиб»
Душанбе
2012

ББК –84 Тоҷик 8-4

Қ – 92

Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор
*ГУЛНАЗАР*

**Қ – 92 Қутбӣ Киром. Минбари виҷдон** *(Мунтахаби ашъор)*
– Душанбе, «Адиб», 2012, 312 саҳ.

Шоири халқии Тоҷикистон устод Қутбӣ Киром дар назми нимаи дувуми асри XX-и тоҷик нақши носутурданӣ гузоштааст. Вуҷуди қаҳрамонҳои лирикии ӯ саршор, аз нангу номус ва ғуруру мардонагист. Ва дар дили хонандаи имрӯзу фардо парваридани ин хислатҳои умдаи ватандорию ватанхоҳӣ рисолати бузурги адабиёти ҳақиқист.

ISBN 978-99947-2-242-6

© Қутбӣ Киром, 2012

## «ДУ БАЙТИ ҶОНБАХШ»

Ҳар шоир бо ин ё он шеъраш ба «кишвар»-и афсонавии адабиёт роҳхат меёбад. Вақте ки Лоиқи навхат дар маҷлиси раёсати Иттифоқи нависандагон шармида-шармида шеъри «Ба модарам»-ро хонд, устод Турсунзода таҳаммулро аз даст дода, нидо кард:

–Офарин, писарам, шоир ҳастӣ!

Қутбӣ Киром бо шеъри «Бӯйи нон» шинохта шуд ва номаш дар сафҳаи адабиёти асри XX-и тоҷик ҷовидона сабт гардид.

Дар ёд дорам, дар яке аз маҷлисҳои садорат устод Мирзо Турсунзода гуфт:

– Қутбӣ! Ин ҳанӯз бӯйи нон аст. Онро ба нон бояд табдил дод!

Қутбӣ пайи ин нишондоди устод рафт, миёнро барбаст, ба замини Қазоқистон, ки он солҳо майдони диловариву мардонагӣ буд ва аз фазояш бӯйи нон меомад, сафар кард:

*Гурзи ҳафсадманини Рустами дастон бар дӯш,*
*Панди бо дӯст ҳаводории Саъдӣ дар гӯш,*
*Ишқи туркони қабопӯш чу Ҳофиз дар дил,*
*Ҳаваси мӯйшикофӣ ба сарам аз Бедил,*
*Омадам сӯйи ту, эй пир, биёбони қазоқ,*
*Сафҳаи тозаи айёми ман, эй хони қазоқ.*

Шоир аз ин сафари пурбораш бо силсилаи шеърҳои «Бӯйи нон» баргашт. Хонандагон шеърҳои «Нон дорӣ–ном дорӣ», «Зиндаятимон», «Андешаи фардо», «Ҳаваси мӯйшикофӣ», «Як рӯз дар хоки навкорам», «Қуралай» ва ғайраҳоро бо шавқ мутолиа карданд. Дар ин силсила, бешубҳа, шеърҳо ва пораҳои писандида бисёранд. Аммо «Бӯйи нон» ҳамоно бо тароваташ, ҳаловаташ, ҷонбахшоияш, лаззати қудсияш бӯйи нон монд.

Қутбӣ Кsurvey бо ин шеър ба назми мо мавзӯи ба куллӣ нав–**ақибгоҳ аз нигоҳи кӯдакро** дохил кард ва беҳтарин шеъру достонҳоро офарид. Дар наср ба ёд овардани қиссаи «Тобистон»-и Толис кифоя аст.

Дар солҳои салтанати Ҳукумати Шӯравӣ адабиёти шак-

лан милливу мазмунан сотсиалистии мо дар ойинаи қаднамои адабиёти шӯравӣ баррасӣ ва қадргузорӣ мешуд. Бетардид дар адабиётҳои халқҳои дигар шинохти ҳаёти ақибгоҳ аз нигоҳи кӯдак инъикоси худро бо ҷилваҳои гуногун ёфта буд. Аммо Қутбӣ тавонист, ки дар ин мавзӯъ шеъри миллии тоҷикии худро офарад ва онро наметавон бо сурудаҳои дигарон иштибоҳ кард.

Маҳрумиятҳои солҳои ҷанг, хаткашон, хати сиёҳ оҳангҳое ҳастанд, ки саропойи эҷодиёти Қутбиро фаро гирифтаанд. Дар гуфтори муаллиф, ки бачагии худро қурбони рӯзҳои пурдаҳшати ҷанг дарёфтааст ва бисёр воқеаҳоро мушоҳидагари бевосита будааст, зеру бами сохтаву дурӯғин нест. Дар шеъри «Зиндаятимон» омадааст:

*Бачча будем,*
*Лек куҷо баччагӣ?*
*Буд сари тифлию ғами зиндагӣ.*
*Ҳам падари хеш будему писар ,*
*Бар шафати шоми сияҳ чун саҳар.*
*Дар ғами он ки чӣ биёяд хабар*
*Аз амаку аз акаву аз падар,*
*Буд дари почта даргоҳи мо,*
*Номабараш ҷӯраи дилхоҳи мо.*

Воқеан, даставвал, ки аз ҷабҳа ҳанӯз хабари марг намеомад, хаткашон «ҷӯраи дилхоҳи» бачагон буд. Ҳамин ки хатҳои сиёҳ чун зоғҳои шумхабар ба сӯйи деҳу шаҳрҳои мо пар кушоданд, хаткашон ба каси шумқадаму рӯхунук табдил ёфт. Ҳарчанд ӯ намехост ба хонае ғаму ғуссаву мотам биёрад, вазифааш талқин мекард, ки хоҳу нохоҳ номаҳоро ба соҳибонашон бирасонад. Албатта, ин амал барои ӯ ҷонкоҳу азиятбахш буд. Аммо чора нест. Бинобар дар шеъри Қутбӣ «ҷӯраи дилхоҳ» ба тадриҷ ба «бечора хаткашон» мубаддал мегардад. Ба шеъри «Хаткашон» таваҷҷӯҳ фармоед:

*Бечора хаткашон,*
*Овора хаткашон,*
*Ҳоло ту дар куҷоию чун аст қисматат?*
*Чунӣ ту, эй паямбари пурмеҳнати замон?*

*Ёди ту ҳаст, он дами пурсӯзи рӯзи ҷанг*
*Биншаста назди остон ҳамроҳи модарам,*
*Уммедвори номае мо аз падар будем.*
*Месӯхт гарчи охирин шамъи уммеди мо,*
*Аз чашми шом толиби нури саҳар будем.*

*Шуд сояи ту ногаҳон аз остон падид,*
*Биштофта ба сӯйи ту,*
*Дидем рӯйи ту,*
*Обилаҳои дидаи раҳпойи мо кафид.*
*Эҳсоси кӯдакии ман мегуфт он замон:*
*Хатти сиёҳи сарнавишт – ин кори хаткашон.*

Чунин рӯзгори пур аз маҳрумият, пур аз озор, пур аз яъсу ноуммедӣ ва пур аз уммедворӣ бачагонро пеш аз мӯлҷар мард мекард, онҳоро водор месохт, ки барои «аз чашми шом» «толиби нури саҳар будан» азму талош варзанд.

Ва мо инро дар «Шеъри аввалин» равшан мушоҳида карда метавонем. Ба гумони инҷониб, маҳз дар ҳамин шеър махсусияти услубии шеъри Қутбӣ шакл гирифт ва сол аз сол қавитар гардид. Ин вижагӣ дар он аст, ки шоир лаҳзаҳову манзараҳои мушаххасро чун наққоши ҳунарманд ба тасвир мегирад. Чунин шеърҳо ба ҳикоятҳои ҷаззоби насрӣ монанд ҳастанд ва дар хотири хонанда дер гоҳ нақш мебанданд, зеро сужет доранд, ибтидо, иртифо ва интиҳо доранд, мазмуни онҳоро нақл кардан, навиштан ва ҳатто ба навори кино гирифтан мумкин аст.

Ба ин мисраъҳо таваҷҷӯҳ фармоед:

*Ман шеъри аввалини худ он рӯз гуфтаам,*
*Аз дуди ҷанг олами бедор тира буд.*
*Гӯйӣ ки монда панҷаи хуршед зери санг,*
*Нуре барои оштӣ дар ҳеҷ ҷо набуд.*
*Ман шеъри аввалини худ он рӯз гуфтаам,*
*Будам ба даст номаи марги бародарам,*
*Бар ҷойи «мурд» «зиндааст» иншо намуда худ,*
*Дуздида оби дидаам, бурдам ба модарам.*

Дар ин шеър боз як ҷиҳати мароми эҷодии шоир инъикос гардидааст: шеър бояд «мурд»-ро ба «зиндааст» табдил диҳад,

вагарна санъат нест, эъҷоз нест ва роҳи пурбори эҷодии Қутбӣ маҳз ҳамин нуктаро таъкид ва таъйид мекунад.

Дар шеъри «Кема», билхоса дар шеъри «Ёд», равшану гиро ва зинда тасвир гардидани воқеа аз нигоҳи кӯдак басо таъсирбахш ва хотирнишин аст. Бесабаб нест, ки Қутбӣ ин лаҳзаву манзараҳоро дар асарҳои дигараш, аз ҷумла дар асарҳои саҳнавиаш –«Торҳои муҳаббат» ва «Туғрал», дар филмномаи «Чор нафар дар роҳ» такроран, устокорона истифода кардааст.

Биёед, ин манзараро бо ҳам «тамошо» кунем:

*Чакмани моҳутие бар сари китф афканда,*
*Марди зебою тануманд ба савлат мегашт,*
*Бетараф аз гапу кори зану марди соҳил,*
*Ҳамчу хушбахттарин шахси бадавлат мегашт.*

*Як зани гушнаи шӯмурда магар аз рашкаш*
*Хест аз ҷову ба ин марди худо дарафтид:*
*–Ту ба ин суккаю сомот чаро инҷойӣ?*
*Ту баринҳо ҳама рафтанд ба он ҷанги шадид.*

*Мард ҳарфе назаду рӯй ба дигар сӯ тофт,*
*Зан вале рафту гиребони варо сахт кашид.*
*Чакман афтод ба ногаҳ зи сари китфонаш,*
*Оҳи тунде зи дили халқ ба кӯҳҳо печид.*

*Кӯҳ ҳам акси садо–оҳ кашид–зан афтод,*
*Чашми мардум ҳама якбора ба пешонӣ ҷаст.*
*Чун бидиданд таги чакмани моҳути сафед*
*Куртаи аскарӣ, ду остини холӣ зи даст…*

Ёд дорам, моҳи декабри соли 1993 дар зодгоҳи Қутбӣ–деҳаи Урметани ноҳияи Айнӣ ҷашни 60-солагии шоир баргузор гардид. Ин ҷашн бояд як сол пеш таҷлил мешуд, аммо вазъи нооромии ҷумҳурӣ халал расонд.

Дар айни ҷӯшу хурӯши маъракa чанд нафар намояндаи деҳаи Хушекат омаданд ва бо исрор хоҳиш карданд, ки пагоҳ ба деҳаи онҳо равем.

Шеъри Қутбӣ «Кема»-ро дар ёд доред?

*Ин шаби базму тараб ҳам наравад аз дари дил,*
*Деҳаи Хушкату Ҳикматамаки кемахудо.*

Яъне, авлоди Ҳикматамаки кемахудои хушекатӣ мехоҳанд бо шоири худ сӯҳбате дошта бошанд.

Ҳаво сард буд, аммо саҳни мактаби деҳа ҷойи сӯзанзанӣ надошт.

Навбати соҳибҷашн фаро расид. Шоир аз ҷо бархосту шеъри дар боло иқтибосшудаи «Ёд»-ро хонд. Садои ӯ дар дили хомӯши кӯҳҳои сарбафалак печида шӯру қиёми дарёи Зарафшонро гӯё пахш мекард. Ва шояд, баръакс, нолаву фиғони мавҷҳои Зарафшонро ба осмонҳо мебардошт ва манзараҳои мудҳиши замони ҷангро, амаки Ҳикмат ва кемаи ӯро, ки замоне дар поёни ҳамин деҳа ҷойгир буд, ба назарҳо ҷилва медод.

Ногоҳ пиразане аз миёни издиҳом боло шуду фарёд зад:

–Дар пеши пот мурам, Қутбӣ! Ҳамон аскарбачаи чакмани моҳути сафедпӯш, ки аз ду дасташ маҳрум гардида буд, амаки ман аст.

Деҳаро садои кафкӯбӣ ва таҳсину офарингӯйиҳо фаро гирифт.

Ба худ гуфтам: «Аз ин хушбахтии бузурге барои эҷодкор вуҷуд надорад!»

Агар амаки Ҳикмату ҷавони чакманпӯши нимтанро шинохта бошанд, пас Мӯниса низ бояд барои мардум бегона набошад. Мӯнисаро аз шеъри «Чоши гандум» дар ойинаи тасаввуротатон ба ҷилва оред:

*Медавид Мӯниса, лек аз рӯ ба рӯ*
*Ногаҳонӣ шарфаи пое шунид,*
*«Одаме омад!»–бигуфта худ ба худ*
*Хешро оҳиста сӯйи ҷар кашид.*

Мӯниса мехост, ки як пора нони ҳақашро пинҳонӣ ба ҷавони дӯстдоштааш Мустафо, ки аз гуруснагӣ ба мурдан наздик омада буд, бубарад. Аммо:

*Зад миёни оби сой ӯ, дод зад,*
*Модараш омад лаби ҷар дав-давон,*
*Нолае бардошт модар, ки аз он*
*Деҳа шуд бедор аз хоби гарон.*

*Дар сари ин ҷисми пурхун марду зан*
*Машъале гардидаву месӯхтанд,*
*Шоми тори рӯзи наҳси ҷангро*
*Бо шарори нола меафрӯхтанд.*

Шояд Ҳиҷрон, ки азоби рӯҳиаш дар шеъри «Сина девори Ватан» хеле барҷаста ва муассир тасвир ёфтааст, дар деҳа пирии осуда ба сар мебарад? Падари ӯ дар ҷанг қурбон мегардад ва модари ҷавонаш ба шавҳар мебарояд:

*Модар имшаб ҳавлиашро об зад,*
*Шашпари уммед бар гирдоб зад.*
*Чун кунад, ин аст ойини ҳаёт,*
*Одам аст ӯ, не малак ё ки ҷамод.*
*Гар касе ҳоли варо ин шом дид,*
*Шӯъла аз домони равған мекашид.*
*Лек бар Ҳиҷрон ҳама бекор буд,*
*Сарпаноҳаш сурати девор буд.*
*Момро чун дид шавҳар карданист,*
*Дарк кард ӯ, ки падаргумкардаест.*
*Бори аввал номи ҷонсӯзи «Ятим»*
*Шишт бар дӯшаш чу як кӯҳи азим.*

Шеърҳое, ки Қутбӣ аз ёддоштҳои замони ҷанг ва дарки беолоиши бачагиаш ба рӯйи коғаз меорад, бисёр зинда, ҳаётӣ ва боварибахшанд. Шоир онҳоро намебофад, ҳамчун эҷодкори нодиракор пораҳои равшану хотирнишини зиндагиро интихоб мекунад ва моҳирона ба қалам медиҳад. Хонанда ҳаргиз эҳсос намекунад, ки ҳикояти сужетдореро мутолиа менамояд, балки шеъри баланди лирикие пеши рӯйи ӯст.

Оё шеъри «Сӯҳбати фарзандон»-ро беизтиробу ҳаяҷон мутолиа кардан мумкин аст? Манзараи мудҳиш ва фоҷиабореро, ки ба сари чӯпонписари гурусна омадааст ва онро шоири оянда бо чашмони тифлии худ дидааст, магар маҷоли фаромӯш кардан ҳаст?

*Подаро бурда ба арзанпайае ӯ ҷо кард,*
*Нон ба каф, шодикунон азми лаби дарё кард.*
*Об мавҷе заду бурд аз кафи чӯпон нонро,*
*Сарвати аз ҳама камёбтари давронро.*

*Аз паси пораи нон хеш ба дарё андохт,*
*Қисматаш лек дар ин бозии беқоида бохт.*
*Пайкараш з-об кашиданд ба берун, дидам:*
*Буд он пораи нон дар кафи дасташ маҳкам…*

Чунин шеърҳои муассир ва равшане, ки ҳаёти пуразоби ақибгоҳи моро инъикос кунад, дар эҷодиёти Қутбӣ хеле зиёданд.

Қутбӣ шоири тақлидкор нест ва шеъри ӯро низ тақлид кардан душвор аст. Аммо услуби эҷодиаш–шеъри сужетнок гуфтан–сабки эҷодии Ғаффор Мирзоро ба ёд меорад. Аммо чаро Қутбӣ муваффақ шуду Ғаффор ноком? Ба андешаи ман, нокомии дуввимиро академик Муҳаммадҷон Шакурӣ хеле борикбинона дарк кардааст:

«Дар эҷодиёти Ғаффор Мирзо ҳанӯз ҳам таъсири адабиёти классикӣ нисбатан кам мушоҳида мешавад. Ин ҳолат имконияти эҷодии шоири боистеъдодро аз бисёр ҷиҳатҳо маҳдуд карда истодааст. Беэътиноӣ ба омӯзиши адабиёти классикӣ дар забон ва тарзи баёни Ғаффор таъсири манфӣ гузоштааст. Инро аз беҳтарин асарҳои ӯ ҳам ҳис кардан мумкин аст. Муғлақӣ ва норавшании баён, ки дар баъзе шеърҳои ӯ дида мешавад, низ аломати ҳамин аст».

Аммо Қутбӣ, баръакс, ошиқи шеъри классикӣ буд, аз гузаштагон байту пораҳои зиёде азёд медонист ва моро талқин мекард, ки пайваста осори ниёгонро омӯзем. Солҳои зиёде, ки дар нашриётҳои «Ирфон» ва «Адиб» муҳаррир буд, таҳрири аксари асарҳои бузургони гузаштаро дар ӯҳда дошт.

Ҳар дафъа, ки дар хонаи мо ё дар хонаи дӯстамон Комил Ҷумъаев, ки дотсенти Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон аст, ҷамъ меомадем, устод Қутбӣ ҳатман мегуфт:

–Девони Туғралро бароред. «Қасидаи бузургон»–ашро мехонем.

Дар ин қасида Туғрал ба аксари шоирони гузашта баҳо додааст ва чӣ воқеъбинона додааст!

Дар сари ҳар байт ва ҳар арзишбандӣ Қутбӣ «баҳ-баҳ, суханшиносиро бинед-а!» гӯён ба ваҷд меомад. Вай Бедилро бисёр дӯст медошт. Боре як байти Бедилро ба озмун гузошт ва гуфт, ки ҳар касе маънии онро кушояд, як зиёфат нисораш мегардад.

Ва ин байт ин аст:

*Хунам охир ба кафи пойи касе хоҳад рехт,*
*Ин ҳамон ранги ҳиноест, ки ман медонам.*

Мо, албатта, ба кушодани байт камар бастем, чанд солу моҳ баҳс кардем, қабули устод наафтод.

Солҳои душвори ҷанги ҳамватанӣ буд. Қутбӣ гуфт:

–Як зиёфат ороед, маънии байтро мегӯям.

Дӯсти олиҳиммати мо Комил мурғи марҷоне дошт. Онро кушт ва чанд намуд хӯрок омода кард, шароб ҳам буд.

Мо медонистем, ки дар деҳаи Урметан–зодгоҳи шоир–бедилхонӣ ва бедилшиносӣ хеле равнақ дошт. Падараш амаки Кироммиддин ҳам Бедилро хуб медонист ва Қутбӣ дар чунин муҳит ба камол расидааст. Умедвор будем, ки асли маънии байти Бедилро хоҳем донист. Мутаассифона, устод дар ин зиёфат ҳам маънии байтро нагуфт ва он дар санги нишони оромгоҳаш дар баландии Лучоб сабт гардидааст.

Ҳоло ки сатрҳои мазкурро менависам, садои марғуладори Қутбӣ ба гӯшам мерасад, ки бо ҳамон шӯру шаафи модарзодӣ мехонад:

*Ошиқе дур аз ғами шӯҳрат,*
*Фориғ аз молу давлати дунё,*
*Назари ман намебарад ҳаргиз*
*Ҷилваи дилхурӯши гавҳарҳо.*

*Давлати ман дили зиёпарвар,*
*Сарватам як нигоҳи н-олуда,*
*Сарнавиштам ду байти ҷонбахше,*
*Орзуям сари наосуда.*

# ШЕЪРҲО

## ҒАМ НЕСТ

То кӯҳҳо чу додар
Истода дар бари ман,
То рӯдҳо чу хоҳар
Ҳамболу ҳампари ман,
Дар осмони тобон
То ҳаст ахтари ман,
Ғам нест ҳар ғами ман,
Кам нест ҳар ками ман.

То чашми бад ба хобу
Чашмони нек бедор,
То равшан аст роҳам
Дар кӯрароҳи дидор,
То кеши гулпарастӣ
Бар гарданам бувад бор,
Ғам нест ҳар ғами ман,
Кам нест ҳар ками ман.

То одамӣ ба дунё
Дасти дароз дорад,
Маъшуқа ноз дорад,
Ошиқ ниёз дорад.
То ҳар бараҳнатабъе
Шавқи либос дорад.
Ғам нест ҳар ғами ман,
Кам нест ҳар ками ман.

## ҲАВАС

Ҷуз ба васлат ҳавас надорам ман,
Ҷуз ҳавас додрас надорам ман.
Меравию чу бода мечӯшам,
Мерасию нафас надорам ман.
Осмон аршу хок фарши ман аст,
Бол бикшо, қафас надорам ман.

Ҷуз хаёлат ба роғи уммедам
Меваи зудрас надорам ман.
Маҳмилам шастсола роҳ омад,
То нагӯӣ, ҷарас надорам ман.
Ғайри ишқе, ки сӯхт бунёдам,
Кас надорам, ки кас надорам ман…

## РАНГИ ҒАМ

Ранги ғамро сияҳ магӯ дигар,
Ранги ғам-ин сафеду нуронӣ,
Ҳамчу мӯҳои модари зорам,
Ки фитода ба рӯи пешонӣ.

Баста ӯ чашм маҳкам аз дунё,
Бар лабонаш табассуме пайдо.
Ҳолиё бор бастааст, нигар,
Меравад ӯ ба ҷаннати аъло.

Пас чаро ашки ман намеистад?
Пас чаро ман фитода дар пояш?
Ҷои мардум ба арки чашмонам
Хоҳаме зудтар диҳам ҷояш.

То чу гулҳо нагашта пажмурда,
Сабзад аз оби дидаам модар,
Дар сари роҳи ман нишинад боз,
То гузорам ба домани ӯ сар!

## АЗ ГУЛУ ХОКУ ШӮЪЛАИ ОТАШ

*Писари панҷсолаам Афсар ҳар рӯз қаламу қоғази тоза гирифта, «ман расми одам мекашам» мегӯяд.*

Афсар одам,
Афсар, одам каш,
Аз гули хоку шӯълаи оташ,
Аз ғами кому ном бегона,
Одаме нек, дарди оламкаш.

Одаме ҳамчу коргар мекаш,
Шӯъла хезад зи путку сандонаш,
Бори дунё ба дӯши ӯ бигзор,
Кори дунё мутеи дастонаш.

Хати пешонааш чу шаҳроҳе
Аз замин то ситораҳо биравад.
Ҷониби тирааҳлу тирадилон
Аз нигоҳаш шарораҳо бидамад.

Бохабар бош, чун кашӣ деҳқон,
Ки вуҷудаш пур аз замин бошад.
Гули гандум аён зи миҷгонаш,
Рухи ӯ нони равғанин бошад!

Дасти шахшӯлу панҷаҳояшро
Панҷ рӯде ба чӯли тасфон каш.
Аз ду чашмаш падид кун саҳро,
Аз ниҳодаш гулу гулистон каш!

Ё биё, мисли Корвалан-бобот,
Одаме хушнигоҳу бардам каш,
Дар лабаш ғунчаи табассум мон,
Дар ҷабинаш нишонаи ғам каш!

Ғами тифлони бепадар гашта,
Ғами раҳпой модарони кабир,
Ғами озодии фитода ба дом,
Ғами Чилии пой дар занҷир.

Ғами тӯҳматзада сарони баланд,
Ғами бишкаста гардани нохам,
Ғами дасте, ки канда шуд аз китф,
Лек н-афтод аз кафаш парчам!

Афсар, одам, Афсар, одам каш!
Аз гули хоку шӯълаи оташ,
Аз ғами кому ном бегона,
Одаме нек, дарди оламкаш!

## БАЧЧАГОНАМ ҶАНГБОЗӢ МЕКУНАНД

Сарҳади пурхавфу пурзӯри Ватан,
Гӯиё ин хонаи ман:
Пур бувад тоқу равоқам
Аз машини ҷангию аз танку тӯпи дурзан.
Аскарон саф мекашанд ин ҷой ҳар дам,
Дар сари китф автомат.
Сӯи «хасм»-и бемурувват, сӯи «хасм»-и беиноят,
Аз нигоҳи ҳар як ин соҳибватан хун мечакад,
«Хасм» маккорона меояд,
Вале дар як нафас
Мефитад бар дасту мегардад ба пас.
Ларза мегирад ҳама девору дар
Аз нидои шодию бонги зафар.
Боз дар атрофи як хон
«Дӯстону» «Душманон»
Менишинанд шод
Аз кори замину осмон.
Дар миёни оташи ин «ҷангҳо»
Меравам осуда бар хоб,
Мебарад ҷонам ҳаловат,
Аз дами субҳ, аз қиёми офтоб,
Чунки медонам ба ҳифзи кишварам,
Лозим ояд, дар ҳамин дам, ё ки фардо,
Аз ҳамин дар мебароянд
Аскарони сарбардору ҷонфидо!

## ЭЙ КАМОНБАРДАСТ

Эй камонбардаст!
Камонабрӯи ту дар хона гирён,
Осмону ҷониби ӯ чашми ҳайрон.
Қомати ӯ чун камон хамгашта,
Бингар,
Он камони хеш бигзор.
Рав, камонабрӯи худ бар дида бардор!

## ЁР МЕОЯД

Шавқам имрӯз рахти нав пӯшид,
Рехт бар ҷоми ман майи уммед.
Мужда омад, ки ёр меояд,
Офтобе ба рӯи ман хандид.

Нигаҳам рафт сӯи пайроҳе,
Ки дар он нақши пои ӯ барҷост,
То занад бӯса ҷилвагоҳашро,
Беди Маҷнун ба пешвозаш хост.

Сарви бо ёди ӯ нишондаи ман
Бо қади ӯ баробар аст имрӯз.
Сабз гашта зи оби чашмонам
Ҳама шамшодҳои боғафрӯз.

Оби ҷӯе, ки буд ҳамсонаш,
Мекунад пеши пош гулкорӣ.
Акси ӯро ниҳода бар дида,
Мебарад баҳри нусхабардорӣ.

Ассалом, эй ҷавонии рафта,
Омадӣ боз? Нури дида, биё.
Бинишин бар канори пазмонам,
Бикушо қулфи розҳои маро:

Гӯиё ман надидаам бе ту
Ҷабри дилсардии рафиқонро,
Нашикастанд дар сарам мардум
Санги таъну малоли давронро.

Гӯиё ман намурдаам ҳаргиз
Аз талошу дурӯғи номардон.
Гӯиё ҳеҷ кас наяфкандам
Ҳамчу ҳезум бар оташи сӯзон…

Шукр, сад шукри омаданҳоят,
Пеш-пешат баҳор меояд,
Қуллаи сарсафед механдад,
Чашмаи беқарор меояд.

## АСПИ СУЛАЙМОНӢ

Ҳар дам ба назар тобад
Ёлу думи зебоят,
Пешонии қашқоят,
Поҳои шарарзоят,
Эй аспи Сулаймонӣ.

Аз чӣ бадан афшонӣ?
Моро ту намедонӣ?
Бар пирӣ мадеҳ танро,
Бар хеш намемонӣ,
Эй аспи Сулаймонӣ.

Вақте ки ҷавон будӣ,
Чун тир равон будӣ.
Дар пойгаҳа қобил-
Ҳар ҷо ба даҳон будӣ.
Эй аспи Сулаймонӣ.

Аз Ҷанг хабар дорӣ,
Бар Ҷанг асар дорӣ.
Ин мулк туро донад
Чун аскари ҷарроре.
Эй аспи Сулаймонӣ.

Дар бузкашӣ беҳамто,
Дар «яккаравӣ» танҳо.
Дар «Кандакунӣ» аъло,
Дар «Тӯда»[1] сари боло.
Эй аспи Сулаймонӣ.

Зини ту нигорин буд,
Наълайни ту симин буд,
Бар пилла расиданҳо
Ҳоҷат на ба қамчин буд.
Эй аспи Сулаймонӣ.

---

[1] Истилоҳи бузкашон.

Дар обрави Фалғар
Мисли ту набуд хушпар.
Аз дурӣ кӣ тарсидӣ,
То будӣ ту андар бар?
Эй аспи Сулаймонӣ.

Оби ту буд аз сарҷӯ,
«Нон»-и ту ҳаме хушбӯ.
Тӯмор зи чашми бад
Будат ба сари бозу.
Эй аспи Сулаймонӣ.

Аз деҳаи мо рафтӣ,
Бо дидаи во рафтӣ.
Хуммори туам гирад,
Ҳоло ту куҷо рафтӣ?!
Эй аспи Сулаймонӣ.

## ЭЙ ДӮСТ

Ту зи ман шеъри тар чӣ мепурсӣ?
Сухани мухтасар чӣ мепурсӣ?
Нолаҳои дили шаби тира,
Нағмаҳои саҳар чӣ мепурсӣ?

Ту зи ман пурс, аз куҷо? Чун? Кай?
Гӯшт пайдо намудам аз айём?
Аз кафи як шикории безан,
Аз паси як дукони аҳли мақом.

Чун вазирон панаҳхӯрӣ мекард,
Ӯ, ки буд посбони он маъво,
Гӯшт оварда аз дукони ниҳон,
Менамудӣ ба чун мане савдо.

Ду баробар зиёд ҳақ дода,
Боз ӯро ако ҳамехонам.
Бар вазирону ҳизбиёни асил
Дар намозам дуо ҳамехонам,

Ки ҳама ростгӯю ростраванд,
З-аҳли меҳнат ҳазор бор баланд,
Шоиронро худи Худои Карим
Дар чаҳи меҳнату азоб афганд.

Ту зи ман шеъри тар маҷӯ дигар,
Сухани мухтасар маҷӯ дигар,
Нолаҳои дили шаби тира,
Нағмаҳои саҳар маҷӯ дигар!

## ДОД, САД ДОД…

Гӯй сад сол ту дар тахти тамаддун будӣ,
Гаҳ риёзиву гаҳе шоири маҷнун будӣ.
Гоҳ чун зодаи Сомонӣ сухан мекардӣ,
Гоҳ чун аскари темурӣ ба Ҷайҳун будӣ.
Гоҳ чун «дол» каҷу пасту назарнопайдо,
Гоҳ чун нуқта, ки дар тори сари «нун» будӣ…
Маслиҳатбахши ду-се айнакии бепарво,
Дардбурранда яке сураи «Афсун» будӣ.
Дастгирандаи бекаллаву беихлосон,
Пойгирандаи авлоди Фаридун будӣ,
Ҳар куҷо будию ҳар кас, ки набудӣ, ҳайфо,
Рӯзи майдон на камону на фалохун будӣ.
Гар ту як тан будӣ, шиква намекардам ҳеҷ,
Дод, сад дод, ки афзуну дар афзун будӣ…

## МАВҶГИРАМ

Боз дар оғӯши Сирам, мавҷхоҳу мавҷгирам,
Толиби ишқи ҷавононам, магӯ беҳуда пирам.

Гаҳ зи худ вораста оям, гаҳ ба худ бишкаста оям,
Ҳамчу ин дарё равон, дарёи дигар дар замирам…

Хоҳаме дар синаи Қайроққум ҷӯшам ҳамеша,
Офате, к-ӯро ба сар омад, ба мағзи хеш гирам.

Тифли нав бандам бар он гаҳвораи дар шох монда,
Хок то гардад ҳарирам, осмон бошад сарирам.

Сабза рӯёнам ба пеши пои модарҳои раҳпо,
Ҳар касе дар банди ғам бошад, раҳо созам, пазирам.

Гар дар ин дунё дили дарё насибам гашта бошад,
Бар касе мурдан нахоҳам, хеш ҳам асло намирам…

## ОБОД МЕШАВАМ

Аз як дами саҳар, хуршеди зарравар,
Бинам башорат ар аз шавкати башар,
Обод мешавам!
Гар мӯри хӯшачин, чун хатти дилнишин,
Дар дафтари замин, бикшод болу пар,
Обод мешавам!
Мавҷи ситораро, мисли шарораҳо,
Бар дида карда ҷо бо шамсу бо қамар,
Обод мешавам!
Аз як нигоҳи гарм, з-атри ҳаёву шарм
В-аз ними ҳарфи нарм бӯсида баҳру бар,
Обод мешавам!
Ҳар барги лолае, чун ҳаждасолае,
Орад пиёлае бо лаълии саҳар,
Обод мешавам!
Ҳамсоядухтарон, бо рӯи арғувон,
Чун села кафтарон боло шаванд агар,
Обод мешавам!
Ранҷида ёри ман, боғу баҳори ман,
Дар шоми тори ман ояд маро ба дар,
Обод мешавам!
Рақси Саидаро, он нури дидаро,
Бо сад умедҳо оварда бар назар,
Обод мешавам!
Дар мавҷи бисмилам, сар то ба по дилам,
Сайёду соилам, пурсӣ зи ман хабар,
Обод мешавам!
Ҳар тору пуди ман, буду набуди ман,
Чархи кабуди ман сӯи ту раҳнигар.
Обод мешавам?!

## НИМАШАБ

Як шаби тираи боронӣ буд,
Падарам масти ғазалхонӣ буд.
Оташи мисраи Бедил ба даҳан,
Туғрале буд, вале сонӣ буд.

Тафт медод ба доғи дили худ
З-оташи байти шарарбор падар.
Гирди ӯ мо ҳама ахтар будем,
Хеш чун гунбади даввор падар.

Дар сари хони пур аз меваи тар
Номаи Ҳофизи Шерозӣ буд.
Нӯҳ фалак дар сари мо афтода,
Ҳама асрори ҷаҳон бозӣ буд.

Бозӣ бар бозӣ кулаҳпӯше чанд
Омадӣ хонаи мо дуздона.
Бе саломеву низомеву даме
Бирабуданд падар аз хона.

Баъди ӯ бо расане «Бедил»-ро
Баста бо «Ҷомӣ»-ю «Туғрал» бурданд.
Ихтиёри сари доноёнро
Ба кафи бехирадон биспурданд.

Соҳибони падари мӯйшикоф,
Дар нафас бепадару хор шудем.
Қалъаи санги маломат гаштем,
Ба яке рӯи хуше зор шудем.

Нӯшдору, ки ба Сӯҳроби замон
Баъди биспурдани ҷон оварданд,
Рафт сӣ солу кулаҳпӯше чанд
Ба падар хатти амон оварданд,

Ки варо нест гуноҳе ба ҷаҳон,
Додрас буду закӣ буду ҷавон.
Сина бикшод, зи як тир фитод,
Ин гунаҳ кори Даҳои ҳамагон…

Падаро, қисмати ту осон буд,
Ки ба як тир раҳо гаштӣ зи ғам,
Ҳафт фарзанди ту сад соли расо
Мезанад сина ба гирдоби ситам…

## ДУШАНБЕ

Эй Душанбе, эй Душанбе!
Боғи аз ҳарду ҷаҳон беҳ.
Обҳои ҷӯйборат тираранг аст,
Вусъатободи ту танг аст.
Сарву шамшоди ту сархам,
Аз нигоҳи кӯчаҳоят медамад ғам.
Он қадар рӯзи сиёҳе, ки ту дидӣ,
Он қадар ҷурму гуноҳе, ки ту дидӣ.
Осмон медид, меафтод бар рӯи башар,
Хок агар медид, ҷои хеш мекардӣ дигар.
Эй Душанбе, эй Душанбе,
Аз мани ҷоҳил чӣ мехоҳӣ, ки
Коҳил зодаам.
Бар ту ошиқ хонда худро,
Ғайрро дил додаам.
Ёд дорӣ, динаҳак буд,
Як суханнодида худро хонда доно,
Ҳар тараф мерафт арғушт,
Барфушурда бар ҳаво мушт.
Ӯ Ҷанубию Шимолиро
Ба ҳам дардода мекушт.
Динаҳак буд.
Як гурӯҳе пуршукӯҳе,
Минбари аъло намуда зинаҳоро.
Мезадӣ санги маломат,
Бар малоҳат, бар шаҳомат,
Бар назокатҳои бепоёни ту.
Баҳру дарёи ҳақорат рехтанд
Бар сару рӯи ҷигарбандони ту:
«-Нест Турсунзода шоир,
Рӯдакӣ кӯр асту тарсо.
Кулли хуҷандӣ муғул аст,
Турк аҷдоди Самарқанду Бухоро».

Эй, Душанбе, эй Душанбе!
Бар мани нодон нигар,
Бо сари хам,
Муттаҳам,
Аз мӯр кам,
Ин ҳамоқатҳо шунидам.
Лек андар ҷо нишастам.
Ҳалқи бадгӯён ба санге
Ё ба ғиште ман набастам.
Эй, Душанбе, эй Душанбе!
Ёд дорӣ, динаҳак буд.
Дар паси паскӯчаҳоят,
Ҷамъ гашта «баччаҳоят».
Баҳри «Озодию» «Истиқлол»
Гарданҳо фишурданд.
Ҳайкалу ободиҳоро
Бо лагадҳошон фусурданд,
Ман ҳамон коҳил,
Ҳамон ҷоҳил, ки
Ин даҳшат шунида
Бефара гаштам, намурдам.
Нолаи ҷонсӯзи дилро
То худовандӣ набурдам.
Дод аз ман,
Дод аз ман!
Дод аз ман, ки
Хамӯшӣ пеша кардам.
Хешро береша кардам.

## ШОИР ВА ЧӮПОН

Ману чӯпон ду шабгирему ноосуда бедорем,
Ду тан чашми умеду орзу аз рӯзи нав дорем.
Шаб аз кӯи ману ӯ рахт мебандад ба сад сахтӣ,
Намедонам, ки мо аз нақши пои ӯ чӣ бардорем?!

Сари санги сафеде миҷҷае нокарда таҳ имшаб,
Ҳимоят кард чӯпон аз палангу гург гӯсфандон,
Саҳар шуд, дар бари кӯҳ барраҳои ширмасташ дид,
Ки ҷавлон мезадӣ дар марғзори шаддаи марҷон.

Дили чӯпон фараҳ бигрифт: як шаб нек аз сар рафт,
Навои шодипарвар дод бо най кӯҳу саҳроро.
Валекин рӯзи ман душвортар аз шоми даҳмарда,
Намедонам, киро ояд писанд ашъори ман ҳоло.

## КОРИ ДУНЁ

То ман аз остон бадар гаштам,
Ту расидӣ ба рӯи минбарҳо,
То ман аз хеш бохабар гаштам,
Дидамат дар қатори сарварҳо.

Шоирӣ буд қисмати чун ман,
Ту вале шӯҳраи замона шудӣ,
«Комсомол», «Коммунист», «Агигатор»-
Бо ҳамин номҳо фасона шудӣ.

Туву тарки ҳаёву дар ҳама ҷо
Бо сарони Ватан ҳамоғӯшӣ.
Ману бо як гуноҳи лоҳизбӣ
Соили гӯшаи фаромӯшӣ…

Ҳар қадар рост менамудам қад,
Ту маро гӯиё намедидӣ,
Гули манро ба хор мебастӣ,
Хори худро чу гул ҳамечидӣ…

Ногаҳон вазъи давр дигар шуд,
З-аввалин боди суст афтодӣ,
Дар дигар сӯи роҳ хайма задӣ,
Ҳарчӣ будат зи даст, бинҳодӣ…

Доман олудаву гиребон чок,
Мардуме бар ғазо ҳамехоҳӣ…
Бар ману ҳамчу ман ғарибонат
Аз замона ҷазо ҳамехоҳӣ…

Гар шавад боз назми даврон нав,
Мекунӣ боз рахти нав, эй дӯст.
Мани бечора кай раҳо ёбам
Аз ҳамин ҷома, аз ҳамин як пӯст?!

## МЕҲР

Дунё ҳама ҷомаҳои пӯшидаи мост,
Дарё ҳама бодаҳои нӯшидаи мост.
Хуршед, ки чун зарра дамидан дорад,
Аз як нигаҳи ба меҳр ҷӯшидаи мост.

## КАБОБ ШУД ХАНДА

*Барои Ашӯр Сафар*

Дар лаби ман кабоб шуд ханда,
Қатрае буду об шуд ханда.
Абрӯи ошиқон гирифт гиреҳ,
Амали носавоб шуд ханда.
Мардуму бехудию маҳзунӣ,
Кори тарсу итоб шуд ханда.
Сарҳисобаш касе намеёбад,
Нахи пурпечутоб шуд ханда.
Дар биёбон фитодаам танҳо
Дар нигоҳам сароб шуд ханда.
Ғарқ дар ашки хеш мегардам,
Моварои азоб шуд ханда.
Эй Ашӯр, эй бисоти хандоханд,
Вараҷи бекитоб шуд ханда.
Оташ афтад ба хонаи душман,
Аз қудумаш хароб шуд ханда.

## ОРЗУ

Боз имшаб ману ту танҳоем,
Эй Зарафшон, бародари ҷонӣ,
Пардаи ғафси мавҷҳо бардор
Аз сари розҳои пинҳонӣ.

Бин, кунунам, ки мӯй андар сар
Чун гули мавҷи ту сафед бувад.
Лек чашмам ба роҳ то ҳоло,
Сина ҷавлонгаҳи умед бувад,

Ки яке вақт чаппа гардида,
Ногаҳ он навбаҳор меояд,
Пои луч, куртасурхи сабзина
Сӯи ман беқарор меояд.

З-оташи дидаҳои бегунаҳаш
Оташистон ҳамешавад соҳил,
Санги ту гарму нарм мегардад,
Мавҷи ту мезанад чу одам дил.

Ҷелаки ҷиғда-ҷиғдаи тани ман
Бодбони умед мегардад,
Дар шаби тор, чун гули қандак,
Рӯи дунё сафед мегардад.

Ман чу тифли фитода дар оташ,
Дасту по мезанам ба сад паҳлӯ.
Гушнагӣ мешавад фаромӯшам,
Мешавам сер аз ду кулчаи рӯ…

## РОЗИ ДИЛ

Ман на он тӯтии даҳанпоям,
На аз он ҷӯҷаҳои балвогар.
Нағмаи ман чу бори ман вазнин,
Шеъри ман ҳамчу марди даъвогар.

Як қадам пештар намондам по,
Ҷониби худпарастию мансаб.
Ман надодам зи хеш огоҳӣ,
Ман накардам дароз дасти талаб.

Нест дар рӯи синаам нақше,
Дили ман лек аз муҳаббат пур,
Ҳар киро шуд насиб сарвақтам,
Гашт аз лутфу аз садоқат пур.

Дурру ёқуту лаъли ман умре
Сухану дарди ботинам буда.
Ман накардам хаси касе беҷо,
Ман начидам тило зи хастӯда.

Чун уқобам нашаста дар қулла,
Болу минқор мекунам симин.
Чӯҷаҳоям баландпарвозанд,
Ҳама дар ҳифзи осмону замин…

То манам дар баландии айём,
Дасти хас домане намегирад.
Осмон софу хок монад гарм,
Чӯҷае дар ҳаво намемирад!

## ОДАМИ ХОМУ РАҲОМАД НЕСТАМ…

Одами хому раҳомад нестам,
Нағз медонам, ки ман худ кистам.
То ба даст орам диле дар зиндагӣ,
Борҳо афтида, аз нав хестам.

Гар шавад бар гарданам сад кӯҳ бор,
Ғарқ гардам ё ба баҳри беканор,
Он гуле, ки дӣ гулаш номидаам,
Ман намегӯям варо имрӯз хор.

Шоирам гар, шоири маддоҳ не,
Одамам, бо одамон ман росткор.
Одамон гирянд, гирён мешавам,
Одамон ханданд, хандам чун баҳор.

Аз дили худ чашми бино сохта,
Бар ҳаёти халқ месозам назар,
Мисрае то лоиқаш иншо кунам,
Ман ба як шаб тай намоям баҳру бар.

Одами хому раҳомад нестам,
Пухтаам, то нолае бишнидаам.
Ман ба бӯи нон қаноат кардаам,
Марги ҳамсолони худро дидаам.

Одами хому раҳомад нестам,
Худ гул аз боғи саодат чидаам.
Ҳар садои хандаи имрӯзаро
Ман ҳанӯз аз кӯдакӣ бишнидаам.

## ШЕЪР ХОНЕД

Метавон бе фатҳи кайҳон зистан,
Метавон бе бахт осон зистан,
Метавон бе шоҳу султон зистан,
Лек то одам, ки дорои дил аст,
Зиндагӣ бе шеър кори мушкил аст.

Шеър хонед, эй кабӯтарҳои маст,
Офати ҷон, духтарони гулпараст,
Шеър кори ишқ осон мекунад,
Дард бурда, сабр эҳсон мекунад.
Шеър хонед,
Шӯълаҳои дида сӯзонтар шавад,
Ишқ андар сина ҷӯшонтар шавад.

Шеър хон, эй монда андар байни роҳ,
Эй ҷавони роҳҷӯю бепаноҳ.
Шеър роҳатро мунаввар мекунад,
Орзуятро муяссар мекунад.

Шеър хон, эй пири доно,
То ҷавонтар бинамат,
Шеър хон, эй фарди аз худ рафта,
То бо худ баробар бинамат.

Шеър хон, эй марди бепарводили кӯтаҳназар,
Эй, ки бар шодию бар ғам,
Талху ширин, ёру ағёрат,
Ту умре беҳазар,
Бар дили сарди ту танҳо шеър мебахшад шарар.

Шеър хонед, кинаҳои хуфта дар дил
Рӯи бедорӣ набинад,
Дасти бедоди ҳасад кӯтоҳ бошад,
Ханҷари нӯги забоне, ки бувад моил ба ғайбат,
Чаппа гардад…

## ШЕЪРИ АВВАЛИН

Ман шеъри аввалини худ бевазн гуфтаам,
То ки ба тори хотире боре наоварад.
Бар синае ки роғиби ашъори ман бувад,
Дар ноумедиҳо басе уммед парварад.

Ман шеъри аввалини худ аз дил нагуфтаам,
То аз шарори хомаам оташ наяфканам
Бар мазрае, ки сабзааш дар зери офтоб
Буд интизори об.

Ман шеъри аввлини худ бенола гуфтаам,
Зеро замину осмон худ кони нола буд,
Ин шеъри ман ба кӯдаки бемодари замон
Чун дасти кӯтаҳи амак, чун фанди хола буд.

Ман шеъри аввалини худ он рӯз гуфтаам,
Аз дуди ҷанг олами бедор тира буд.
Гӯӣ ки монда панҷаи хуршед зери санг,
Нуре барои оштӣ дар ҳеҷ ҷо набуд.

Ман шеъри аввалини худ он лаҳза гуфтаам,
Будам ба даст номаи марги бародарам.
Бар ҷои «мурд» «зиндааст» иншо намуда худ,
Дуздида оби дидаам, бурдам ба модарам.

## КЕМА

Ин шаби базму тараб ҳам наравад аз дари дил–
Деҳаи Хушкату[1] Ҳикматамаки кемахудо,
Риштаи умри чи пиру чи ҷавон бар дасташ,
Ӯ намемонд зи қонун ваҷабе берун по.

Сари бардошта, бозуи қавӣ, риши сафед
Буд бо ҷуссаю болои баландаш қоим,
Ҳеҷ касро ба касе кор набуд дар наздаш,
Ҳама аз домани ӯ дошта буданд ҳалим.

---

[1] Хушкат – деҳаест дар ноҳияи Айнӣ, то солҳои наздик дар он ҷо ба ҷои пули азамати имрӯза кема хизмат мекард.

Ҳар кӣ мехост ба зудӣ биравад бар манзил,
Соҳил аз одами бисёр чу маҳшарҷо буд.
Ҳама дар гиру ситезу ҳама кач дору марез,
Ҷанг дар Берлину дарду ситамаш бар мо буд.

– Дарди баччета гирам, эй амаки Ҳикматшо,
Падарам дар дами марг аст, умедаш аз мо.
Ҳар чи мехоҳӣ бигиру гузарон зуд маро,
То абад бар дари ту мову сари хизмати мо.
– Бо дилу ҷон, чӣ кунам, об калон?!

– Ҷон, амак, раҳм ба ин пиразани бечора,
Хоҳад ӯ дар таги болори худ осон мирад.
Ту ғанӣ мешавӣ фардо, гузаронаш имрӯз,
В-арна хуни зани бечора туро мегирад.
– Бо дилу ҷон, чӣ кунам, об калон?!

– Садқаи риши сафедат, ту ба мо рухсат деҳ,
На ба меҳмонӣ, ману ёр ба ЗАГС-ем равон.
Агар имрӯз намонӣ, бишавад дер пагоҳ,
Ана, «даъват», биравам аскарӣ ман пасфардо.
–Бо дилу ҷон, чӣ кунам, об калон?!

– Ана ин аскари бепо ки ситодаст хамӯш,
Аз лаби Элба ба ин ҷой расид бе таъхир
Писари яккаи ӯ субҳ равон аст ба ҷанг,
Мон, амакҷон, гузаранду бишнаванд аз ҳам сер.
– Бо дилу ҷон, чӣ кунам, об калон?!

Инвалидони зи ҷанг омада дар як соҳил,
Модару дилбари пазмоншуда дар тарфи дигар.
Байн дарёи Зарафшон ба таманно ҷорӣ,
Ашки шодӣ ба замин рехта медод самар.

Гаҳ гапи талху гаҳе хӯрда лате Ҳикматшо,
Лек бозӣ нанамуд бар сари сабзи дигарон.
Корвони сабабу арзи ниёзи мардум,
Гарчи мерафт ба дарёи калон рӯзу шабон.

Офтоб шиштаю амвоҷ, ки сокит мешуд,
Ҳамаро пешу қафо бар ду тараф мегузаронд.
Чархи кема ба кафаш чархи замон буд магар,
Ки варо бо равишу хоҳиши дарё меронд…

## ЁД

…То равон гаштани он кема, фурӯ шистани об,
Дар ду соҳил чӣ қадар ҷангу ғазо рӯ медод.
Ҳама гап рафт ба дарёву вале манзарае
Монд дар синаи ман ҳамчу ғами модарзод.

…Чакмани моҳутие бар сари китф афканда,
Марди зебою тануманд ба савлат мегашт,
Бетараф аз гапу кори зану марди соҳил,
Ҳамчу хушбахттарин шахси бадавлат мегашт.

Як зани гушнаи шӯмурда магар аз рашкаш
Хест аз ҷову ба ин марди худо дарафтид,
-Ту ба ин сиккаю сомот чаро ин ҷоӣ,
Ту баринҳо ҳама рафтанд ба он ҷанги шадид.

Мард ҳарфе назаду рӯй ба дигар сӯ тофт,
Зан вале рафту гиребони варо сахт кашид.
Чакман афтод ба ногаҳ зи сари китфонаш,
Оҳи тунде зи дили халқ ба кӯҳҳо печид.

Кӯҳ ҳам акси садо-оҳ кашид, зан афтод,
Чашми мардум ҳама якбора ба пешонӣ ҷаст.
Чу бididанд таги чакмани моҳути сафед
Куртаи аскарӣ, ду остини холӣ зи даст…

–Эй, Зарафшон, магар аз дидаю аз ёди ту рафт
Кемаи Хушкату Ҳикматамаки хуштадбир?
Марди покизахисоле буду якроҳа аҷаб,
Ҳама як буд ба наздаш, чи вазиру чи ҳақир…

## ДАР СОҲИЛ

Бегаҳӣ. Рӯди Зарафшон ҷӯш дорад,
Қиссаҳое дар лаби хомӯш дорад,
Дар бари ман, дилбари ман
Сар ба китфи ман ниҳода,
Ҳарфи ӯро гӯш дорад.
Мавҷи дарё, шӯри дилҳо,
Ду тани танҳо ба танҳо
Бахт дар оғӯш дорад.
Хок рангин. Сабза болин,
Чатри гесӯи райоҳин
Бори нози ошиқон бар дӯш дорад.
Чашми наргис боз монад,
Булбуле «Шаҳноз» хонад,
Хор ҳам бо хориҳояш ҷомаи гулпӯш дорад.
Офтоби шонаи кӯҳ
Ҳамчу марди ташнаи кӯҳ,
Хам шуда гӯё ба зону,
Оби дарё нӯш дорад.
Ман дар ин соҳил чу пири моҳигир,
Моҳии тилло ба шаст оварда будам…
Ҳар чӣ дил мехост аз дунё,
Ба даст оварда будам…

## ФАЛҒАР

Бар қатли ғизолонат,
Кабкони ғазалхонат,
Барҳамзадани ҷамъе,
Мурғони сухандонат,
То ҷону тане дорам,
Ман низ гунаҳгорам.

Он пайраҳи оҳу ку?
Дарбанди Ҳалоку ку?
Базми тараби қумрӣ,
Ҳангомаи ку-ку ку?
Аз базми ту бурдандо?
Бар хок супурдандо?

Ку чашмаи Марворид–
Истодгаҳи Ҷамшед?
Бар қаъри замин сар бурд,
Аз сустии мо коҳид?
Эй вой маро бар ҳол,
Бо ин ҳама истиқлол!

Дар кaчрaҳаи пушта
Кӣ шери туро кушта?

Ё сел ва ё моем,
Ангори туро шушта?
Эй, вой бар исрорам,
Эй дод бар иқрорам.

Бар хуни палангонат,
Бар марги хадангонат,
Бар бурриши гесӯят,
Бар резиши миҷгонат,
То ҷону тане дорам,
Ман низ гунаҳгорам.

Ҳар обаки берохе
Буд хонаи гулмоҳӣ.
Чун луқма ҳалолӣ буд,
Бар сол ва ё моҳе,
Ҳоло ба куҷо рафта,
Оё ба ҳаво рафта!

Шаҳбози кабӯтарбоз,
Мехонд ҳаме шаҳноз,
Аз фавҷи кабӯтарҳо
Ҳар кишта чу хоне боз.
Хуни ҷигарам, Фалғар,
Озода сарам, Фалғар.

Дар ин ватани булбул
Ку анҷумани булбул?
Бо дидаи худ дидам
Захми бадани булбул,

Эй Фалғари бечора,
Эй Фалғари садпора.

Хирси ту сухандон буд,
Ҳамсӯҳбати чӯпон буд.
Баъди гунаҳи беҷо
Аз карда пушаймон буд.
Ай болу парам, Фалғар,
Хуни ҷигарам, Фалғар.

Ҳар бурс мазоре буд,
Ҳар хома шароре буд.
Гулхори бари ёна
Озоданигоре буд.
Пои ҳавасам, Фалғар,
Ҷои нафасам, Фалғар.

Эй, дод, табардастон,
Фарёд, табардастон!
Бар сарву санавбарҳо
Имдод, табардастон.
То хуни дили Фалғар
Дарё нашавад дигар.

Ҳар мағзтиҳӣ акнун
Гӯяд ки манам мавзун.
Ай Фалғари садпора,
Ай, додвари Қорун.
Ман бо кӣ кунам изҳор
Ин дарди дили афгор?

Бар доғи ҷаҳон малҳам,
Бар дарди касон малҳам.
Ай оташи зардолу,
Ҳаққи ду ҷаҳонат кам,
Шабҳои мани берӯз
Як бори дигар афрӯз.

Тамбоку туро пӯшид,
Бар нестиат кӯшид.

Оё ту гумон дорӣ
Хуни баданам ҷӯшид?!
Ман ҳам чу ҳазоронам,
Аз буда пушаймонам.

То базми Чиҷикрӯд аст,
Ихроҷу даму дуд аст.
Бо марг висол ин ҷо,
Бо зиндагӣ падруд аст.
Хуни ҷигарам, Фалғар,
Нури басарам, Фалғар.

Дар оби Зарафшон шаб
Гулмоҳӣ пазад аз таб,
Ман сар ба куҷо монам?
Ман бо кӣ барам ин гап?
Аз кист амон моро,
Худ чист ҷаҳон моро?

Авлоди ту береша,
Фарҳоди ту бетеша,
Имрӯз ба ҷои гул
Дар ҳалқаи мо шиша!
Эй Фалғари бечора,
Эй Фалғари садпора!

**БАҲОР**

Эй табарбардаст,
Сӯи кӯҳу кӯтал ин ҷо роҳ баста!
Бе табар о, чун шудӣ дар шаҳр хаста.
3-атри раънову райоҳин сина пур кун,
Гул бичин аз ёлаҳои шоҳивораш даста-даста.

Арчаҳои ҷовидон ҳоло ҷавонанд,
Сина нав бар боду бар борон ниҳода.
Решаҳо акнун ба хоки нарм рафта,
Шохаҳо акнун канори худ кушода.

Арғувонро сурхӣ нав бар рӯ дамида,
Навдаҳояш кокулони дастбофанд.
Ҳар яке чун духтарони наврасида
Боби таъзиму тавофанд…

## УМЕД КУНЕД

Дӯстон, дӯстон, умед кунед,
Ҳаваси як дами саид кунед.
Мерасад накҳати гули Наврӯз,
Хонаҳоро макони ид кунед.

Кинаву бухлро зи гӯшаи дил
Барканеду ба бод андозед.
Чун муҳайё бувад шароби висол,
Бар қадаҳҳо зиёд андозед.

Рафтаҳоро ба некӣ ёд кунед,
Мондаҳоро ба тахт бардоред.
Аз рухи раҳгузору ҳамсоя
Равшаноии бахт бардоред.

Модаронро нишонда бар сарҳо,
Сайр бар олами ситора баред.
Ҳама ҷо хонаи муҳаббати мост–
Одамонро аз ин ишора баред!

## ТАНҲОӢ

Зи танҳоӣ дар ин дорулшифо чун об меҷӯшам,
Сухан бо хеш мегӯям, қадаҳ бо хеш менӯшам.
Саҳар бо Бедили шӯрида сӯҳбат мекунам танҳо,
Зи Ому то Хазар барге надорам, захми худ пӯшам.
Ман он марди ҳабаш, дар тирагӣ испед мегардам,
Фалак бедор гардад аз садои ҳалқаи гӯшам.
Табиби ман ба фардо медиҳад хатти амониро,
Намедонад, ки фардо мерасад бар маснади дӯшам?
Ман он ошиқ, ки аз асрордорӣ баҳр гардидам,
Ҷаҳон абтар шавад, гар во кунам лабҳои хомӯшам.

Дар ин дунё, ки бо ман додвар омад, наменолам,
Вале бар шукри ёрони Киромӣ сахт мекӯшам.
«Намемирам, агар сад сол нодон н-оварад ёдам,
Вале мирам, агар доно кунад як дам фаромӯшам».

## ПУХТАГӮЙИ ХОМТАМАЪ

Субҳи содиқ дамид дар сари ман,
Осмони баланд бистари ман.
Ҳафт авранги чархи вожуна
Навбат истодааст бар дари ман.
Зӯҳраву Ноҳиду Аторудҳо
Хоҳару додару бародари ман.
Барад аз ҳуш бадниҳодонро
Бодаи меҳрҷӯши соғари ман.
Моҳу фонусдории роҳам,
Офтобу ҳазор ёвари ман.
Ҳар куҷо як дили сиёҳе ҳаст,
Мебарад нур аз таковари ман.
Шоире пухтагӯю хомтамаъ
Набувад дар ҷаҳон баробари ман.

## ШАБИ ДОМОДӢ

Имшаб, ки дил зи домани дилдор мекашад,
Домод парда аз рухи синҳор мекашад.
Аз кунҷи хона гӯиё хуршед медамад,
Шаб хешро ба хилвати девор мекашад.
Ҳар сӯ шарора мепарад, ар лаб ба лаб расад,
Оташ сар аз ду синаи бедор мекашад.
З-ин шӯълаҳо чу мешавад сарсабз боғи дил,
Ошиқ чаро, ки миннати анҳор мекашад?
Қутбӣ нишаста дар раҳи субҳи муродбахш,
Сад орзу ба дафтари ашъор мекашад.

## САФЕДОР

Дар канори боғ руста он сафедорам, ки умре
Рост рафтам, қад кашидам, чашми дунёбин кушодам.
Гоҳ тагсинҷ, гоҳ шаҳпул, гаҳ сутун, гаҳ васса гаштам,
Ҳар куҷо ҳам хешро бар хизмати мардум ниҳодам.

Мисли он нахли навозишпарвари нозук наям ман,
Дар зимистон ҷои гармӣ, тирамаҳ қавсоб хоҳам,
Вақту бевақт арчи шоху навдаҳоямро буриданд,
Аз табардастон накардам шиквае, олам гувоҳам.

Ман агар сар хам накардам, ҳамсафар, таънам мазан,
Менигар боре ба сӯи ман ба чашмони ҳақиқат,
Ман туро умре ба сӯи ростӣ кардам ҳидоят,
Ман туро умре зи барқи ногаҳон кардам ҳимоят.

## ЯК НУКТАИ НАКӮ

*Барои Одина Ҳошим*

Одина Ҳошимо, туро ман ёд мекунам,
Ғамхонае ба кӯи худ обод мекунам.
Аз дида ҷои ашки тар лахти ҷигар чакад,
Баҳри ту лолазорҳо бунёд мекунам.
Як байти гарм умри маро мекунад дароз,
Бо ин хаёл умри худ бар бод мекунам.
Афсӯс мехӯрам, вале дар нимароҳи умр
Афсонаҳои зиндагӣ эҷод мекунам.
Як нуктаи накӯ агар бошад ба мағзи санг,
То қаъри санг рафтаю иршод мекунам.
Як ҳамватан напурсадам, ки ман куҷо шудам,
Сайди рамида хотири сайёд мекунам.
Табъам, ки ҷуръакаш бувад аз ҷоми офтоб,
Бо Қутбие нишаставу дил шод мекунам.

## ХАРСАНГ

Ту, эй соҳилнишин, ман аз ту метарсам,
Рухи сарду ҳазин, ман аз ту метарсам.
Чу мушти қасду кин, ман аз ту метарсам,
Туӣ қаҳри замин, ман аз ту метарсам.

Ту чун абри сияҳ дар хеш печида,
Намеборӣ, вале чун ашк аз дида
Ту бо худ он қадар ҳам беш печида,
На хотам дар заминӣ, не нигин, ман аз ту метарсам.

На бими шоми бефардо, на завқи субҳидам дорӣ,
На андар сар ҳавас дорӣ, на андар дил алам дорӣ.
На парвои сари болою хам дорӣ,
Ту умре дар камин, ман аз ту метарсам.

Чу ман кай гиряи шаб дорию оҳи саҳаргоҳӣ,
Чу ман кай дар фироқи дӯстонат дида дар роҳӣ.
Ту ғофил аз ду дунё гӯлу гумроҳӣ,
Вале чун садди мавҷи оташин ман аз ту метарсам.

Хаёлам, ки ба фарқам мезанӣ ногоҳ,
Хаёлам баъди ту дигар набошад роҳ.
Ту дар роҳи нафас истодаӣ чун воҳ,
Ғуборафзои дилҳои ғамин, ман аз ту метарсам.

Замона пир мегардад, ту фориғ аз ғами пирӣ,
Зи ҷои худ намеҷунбӣ, раҳи амвоҷ мегирӣ.
Хурӯше маҳв месозию аммо худ намемирӣ,
Чу тири охирин ман аз ту метарсам.

## ХИЗР МЕДИД, АСОЯМ МЕКАРД

Нор медид, шифоям мекард,
Тор медид, навоям мекард.
Ҳамчу оинаи Доро софам,
Чашма медид, сафоям мекард,
Рози мардум нарабудам ба забон,
Ғунча медид, қабоям мекард.
Ростӣ бар қади ман улфат шуд,
Хизр медид, асоям мекард.
Мағзи ҷӯшида, сари шӯрида,
Ёр медид, садоям мекард.
Мисли ман шоири шарингӯро
Умр медид, бақоям мекард.

## ДАР ОТАШИ ИМРӮЗӢ

Гуфтӣ, ки ба дирӯзӣ
Набвад гули фирӯзӣ.
Боист пазӣ худро
Дар оташи имрӯзӣ!

Имрӯз чӣ ҳол аст ин?
Айёми камол аст ин?
Ё дасти замондорӣ,
Ё пои завол аст ин?

Бе мӯъҷиза ҳар фарде
Гӯяд, ки паямбар ман.
Ҳар кӯзи сари минбар
Гӯяд, ки санавбар ман.

Қурбоқа ду пояшро
Бардошта чун Рахше,
Гӯяд, ки бизан наълам
Аз нуқраи хушнақше.

Бар модари худ чумчуқ
Дарси адаб омӯзад.
Аз кори сухан дуре
Моро ба сухан сӯзад!

Бас мӯйшикофонро
Бо қадри чу мӯ бинам.
Пешонидарозонро
Дар нашъу нумӯ бинам.

Ошиқҳавасон имрӯз
Аз тарси «Спид» дар сӯз.
«Маъшуқа мусулмон шуд»,
Кофар шуда мо, афсӯс.

Бас муддаиёне чанд,
Бас маҳбасиёне чанд
З-иқболи худӣ маҳрум,
З-идбори касон хурсанд.

Аз кишвари ҳамсоя,
Гаштем ба сармоя.
Шуд очаи мо мома,
Шуд момаи мо доя.

Халқе ҳама бебайтанд,
Бар гурги худӣ сайданд,
Озод ва побанданд,
Худхоҳ ва беқайданд…

Бар ақли расо душман,
Бар дасти бало сӯзан.
«Мо» рафта зи истеъмол,
Якман шуда ҳар як «ман».

Бегона зи ақли кулл,
Душман ба ибодатгоҳ,
Дар банди китобе не,
Афтода ба қаъри чоҳ.

Аз ишқу муҳаббат мо
Пӯшида дилу дида.
Қинғола ба кас додем,
Хирвор бар зар чида.

Эй ишқ, сириштат ку,
То зоди дигар созам,
Бар ҳар қадами ёре
Ҷон бахшаму сар бозам.

Эй ашк, навиштат ку,
То сабза ба сар хезам,
Борони сахо борам,
Дарёи карам резам.

Эй ақл, суботат ку,
Аз хок фалак созам,
Аз хасм накӯ ёре,
Аз дев малак созам.

Эй дард, аловат ку,
Аз хеш равам бартар,
Кофар шаваму мӯъмин,
Мӯъмин шаваму кофар.

То дасти замондорӣ
Боло бишавад аз ман,
То қасди ҷаҳондорӣ
Эҳё бишавад аз ман.

## ДАРД

Мардони Худо, шумо куҷоед?
Имрӯз чаро наменамоед?
Бо наҳри қаноату лаби нон
Бар олами хеш раҳ кушоед.

То як нафасе зи худ гурезам,
Чун душмани худ ба худ ситезам.
Ё деви худӣ ба зер гирам,
Ё зери худ афтаму нахезам!

## ТО ТУ БУДӢ...[1]

То ту будӣ, дод буд, имдод буд, эҷод буд,
Кӯҳи сангин, ёди Ширин, навҳаи Фарҳод буд.
Заррае ғам буд агар ҳар ҷо,
Ба дасти бод буд.

Донаҳои шеъри ман бе бод хирман мешудӣ,
Нӯҳ қабат гардун ба ҷавлон чашми равзан мешудӣ:
Сӯи фарзандонат, эй ҷон,
Сӯи дастархонат, эй ҷон.

Рахши ман дар арсаи даврон баландиқбол буд,
Зову ҷар, пастӣ, баландиҳо варо помол буд.
Байти оташбор дар лаб, ошиқи шайдо будам,
Домани ёре ба каф, бехонаву беҷо будам.

...Рӯзи нодорию нокомӣ ту сарболо будӣ,
Бо вуҷуди бехасиҳо аз ҳама доро будӣ.
Бар тариқи ёри бепарвои худ ҳамро будӣ...
Боз рӯзе шуд, ки моро хона аз гаҳвора пур шуд,
Давлат омад додвар.

---

[1] Ин шеърро устод ба ёди ҳамсараш бахшидааст.

Ҷӯҷаҳои ту бароварданд пар,
Бар сари ту аз фазоҳо рехт зар,
Як сари мӯе нагаштӣ ту дигар…

Шарм мекардӣ зи бори гӯшвор,
Ор мекардӣ зи рахти барқвор.
Чун ту рафтӣ, кохи шоир қалъаи вайрона шуд,
Нашъаи тӯи муродат ҷилваи афсона шуд.

Аз замин то осмон бар дидаам ғамхона шуд,
Он табассум, ки шаби тӯи мурод
Аз лабат равшан намуд дунёи ман,
Заррае н-афкандаву бурдӣ ба хок,
Шом омад, шом бар саҳбои ман.

…Афсари ман дар бари ман
Аз таҳи дил мекашад оҳ,
Шаш ҷиҳатро мекунад сӯрох бо теғи нигоҳ…
Ту чу моҳи нав зи як бурҷи фалак пайдо шавӣ,
Хонаи тори дили моро зиёбахшо шавӣ…

Ман кунун аз хоби даҳшат мешавам бедор, эй ёр,
Аз ҳарири зиндагонӣ бар танам сад хор, хор.
Осмону бар сарам бор.
Дидаю уммедвор.

## НИШОН

Бар касе шиквае набурдам ман,
Зинда гашта зи ҷанги рӯёрӯ,
Дар тамоми танам бувад равшан
Чун нишон – захмҳои тири адӯ.

Ин мукофот азизтар бар ман
Аз ҳама рутбаҳои ин даврон.
Натавонад варо гирифт зи ман
Ҳеҷ як ҳукму ҳеҷ як фармон.

## КӢ ГУФТ?

Зиндагиро кӣ гуфт номард аст?
Ҳар кӣ гуфтаст, то куҷо мард аст?
Зиндагӣ марду мард мехоҳад,
Сари болою дард мехоҳад.
Дарди дар роҳи ёр мурданҳо,
Олам оварда, хас набурданҳо.
Дарди шоир Ҳисомӣ, ки бо санг,
Нагирифтӣ ҳазор Темурланг.
Дарди Чӯтак Урози з-оташи тар
Монда аммо нагашта хокистар.
Дарди дар сина роз парвардан,
Ғами мардум ба ноз парвардан.
Дарди Нозим-суруди оламгир,
Дарди Лоҳутиҳои лотасхир,
Дарди аз ҷони хеш бигзаштан,
Баҳри як нешу нӯши хори Ватан.
Зиндагиро кӣ гуфт номард аст?
Ҳар кӣ гуфтаст, сахт бедард аст!

## ШЕЪРИ САФЕДИ РӮЗИ СИЁҲ

Шоир, эй ҳамдарди мардум,
Хокмоли моҳу анҷум.
Бо сари хам дидамат имрӯз,
Оё дар замини сахт худро кардаӣ гум?
Мисраи шеъри ту се сӯм,
Якта нони ту дусад сӯм,
То куҷоҳо мезанӣ сум?
То намонад деги ҳастиат зи ҷӯш,
Рав, матоъ арзон хару қимат фурӯш!

Ғуладингу ғалчаҳо сармоядоранд,
Сустришу калчаҳо сармоядоранд.
Шеъри ту бар гӯши пулмастон нафорад,
Мурдаӣ ё зиндаӣ, коре надоранд.
То намонад деги ҳастиат зи ҷӯш,
Рав, матоъ арзон хару қимат фурӯш!

Вақти бозорӣ туро бемутакко кард,
Нархи бозорӣ туро дасти асо кард.
Аз сухан ту сарвати Қорун кушодӣ,
Сарвати беинтиҳоятро замона бебаҳо кард.
То намонад деги ҳастиат зи ҷӯш,
Рав, матоъ арзон хару қимат фурӯш!

Минбарат бо хок яксон,
Дилбарат бо чашми ҳайрон.
Бод бозӣ мекунад дар кисаҳоят,
Кассаҳо бар рӯи ту маҳкам чу зиндон.
Хез, боло кун саратро,
Силаҳо кун дилбаратро,
Панд овар, ки ту танҳо бенаво не,
Рӯдакӣ ҳам мисли ту дасти асо буд,
Кӯлвораш холӣ буду бенаво буд.
Боз ӯро кӯр карданду ту бино,
Мекунӣ бепул тамошо
Сайру гашти навхатонро,
Дилбарони ломаконро…

## ҶУФТ ШУД КАБКИ ДАРӢ

Бар дили сайёди бераҳм раҳм омад,
Гашт аз раҳ ин пагоҳ,
Милтиқашро сарнишеб овехт, рафт,
Бо умеди тирамоҳ.
Гуфт: «Дар ин фасли сол,
Тирандозӣ убол».
Мӯйсафеди тӯрмоне, ки ба рӯзи тирамоҳ
Чашмҳоро банд карда,
Доми тазвир мениҳод,
Чӯҷаҳоро зинда сар мезад.
Ба оҳанги видод,
Тӯри худ печиду бар кунҷе ниҳод,
Ҳалқаи домаш кушод.
Ҷуфту сармастанд ҳоло кабкҳо,
Пар кушода ҳар куҷо,
Базм барпо мекунанд.

Ханда мерезанд дар гулзорҳо,
Хона месозанд дар гулхорҳо,
Решаи кокӯтии тар мехӯранд.
Чашмаҳо пурҷӯшу кӯҳ хомӯш, байни буттаҳо
Чӯҷаҳо пар мебароранд,
Пирчаҳо пих мезананд.
Рӯзро чун донаи тасбеҳ марди тӯрмон
Мекунад ҳар дам ҳисоб,
Дидаи сайёд сӯи офтоб…
Ман намедонам ба фасли тирамоҳ
Чун шавад анҷоми кор,
Кори кӣ гирад барор.
Шод аз онам, ки ҳоло тиру тӯр
Дур шуд, дур аз қатор.
Ҷуфт шуд кабки дарӣ,
Даррасид фасли баҳор.

## ҶАҲОН

Пеши чашми ҷаҳони нозукбин,
Аз Ватан ронда халқҳое чанд.
Бар гуноҳаш касе на иқрор аст,
Ҳама бар зулфи молу пул побанд.

Шоҳ хомӯш, президент хомӯш,
Вузаро об дар даҳан доранд.
Порадеҳ, порагирҳо дар ҷӯш,
Халқ ҳамчун даҳони бекоранд.

Аз ҳуқуқи башар ду-се качрав
Мезанад ҳарфу меравад бар хоб.
Қасрҳо аз дурӯғ гашта бино,
Рӯдҳо аз дурӯғ гашта пуроб.

Гашта пинҳон ба пушти айнакҳо,
Доварони замони кайфу сафо.
Бехабар, ки Худои азза ва ҷалл
Пеш овардааст рӯзи ҷазо.

## ДОЛЛАР…

Эй хоҷа, боз пурсамат,
Ин шаҳри мо чаро
Ин қадр беситораву
Ин қадр бебаҳор?
Дуздона ишқбозию
Дуздона гуфтугӯ,
Дуздона мекунӣ ҳама
Бар якдигар шикор?
Доллар ба шаҳри мо кунун
Болонишин бувад,
Моро фурӯшаду харад,
Қисмат ҳамин бувад?!
Доллар шукӯҳи мо рабуд,
Эҳсосу рӯҳи мо рабуд.
Мо ишқбозиро
Ҳама аз даст додаем,
Доллар савори мо бувад,
Мо худ пиёдаем…

## ДАР САРИ МАРҚАДИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Эй хуфта ту бар Буни Ҳисорак,
Эй бандаи марги номуборак,
Фарҳоди Ҳисори орзуманд,
Домоди таҳамтанони Хуҷанд,
Ҳамбодаи хушхатони Хатлон,
Ҳамҷодаи мавҷаи Зарафшон.
Бархез, замона танг омад,
Хасми ту ба даст санг омад.
Хоҳад, ки ба чашми Рӯдакӣ боз
Миле бикашад зи рӯи «ихлос».
Оне, ки сарои нур буда,
Таъна бизанад, ки кӯр буда.
Бар номи Камолу хоки покаш,
Бар шеъри баланди атрнокаш

Чун мӯр фитода, аз таги по
Ӯ шубҳа кунад ба арши аъло.
Бар синаи Туғрали пурэъҷоз
Тири дигаре намуда ӯ соз.
Бархез, ки шарм зери по шуд,
Пажмурда бар ӯ гули ҳаё шуд…
Занҳои аламрасида имрӯз
Ноёфта дар замона дилсӯз…
Бар пояи марқади ту оянд,
Рози дили худ туро кушоянд.
Гӯянд, ки во дареғ, эй мард,
Рафтӣ тую гашт зиндагӣ сард.
Рафтӣ тую ошиқӣ адо шуд.
Бархез, ки бода бенамак шуд,
Бозорию кӯчагӣ маҳак шуд.
Баъди сари ту вафо надидем,
Як шоири худфидо надидем.
Чун хандаи рӯзи аҳли мотам,
Барҳам зада, дӯстгонӣ ин дам.
Бархез, ба қасди моҳу анҷум
Омез чу рӯди пурталотум…

## ГУРГ

Гург рӯзе, ки сер мегардад,
Пуртахайюл чу шер мегардад.
Аз шикори шабона бепарво,
Хастаҳолу фақир мегардад.

Гушнагӣ ёд додааст ӯро
Модари зору пуртакопӯяш,
Гушнагиаш ба ҷӯш меорад,
Гушнагӣ мебарад ба ҳар кӯяш.

Гушнагӣ чун расид бар ҷонаш,
Шӯъла пошад чароғи чашмонаш.
Меравад бар шикор мастона,
Ханҷари тез карда дандонаш.

Рамаро пора-пора месозад,
Бе ҳарос аз сагу асои шубон.

То зи куштан намешавад ӯ сер,
Мекушад, ҳар қадар тавонад он.

Бо даҳону лаби хунолуда,
Як дам аз умр гӯӣ осуда,
Дар паси буттае дароз кашад,
Чун касони бадавлату буда…

Шиквае ман надорам аз гургон,
Ки сириштан разилу хунхоранд.
Ҳайфам ояд зи одамие чанд,
Савлати гурги гушнаро доранд.

## ҲАВАСТАШНА

Сирдарё, маро ба комат бар,
Ҳамчу як луқмаи тамомат бар.
Ошиқи ташнаи ҳавасҳоро
Ҳар куҷо мебарӣ, ба номат бар!

То ки дар садди роҳҳои азим
Зада бо сар ҳазор пора шавам.
Гаҳ ба ҷӯбору гаҳ ба кишта равам,
Бодияро ҳаёти дубора диҳам.

Бар маро то ба гӯшае, тарафе,
Беди маҷнун шавам, чанор шавам.
Саҷда орам ба даргаҳи мардум,
Сояафкан ба роҳи ёр шавам.

Бар, маро туркдухтарони қашанг
Бо сатиле кашида, хона баранд.
Об пошида раҳраву ҳавлӣ,
Аз ҳавоям шаванд нирӯманд.

Бар маро дур аз маҳалбозӣ,
Аз такаббур ва аз ҳиялсозӣ.
То чу байти ақиқи шеъри Камол
Бо лаби маҳвашон кунам бозӣ.

Бар маро, бар, ба баҳр ҳамраҳ кун,
Соф гардам чу дар чаман қатра,
Арал аз дастҷангии чанде,
Зор гашта ба ҳамчу ман қатра.

## ДАР ДӮКОНИ «ҲАЗОР МАЙДА-ЧУЙДА»

-Муҳаббат ҳам дар ин ҷо ҳаст?
-Ҳаст!
-Намебинам.
-Ана андар рафи эзори мардона.
-Чаро?
-Чаро? Эзор ноёбасту раф холӣ,
Муҳаббатро намегирад касе бар моҳу бар соле.

* * *

-Хиёнат хам дар инҷо ҳаст?
-Ҳаст!
-Намебинам.
-Ана, дар рӯ ба рӯтон
Чун чароғи давра овезон,
Харидораш фаровон асту
Нархаш ҳам бувад арзон,
Килогӣ баркашам, ё донагӣ?..
-Қурбон!

## БОВАР МЕКУНАМ

Ман ба чашми бегуноҳи ёр бовар мекунам,
Бар нигоҳи наргиси хуммор бовар мекунам.
Ҳар куҷо ҳастанд фарзандон, ба манзил мерасанд,
Бар умеди модарони зор бовар мекунам.
Мешавад ҳамсанги ман марде, ки беминнат бувад,
Бар шукӯҳи марди миннатдор бовар мекунам.
Рӯдавиданҳои пулдорон бувад аз оҷизӣ,
То ба бепулҳои ҳимматёр бовар мекунам.
Давлати номард чун нақши дар об афтодааст,
Бар суруди тозаи ҷӯбор бовар мекунам,
Хоксорӣ то ба Қутбат мебарад рӯзе, рафиқ,
Ман ба хокихислатон бисёр бовар мекунам.

## ШУМО…

Шумо аз турфа асрори ҷаҳон ҳамвора огоҳед,
Шумо аз бешу кам--аз бурру дӯзи зиндагӣ орӣ,
Шумо узви дукони «Дастаи махсусгардида»,
Ки мурғу моҳияш арзон бувад аз моли бозорӣ.

Ба ҷои «Шоҳнома» тӯрхалта дар бағал доред,
Варо пур мебаред аз коргоҳи хеш то хона.
Шумо аз нархи сабзию пиёз афзун ғазал доред,
Куҷо парво кунед аз мо, ки аз хешед бегона.

Шуморо рӯдавиданҳои шоирҳо на дархӯрдаст,
Ки бо «чуну» «чаро»-ҳо табъатонро хира месозанд,
Шумо сар то ба по ҳамчун табассум боз мегардед,
Ба сӯи он касоне ки на сар, саққо ҳамебозанд.

Шунида ин шикоят ларзае афтод бар ҷисмам,
Таноби гардани ғафси рафиқоне ба ёд омад,
Ки бо он метавонистӣ миёни дахр маҳкам баст
Ва ё то авҷи гардунҳо равӣ бе тӯша, бе миннат.

Канӣ Толис, ки дар сармо нишаста, нола нокарда,
Навиштӣ бахри ёрон қиссаи гармои тобистон?
Куҷо шуд Фазлиддин, он пушти сар афканда шӯҳратро,
Ки нахли қомати ӯ буд моро минбари виҷдон?!

## МИРАМ АЗ МӮИ САФЕДАТ, МОДАРАМ

Модари ҷон, оҳ мегӯию оҳ,
Бар сари раҳ мекашӣ тори нигоҳ.
Мебиёянд аз сафар фарзандҳо,
Мебарояд боз аз боми ту моҳ.

Мирам аз мӯи сафедат, модарам,
Аз нигоҳи пурумедат, модарам.

Дидаӣ хатти сиёҳи додарам,
Шукрҳо кардӣ ба тӯи хоҳарам,

Бурдбору ҷонсупору хоксор,
Қувваи дил,
сояи тори сарам.

Мирам аз мӯи сафедат, модарам,
Аз нигоҳи пурумедат, модарам.

Субҳ аз чашмони бедорат дамад,
Бахт аз дастони пуркорат дамад.
То замину то замон бошад амон,
Ман намемонам, ки озорат расад.

Мирам аз мӯи сафедат, модарам,
Аз нигоҳи пурумедат, модарам.

Осмонро то бувад сомони ту,
Кам натобад ахтари тобони ту.
Ҳар қадар боло равам дар зиндагӣ,
Боз дастони ману домони ту.

Мирам аз мӯи сафедат, модарам,
Аз нигоҳи пурумедат, модарам.

## МОДАР

Дар ниҳодат офтобе дар ғуруб,
Дар нигоҳат гирдгардон абрпора,
Ҳолиё бо гардиши чашмони ту
Чарх мегардад самои пурситора.

То ба Волга аз Зарафшон омадӣ,
Бар тавофи марқади поки писар.
Дидӣ ӯ андар сафи ҳамсолҳо
Бурда хобаш, з-омади ту бехабар.

Хешро бар қабри ӯ партофтӣ,
Як нафас кардӣ ниҳонаш з-Офтоб,
То насӯзад пайкари сӯзони ӯ,
То намонад ҷони покаш дар азоб.

Кай дили зори ту бовар мекунад,
Навхати абрӯсиёҳат хок шуд?
Рӯзи фавташ гиряҳо кард Осмон,
Ин замин мисли ту оғӯшаш намуд.

Оби чашми хешро дуздида худ
Шӯр ноафканда месӯзӣ дарунӣ.
То нагардад ғарқ дар ашкат касе,
То намонад домани ин хок хунӣ.

## ХОҲАРЕ ОМАД БА ДУНЁ

Ин саҳар дарё ба сози дигаре хонад тарона,
Кӯҳҳо ҳамчун ҷавони навхати бистудусола,
Майсаҳоро мезанад дасти насим оҳиста шона,
Мисли духтарҳои синфи даҳ бувад ангору ёла,
Ин саҳар дар хонаи мо духтаре омад ба дунё.

Ҷанги байни ин зану шӯи ҷавон ҳам дид сулҳ,
Ин саҳар ҳамсояҳо як дидаи ҳайрон шуданд.
Баста шуд оё миёни одамон ҷовид сулҳ,
Ҷумла бар чашмам ҷавони хурраму хандон шуданд,
Ин саҳар дар хонаи мо духтаре омад ба дунё.

Гиря кард ӯ нарм ҳамчун нағмаи оби равон,
Раҳму инсофу таҳаммул дод бар ин хонадон.
Боғи уммеди маро файзи дигар дод ин саҳар,
Нағмаҳои гиряи ин хоҳари ҳафтдодарон…
Ин саҳар дар хонаи мо духтаре омад ба дунё.

Гиряаш чун аст агар, фардо калон гардида хандад,
Мешавад равшан раҳи дилҳо ба дилҷӯёни олам.
Пок гардад рӯи олам аз риёкорони ноаҳл,
Синаҳо гарданд ҳамчун баъди борон софу хуррам,
Ин саҳар во шуд дари зиндону гӯё,
Шӯълаҳо зад дидаи зиндониёни бегуноҳ,
Хукми қатли мардуми озодиҷӯ бекор шуд,
Поячӯби дорҳо афтод бар хоки сиёҳ,
Модаре омад ба дунё, хоҳаре омад ба дунё!

## БО ДӮСТ ОЯМ РӮ БА РӮ

Ҳар саҳар аз хона берун мебароям бо ҳазорон орзу,
Чашми бад қатъи назар, бо дӯст оям рӯбарӯ.
Ғарқ дар баҳри табассумҳои ширин мешавам,
Мезанам паҳлӯ ба соҳилҳои дилҳои накӯ.
Ҳамчу ошиқ рафта бо дилдода меоям дучор,
Бо чароғи чашми Турсунзода меоям дучор.
Ҳарчӣ некӣ бинам аз айём, тазмин мекунам,
Коми ёронро ба шеъри тоза ширин мекунам.
Ҳар баду ҳар неки ин дунёи беандозаро
Дар дилам андоза бо қадди Гагарин мекунам,
Ҳар саҳар аз хона берун рафта ҳамчун як ҷаҳон,
Сад ҷаҳоне ранг бинам бо баҳору бо хазон.
Аз нигоҳи тоза равшан мешавам чун офтоб,
Чашми бад қатъи назар, эй дӯстон, эй дӯстон!

## ҶОМАИ БЕҚАСАБ

Ҷомаи беқасабам, ҳамнасабам,
Ҷони ман бе ту наёбад роҳат.
Дар раҳи умр туӣ ҳамсафарам,
Зистан бе ту надорам одат.

Шавкати кӯҳ ба ҳар як раҳи ту,
Рӯди шӯхест ба ҳар як нахи ту.
Обу оташ ба ҳам омехтааст
Тори абрешими гарданшахи ту.

Борҳо гашт замона тагу рӯ,
Кӯҳҳо паст шуду пастӣ кӯҳ,
Рафт аз байн дусад одату расм,
Мондаӣ лек ту бо фарру шукӯҳ.

Ёд дорам ҳашари ҷанги ҷаҳон,
Мурдан аввал буду зистан сонӣ.
Тоҷике бурд туро дар тани худ,
Ҳамчу як пора Ватан шукронӣ.

Нури чашми зани тоҷик ба ту
Дод акси Ватанат беармон.
Осмон пайрави ҳуснат гашта,
Ба сари китф кашад тиру камон.

Ҷиҳакат духтаракон медӯзанд,
Бо ҳавас бар нияти домоде.
Ба тани пиру ҷавон зебоӣ,
Ҳамчу рамзи шафақи озодӣ!

## КӮҲСОР МЕМОНАД

Ту, эй гул, ғам махӯр, кӯҳсор мемонад,
Сари боло, дили бедор мемонад.
Шабеҳат кабки масте бар сари санге
Тараннум мекунад, осор мемонад.
Ғизолон з-ибтидои Вахш нӯшанд об,
Ба дарё нашъаи дидор мемонад.
Ман аз дарди ту огоҳам, ба дардам о,
Канори ғамкашу ғамхор мемонад.
Агар дар мисраи мавҷе ғалат рафтӣ,
Ҳазорон чашма дарёвор мемонад.
Ғами дарёву кӯҳ дорӣ, фидоят ман,
Ҷаҳон то ҳаст, тавъам ёр мемонад…

## ОИНА

Оина имрӯз туро рӯ ба рӯ,
Ҳарчӣ ту мехоҳӣ, бар ӯ фош гӯ.
Оина ҳам беҳасаду беғараз
Акс кунад нуқси туро мӯ ба мӯ.

Оина андеша надорад, ки ту
Ибни фалон, хеши фалон ошно.
Ҳар чӣ ки дар рӯи ту пайдо бувад,
Рӯй ба рӯи ту кунад бе ибо.

Фош кунад чини ҷабини туро,
Нақшу паи рӯи ҳазини туро.
Оинаро нест вале қудрате,
То нигарад, чист ба дилҳои мо…

Ботини худ ҳамчу рухат боз кун,
Рӯ ба ҳақ овар, зи ҳақ оғоз кун,
Оина имрӯз ба сарвақти туст,
Оина шав хешу худ иброз кун.

Вахш ба имдоди башар омадаст,
Аз камари шом саҳар омадаст.
Заррасифат роҳи дилу дида гир,
Бар сари ту Шамсу Қамар омадаст…

## ХӮШАЧИН

Дар паноҳи Тоҷикистон
Роҳ-роҳи Тоҷикистон,
Ҳамчу мӯри хӯшачинам,
Нозпарварди заминам.

Хӯшае аз нони гандум,
Хӯшае аз ҷони мардум,
Хӯша аз имони мардум
Бурда то чархи баринам.

Хӯша аз боғи ситора
Мекунад равшан чароғам.
Хӯшаи Парвин ҳамеша
Шӯъла дорад дар аёғам.

Хӯшаи уммеди модар,
Хӯшаи уммеди духтар.
Шӯълаҳои ишқи аскар
Кардаам ман боровар.

Баҳри инъоме накардам
Хирман аз шеъри баландам.
Чоплусони замона
Банда гашта дар камандам…

## АНҶОМИ ЗИМИСТОН

Кӯҳҳо имрӯз домоданд, бар сарҳо лачак,
Сабз гашту панҷа зад хори ғурур.
Мурғҳо озод гаштанд аз кушо-пӯши катак,
Шуд зи хилватгоҳи худ берун суғур.
Мисли тобути зимистон тахтаи яхпораҳо
Бор бар дӯши Зарафшон гаштаанд.
Рӯд онҳоро ба зудӣ аз назарҳо мебарад,
Шод бо овозу бо сози баланд.
Корвони мӯрҳои гушна аз зери замин
Сар бароварду ба саҳро рӯ ниҳод.
Боғ аз баҳри харидорони ҳусни бебадал
Сандуқи атторни худро кушод.
Офтоб аз хонаи худ пештар омад бурун,
Рафт сӯи арчазорони сиём.
Гуфт оё ҳарфи ҷонсӯзе ба барфи солгашт,
К-об шуд он ҳамчу қӯрғошими хом.
Духтари ҳамсояи мо ин саҳар бори нахуст
Тугмаи чоки гиребон боз кард.
Печ хӯрда, тоб хӯрда аз дили нав-ошиқе
Байтҳои аввалин парвоз кард.
Хок ҳамчун синаи модар мулоим, рӯҳбахш,
Кас ҳамехоҳад аз он серӣ хӯрад.
Рӯзи анҷоми зимистон аст, оғози баҳор,
Дил намехоҳад, намехоҳад, намехоҳад мурад!

## ЗАН

Бар лаби чашма нур меояд,
Як зани мисли ҳур меояд.
Тоҷи давлат магар ба сар дорад?
Ин қадар боғурур меояд?

Бод сармасти атри гесӯяш,
Мезанад хешро ба паҳлӯяш.
Чашма лабрез з-акси оразн ӯ,
Кӯҳдоман муаттар аз бӯяш.

Масту мағрури навҷавонию ҳусн,
Рӯди пурҷӯш назди ӯ ҷӯе…
Заррае ҳам нигаҳ наандозад
Ҷониби шоири дуогӯе.

Ҳарчи созад, варо наранҷонед,
Ҳарчи хоҳад, зи раҳ нагардонед.
Варна ӯ рафта, мебарад бо худ
Чашмаву кӯҳро, намедонед?!

## БО Ӯ РАВАД ҶОН

Ватан ҳангомаи ношоирон нест,
Ватан дар ҳар буни мӯи ту ҷонест.

Ватан табъи ғанӣ, дасти кушод аст,
Муҳаббатхона-кони эътиқод аст.

Ватан чархи барин, обу замин аст,
Ватан ду чашми биноро нигин аст.

Умеди модарони дида бар роҳ,
Навиди аскарони роҳпаймо.

Ғурури шоирони орзуманд,
Сурури навхатони ширпайванд.

Кафи хоки варо гавҳар намояд,
Рухи поки варо ахтар намояд.

Ватанро ҳеҷ як модар назодаст,
Ватанро ҳеҷ кас бар мо надодаст.

Ватан андар бадан хунест ҷӯшон,
Агар аз мо равад,
бо ӯ равад ҷон.

## ТАВОЗӮЪ

–Аз раҳи дури сахти шоириат,
Ҳар замон пурсиам,– чӣ овардӣ?
–Риштаҳои накандаи уммед,
Қасами ношикастаи мардӣ.

Партави ахтарони тирашабон,
Нашъаи васл, кайфи раҳпоӣ.
Фоли некӣ ба хоби пирона,
Ҳам кафолат ба Шамси фардоӣ.

Сараки пухтаи сари ангор,
Мурғаки майсаҳои гандумзор.
Ғут-ғути кабк, қум-қуми пухтак,
Шӯриши рӯд, навҳаи ҷӯбор.

Ман тавозӯи мард овардам,
Ки ба дӯшаш сипеҳр гардон аст.
Нӯшдоруи дард овардам,
Ҳар кӣ дар ҳаҷри дӯст сарсон аст.

Дари дилро чу хона во кардам,
Ҳар ки омад ба кавшу маҳсӣ, нишаст.
В-он яке айби ман ба олам бурд,
Дигаре роҳи ман ба минбар баст.

Ҳар диле,
ки фарох дида будам,
Рӯзи майдон заифу танг омад.
Ҳар куҷо ҳамчу мард по мондам,
Пои эҳсоси ман ба санг омад.

Ростгӯёну ростхоҳонро
Тири ғайбат намезадаст, аҷаб.
То ҳанӯзам саманди сури сухан
Ром зери ману ба дӯш салаб.

То ҷафо бештар ба ман карданд,
Ба вафо бештар бипечидам.

Бо бадон нек рафтуо кардам,
Шӯъла дар хушку тар бипечидам.

Ному шӯҳрат ҳавас накардам ман,
Ҷони худ дар қафас накардам ман.
Хӯрда тири маломати дунон
В-аз накӯкорӣ бас накардам ман.

Ташнаи шеър, гушнаи дидор,
Толиби дӯст, ҳозини асрор,
Чун амонатбаре зи аср ба аср
Мекашам бори синаи бедор.

## ДАР РОҲИ БОД

Дидамат, ки ту ба худ печида,
Дар нахи сабзу кабуд печида,
Рӯи худ ҷониби бозор кунӣ,
Чашм бар сӯи харидор кунӣ.
Дида колои парешони туро,
Дастҷамъии санохони туро,
Ба саранҷоми ту ларзид дилам,
Чу дару боми ту ларзид дилам.
Пас туро бар раҳи бод овардам,
Сӯи саҳрои кушод овардам.
Гар наӣ мурғи ҳарам, бол кушо,
Ба сари сабзи фалак фол кушо.
Бо дами барқи шарардор бирав,
Ба сари тегу таҳи дор бирав.
Хешро ҳамчу шафақ пайдо кун,
Ҷой дар мардумаки бино кун.
Гарчи озурдаам андак дили ту,
Ту мапиндор, манам қотили ту.

Ҳар киро гарчи сару бар бояд,
Лек бар мову ту сангар бояд.
Сангаре, ки накушад мардумро,
Сангаре, к-авҷ диҳад гандумро.
Сангаре, ки шиканад санги қазо,
Берун орад зи ҷафо тухми вафо.

Сангаре,
ки ба касон нон бахшад,
Ба шаҳидони Ватан ҷон бахшад.
Сангаре, ки ба мушак,
на ба атом
Сангаре, ки бидиҳад умр давом.
Сангаре кашфгари рӯҳи навин
Сангаре сафдари аъдои замин.

Сангаре, ки бидиҳад доди сухан,
Аз дили кас набарад ёди сухан.
Сухан ин ҷони ҷаҳон, ҷон афшон,
То расад тири умеде ба нишон.
Гарчи озурдаам андак дили ту,
Ту мапиндор, манам қотили ту.

Мову ту шишагару шишабарем,
Аз шикасти дили кас бохабарем,
Дили кас ҷоми ҷаҳонбин дорад,
Офтобу маҳу Парвин дорад,
Мон, ки хуршедаи ӯ нур диҳад,
Парвинаш хӯшаи ангур диҳад.
Он қадар ҷабр кашидаст башар,
Он қадар заҳр чашидаст башар,
Бори ӯро накашад чархи барин,
Заҳри ӯро набарад зарфи замин.

Тараб овар, ки дилаш ларзон аст,
Пок кун чашми варо гирён аст.
Дар дили шом дари рӯз кушо,
Парда аз чеҳраи фирӯз кушо.
Аҷал –он хасми башар кӯр шавад,
Нағма кун, аз сари ӯ дур шавад.
Гарчи озурдаам, андак дили ту,
Ту мапиндор, манам қотили ту.

Ману ту аз ғами худ вораста,
Дил ба мардони ҷаҳон пайваста.
Ба ҳамон зумра, ки дар дайри куҳан
Саҷда оранд ба меҳроби Ватан.
Бо Ватан шах шуда обу гилашон,

Бе Ватан роҳ нагардад дилашон.
Гар ту мехоҳӣ баландӣ ба ҷаҳон,
Гар ту мехоҳӣ баландӣ ба касон,
Дар баландӣ чу сари онон нест,
Ин баландӣ ба ҳама кайҳон нест.
Наздашон пояи гардун паст аст,
Мавҷаи Даҷлаву Ҷайҳун паст аст.
Ки фитоданду бимурданду ба кас
Накушодӣ нафас аз боби ҳавас.
Ба туфайли сари онҳо инсон
Ёфт аз боби шарафмандӣ нишон.
Гарчи озурдаам андак дили ту,
Ту мапиндор, манам қотили ту.

## ЁДИ ҚУЛЛАҲО

*Ба Мирзо Маҳмуд*

Фақат дирӯз, оре, дина ман аз теғаҳои қуллаҳо
Аз лонаи шаҳбозҳо парвоз мекардам.
Худамро аз ҷариҳои ҷаҳаннамибтидо, ноошно
Овоз мекардам.
Баланд парвоз мекардам,
Ба ин уммед:
Шояд аз баландӣ афтаму хуншортар гардам.
Гаҳе бо хок моил мешудам, бар бод мерафтам.
Ба ин уммед:
Шояд то ба домони сурайёҳо равад гардам.
Маро лаззат буд аз хоби парешоне ки ҷисмамро
Гаҳе афканда бар оташ, гаҳе бар аждаҳо медод.
Дучандон қадру қимат мефузудам гар ҳарифе бад,
Маро дар гӯшаи бозори ҳастӣ бебаҳо медод.
Сари сабзи ман аз теғи забон сарсабзтар мешуд.
Дили гарми ман аз макри рақиби пурҳунар,
К-ӯ дошта аз дастаму мекӯфтам бар сар,
Чароғи пуршарар мешуд.
Мисоли тӯби футбол, эътиборам буд дар майдон.
Маро ҳам душману ҳам дӯст мезад аз сари шафқат.
Зи майдон гар бурун мерафтам аз зарбе,
Маро тифлон ба майдон мезананд аз нав,
Ба гӯшам нағмаҳои хандаи пирона меомад.

Дар ин афсона давлат доштам, боғу баҳорам буд,
Намеафтодам аз худ гарчи умри барқворам буд…
Вале имрӯз андар қулла худро паст мебинам,
На сӯзише ба по на обила дар даст мебинам.
Фақат андешае
дар сурати марди ҷаҳондида,
Маро пайваста талқин мекунад:
Ором бошам, ром бошам.
Наёзорам касеро, ӯ наёзорад маро,
Дар зиндагонӣ одами дарёдилу худком бошам.
Дар ин андеша аммо хешро чун мурда мебинам,
Ки дар тобути орододае хоб аст, бе ғам.
Ба ёди хоби даҳшатнок,
Ёди теғаҳо, ҷарҳои пурдаҳшат,
Ба ёди он ҳарифони дағал, шамшерҳои тез,
Ки аз нӯги забон бар синаам мезад.
Дилам гум мезанад бар он даме ки ҳалқаи
афсонаҳоро канда,
Худ афсона мегаштам,
Ба доми пири навпардозу навхоҳу навафсун,
Банд бе як дона мегаштам,
Намехоҳам нишоту салтанат дар базми худкомӣ,
Намехоҳам гули рӯи сабад бошам зи оромӣ.
Ҳамехоҳам зи нав бар лонаи шаҳбоз баргардам,
Ки шояд аз баландӣ афтаму хуншортар гардам.

## ПАДАР

Хонаи ҷарроҳ пур аз дардмандон дидаам,
К-он яке менолад аз дил, дигаре гӯяд: «сарам!»
Худ наям бемор, зери теғи ҷарроҳ ин замон
Достони қисмати хешу ҳақиқат мебарам.

Достони қисматам бошад падар, к-ӯ умрро
Аз таги дарёву аз оғӯши оташ кофтаст.
Зинда омад аз даҳони аждаҳо ӯ борҳо,
Аз замин хуршед, аз санги сияҳ гул ёфтаст.

То набинад боғи навбар офате аз рӯзгор,
Борҳо бо синаи худ баст роҳи селро,

Баски хунҳо рехт то рангин кунад берангие,
Ҳам зи худ бегона шуд, то бо диле гашт ошно.

Буд рӯзе ки балеяшро бало пиндоштанд,
Не ба минбар, хештанро
дид дар қаъри Сибир,
Аз садои тири ноҳақ, ғулғули занҷирҳо
Кам нашуд меҳри Ленин як зарра ӯро дар замир.

Бо ду фарзанди баробар бо қади худ рӯзи ҷанг,
Ҳамчу оташ рафт аз деҳ сӯи тӯфонҳои сард.
Дарси ҷонбозӣ ба шоҳинчӯҷаҳояш ёд дод,
Марги фарзандаш бидиду рӯ нагардонд аз набард.

Панҷа бо сарпанҷаи шеру паланги рӯзгор
Рост омад дар ҳамон роҳе, ки будаш ибтидо.
Ҷояш омад –заҳр хӯрду гуфт бар душман шакар,
Ҷояш омад–дид баҳри дӯст марги худ раво.

Дар сараш гул карда ҳоло нахлҳои орзу,
Шоҳини пирам аз ин даргоҳ меҷӯяд даво.
Зери теғ асту умеди зиндагӣ дорад ба дил,
Аз табибон барнадорад дидаи пурилтиҷо.

Он нигоҳе ки ба рӯзи марги фарзандаш намуд,
Нақш баста дар лабони хушку рӯи пур зи чин.
Сад ҷаҳони харҷумарҷ аз чашми камнураш аён,
То кунун гӯё ба майдон аст ӯ андар камин.

Хонаи ҷарроҳ холӣ,
Навбати мо ҳам расид.
Гарчи ҷонбахш аст теғаш, гирд мегардад сарам,
Оҳ, ман охир ба зери теғ бо дастони худ
Достони қисмати хешу ҳақиқат мебарам.

## БАРОИ БАРНО ИСҲОҚОВА

Ман дар ин дунё намеғунҷам ба дунёи дигар,
Ҷуз ту, Барно, нест дар ман завқи барнои дигар.

Ин чӣ овозест ҷон мебахшадам бо ҳар нафас,
Ҳар нафас хоҳам туро ҷон додан, эй нои дигар.
Рӯдакӣ аз аҳди Сомон навҷавон ояд бадар,
Бишнавад сози ту дар ҳиҷрони Салмони дигар.
Қудсиёни шеъри Ҳофиз ашк борон мекунанд,
Чун ту мехонӣ «Ироқ»-еро ба овои дигар.
Ҳар кӣ шуд дар мавҷи овози ту ғарқи орзу,
Ӯ нагардад ғарқ дар амвоҷи дарёи дигар.
Савти «Сегоҳ»-и ту аз кӯҳсор бар саҳро задам,
Кай равад маҷнуни ин саҳро ба саҳрои дигар.
То туро «Афсона рангин» гашт мо тифлем, тифл,
Гарчи дар саҳрои мо шуд рӯз шабҳои дигар.
Ман кӣ бошам пеши он ҳазрат, ки хуш фармудааст,
«Ҳамчу Ҷомӣ гашта бар сози ту шайдои дигар».
Ин на панҷоҳ аст, ин як панҷа гул аз рӯи ту,
Дардмандонро ҳамебахшад мудовои дигар.
Дар русуми об гаштан, сӯхтан з-овози ту
Ҳамчу Турсунзода акнун нест Мирзои дигар.
Сайри дилҳо орзу дорӣ, ба Қутби мо биё,
Мисли ман шоир намеёбӣ ту дар ҷои дигар!

## ДАР БОҒЧАИ БАЧАГОН

Таманно карда аз хобаш Таманно,
Чу хезад, мешавад олам гуворо.
Ба ёдаш бибию бобо наёянд,
Биомезад ба лухтакҳои зебо:

Яке мӯҷингила, бе мӯст дигар,
Яке пурхандаю дигар бадабрӯ.
Яке андар либоси хирси ваҳшӣ,
Яке дар ҷомаи рӯбоҳи хушрӯ.

Яке лухтак ба рӯи синаи худ
Нишони беш бинмуда авезон.
Яке гӯлу гарангу соддаавзоъ,
Надорад дар бадан ғайри гиребон.

Таманноро назар бар лухтакон аст,
Баробар чашм бар онҳо кушода.

Якеро гар ба мошин менишонад,
Дигарро ҳам намемонад пиёда…

## ЁД

Аввалин ханда, аввалин нола,
Аввалин шӯъла, аввалин жола.
Аввалин бӯса, аввалин ёла,
Аввалин моҳ, аввалин хола.

Аввалин як ниҳоли зардолу,
К-ӯ панаҳгоҳ гашт барману ту.
Аввалин бор дидамат ларзон,
Эй, ғизоли раманда аз оҳу…

Аввалин тундари баҳорон буд,
Дасти ман озими гиребон буд.
Дар шаби тира шамс механдид,
Ҷабҳа буду шикасти армон буд…

## МАРДИ ХУФТА

Эй хобрафта «марди хуб»,
Бар об рафта «марди хуб»,
Олам ба чашмони ту пул,
Одам ба дастони ту тӯб.

Савдогари асрорҳо,
Балвогари такрорҳо.
Ду чашми рӯи хонаҳо,
Гӯши паси деворҳо.

Сармасти базми дигарон,
Овози разми дигарон.
Ёри вафодори худӣ,
Хасмӣ ба ҷазми дигарон.

Бо кисадорон ҳамнафир,
Аз косалесон боҷгир.

Бо каллапазҳо ҳамалав,
Бо заллакашҳо ҳамсафир.

Гаҳ дар кучҷое ногаҳон
«Шеър»-и ту пайдо мешавад.
Як гӯшаи чашмони мо
Мағзобапарто мешавад…

То кай ту ҳушу ақлу дил
Аз соддалавҳон мебарӣ.
Ту носирӣ, ё шоирӣ,
Раққоса ё хунёгарӣ?

## МАЙДОН

Ноҳаводору ҳаводорони ман,
Новафодору вафодорони ман.
Як дуо, имшаб ба майдон омадам,
Бо сухан дасту гиребон омадам.
Гарчи донам дар муҳити шоирӣ
Сӯхтам ман бо умеди шоирӣ.
Боз дорам тарс аз тасвири Вахш,
Аз шукӯҳу файзи оламгири Вахш.
Оби ӯ дар пайкари ман ҷӯшзан,
Тоби ӯ андар сари ман ҷӯшзан.
Ин таковарро чу омад роҳ банд,
Ҳар сухан ӯро намеояд писанд.
Аз ғазал садҳо иморат бурдааст,
Ҳам рубоиро ба ғорат бурдааст.
Ҳарфи гиро, лаҳни бурро боядаш,
Мавҷи Зебо, авҷи Барно боядаш.
Хешро имшаб мусаххар мекунам,
Аз сухан Майдони дигар мекунам.
То дар ин майдон биҷӯшад корзор,
Ақл довар гардаду ҷаҳл ошкор.

## АСРОРИ КӮҲҲО

Миёни чор кӯҳи сар ба гардун,
Канори шӯрпарвар наҳру дарё,

Ба дунё по ниҳода, дасти холӣ,
Ба дӯши хеш дидам бори дунё.

Маро гаҳвора санги хора гардид,
Шамоли гулнафас гаҳворачунбон.
Зи лаҳни фораму фаҳмову ширин
Ба гӯшам алла гуфтанд обшорон.

Зи дарё раҳравӣ омӯхтам ман,
Ба паҳно паҳну дар тангӣ шудам танг.
Гаҳе по бар сари гулҳо ниҳодам,
Гаҳе бо сар задам бар пои харсанг.

Камони Рустам овезон ба китфам,
Давидам аз қафои раъди ғуррон.
Шикаста садд, дарида синаи абр,
Назар андохтам бар кӯҳсорон…

Нахустин бор дидам санги хоро
Забони роз бар ман мекушояд,
–Аё, эй тифли раҳбигрифта, сабре,
Ба сӯи қулла раҳ осон набошад.

Биё наздам, ки ман ҳамчу ту рӯзе
Диле дар сина будам гарму ҷӯшон.
Ба ёди орзуҳо метапидам,
Шаби зулмат шарар медодам аз ҷон.
Чу хасм омад ба қасди нангу номус,
Ҳама бар ҳифзи он бо сар давиданд.
Ҷавонон рӯ ба ҷанг оварда, пирон
Ба душман аз забон ханҷар кашиданд.

Чунон ҷанге ба по шуд баҳри кӯҳҳо
Самои сарбаланд ин ҷо нагун шуд.
Сари душман ба хоки тира омад,
Замини босахо дарёи хун шуд.

Манам рамзи азизоне, ки ин ҷо
Ҷаҳон оварда, бо худ хас набурданд.
Ба ҷаври хасм тан нодода, умре

Ватан, танҳо Ватан, гуфтанду мурданд…

Саропо сӯхта аз қиссаи санг,
Сари сарчашмае рафтам шитобон.
Лабам чун бар лаби сардаш ниҳодам,
Ба гӯшам гуфт:
эй фарзанди инсон:

–Марав аз назди ман доман кашида,
Ки аз раҳҳои дуродур оям.
Басе осемасар
ларзон дамида,
Зи оби дидаи аҷдодҳоям.

Ман аз ашки бузургону ятимон
Бурун гардидаам аз синаи хок.
Маро ҷое бубар,
ки сабз гашта
Ҷавониҳо кунам дар зери афлок.

Маро ҷое бубар, ки ташнакомон
Ба ҳар як ғӯлаи ман интизоранд.
Ба дил пайғоми сад гулзор дорам,
Равам он ҷо, ки муштоқи баҳоранд.

Чу сар бардоштам аз чашмасорон,
Насими қуллагард омад шитобон.
Ба пеши пои ман худро фиканда,
Ба ман мегуфт васфи кӯҳсорон.

## ГАП ДАР БАЙНИ ХУД…

Шоирон бисёр, аммо шеъри тар бисёр кам,
Ҳамчу андар бешаи мо шери нар бисёр кам.
Асри Бистум асри оташ буд, омад то атом,
Эй ғазалсозону рубоинависон, ассалом!

## ВАТАН

Имрӯз маънии Ватан дар мағз-мағзи ман,
Бо решаҳои сабзу тар эҳсос мешавад.

Ҳар як ҳуҷайра дар танам алмос мешавад,
Ҳар як сухан ба васфи ӯ шаҳбоз мешавад.

Аз гиру мони зиндагӣ гар дидаам ғаме,
Он ғам ба сурати тараб дар дил шавад аён,
В-ар ҷуръае кашидаам аз ҷоми пури ӯ,
Сармаст мебарад маро то авҷи осмон.

Хораш, ки лаҳзаи дарав бар даст рафта буд,
Бар ҷони ман ҳаловату роҳат диҳад дигар,
Ҳар яхчае, ки пои ман ғеҷад андар он.
Оинаи музайян аст имрӯз дар назар.

Имрӯз дар вуҷуди ман тобад чу Офтоб,
Ҳар зарраи нигоҳ, ки бигзашт аз дилам.
В-ар қатраҳои ашки худ бинам ба доманаш,
Сарсабз мешавам ҳама, гул мекунад гилам.

Ҳар мурғи шохсори ӯ монанди файласуф
Аз боби баргу бори ӯ хонад ба ман китоб.
Умри абад гирифтааст ин нахли Иттиҳод,
Бо барги сабзу шохаҳо, бо решаи дар об.

Ман дар паноҳи ин шаҷар минбар наҷустам,
Аз оби чашми булбулаш соғар наҷустаам.
Ҳамчун қаламчае аз ӯ ман бар гирифтаам,
Шеъраш ба дил навиштаву дафтар наҷустаам.

Бо решаҳои сабзу тар эҳсос мешавад,
Имрӯз маънии Ватан дар мағз-мағзи ман.
Шаш сӯи ман Ватан, ҳар мӯи ман Ватан,
Бе ӯ намекунам даме даъвои зистан.

## ЧАШМИ БИНОЮ ДИЛИ ХУРСАНДИ МАН...

Кӯҳҳои ҳамсари моҳи мунир,
Чашмаҳои софи рашки ҷӯи шир.
Ошёни шоҳбозони далер,
Чилсола паҳлавони меҳргир.

Тоҷикистони саодатманди ман,
Чашми биною дили хурсанди ман.

Зӯр оламгир аз Соми ту шуд,
Ҳусн зебо гашт, бо номи ту шуд.
Қатра дарё гашт, аз эъҷоби ту,
Ақл кимё гашт, то роми ту шуд.

Тоҷикистони саодатманди ман,
Чашми биною дили хурсанди ман.

Асрҳо авлоди Рустампаҳлавон,
Бо забони Рӯдакии бостон,
Рӯи оламро муаттар сохтанд,
Аз насими «Бӯи Ҷӯи мӯлиён».

Тоҷикистони саодатманди ман,
Чашми биною дили хурсанди ман.

Шеъробод аст сар то пои ту,
Анҷуманоро бувад Мирзои ту.
Шаҳд меборад каломи Миршакар,
Кист дар шеъри дарӣ ҳамтои ту!..

Ман чӣ сон васфат кунам, эй ҷони ҷон,
Аз забони даҳр бинмоям баён:
–Кӯҳҳои пири ахтаргири ту
Сақф шуд бар чордевори ҷаҳон.

Тоҷикистони саодатманди ман,
Чашми биною дили хурсанди ман.

## ҲАЯҶОН

Шоҳидони соли сиҳафтум киҳоянд?
Қотилони соли сиҳафтум куҷоянд?
Он хабаркашҳои бе инсофу тавфиқ,
Он сиёҳкорони номардум куҷоянд!

## ДАВР МЕГАРДАД ЗАМИН

Чарх мегардад замину
Давр мегардад замон.
Ҳамчу раъду барқ дорад,
Ҷилвае умри равон…

Ҳур аз сар меравад тез,
Нур аз бар меравад тез.
Донае додӣ ту хирман мешавад,
Дар як нафас.

Нест гӯё фурсате, ки мо
Ба худ оему худро бингарем.
Дар муҳими давр
Мо хушкем ё домангирем?..

Дина буд, дирӯзакак,
Мо пойлуччак баччагон,
Менишастем интизори нони ҷав
Гирду пеши ошдон…

Менишастему саропо
Дида сӯи дар будем.
Ҳақталаб,
            хундор аз
                        хасми башар,
Бо эзори пора
            «ҷанговар» будем.
Чарх мегардад замину
Давр мегардад замон.
Суръати барқ аст андар зиндагӣ
Дар аёну дар ниҳон…

Дина буд дар деҳаи мо
Сад писар бо «нома»-е шуд бепадар.
Ғусса кӯҳ буду зуд аз сар фитод
Ашк дарё гашта рафтӣ аз назар.

Бепадарҳо ҳам падар гаштанд боз,
Бар Ватан ҷону ҷигар гаштанд боз.

Чарх мегардад замину
Давр мегардад замон.

Ахтарашро ёфт марде дар Замин,
Дигаре ёбад варо аз Осмон.
Лек дар ин зиндагии тундрав
Ахтари ман монда бо ман ҷовидон.

Дода буд онро падар рӯзи зафар,
Аз пилотка канда бар ман шодмон…

## ХОТИРАИ УСТОД АЙНӢ

Мушти дарду мушти шодӣ, мушти шеъру орзу
Фалғарӣ аз оби чашмонаш Зарафшон кардааст.
Аз қаноат ҳиммати ӯ кӯҳ шуд, кӯҳи баланд,
Оламеро ӯ зи эҳсон кӯҳборон кардааст.

Рӯи дастархонаш ар нонаш набошад, ҷон ниҳад,
То ки меҳмонро кунад як лаҳза бо дидор шод.
Хеш бо торикӣ одат карда, аз нури ду чашм,
Мустамандеро мунаввар мекунад роҳи мурод.

Роҳи сангин, даври вазнин, чархи рӯбин, умрҳо,
Роҳи ӯро гар ба аркони Бухоро баста буд,
Лек бо як байти ширин ё навои дилкаше
Борҳо ӯ садди роҳи хешро бишкаста буд.

Тӯшаи роҳу таматтӯи дили ӯ шеър буд,
Обу равған дар чароғи манзили ӯ шеър буд.
Душманашро ҳам ба тири шеър мекард ӯ ҳалок,
Дӯсти мушкилкушо, обу гили ӯ шеър буд.

Навҷавонеро агар байти аҷал тасхир кард,
Модарон дар марги фарзандон ҳамегирянд шеър.
Духтарон бо кокулони худ ғазалбофӣ кунанд,
Ошиқон дар ҳаҷри маъшуқон ҳамегӯянд шеър.

Дар ҳама ҳангома номи Айнии шеърофарин,
Ҳамчу мавҷи нур омад, бо Зарафшон пар гирифт.

Кӯҳу дарёҳо ҷавонӣ ёфтанд аз шеъри ӯ,
Умри худро дар сари дарё падар аз сар гирифт.

Айнию рӯди Зарафшон, ду ҳакими рӯзгор,
Ин яке бар чӯл бахшад зиндагӣ, дигар ба кас.
Аз яке боғу баҳору шаҳр мемонад нишон,
Аз дигар эҳсону некӣ, ишқу уммеду ҳавас.

## МАРДИ АЛБУРЗ

Дар Чагем[1] санги сард мегиряд,
Арчаи тар ба дард мегиряд
Девалафҳои рӯи раҳ хомӯш,
Теға сархам чу мард мегиряд.

Пуралам, хаста, дилшикофанда,
Навҳаи марғакони кӯҳи Қизил,
Марди Албурз дидаи ҳайрон,
Лолаҳо-косаи шикастаи дил.

Чашма такрор мекунад:–Қайсин,
Ёла исрор мекунад:–Қайсин.
Рӯди ҳамболи ӯ дар ашк тар аст,
Рафта озор мекунад:–Қайсин.

Он, ки дода забон ба мурғи ҳаво
Нолаи санги сард мефаҳмид.
Ҳамчу дарё ба ҷӯш меомад,
Мавҷ дар соҳиле намеғунҷид.

Дида пӯшида сахт, хоб астӣ,
Бар сафар баста рахт, хоб астӣ.
Пеши чашмони шеърпарварҳо
На ба тобут, ба тахт хобастӣ…

Гардаҳои сиёҳи ғам имрӯз,
Равшанам кард шоирӣ чун аст.
Сухану шеъри тоза гуфтан сахт,
Марг осону чора вожун аст.

[1] Чагем –кӯҳи машҳури Кабардино-Балқар

## ҚАЙСИН КУЛИЕВ

Дӯст ороиши замири ман аст,
Дар ҳама ҷабҳа дастгири ман аст.
Бар ҳарифон куҷо диҳам гардан,
То ба ман Қайсини далери ман аст.
Бо худогоҳию худафрӯзӣ,
Ӯ рафиқи ману амири ман аст.
Аз сухан сад ҳазор сарбозаш,
Рафта аз сина дар кавири ман аст.
Ҳар наво, ки шикаст гардани ғам,
Навҳаи ёри хушнафири ман аст.
Аз дилам то ба остонаи ӯ
Рағзаи шеъри ман ба пири ман аст.
Чун шавам маҳви шоҳибофи Фаранг?
Шаҳу санги Чагем ҳарири ман аст…

## ПАБЛО НЕРУДА

Дили Пабло Неруда монд аз кор,
Ларза дар пайкари замин афтод.
Шоиронро сипеҳр танг омад,
Бар ҷабини замона чин афтод,
Шоире душмани худоён буд,
Шоире ҳамғами ғарибон буд.
Дар шикастан, буридани хоро
Шоире ҳамдами Зарафшон буд.
Баҳр буду валек ӯ ташна,
Ташнаи бахти халқу исмату нанг.
Парчами дасти миллаташро ӯ
Дод бо хуни синаи худ ранг.
Дили ӯ лаҳзае бимонд аз ҷӯш,
Дид чун хасми хеш болодаст,
Ишқу уммед бе падар монда,
Ҳотами дасти орзу бишкаст?
На!
Марги он родмарди якрӯро
Ақли дунё намекунад бовар.
Чунки хуршеди ишқ ҷовид аст,
Чунки ҳақ бар замонаҳо довар!

## ФАЙЗ АҲМАД ФАЙЗ

Чӣ давлат,
                давлати шоир,
Нагардад дар замонҳо кам.
Чӣ сар дар савлати шоир,
Намонад зери гардун хам.

Ба ҳозир таънаи қотил
Варо пурзӯртар созад.
Ба ғайбат ғайбати ботил
Варо машҳуртар созад.

Чу мавҷ аз худшикастанҳо
Такаббур дораду нозе,
Чу дар аз рахнабастанҳо
Ба худ дорад сарафрозӣ.

Ватан чун тору пуди ӯ,
Ватан буду набуди ӯ.
Ватан аз будааш сад бор беш
Андар вуҷуди ӯ.

Варо бишкуфта андар сар,
Чу гулҳо ғунчаи зиндон.
Ба пояш ҳалқаи занҷирҳо
Шуд шеъри пуртуғён.

Агар дар каф камон дорӣ,
Магир ӯро нишон ҳаргиз.
Зи тири ноҳақ афтад ҳам,
Наафтад аз забон ҳаргиз.

## МУИН БСИСУ

*Ба ҷон омад дилам аз ҳасрати меҳан,*
*шаробам деҳ,*
*Ба лутфе гӯшаи озоду бистар ҷои хобам*
*деҳ!*
*Муин Бсису*

Ҷони сӯзон, ошиқи шаҳри Самарқанд, эй Муни,
Ишқи ҷӯшон, ҳамсари кӯҳи Дамованд, эй Муин.
Чашми он дорам, ки гардад то сарҳаргоҳи дигар
Кишвари пурҳасратат озод аз банд, эй Муин.

Чашмҳои канда андар роҳ бино мешаванд,
Дастҳои баста дар хиргоҳ боло мешаванд,
Зери по афтода сарҳои пур аз ишқу умед,
Рӯзи майдон нашъа мегиранду эҳё мешаванд.

Гашта мурғони муҳоҷир аз сафарҳои дароз,
Ошён монанд андар боми бобоӣ зи сар.
Бода аз минои Турсунзода каш, нӯшат шавад,
Таъми озодист дар минои шоир бештар.

Гӯшаи озодию бистар бувад баҳри шумо
Синаҳои поки мардони ҷаҳони додвар.
Лек дар чашмони тезат хоб набвад, шоиро,
Субҳ аз рӯи ту, аз мӯи ту гардад пардадар…

## БА СЕРГЕЙ ЕСЕНИН

Шаби маҳтобу наҳри мӯи тилло,
Зи дӯши дилпарастони гуландом.
Ба як гирдоб ғарқам карду беҳуш,
Надонам кистам ман, чистам ном?

Маро ҳар зарра хоки кишвари рус
Ҳамин сон дил рабояд, ғам барорад,
Дар ин ҷо ҷангалу анҳору саҳро
Ҳароратнокии шеъри ту дорад.

Дар ин ҷо бешаҳо монанди Одам,
Тавозӯъпешаю дилҷӯю соҳир,
Аҷаб: ҳар буттагул, ҳар санг, ҳар барг
Чу шеъри Рӯдакӣ монад ба хотир.

Ба шукри ин замин, ин беша, ин об,
Ба шукри мӯи тилло, шоми маҳтоб,
Ба шукри дасти то гардун расида,
Ба шукри руси авлоди зафарёб.

Биё, шоир, ту май дар соғар андоз,
Ба мастӣ хуш бувад бикшодани роз.
Сари сӯҳбат кушо, то бар ту хонам
Зи шеъри пухтаи риндони Шероз.

Биё, нӯшем, то дигар нагӯянд
Ҷаҳон чун қартаву шоир қиморӣ,
Замон худ нағз медонад, ки моро
Ҳама мастӣ бувад аз ҳушёрӣ!

## ОСМОНИ КУШОД МЕХОҲАД

Миҷҷаҳои сиёҳи Эҳсонам[1]
Осмони кушод мехоҳад.
Дили ҳамчун кабӯтари масташ
Шоху барги нишот мехоҳад…

Бехабар ӯ зи даҳшати дунё,
Бо табассум зи хоб мехезад.
Ҳар ғуборе, ки дар диле бошад,
Бар сараш гӯӣ об мерезад.

Рағбаташ бар фазову по кӯбад,
Мекунад арз баҳри ӯ тангӣ.
Бо дилу дидаи мусаффояш
Ин ҷаҳонро куҷост ҳамрангӣ:

---

[1] Эҳсон –набераи шоир.

Ӯ табассум ҳамекунад ширин,
Ману бар гӯш гиряи сӯзон:
Гиряи кӯдакони лубнонӣ,
Ҷасади модарони пурармон.

## АХТАРИ ГАРМ

Эй худо, ин қадар ту хушрӯӣ,
Ахтарат гарм, хубу хушгӯӣ,
Чашми бодомии чу алмосат,
Ҳарчӣ дорам ба дил, ҳамебинад.
Пеши ман ҳамчу ғунча меларзӣ,
Аз насими саҳар ҳаметарсӣ?!
Хубрӯён зи тарси ҷон дуранд,
Бо гули ҳусни хеш мағруранд.
Эй сиришти биҳишт, худ фармо,
Ту чӣ метарсӣ аз диле чун мо.
Ту матарс аз макорими шоир,
То ба гардун туро барад соҳир.
Ҳеҷ гоҳе наяфканад ба замин,
Монадат байни чашм ҳамчу нигин,
Бо ту бинад ҷаҳону шукр кунад,
Ки бадонро ба хок ҷо набувад!

## КАЙ ГУЗОРАМ!..

Чашм то сӯи ҷаҳон бикшодам,
Дида рӯи Ватанам, дил додам.
Ишқ сармояи уммедам шуд,
Осмон кард муборакбодам.
Ба дифои шарафам ҳамчун кӯҳ
Аз ҳамон дам ки ба по истодам,
«Сангаму оҳанаму фӯлодам,
Сипари сарзамини озодам».[1]

То Ватан дод ба ҷонам табу тоб,
Об нӯшидаам аз саргаҳи об.

---

[1] Ин байт аз шеърҳои давраи ҷангии М. Турсунзода.

Баҳр дар як қадаҳам меғунҷад,
Кори душман ҳама дар баҳри хароб.
Фикри ман роҳ ба гардун дорад,
Бистарам бистару хуршед ба хоб.
«Сангаму оҳанаму фӯлодам,
Сипари сарзамини озодам».

Ман падардода дар он ҷанги алам,
Гар музаффар шудаам, тангдилам.
Элба аз ашки мане гулгун аст,
Пухт аз оташу хун обу гилам.
Номи ман то ба ҳанӯз ҷилвагар аст
Бари девори Рейхстаг, чӣ кунам:
«Сангаму оҳанаму фӯлодам,
Сипари сарзамини озодам».

Аз лаби рӯди Днепр то Дарвоз,
То ҳанӯз дидаи модарҳо боз.
Сӯи дар: номакашон меояд,
Бо умед даст намоянд дароз.

Кай гузорам, ки адӯи нопок,
Резад ашки ману модарҳо боз.
«Сангаму оҳанаму фӯлодам,
Сипари сарзамини озодам».

Ватан, эй дардгаҳу дармонам,
Нахли пурҳосилу пурэҳсонам.
Пояи қабри шаҳиди ту баланд
Аз ду сад «Қасри сафед», эй ҷонам.
Кай гузорам, ки адӯ кач нигарад,
Сӯи ту, модари пурармонам.
«Сангаму оҳанаму фӯлодам,
Сипари сарзамини озодам».

## ОШИҚИ ДУР АЗ ҒАМИ ШӮҲРАТ

Ҳар гаҳ аз замини пасту баланд
Ё ки аз коиноти тираву тор
Раҳгузар, кистӣ? Бипурсандам –
Ошиқам–ин ҷавоби ман такрор.

Ошиқе дур аз ғами шӯҳрат,
Фориғ аз молу давлати дунё.
Назари ман намебарад ҳаргиз,
Ҷилваи дилхурӯши гавҳарҳо.

Давлати ман дили зиёпарвар,
Сарватам як нигоҳи н-олуда.
Сарнавиштам ду байти ҷонбахшо,
Орзуям сари наосуда.

Ман аз он зумра, ки дар ангуштам,
Ҳалқаҳои нигин кунад тангӣ.
Санги бирлонту нуқраву тилло
Дӯши манро чу бори пурнанге.

Ёд дор, эй рафиқ, давраи ҷанг,
Ки кашидӣ гуруснагӣ чун ман,
Дидаҳои ба ёди орди сафед,
Мижжаҳои гузашта аз ҷавшан.

Дар ҳама, дар ҳама сиёҳиҳо,
Як умеде чу нур пайдо буд,
Бар ҳама иштиҳову нафси бадан
Рӯҳи раҳинтизор боло буд.

Ана акнун туву дар ангуштон
Зада ангуштарини тиллоӣ,
Панҷа бар офтоб медорӣ,
То нигинат кунад шафақсоӣ.

Ҳамчу як қалъабанд он ҳотам
Тану ҷонат ба банд овардаст.
Ҳалқаи морбози афсунгар
Саракат бар каманд овардаст.

Суханонат зи лаб шавад ҷорӣ,
Лутфи ту дур аз намакдонҳо.
Дили худро магар чу гулмоҳӣ
Мондаӣ андаруни яхдонҳо!

Хотами дасти мард, маъзурам,
Бешукӯҳиву ноҷавонмардист.
Як имое зи хешнашносӣ,
Гарди раҳ аз шамолаки сардест.

Дӯстон, дӯстони ҳамсолам,
Соддафикрони соҳиби давлат,
Ҳама ин сарвату шаҳоматҳо,
Ҳама ин шӯҳрату ҳама савлат,

Ҷамъ карда чу дурри шаҳворе
Пеши пои нигорҳо резед.
Бӯсаро минбари баланд диҳед,
Аз нафасҳо баҳор ангезед.

Ёр агар ним-ним ишора кунад,
То қадамгоҳи ӯ ба сар оед,
Ҳар пагоҳӣ зи бистари васлаш
Ҳамчу хуршед ҷилвагар оед.

То нигоҳи шумо ба камназарон,
Чун нигини тиллоӣ нашъа диҳад,
Дили торики васлбезорон
Аз ҷамоли шумо кушода шавад…

Ҷӯраҳое, ки дар раҳи тақдир,
Соф чун чашмаи булӯр буданд,
Аз канори шумо чу хоби саҳар,
То ба ҷое расида дур шуданд.

Дида дарёнигориҳои шумо,
Рӯзе оянд сӯи соҳилтон.
Чанги рӯ, гарди синаҳо шуста,
Тоза гардонду хушдил аз эҳсон.

## БОЛУ ПАР

Дар баччагӣ як лӯлизанак фол кушодам,
Ҳарфе чу накӯ гуфт, аз ӯ бол кушодам.

Чун моли парвоз шудам,
Гуфт: даме ист!
–Медонӣ, ки ин болу пари тоза туро чист?

Гуфтам, ки:–На!
Ӯ гуфт, ки ҳар зодаи инсон
Бо болу пари хеш биёяд ба ҷаҳон.
Лек ту медон:
Болу пари инсон на бари ризқи ҳаром аст,
Не баҳри ҷаҳиш аз сари як бом ба бом аст!
Болу пари ӯ баҳри худи ӯст, ки худро
Боло барад аз пастию бадномии дунё.

## ОТАШ МЕЗАНАД

Ӯ ба ҳар як ҷисми бебунёд оташ мезанад,
Бар бисоти хӯла чун Ҳаддод оташ мезанад.

Решаи макру риёву бухл месӯзад чу хас,
Дасти имдод аст, бар бедод оташ мезанад.

Нӯҳ фалак дар ихтиёри ӯст, ҷавлон мекунад,
Ҳарчӣ бар кас оварад иснод, оташ мезанад.

Розпарварди замину нозпарварди замон,
Ин сари боло ба ҳар бадзод оташ мезанад…

## ДЕҲА

Деҳа дар зери об хоҳад монд,
Як ҷаҳон гап ба хоб хоҳад монд.
Хоки мардум баланд хоҳад шуд,
Меравад таб ва тоб хоҳад монд.

Орзуи ба хок бурдаи халқ
Арчаву фарқу бед мегардад.
Шомҳои сиёҳи маҳҷурон
Дар сари мо сафед мегардад…

## СИЧАРОҒ

Бо Сичароғи шӯълафикан марди кӯҳсор
Оварда рӯ ба ҷониби ҳар фарди раҳгузор,
Мегуфт: –Ҷони ман шаву меҳмони ман бишав,
Ҳамраҳ ба сар барем дам аз гашти рӯзгор.

Дар кулбаи фақирии пур аз муҳаббаташ,
Меҳмони хеш, гӯ, ба сари тахт менишонд.
Нон мешикасту қисса ҳамебасту бо ҳавас
Ҷанги дилу ғубори мусофир ҳамефишонд.

Он сӣ чароғи марди накӯ шӯъла мезанад,
То ҳол дар садоқату имони тоҷикон.
Меҳмон барои мардуми тоҷик ато бувад,
Дар гирди хони тоҷике ҷо мешавад ҷаҳон.

## ЧАНГ ЗАНАД ДИЛ
## БА ГИРЕБОНИ МАН

Ёр аз ин кӯча гузар мекунад,
Бӯи гулу бӯи саҳар мекунад.
Дар раҳи ӯ чор ду чашми сарам,
Омадану рафтани ӯ бингарам.
Ёр вале сӯи мани дилшуда,
Сӯи мани ҳайкали аз гил шуда,
Аз ҳарами моҳ назар мекунад,
Чун шарари оҳ гузар мекунад.
Чанг занад дил ба гиребони ман,
Гӯядам:–Эй ҳамдами нодони ман,
Аз чӣ варо дида ту ларзидӣ боз,
Аз чӣ накардӣ ба вай арзу ниёз?
Аз чӣ нагуфтӣ, ки ту солест чанд
Об шуда, дар раҳи ӯ банд-банд
Хӯшаи уммед калон мекунӣ,
Пир шуда ишқ ҷавон мекунӣ?
Ман дилаки хеш тасалло диҳам,
Кӯдаки худ ваъдаи ҳалво диҳам.
Гӯямаш:–Эй мурғаки беболу пар,
Сабр намо, боз биёяд саҳар.

Ин сафар, албатта, варо дида ман
Арз кунам, ҳар чӣ ки дорам сухан.
Дил, ки зи аҳволи манаш огаҳ аст,
Ҳарфи маро бишнида хандид маст.
Гуфт: надорам ба ту ман боварӣ,
Чашма бигӯию ба чӯлам барӣ.
Гуфтамаш:–Эй дафтари нохондаам,
Аз сафари ишқ қафо мондаам.
Ҳоли маро донӣ ту беҳтар зи ман,
Хоҳӣ ту, дарё бикунам аз сухан.
Лек варо дида бад-он карру фар,
Об шавам, об чу ҳалвои тар.
Дида варо ин сари мағрури ман,
Ин сари аз бими аҷал дури ман
То ба сари зонуи ман хам шавад,
Оташи ман бистари шабнам шавад.
Нест мадоре, ки ба ӯ гап занам,
Панҷа ба сарпанҷаи матлаб занам.
Вақти ҳамин кашмакашу бурру дӯз,
Шом рабуд аз назарам рахти рӯз.
Даст задам боз ба гесӯи шаб,
Карда ман аз худсарӣ худро талаб,
Аз бари домони замин доштам,
Байрақи уммед барафроштам.
Нест бақодор чу умри башар,
Аз чӣ маро бим зи як раҳгузар.
Субҳ шавад, дошта аз раҳ варо,
Гӯямаш асрори дилам ҷо ба ҷо:
–То ба куҷо қад-қади ин роҳ ту,
Рағза кунӣ тори дил, эй моҳ, ту,
Хонаам ин аст, ки дар роҳи ту,
Бод аз ин рӯз қадамгоҳи ту.
Байни ҳамин васвасаю ин хаёл
Гоҳ зафар ёфт, гоҳе завол,
Шамъ шудам, шӯъла барангехтам,
Дар варақи дафтари худ рехтам.
Шарфаи пою қадами субҳидам
Бурд зи ман хобу зи ҷо хестам.
Раҳбаладам шавкати Фарҳод шуд,
Ҳамсафарам ҷуръати Ҳаддод шуд.

Бар сари раҳ омада дидам варо,
Сурати девор шудам ҷо ба ҷо.
Ёр вале тез гузар карду рафт,
Боз маро қатъи назар карду рафт…

## ХӮШАҲО

Гандум кашида сар, замин чун баҳри ахзар аст,
Ҳар дил шикори ҳусни ин зебойманзар аст.
Ҳар дон гирифта хӯшае андар кафи сабо
Раққосаест, пайкараш аз дурру гавҳар аст.

Амвоҷи баҳри гандуму саҳрост дилфиреб,
Деҳқон ба завраќи умед ин ҷо шино кунад.
Ҳар кас гузашта меравад з-ин баҳр бехаёл,
Шоирситода худ ба худ андешаҳо кунад:

–Оё замин ба хӯшаҳо додаст ин ҷило,
Ё ҳастии замин бувад дар дасти хӯшаҳо?!

## ОЙИНИ ИШҚ

*Ба устод М. Раҳимӣ*

Боли шоҳини фард ёрам буд,
Ба шикори кабӯтарон моил,
Ба сарам чанги Каҳкашон мерехт,
Дар замину само будам соил.

Он қадар дур мешудам аз хеш,
Ки сару пои худ намедидам.
Сар ба зонуи бод бинҳода,
Гули мақсад ба хоб мечидам…

Зулфи хубон чу бе садо бишкаст,
Чашми дил сӯи даҳр бикшодам.
Ваҳ, ба дарёи бекаронаи ишқ
Ба умеди паноҳ афтодам…

Оини ишқ покбозам кард,
Мурдану зистан шиорам шуд.

Шодии мардумона раҳбаладам,
Ғами мардум ба сина борам шуд.

Накҳати зулф аз сабоҳи сухан
Нашъа бахшиду шавқ парвардам.
Ман кунун дар саросари олам
Раҳ-раҳи дил пиёда мегардам…

Кирми шабтоб шуд аз он пирам,
Ки шаби тира роҳ афрӯзад.
Ҳамдами шӯълаи мазорам ман,
Ки ба ёди рафиқ месӯзад…

## АГАР МАН ҚАД ФАРОЗАМ…

Маро бигзору рав, бигзор, то бар ҳоли худ монам,
Агар тилло бипошӣ бар сарам, ман ҳеҷ натвонам.
Ба кӯи одами бефазл аз баҳри тамаъ рафта,
Худамро тифли гумраҳ гӯяму ӯро падар хонам.

Маро аз ин ҳунар дер офариданд, лойи хомам ман,
Нагардам пухта гар сад сол ҳам дар ин алав монӣ.
Чароғи худ даме равшан кунам аз партави нокас,
Ба чашмам тира метобад рухи хуршеди авлонӣ.

Муросое накардам гар ба шахси аз вазилат дур,
Мапиндорӣ ки шамъи хирасӯзам, душмани рӯзам.
Яке аз кундаҳои фарқи кӯҳсорам, ки дар базми
Ҳақиқатошноён то саҳар чашмак занам, сӯзам.

Мадорое накардам гар ба шахси аз фазилат дур,
Мапиндоред, то ман оби шӯрам, панҷаи хорам.
Агар ман қад фарозам по ба доман мекашам чун кӯҳ,
Агар ман хам шавам, афтодае аз хок бардорам!

## ШОИРОНЕМ

Бар ҳақиқат мо забонем
Бо сари пиру дили кӯдак ҷавонем,
Ҷуз китоби меҳру инсону Ватан мо
Дар замину осмон,
Дафтари дигар нахонем.
Ин гуноҳи мо набошад,
Ки ҷаҳон шуд нобаробар.
Тӯдае дар қаъри зиндон,
Тӯдае дар тахту минбар.
Тӯдае резад хуни худ
Баҳри озодию аммо аҳли дигар
Хоҳад озодии инсонро харад
Бо симу зар!
Шоиронем.
Рӯзи сахтии Ватан мо
Гушнагони нонталабро,
Тифлакони хушклабро,
Бо дами ашъори ширин сер кардем,
Гарчи дар марги зану фарзанди худ мо
Дер кардем.
Ин гуноҳи мо набошад,
Ки касе бо чашми бино,
Шӯриши дарё набинад,
Сабза аз саҳро начинад,
Шаб равад танҳо бихобад.
Рӯз хомӯшӣ гузинад.
Хешро оқил шуморад.
Аз касон боло нишинад!
Шоиронем.

2

Аз нахустин рӯзи оғози ҷаҳон
Бо худоён душмани ҷон:
То ҳанӯз аз қисмати Фирдавсӣ
Хун гиряд қалам,
То ҳанӯз аз шеърҳои Рӯдакӣ
Хезад фиғон.

Ин гуноҳи мо набошад,
Ки кунун дар хоки Юнон,
Дар бари Суқроту Гомер,
Кўрақлони нажанд,
Шеърро бар дор овезанду
Шоирро ба зиндонҳо баранд.
Шоиронем.
Бо дами «Аврора» гўши осмон
Ҳарфи моро ҳам шунид.
Шеъри мо чун хуни гарми инқилоб,
Бар дили мардум давид:
–«Эй ситамдидагон, эй асирон,
Вақти озодии мо расид».
Ин гуноҳи мо набошад,
Гар касе девона шуд,
Хоки Чини мардпарвар
Чун аҷоибхона шуд,
Номи Лу Син–ёвагўю
Аблаҳе фарзона шуд!
Шоиронем.
Ҳиммати моро набардорад замин,
Дода бар холе Самарқанду Бухоро,
Баҳри ёри тоҷик овардем мо
Қитъаҳои Осиёву Африқо.

3

Ин гуноҳи мо набошад,
Ки касе номард рўяд,
Дидаҳои оташинро,
Синаҳои ғамкаминро,
Ҷўшиши қалби заминро
Сард гўяд!
Шоиронем.
Буд айёме, ки моро кўр карданд,
Аз Ватанҳо дур карданд,
Бурда бар дарё фикананд,
Аз сари чарҳо фикананд.
Дўхта лабҳои моро
Зинда ҳам дар гўр карданд.
Боз мо номурда,

Бар шоми ғарибон нур гаштем,
Нолаҳои арғунуну нағмаи танбӯр гаштем.
Шоиронем.
Беҳазар аз корҳои носавоб,
Давлати умри ҷавонӣ,
Лаҳзаҳои пуртавонӣ,
Медиҳем, гоҳе зи дасти хештан,
Дар канори бевазанҳо
Дар сари ҷоми шароб!
Лек рӯзи ҳифзи меҳан,
Зидди хасми беамон,
Синаи мо тирдон гардад,
Забони мо камон.
То ҳанӯз аз корзорони Русия,
Аз дару девори Берлин,
Аз дили гарми Днепр,
Аз канори Волга–он дарёи хунин,
Мешавад чун шӯъла пайдо,
Шеърҳои нотамому оташин!
Шеърҳое, ки дар онҳо то ҳанӯз
Зиндааст ишқу умеду орзу–
Орзуи васли дилбар,
Орзуи рӯи модар,
Орзуи зинда гашта бори дигар
Ҷон ситондан аз адӯ!

4

Гоҳ мегӯянд:
шоир,
Шахси гарданғафсу фарди худпараст,
Рост, оре, гардани Мӯсо
Дами теғи фашизмро шикаст,
Шеъри Ҳикмат чун гули озодӣ
Дар девори зиндон бор баст…
Гарчи моро дил чу дарё,
Пайкари мо қуллаҳое, ки
Бидорад осмонро.
Гар қирони ахтарон будаст давре,
Нест айби шоирон.
Ин гуноҳи сустаҳдии фалак,

Ин гуноҳи осмон.
Шоиронем.
Бар ҳақиқат хешу ёрем,
Ҷонфишону сарбадорем,
Ҷуз китоби меҳри
инсону Ватан мо
Дар замину осмон,
Сарвати дигар надорем!

## НЕСТ БОД, ЗИНДА БОД

Нест бод аҳду муросои тамаъолуда,
Нест бодо сари дар ин ду бало осуда.
Нест бод азму талоше, ки бувад беҳуда,
Нест бодо сафари дури раҳи паймуда!

Зинда бодо нафасе, к-аз дили беғаш хезад,
Аз дамаш шӯъла ба хору хаси раҳ ангезад.
Об аз рӯи яхи мурдапарастон резад,
Ба касе дода ҳаётеву ба худ омезад!

Зинда бодо сари аз дор ибо нокарда,
Ки ҷаҳонро зи баландеш нидо нокарда,
Меравад таъна ба меҳробу калисо карда,
Мебиёяд раҳи афлок таҳи по карда.

Зинда бодо амале, к-аз ҳаваси худ дур аст,
Решаи токи баҳориву сари ангур аст.
Аз тамаъ холиву аз шурби саховат лабрез
Мисли устод ҷаҳонбин бишавад, гар кӯр аст!

Зинда бодо сафаре, ки раҳи нав фарсояд,
Сар–сари теғи аҷал пайраҳаҳо паймояд.
Бо раҳи «рафту наомад» раваду боз ояд,
Чашми мардум ба ҷаҳони дигаре бикшояд!

## ОҲАНГИ ДИГАРАМ

Сарҳои хокгаштаро ман ёд мекунам,
Хотир ба ёди неки рафиқ шод мекунам.

Гар бар касе ғаме расад, фарёд мекунам,
Вайронаи дил аз ҳамин обод мекунам.

Ман зодаи ҳақиқату тӯфонии худам,
Дар ҷодаи садоқати инсонии худам.

Андар миёни оташу тӯфони даргузар
Пайроҳа карда баҳри ман аз хуни худ падар.
Аз роҳи нек нагашт, то буд дар сафар,
Ҳаргиз натофт чашми ӯ бар косаи дигар.

Соил наям, ки арзи худ бар ҳар даре барам,
Ман дар шикасти сози худ оҳанги дигарам.

Хуршед гашта меҳанам аз заррапарварӣ,
Дасти адӯ намерасад бо зӯру бо заре.
Акнун ба ишва омад ӯ дар сурати парӣ,
Моро куҷо адо кунад ин расми дилбарӣ.
Садҳо ниқоб ҳам кашад хасми забуни ман,
Донам, ки ӯст ташнаи иқболу хуни ман.

Бар рӯҳи поки Зоя, ки ӯ буд хоҳарам,
Бар хоки поки Неъмати ҳамболу ҳампарам
Бар хандаҳои тифламу бар қаҳри дилбарам
Савганд мехӯрам, савганд мехӯрам,

Савганд мехӯрам, ки ман хушдори меҳанам,
Навбатгузори сарҳади бедори меҳанам!

## НИГОҲИ ТОЗА

Шоирам–чашми замонам,
Огаҳ аз пасту баландии ҷаҳонам.
Аз муҳаббат бар Ватан
Сахт гашта устухонам.
Дӯстон, ҳар ҷо ки бошед,
Як нафас хезед аз ҷо.
Бе муросо, бе мадоро,
Дидаҳо бар дида дӯзед,
Шӯълаҳо аз дил фурӯзед,
Кинаю рашку ҳасадро

Бо нигоҳи тоза сӯзед!
Илми фарзандони меҳан,
Боз эҷози дигар кард.
Олами афсонаҳоро
Дар ҷаҳон зеру забар кард!
Байраҷи дохундагонро,
Ҳусни шӯрозодагонро,
Партавафшон дар камар кард.
Душманони бахти инсон,
Дида бикшоед, як бори дигар,
Мо на бар Маҳ, бар баландӣ мерасем,
Моҳро андар баландӣ
Мекунем бо худ баробар.
Дӯстон, ҳар ҷо ки бошед,
Сар фарозед!
Сар фарозеду ба сарҳо
Осмони бекаронро
Боз болотар кунед!

**ШОИРА**

Табъи мавзуну суханҳои латиф,
Мешавад бо қадди раънояш радиф.
Абрувонаш ҳамчу байти обдор,
Синаҳоро менамояд киштзор.
Оразаш авроқи дафтар мекашад,
Мижаҳояш хатти мистар мекашад.
Шеър мерезад зи лаъли шаҳдбор,
Ғарқ мегардам дар оғӯши баҳор:
Бӯи райҳон боз мастам мекунад,
Чашми наргис боз қасдам мекунад.
Боз меоям бурун аз хештан,
Боз мегирам ба худ ранги чаман,
Бо дами шаббода бозӣ мекунам,
Ғунчаҳоро дилнавозӣ мекунам,
Ҳар дам аз шавқи висолаш ахтарам,
Сӯи Сайҳун, сӯи Ҷайҳун мепарам.
Нола аз лаъли сухандон мешавам,
Ҳола гирди моҳи тобон мешавам.

## СОҲИБДИЛО...

Соҳибдило, биё,
Бе рӯю бе риё.
Бо ман даме нишин, ки ман
Эҳсоси нозирам,
Ман шеъри шоирам.
Чун дасти чоракор,
Чун чашми эътибор,
Чун бӯи навбаҳор,
Вайронаҳои синаҳо обод мекунам,
Мурғи тараб ба боғи ту фарёд мекунам.
Ман шеъри шоирам,
Бар гиряҳои Рӯдакӣ,
Бар хандаҳои Наср,
Чун шахси нозирам.
Ман шеъри шоирам,
Аз зери теғи тез
Аз пеши тӯпу тир,
Аз байни обу оташу
Тӯфони тезгир,
Аз зери бори асрҳо
«Шаҳнома»-рову шоири беқадргаштаро
Ин ҷо расондаам.
Бар тахти шони
Давлати дилҳо нишондаам.
Ман шеъри шоирам.
Умре ба шоҳу маснади ӯ
Ман қасд кардаам,
Худро ба аҳли камбағал
Ҳамдаст кардаам.
Дунё дили шикаста буд
Пайваст кардаам!
Ман шеъри шоирам,
Эҳсоси нозирам:
Дар даврае, ки гушнагӣ
Мири ҷаҳон будӣ,
Сер аз гуруснамаргии
Озодагон будӣ,
Дунё чу кулбаи хасис

Сарду хазон будӣ,
Аз мӯриҳои хонаҳо ман дуд кардаам,
Сад маргро ба шӯълае нобуд кардаам.
Рӯзе, ки Юсуфи Вафо
Бар васфи инқилоб
Бе рӯю бе риё, зи ҷон
Бинвишт сад китоб,
Ман ёвараш будам.
Болу параш будам.
Ман шеъри шоирам,
Эҳсоси нозирам…

**ТО НЕК БА КОР ОЯМ…**

Як коса тараб дар дил,
Як коса тараб дар даст,
Бар кор барам ҳар рӯз
Бар хона биёрам пас.

Аз абр ба сар қарсе,
Чун модари ман кӯҳҳо
Гӯянд, бар оҳиста
Бори тараби худро.

То коса зи дасти ман,
Н-афтад ба замини сахт,
Аз рӯд садо ояд,
Эй бахт, туро, эй бахт.

Бар хок марезонаш,
Ду дида ба раҳ медор.
Таъкид кунад чашма,
Такрор кунад ҷӯбор.

Садсола чинор аз раҳ
Панде диҳадам ҳар гоҳ:
Бинмо тарабат қисмат
Бар оламу одамҳо.

Ду чашми ҷаҳон бар ман,
Чун рӯз ба сар созам?
Ду чашми замон бар ман,
Чун шодии худ бозам?

Ман косаи меҳрамро
Резам ба сари мардум.
Ман шарбати ҷонамро
Резам ба сари мардум.

Аз ҳар нигаҳи беғаш,
Аз ҳар сухани ширин,
Лабрез кунам аз нав,
Ин дасту дили бекин.

Эй он ки дучор ойӣ,
Бар дида нигар озод,
Ман аз ту шавам хуррам,
Аз ман ту шавӣ обод.

Ай нуркаши Норак,
Лаб во ба табассум кун,
Аз хандаи ман пур шав,
Дар хеш маро гум кун.

Дасти ту ба ғорат бурд
Вайронии Вахшеро.
Аз партави Норак шуд
Шабҳои ҷаҳон кӯтоҳ.

Ҳоло сухан аз Роғун,
Афсонаи пурафсун.
Чун барқ равад, бингар,
Бар ҳар дили тор акнун.

Ай душмани рӯшноӣ,
Ай карда ба зулмат хӯ,
Санги бағали худро
Афканда биё ин сӯ.

Чанги ҳасаду кина,
Аз ҷони ту афшонам.
В-он қаҳри лабонатро
Бо нур бихандонам.

Ман номабари шодӣ,
Барҳамзани андӯҳам.
Ман ҳамнафаси чашма,
Ман ҳамҷигари кӯҳам.

Ай масти хаёли худ,
Бо деви худӣ бистез,
Дар партави ман биншин,
Аз сояи худ бигрез.

Ай ҳокими Мирзоҷӯл,
Паҳноии ҷӯлат ман.
Ай коргари Анзоб,
Пайванди шукӯҳат ман.
Ман шоираму чун дил
Дар сина ғами мардум.
Ман зиндагари хокам,
Ман додраси анҷум.

Сад пора шавам ҳар рӯз,
То нек ба кор оям,
Аз хеш бадар гашта,
Бо дӯст дучор оям.

## АГАР ДАР БАЗМИ ГАРДУН МЕРАВӢ

Ту он дам ки ба дунё омадӣ,
                    аз ин замини мо
Ба гардун бор бастӣ  киштиҳои осмонпаймо.
Ту чун во кардӣ чашмат,
                    чашмакат зад
Чашми сабзи телевизор–оинаи дунё.
Туро мавҷи нигоҳ омехт
                    бо антеннаҳои мавҷгиранда,

Ту по мондию ҳамсолони додои ту
Рафтанд аз замин бар сӯи ахтарҳо.
Бадар шуд аз сарат даҳ соли ҷаҳду илмомӯзӣ,
Ту андар чорсӯ истодаӣ,
андешаҳо дорӣ.
Тамоми роҳҳо дар ихтиёрат, роҳ мепаймо,
Зи домони Душанбе то БАМ-у Камчаткаю Маскав,
Туро ин рӯзҳои равшану шабҳои лимӯӣ,
Туро дорулфунуну домнаҳои барқборанда,
Бирав бикшой худро ту, чӣ мехоҳӣ, чӣ меҷӯӣ.
Агар аз худ ту рафтан хоҳӣ, истову таҳаммул кун,
Агар бо худ расидан хоҳӣ, мерав, роҳҳо бисёр.
Агар дар дил ғазаб дорӣ, ғазаб кун дар раҳи паймон,
Бисоти ту агар ишқ аст, моро низ кун саршор.
Фазо хоҳӣ, фазо дар ихтиёрат, ҷилвагартар шав,
Ситора хоҳӣ, рав, исторaҳои тоза бар даст ор.
Чу дар кунҷи фалак маснад гузинӣ, рӯ матоб аз мо.
Валекин бохабар шав аз нигоҳи ахтари думдор,
Агар дар базми гардун навбат ояд бар сухангӯӣ,
Сухан аз хокдону одамони хок авлотар,
Зи бобоят, ки буд ӯ Аскари Сурхи қаторие,
Зи бибият, ки то ҳоло нишаста дидаҳо бар дар…

## ЧОРМАҒЗИ ДАРЁӢ

Дар лаби дарё ту ҳар сӯ кокулафшон мешудӣ,
Кай хабар будат зи ҳоли ташнагони рӯзгор,
Навдаҳои серборатро ба об андохта,
Гӯш мекардӣ навои мавҷҳои беқарор.

Шод будӣ, ки лаби дарё бувад маъвои ту
Рӯзи гармо сояат мерафт бар оби равон.
Шохаҳоят пур будӣ аз чормағзи коғатак,
Бар сарат ҳаргиз намеафтод санги баччагон.

Чархи гардон чарх гашту дасти одам аз барат
Бурд дарёро ба сӯи чӯлҳои ташналаб.
Дар биёбон гарм гашта сӯҳбати гулпарварон,
Сард шуд ин ҷой бозори ту, эй дасти талаб.

Пир гаштӣ, навдаҳоят хушк, баргат зард шуд,
Дарди аз ёрон чудоӣ акнун омад бар сарат.
Шуд канори ту биёбон, э куҷо шуд сояат?
Баҳри тифлон санграс гаштӣ, куҷо шуд меваат?

## УМРИ ҶОВИД

Асри бистум, таркиши ядрову атом
Хавфи марги мудҳиш аз сарҳо бадар кард.
Шуд сафи умриабадхоҳон зиёда,
Ақлҳоро ҷо ба ҷо оварда, гӯё ҷаҳлҳоро мухтасар кард.

То ману ин пахтазору кӯҳсору одамонанд,
Умри ҷовид? Умри ҷовидро нахоҳам.
Бар сарам ар бомбаи атомӣ таркад ҳам, накоҳам.

Баҳри ман як умри одам,
Чашми равшан, дасти маҳкам
Бас бувад дар рӯи олам, то диле бар даст гирам,
Дар ҷаҳон як бор бар по хезаму як бор мирам.

Умри ҷовидро аз ин рӯ на ба ман,
Рав, рав онро бар хасиси бепадар деҳ!
Бар, ба худкоми зи дунё бехабар,
Бар сабукбороні бепарвоназар деҳ!

То ки онҳо дар сари паймони худ,
Дар тарозуҳои бемизони худ,
Дида бори давлати арзони худ,
Ҳар нафас, ҳар рӯз миранд,
Дар ғаму афсӯс миранд.

## ОСТОНИ БАЛАНД

Аз ҳамин кулбаи кӯҳистонӣ
По ба дунё ниҳода дил бастам.
З-остонаш кашида пайраҳае,
Сари онро ба даҳр пайвастам…

То дар ин кӯҳпора як умре
Соҳиби шодию ғамаш бошад,
То ба дастони хеш ғундорад,
Донае ки ба хок мепошад.

Рафт, дар остони Берлин мурд
Акаи навхату пуруммедам.
То ҳанӯз рез-рези ғам дорад,
Шаби тӯю сафедаи идам.

Мардпарвар, шарафнигаҳдоранд
Дари беқулфу чордевораш.
Сайргоҳи кабӯтарон умре
Пардабоми чу дида ҳамвораш.

Болу пар дода бар писарҳо ӯ
Мефиристад ба хизмати кишвар.
В-он яке дар Усури сарҳадбон,
Дар кучое ракетазан дигар.

Шаҳсутунаш зи чангали рус аст,
Васса, болораш ояд аз Карпат.
Курсии ӯ зи санги кӯҳистон,
Бар ҷаҳон аз баландӣ менигарад.

Ватанам чун бувад зи Қутби Шимол
То ба пайроҳаҳои Урметан,
Зӯри ман мерасад ба дунё, лек
Зӯри дунё намерасад бар ман!

## БӮЙИ НОН

Солҳое, ки Ватан дар ҳифзи ному нанг буд,
Танг ҳоли халқ аз дасти балои ҷанг буд.
Дар ҳамин айём, дар як рӯзи пурфайзи баҳор,
Гушнагӣ бо дасти шахшӯлаш рабуд аз ман мадор.
Бо дили холӣ, сари пурорзу биштофтам,
Суфраю дегу табақҳоро саросар кофтам.
Тоза будӣ суфраҳо чун суфраи пайғамбарон,
Соф будӣ косаю дегу табақ чун осмон.

«Очаҷон, ку нони ҳаққи чоштгоҳонии ман?»
Лек аз модар гирифтам ман ҷавоби бесухан.
Ман ба ин нокарда бовар боз гаштам беқарор,
Ҳамчу мурғи пойсӯхта медавидам ҳар канор.
Даст бурдам ин замон бар сандуқи чӯбинамон,
Бар машомам ногаҳон аз дур омад бӯи нон.
Ман аз ин бӯ нашъаи нав, қувваи нав ёфтам,
Чаппагардон карда сандукро ба сӯзан кофтам.
Резаи ноне набуд ин ҷо, валекин бӯи нон
Дод бар ҷонам ҳаловат, дод бар ҷисмам равон.
Ҷанг охир гашт, аҳли кишварам масрур шуд,
Хонаҳо аз нозу неъмат пур бишуд, маъмур шуд,
Ман калон гаштам, кунун олам расад бар доди ман,
Лек он бӯи муаттар кай равад аз ёди ман!

## НОН ДОРӢ–НОМ ДОРӢ

Нон дорӣ–ном дорӣ, ин шиори тоҷикон
Медиҳад акси садо аз қаър, аз қаъри замон.
То биёбад нону соҳибном гардад дар ҳаёт,
Халқи ман ҳатто фидо мекард дар ин роҳ ҷон.

Раҳмате то ки бар авлоду бар аҷдодаш расад,
Номи некаш то равад аз деҳа бар деҳи дигар,
Дар сари раҳ хонае ороста бо сад ҳавас,
Ними нони хеш меовард баҳри раҳгузар.

Гар худи ӯ гушна мехобид, лекин шод буд,
Ки ба афғони касе гардид гӯё додрас.
Мақсад аз ин номхоҳиҳо набудӣ карру фар,
Бар ғами якдигарӣ иқрор будан буду бас…

## ЗИНДАЯТИМОН

Қувва, ки бахшид ба мо бӯи нон,
Зинда расидем чу бар кӯи нон,
Ғалла сарак баставу навконӣ шуд,
Пухт туту боз фаровонӣ шуд.
Ташвиши нон аз сари мо гашт кам,
Заҳмату андӯҳи дигар гашт зам:

Кӯча ба кӯча зада мо, бачаҳо–
Зиндаятимони таҷанги боло,
Шому саҳар милмилаки раҳ будем,
Аз ҳамаи кору гап огаҳ будем.
Бачча будем, лек куҷо баччагӣ?
Буд сари тифливу ғами зиндагӣ.
Ҳам падари хеш будему писар,
Бар шафати шоми сияҳ чун саҳар,
Дар ғами он, ки чӣ биёяд хабар
Аз амаку аз акаву аз падар.
Буд дари почта даргоҳи мо,
Номбараш ҷӯраи дилхоҳи мо.
Ҷӯраи мо омада худ аспакӣ,
Ними табассум ба лабаш қалбакӣ,
Хӯрҷини худро чу ҳамекард боз,
Гашта ба сӯяш ҳамаи мо дароз,
Нома талабгор будему хабар,
Аз амаку аз акаву аз падар.
Ҷӯраи мо хӯрҷини худ карда боз,
Кард фақат як-ду касе сарфароз.
Бо хабаре, ки падараш зиндааст,
Медиҳад ӯ бар сафи душман шикаст.
Боз аз ин хӯрҷинаки муждадор
Нолаи ҷонсӯз баромад қатор:
Хатти сиёҳи падари даҳ писар,
Фавтидани се писари як падар.
Синасипар мурдани домодҳо,
Гум шудани якка «худододҳо»,
Инчунин оҳанги ҷигарсӯзи ҷанг
Мезадӣ бар косаи ҳар хона санг…
Дар даҳани шеру умеди наҷот,
Дар шафати маргу талоши ҳаёт,
Мо наҳаросида калон мешудем,
Бо раҳи уммед равон мешудем.
Байни ҷадал зери ҳазорон хатар
Боз расидем ба рӯзи зафар…

## АНДЕШАИ ФАРДО

Хушк шуд ашки ятимони таҷанг,
Дод сар гушнагӣ моро аз ҷанг.
Он ятимони падаргумкарда,
Шом нодида, саҳар гум карда,
Ҳама андешаи фардо кардем,
Машъал аз ёди падарҳо кардем.
Хуни гарми тани меҳан гаштем.
Бахягар риштаю сӯзан гаштем.
Боз то аз кафи мо нон наравад,
Ҳамраҳи нон шарафу шон наравад,
Пеш аз мӯлҷари худ гашта калон,
Биншастем сари рули замон.
Шуд замин дар кафи мо дастархон,
Сурх шуд рӯи Ватан чун рухи нон.
Сер карда ҳамаро сер шудем,
Шоҳбозони фалакгир шудем.
Боз андешаи фардо дорем,
Машъал аз ёди падарҳо дорем.

## ҲАВАСИ МӮЙШИКОФӢ

Гурзи ҳафсадманиии Рустами Достон бар дӯш,
Панди бо дӯст ҳаводории Саъдӣ дар гӯш.
Ишқи туркони қабопӯш чу Ҳофиз дар дил,
Ҳаваси мӯйшикофӣ ба сарам аз Бедил,

Омадам сӯи ту, эй пир, биёбони қазоқ,
Сафҳаи тозаи айёми ман, эй хони қазоқ.
Роз хоҳам, гираҳи дил бикушо, роз бигӯ,
То ҷавонии туро бинам, аё ҷони қазоқ.

Сафҳаат боз кун, эй дафтари асрори куҳан,
То бидонам, ки ту дар дасти замон мардӣ, зан?
Зани бечораи гумроҳ агар будӣ ту,
Тоб н-овардӣ ба зери суми аспи Катаған.

Марди пурзӯри ватанхоҳ будӣ, ки бар дӯш
Бори тӯфон, ситами барф кашидӣ хомӯш,

Сина бар бод ниҳодиву таваккал ба худо,
Ки дар ин аср насибат набувад ҷӯшу хурӯш.

Будӣ беҳавсалаву тирадилу ноҳинҷор,
Сард чун барфи зимистон ба рухи поки баҳор.
Чашм пӯшидаву мерафтӣ ба хоби ғафлат,
Лак бар сӯи ту буд чашми дигарҳо бедор.

Чашми танге, ки синон аз сафи миҷгон мекард,
Домани паҳни туро ҳифз ба сад ҷон мекард.
Лек чашми дигаре мижжа ба ҳам нобаста,
Рӯзу шаб роҳи ғуломии ту осон мекард.

Бод аҳсант ба Кипчоку ба Найманҳоят!
Ҷон ба каф карда бидоданд ба дилҳо ҷоят,
Монд ҳамчун ғазаби халқи ту бар аҷнабиён
Боди пурдаҳшату тӯфони аҷалпероят.

Омадам сӯи ту, аммо на ба ҷанг омадаам,
Тоҷики кӯҳпараст аз сари санг омадаам.
То барам васфи туро бар дараву қуллаи кӯҳ,
Аз лаби чашмаву аз зери заранг омадаам…

Укдаи рози дилатро бари ман боз бикун,
Хешро бо дами Омую Сир анбоз бикун.
Ё арӯсе шаву мерақс ба сози дили ман,
Ё навое шаву бо тори дилам соз бикун.

Ту пурасрорӣ, ман асрори туро медонам,
Аз нигоҳи ту ҳама рози туро мехонам:
Ту на он марди хасисӣ, на зани оҷизӣ,
Паҳлавон карда туро қудрати ҳамсолонам.

## ЯК РӮЗ ДАР ХОКИ НАВКОРАМ

Ба саҳро субҳ чун омад падидор,
Назар андохтам бар хоки навкор.
Замине нарм дидам чун зағора,
На аввал ҳаст онро, не канора.

Ба сӯям бод дар каф чанг омад,
Зафар карда магар аз ҷанг омад.
Накарда фарқ он мизбону меҳмон,
Ба ҳар кас мешудӣ дасту гиребон.
Замини хушк чун пири хуморӣ,
Ту гӯӣ, дошт ин дам интизорӣ,
Табиат чун зани бофанда ногоҳ
Кашид аз абр чатре бар сари мо.
Дигар шуд ин замон авзои гардун,
Кашида аз камар шамшери пурхун,
Қабои абр бераҳмона буррид,
Зи кораш шод гашту тез ғуррид.
Баногаҳ рехт ҳамчун сел борон,
На бороне, ки будӣ накҳати ҷон,
Агар он ҷон набудӣ, аз чӣ рӯ пас
Биёбон чун арӯси хубу қадрас
Ба истиқболи ӯ бархост аз ҷо,
Табассум дар лабонаш гашт пайдо.
Фазо холиву борон гашт хомӯш,
Чу қалбе хоки навкорам бизад ҷӯш,
Кушод абрӯи худ пири хуморӣ,
Зи васли гарми борони баҳорӣ.
Назар кардам зи нав бар хоки навкор,
Ҷаҳони дигарам омад падидор,
Ки онро ибтидо ҳаст, интиҳо не,
Агар гӯям само, аммо само не.
Ба ҳар сӯ гарм базми ахтарон аст,
Ба хок афтода шамсу ноаён аст.
Баҳоре дораду булбул надорад,
Насими боғу бӯи гул надорад.
Вале ман нолаи булбул шунидам,
Ҳавои боғу бӯи гул шамидам.
Зи миҷгонҳои пурчанги ҷавонон,
Зи рӯи сурх, аз лабҳои тафсон,
Диле, ки солҳо мекофтам ман,
Дар ин ҷо байни ёрон ёфтам ман…

## ҶАВОНӢ

Эй дил, ба ҷаҳон баро, сафар кун,
Аз чӯли қазоқи ман гузар кун.
Бикшода забони тезу бурро,
Овоза намо ба аҳли дунё,
К-одам ба ҷаҳон ҷавон бимонад,
Пояндаву ҷовидон бимонад.
Рав, кӯб дари ҳамон касоне,
Гӯянд, ки меравад ҷавонӣ.
Бо мӯи лабони навдамида,
Бо шонаи паҳни кордида,
Бо дасти дарози тобовар,
Пироҳани фатҳи чӯл дар бар,
Дар ҳусни баҳори бехазоне,
Ин ҷой нишаста навҷавонӣ.
Он умри ҷавон, ки пурсамар шуд,
Андоми замона з-ӯ дигар шуд.
Шамсу қамару ситора охир
Дар дасти замона мешавад пир.
Аммо чу зиёи чашми дунё
Монад ба ҷаҳон ҷавонии мо!

## ҚУРАЛАЙ

Ҳамраҳам духтари хушхони қазоқ–
Қуралай, зеби биёбони қазоқ,
Асп меронд миёни саҳро,
Маст з-андешаи худ бепарво.

Чӯл гӯё ки дар оғӯшаш буд,
Меҳмони дарси фаромӯшаш б уд.
Ҳар ду рухсори пур аз шавқу сурур
Сурх метофт чу ду нони танӯр.

Дастаи мӯи сияҳ аз паси зин
Ҳамла мекард ба даргоҳи замин.
Асп меронд аҷаб бепарво,
Ҳайф медид ба ман ними нигоҳ.

Гуфтам:–Эй нахли биёбон, сӯям
Назаре кун, сухане мегӯям.
Ҳеҷ медонӣ чӣ сон омадаам,
Аз сари Боми ҷаҳон омадаам.

Манигар бесару сомониям,
Ҳамчу гесӯт парешониям,
Ишқ сармояи бешу ками ман,
Дили ошуфта, сари пурғами ман.

Ишқи тӯфони сафопарварда
Аз сари кӯҳ ба чӯл овардам.
Аз забони шакаринат гардам,
Хон суруде, ки барорад дардам.

Кард чун бар суи ман ними назар,
Ин суруд аз дили ӯ гашт бадар:
«Дорам дилаке, мисоли дарё бошад,
Покизаву пурҷило чу саҳро бошад.
Эй бодаки раҳгузар, равӣ сар-сари чӯл,
Аз дарди дилам туро парво бошад».

Хостам, то ки суруде хонам,
Рози ошиқ шуданам фаҳмонам.
Ӯ напурсида зи ҳоли дили ман,
–Омадам,–гуфт,–ана, манзили ман.
Ҷилави асп ба дигар сӯ тофт,
Офтобе буду аз ман рӯ тофт.
Оҳ аз дасти ту, эй моми ҳаёт,
Ман надонам, ки ба кӣ гӯям дод.
Ҳар чизи хуб, ки бошад ба ҷаҳон,
Сер нодида шавад умр тамом.

## ЧОШИ ГАНДУМ

Чоши гандум зер карда чӯлро,
Домани худ ҳар тараф партофтаст,
Аз дили саҳрои ҳамвори қазоқ
Сар ба сӯи осмон бардоштаст.

Чоши гандум рост карда қоматаш,
Олатовро ҳамбару ҳамдӯш буд,
Чули аз пасти баландӣ ёфта,
Ғарқи хурсандӣ буду хомӯш буд.

Хӯ, ана, аз қуллааш оянд паст
Дастаи навхат ҷавонон бошитоб.
Рақс дорад як гурӯҳи дигаре,
Дар паси хирман панаҳ аз офтоб.

Навҷавоне духтареро дошта,
Пур-пур аз гандум намудӣ мӯи ӯ.
Ногаҳон духтар сараш бардошта,
Бо кафи гандум задӣ бар рӯи ӯ.

Пош хӯрда дони гандум ҳар тараф,
Пош додӣ донаҳои хотирам.
Риштаҳои печ дар печ ин замон
Боз мешуд, боз бар чашми сарам

Пош хӯрда донаҳои хотирам,
Рафт бар кӯе, ки дил бигзоштам.
Рӯзу шаб бо орзӯи ними нон
Дар танӯри сина оташ доштам.

Чашм аз хирман намекандам,
 Ана,
Аз бари хирман касе омад бадар,
Аз миёни аҳли хирманкӯб не,
Як каси ноком-як шахси дигар,

Бо дили пурорзӯ,
                    ҳоли париш
Омадӣ Мӯниса дар пеши назар,
Куртаи карбоси ҷойдорӣ ба тан,
Рӯймоли кӯҳнаи шоҳӣ ба сар.

Гуфт:–Эй ҳамсоя, гар шоир шудӣ,
Аз чӣ хомӯшӣ ту аз аҳволи ман,

Гӯй баҳри ошиқони бахтмаст
Нон чӣ буду чун шудӣ иқболи ман?

–Ман чӣ гӯям, хоҳари пуршафқатам,
Бармаҳал аз ин ҷаҳон рӯ тофтӣ,
Умри худро дода баҳри дигаре,
Мурдию умри ҷавонӣ ёфтӣ.

Ёди он рӯзе,
                    ки ман ҳамроҳи ту
З-они худ пиндоштам рӯи замин,
Бехабар аз моҷарои рӯзгор,
Не ғами фардо будам, не тарси дин.

Ҳарфи ман нашнида рафт ӯ аз барам,
Рафт бар кӯе ки дил бигзоштам.
Рӯзу шаб бо орзӯи ними нон
Дар танӯри сина оташ доштам…

…Оҳ, як рӯзе зимистони хунук
Монда будӣ деҳи моро зери барф.
Барф чӣ, ҳангомаи рӯзи сиёҳ.
Ҳар чӣ қувват доштӣ, мекард сарф.

Назди оташдон нишаста модараш,
Буд дар роҳи азизаш чашмдор.
Дар ҳамин асно зи мактаб Мӯниса
Омадӣ бар хона, аммо беқарор.

Модар ӯро кард истиқболи гарм,
–Аз сарат гардам,
                    чаро дер омадӣ.
Шумхабар омад магар аз ҷанг боз,
К-ин қадар маҳзуну дилгир омадӣ?

Дар сари Мӯниса аммо ин хаёл:
Рӯзи се шуд Мустафо дар дарс нест,
Ӯ касал шуд ё магар аз пой монд,
Боиси ин дургардӣ гушнагист?

Модари бечорааш омад ба гап:
–Нони ҳаққат, ҳӯ ана, дар тоқ гир.
Ин сухан боби дили Мӯниса шуд,
Рафт ӯ бар сӯи хона мисли тир.

Ними ноне дид дар тоқи баланд,
Чун паёми зиндагонӣ ҷилвагар.
Тез бигрифту биёвардаш ба лаб,
Боз фикри Мустафояш шуд ба сар.

Дар бағал бигрифта нонаш мисли ҷон,
Рафт оҳиста ба сӯи ҷойгаҳ.
Чун кунад? Онро хӯрад ё ки барад
Ҳамчу пайғоми ҳаёти Мустафо?

Гушнагии хештан аз хотираш
Бо хаёли Мустафо омад бадар.
Хонадонро хоб бурду ногаҳон
Хест аз ҷо, шуд ба кӯча раҳсипар…

Паст гашта осмони пурғубор,
Роҳҳоро торикистон карда буд.
Моҳ ҳам аз тарси чашми гушнагон
Хешро дар абр пинҳон карда буд.

Тарс ӯро буд зи баъзе беваҳо,
К-аз замин ҳам моҳро чен мекунанд,
Корашон набвад ба исботу далел
Дар ҳаво паррандаро зин мекунанд.

«Дида монад гар касе ҳоло маро,
То чӣ мегӯяд ба мардум ӯ пагоҳ,
Гардам аз раҳ, то саҳар чун мешавад
Ҳоли ҳамсинфу рафиқам Мустафо!»

Ҳар чӣ бодо бод гӯён Мӯниса,
Хеш сӯи кулбаи вайрон гирифт.
Бо роҳи торик раҳ паймуда ӯ,
Хешро аз сояаш пинҳон гирифт.

Дохили дарвоза гашта тез-тез:
–Мустафо, о Мустафо!—такрор кард,
Ин садо чун нолаи мурғи саҳар
Хуфтагони гушнаро бедор кард.

–Кист дар он ҷо, чӣ мехоҳӣ, чӣ гап?
–Холаҷон, ман!
–Мӯниса? Холат мурад.
Ин ними шаб?!

Аз чӣ танҳо омадӣ, ку модарат?
Ҳаст аз отат ягон хатту хабар?
–Некӣ. Аммо Мустафоро диданӣ
Омадам ман, нест вақтам то саҳар.

–Хуб кардӣ, ҷони хола, тоҷи сар,
Марҳамат ин ҷо даро ту тезтар.
Сандалӣ гармак, шину осуда шав,
Оҳ, ях кардӣ ту аз по то ба сар.

Мустафоро рӯзи се шуд тоб нест,
Иштиҳо ҳам, хӯрданӣ ҳам, хоб нест.
Ин аҷаб солу замон шуд, ки ба зар
Нон ҳамекобию он дарёб нест…

Рангҳои зард, аммо беғубор,
Чашмҳои бегуноҳи обдор,
Аз миёни кулбаи пасту хунук
Кард равшан гӯиё ин шоми тор.

Чашми модар чун хато шуд, Мӯниса
Тез нонро бар кафи бемор дод.
Даст карда Мустафо инро шинохт,
Олами дигар ба рӯяш рӯ кушод.

–Ист, ҷон, танҳо марав, ман меравам,–
Гуфтани модар варо монеъ нашуд.
–Холаҷон, не меравам, ман меравам–
Гуфта ӯ аз хона берун гашт зуд…

Дуди оҳи чарх абри бесамар.
Шомро рӯзи ятимон карда буд.

Пайраҳи одамгузарро ин замон
Ҳар тараф аз дида пинҳон карда буд.

Медавид Мӯниса, лек аз рӯ ба рӯ
Ногаҳонӣ шарфаи пое шунид.
Одаме омад бигуфта худ ба худ
Хешро оҳиста сӯи ҷар кашид.

Рӯ ба пас шуд аз баландӣ бехабар,
Шарфаи по боз шуд наздиктар.
Ҳавли ҷон омад варо, лағжид по
Оҳ! Аз ин ҷо фитодӣ ӯ ба сар.

Зад миёни оби сой ӯ, дод зад,
Модараш омад лаби ҷар дав-давон.
Нолае бардошт модар, ки аз ин
Деҳа шуд бедор аз хоби гарон.
Пилтаю машъал ба каф аз ҳар тараф
Бар лаби сой омадӣ пиру ҷавон.

Дар сари ин ҷисми пурхун марду зан
Машъале гардидаву месӯхтанд.
Шоми тори рӯзи наҳси ҷангро
Бо шарори ашк меафрӯхтанд.

Мустафо ҳам буд дар ин анҷуман,
Лек ӯро қудрати сӯзиш набуд.
Мисли карки чормағзе дар танӯр,
Ғинҷ гашта, ғинҷ, ӯ мекард дуд…

–Чашматон оё ба хирман роҳ дид?—
Гуфт мизбону маро яккад паронд.
Мурғи хотир гашт аз он қаъри шаб,
Хештанро бар сари хирман расонд.

Хирмане дидам, ки дар пеши назар
Аз бузургиҳои даврон ҷилвагар.
Элбрус дар дасти ӯ буд обрез,
Олатов онро будӣ дар пеши бар.

Дидам ин ҷо, ёру ҳамсолони ман
Ҷӯлро майдони эҳё кардаанд.

Мурдаи садсоларо бахшида ҷон,
Дар амал кори Масиҳо кардаанд.

Чӯлро дидам, ки дил дорад ба бар,
Сӯи ҳамсолон табассум мекунад.
Кӯҳи гандумро ниҳода ӯ ба сар,
Хешро дар зери он гум мекунад.

Дар ҳамин сурат сари чӯли қазоқ
Ҳамсари Боми Ҷаҳон гардидааст.
Сурати дилҳои ҳамсолони ман
Акс дар чашми замон гардидааст…

## ҶАҲОН

Хокро доман васеъ шуд, аз ҳисоби осмон,
Хонае дорам, вале он танг, пур аз баччагон.
Ханда дорад, гиря дорад, баҳс дорад, ҷанг ҳам,
Ҷой оё гашта андар хонаи ман ин ҷаҳон?

## БАҲОРИЯ

Фасли баҳор омаду айёми ишқ,
Ғулғула дорад ҳама ҷо номи ишқ.
Шоҳиди гулпӯшу гуландоми ишқ
Ханда зада сӯи ман аз боми ишқ,
Мебарадам бар лаби оби равон.
Об маро дида талотум кунад,
Акси маро дар дили худ гум кунад,
Дидаи бедор таҷассум кунад,
Ҳар нафас аз ишқ такаллум кунад.
Ишқи фурӯзанда чу шамси замон.
Рашк барам ман ба сари оби ҷӯ,
Бо дили соф аст равон кӯ ба кӯ,
Раҳ ба дили сангу шағал бурда ӯ,
Мерасад албатта ба ҳар орзу,
Орзуе пок чу умри ҷавон.
Рашк барам, ки набувад дар ҷаҳон
Сирри аз ин об паноҳу ниҳон,
Ҳалқа занад бар тани симинтанон,
Нӯш шавад бар лаби ширинлабон
Кош маро бахт будӣ мисли он.
Мебарад он з-оинаи сина занг,
Шӯъла фишонад ба дили ҳамчу санг,
З-он шуда гулҳои чаман ранг-ранг,
Шому саҳар гӯӣ, ки бинвохта чанг,
Васф кунад зиндагии одамон.

## ШУКР

Авф фармо, модаро, майхорагиҳои маро,
Ин ҳама сармастиҳо аз лаззати ҳушёрӣ бошад,
Гар равам аз худ даме, аз ту намегардам ҷудо,
Шӯълаи чашми ту ҳар ҷо бар раҳи ман нур пошад.
Косаи армон агар ман бар сари ёрон шикастам,
Хеш медонӣ чӣ сон майхораам ман, аз чӣ мастам?
Раҳ-раҳи дилҳо тамоми умр мегардам пиёда,
Як назар, ҷонам, ба ин обилазори пою дастам.
Ман ҷавони ҷон ба каф омода ҳамболи Гагарин,
Ҳамватан, ҳамбахт, ҳамэҳсос, ҳамсоли Гагарин.

Сурма дорад дидаҳои ахтарон аз гарди поям,
Лек ман андар заминам баҳравар аз талху аз ширин.
Одамам ман, бо гуноҳу бо савоби хештан,
Дӯст дорам, душманонам низ камтар нестанд.
Шукр, садҳо шукр, монанди ҳасудон нестам,
Дар заминам ман қатори одамони сарбаланд.
Ман ва дунё ҳар ду дунёем дар дунёву
Аммо ман дигар дунё ва дунё дигар аст.
Чашми худ дар сурати хуршед бар ман дӯхта,
Ҳамчу як оҷиза дунё толиби зебу фар аст.
Раъди ғуррон, барфу борон, офтоби моҳу ахтар,
Дашту дарё, кӯҳу саҳро, ҳастии дунё бувад.
Чун шавад аҳволи ин дунё, агар ки ман набошам?
Дасти гиро, ишқи дилҳо, чашми биноям набошад?

## ПАРВОЗИ МЕҲР

Дар саҳфаи дил сурати зебои ту кандам,
Умре ба тамошои гули рӯи ту бандам.

Бо риштаи меҳри ту бубастам дили худро,
Бингар, ки ба Маҳ рафта расидаст самандам.

Гар бурд маро то ба фалак илми замона,
Аммо зи дару даргаҳи ту чашм накандам.

Бо моҳи фалак Қутбии ту ҳамнафас, аммо
Дар рӯи замин меҳри ту гардида камандам.

## ЧАРО ХОМӮШ ИСТАМ МАН

Меҳр ҳамчун ошиқи дилдода бо саъю шитоб
Деҳаи пурзинати моро ба оғӯшаш кашид.

Аз нигоҳи гарму пуртаъсири ӯ дар як нафас,
Шабнам аз рухсораи себаргаю савсан парид.

Об кард ӯ қалби сарди пиряхи кӯҳи баланд,
Чашма зад фаввора аз байни шаху шахпораҳо.

Сабза шуд ишқи замину аз дилаш берун дамид,
Аз шуои ӯ арақ карданд ин дам сангҳо.

Баъд аз ин ман нағз фаҳмидам, ки ҳатто хок ҳам
Нашъа мегирад зи файзи зиндагонӣ бо нишот.

Санг аз дилсардии худ шарм кард аз офтоб,
Одамам ман, пас, чаро хомӯш бошам дар ҳаёт!

## ПАРВОЗ ДОД

Ман намеёбам ҳисоби ин дили бебокро,
Гоҳ мехоҳад биёбон, гоҳ баҳри беҳудуд.
Гоҳ бар саҳро равад аз қуллаҳои барфпӯш,
Гоҳи дигар мезанад худро ба тори анкабут.

Зери барфу жола гоҳе монда, он тар мешавад
Гоҳ раъде гашта дар як лаҳза ахтар мешавад.
Дар бари хуршед гоҳо дар фазои беғубор,
Болафшонанда, монанди кабӯтар мешавад.

Боз рӯзе з-оташи андӯҳ месӯзад тамом,
Рӯзи дигар мезанад фаввора, ҳамчун чашмасор.
Гоҳ раъду гаҳ кабӯтар, гоҳ ахтар мешавад,
Лаҳзае ҳатто намехоҳад, ки ӯ гирад қарор.

Баски манзил ин дили бесабри манро карда ишқ,
Нест з-ин рӯ баҳри он садде дар ин даҳри кушод.
Ишқи дилбар пойбандаш кардаву пурорзӯ,
Ишқи кишвар болу пар бахшидаву парвоз дод.

## ШАРАФАШ БОД, ҲАР ОН КАС,
## КИ ВАФОДОР ШАВАД

Ҷоми дил кай зи майи васли ту саршор шавад,
Нахли мақсуд зи дидори ту пурбор шавад.
Баҳри тасвири ту килкам сухан оғоз кунад,
Сафҳаи дафтарам аз меҳри ту гулзор шавад.
Ватан аз кӯшишу саъят шуда пурнуру сафо,
Даҳан аз гуфтани номи ту шакарбор шавад.

Халқи кишвар ҳама аз ҷоми вафо нӯш кунанд,
Кошки аҳду вафои ту ба ман ёр шавад.
Гулшани умри ман аз файзи вафо хуррам гашт,
Шарафаш бод, ҳар он кас, ки вафодор шавад.
Қутбиро илми вафо ҳамнафаси Моҳ намуд,
Хоки Маҳ аз қадамаш шаҳри пуранвор шавад.

## САРВАТИ БЕНАРХИ ГАРОН

На матоест, на обест, на нон,
Лек чун накди ҷон,
Ҳамсафар бо инсон,
Сару зар, чоҳу ҷалолу афсар
Нест бо ӯ ҳамбар,
Нест бо ӯ ҳамсар.
То ки аз каф наравад ҳар одам,
Хуни дил мерезад,
Хок ба мижгон безад.
Чист ин сарвати бе нархи гарон,
Зудтар, ҷӯраи ҷон,
Гӯ маро аз виҷдон.
–Ин бувад дар хуни кас, номуси кас
Сарвати олиҷанобест, вале
Дастнорас,
Ки набардорад хас.

## САФО ЁФТАМ

Ман ки аз доруи меҳри ту шифо ёфтаам,
Аз ғами дарду фироқи ту раҳо ёфтаам.
Накашам бе ту нафас, то дили ман дар задан аст,
Самари умри ҷавонӣ зи вафо ёфтаам.
Шӯълаи оташи уммеди ман аз наргиси туст,
Аз ман ҷоми нигоҳи ту даво ёфтаам.
Ватанам хонаи бахт асту дар он ҳамраҳи ту
Шарафу шодию иқболу сафо ёфтаам.

## ДӮСТ МЕДОРАМ ШАБИ БЕХОБРО

Осмони нилгуни кишварам
Марғзори дилнишин бошад маро.
Он уфуқи беканору дурдаст
Зери поям чун замин бошад маро.

Доғҳои синаи моҳи мунир
Баҳри ман, эй дӯст, дигар олам аст,
Гар варо бинам ба чашмони кушод,
Доғ не, он нақши пои одам аст.

Ошиқам, лекин заминро, обро,
К-умри худ аз он гуворо мекунам.
Дӯст медорам шаби бехобро,
К-андар он ман шеър иншо мекунам.

З-ин сабаб ҳам ҳар саҳар бо офтоб,
Ҳамчу ховар мешавам бедор ман,
Лек ҳангоми видоаш бо замин,
Менишинам дар сари ашъор ман.

То ки хуршеди ҳароратбахши назм
Рӯи худ аз сафҳаам тобон кунад.
Нур пайдо карда чун шамси замон,
Баҳри мардум рӯзу шаб яксон кунад.

## ЧУН НАЗАР ПОК АСТУ ДИЛ...

Орзуи байти бо хуни дилам парвардае
Хаставу бо ёди худ бедорхобам кардааст.
Дуд меояд зи девори вуҷуди ман бурун,
Гӯиё дар оташи шабҳо кабобам кардааст.

Дошта аз домани шаб,
                    ҳамчу тифли ширхоҳ,
Байти худро мекунам аз синаи ӯ ҷустуҷӯй,
Субҳ ояд, домани шаб гардад аз дастам раҳо,
Дафтари худро чу бинам пур шудаст аз орзу.

Орзуву орзуву орзуву орзу,
Пур бувад аз он маро ҳам сина,
ҳам дасту бағал,
Аз гиребонам гирифта мебарад бар чор сӯ,
Ком ширин мекунад манро ба монанди асал.

Рафта гоҳе бар диёри осмон аз ин замин,
Мешавам ахтар,
қатори ахтарони раҳнамо,
Чашм нопӯшида биншинам дар он ҷо рӯзу шаб,
То напӯшад ошиқе чашм аз раҳи аҳду вафо.

Гоҳи дигар чун уқоби шишта дар боли ҳаво,
Бар замини меҳрубон оям зи авҷи осмон.
Гашта дар ин ҷо табибе кордону пуршифо
Навҷавонеро диҳам аз офати мурдан амон.

Чун назар пок асту дил покасту пок аст орзу,
Чун надорам баҳри мардум заррае ҳам қасди бад,
Ҷуфт гашта орзуҳои дили ман бо амал,
Байти дилхоҳе, ки меҷӯям, ба дастам мерасад.

## УҚОБОН ФАРОВОН ДАР ИН КӮҲСОР

Ту гар менамоӣ аз ин раҳ гузар,
Ба чашмони ақлат ба ин деҳ нигар.
Агарчи зи сангу шахи хора аст,
Валекин Ватанро ҷигарпора аст.
Набудӣ агар қуллаи кӯҳи он,
Фитодӣ ба рӯи замин осмон.
Ба хуршеди олам бувад ҷои хоб,
Бинӯшад саҳоб аз ҳамин ҷой об,
Аз ин ҷо табиат кунад шона сар,
Аз ин ҷо баҳорон барад зебу фар.
Уқобон фаровон дар ин кӯҳсор,
Ба чашми хирад кун ту боре назар
Ба симои ин мардуми номвар,
Ҳама чеҳрашоду табассум ба лаб,
Ҳама сарви озоди боғи тараб,
Ту гӯӣ, ки ин мардуми хоксор

Надида ба умре ягон гирудор?
Ҳама беғаманду ҳама содаанд,
На хун дидаанду на хун додаанд?
Хато фикрат, эй ҷони ширин, хато,
Ҳамин одамонанд рамзи сахо.
Вуҷуди ҳама пур-пур аз нангу ор,
Шараф пуди дилҳову номус тор,
Дили ҷумла гӯё ки дар рӯи каф.
Ту гар бинӣ онро, ба мисли садаф.
Ҳама аҳли шеъру ҳама аҳли дард,
Ҳама марди комил ба кору набард.
Нагӯям, ки гӯӣ ба мардони деҳ,
Ба пирони номӣ, ҷавонони деҳ,
Ба ин марди бепо бигӯӣ чунин,
Ватан дар хатар шуд, туро ҳол ин,
Ба ҷонам қасам, ки дар ин ҷои худ,
Шавад раъди ғуррон ба ин сон намуд,
Бароварда даҳ по, суи душманон
Равад ӯ ба соне, ки тир аз камон.
Ба хоки Белорус, ба ҷанги Ватан,
Варо ҳар дуи по фитод аз бадан,
Ба ин ҳол баргашта аз ҷанг ӯ,
Ба ин ҳол нокарда дил танг ӯ,
Ба кори халоиқ камар бастааст,
Агар по зи тан дод, дил кай шикаст?
Аҷаб мардумони садоқатшиор,
Чу дарё ба ҷӯшу чу кӯҳ устувор,
Ба чашмони ақлат ба ин пиразан
Нигаҳ кун, на зан, ӯ сутуни Ватан.
Дили ӯ чу фӯлод аз ин замон,
Аз ин мулки бахташ чу оби равон
Баробар ба бахташ зарар дидааст,
Ғами ёру доғи писар дидааст.
…Чу Гитлери хоин намуд ҷанг сар,
Варо ёри ҷонию ҳар се писар
Бирафтанду дигар нагаштанд пас,
Набуд баҳри ин зан дигар ҳеҷ кас.
Аз ин доғ агарчи қабо чок зад,
Фиғону ғирев то ба афлок зад,
Вале дил набардошт вай аз ҳаёт,

Аз ин зиндагонӣ, ки додаш мурод.
Ба ҳар ҷо Ватан шуд варо ёдвар,
Ҳама аҳли деҳ аст ӯро писар.
Биёву нигар: ӯ ба мӯи сафед,
Лабаш пуртабассум, дилаш пурумед.
Ту гар менамоӣ аз ин раҳ гузар,
Ба чашмони ақлат ба ин деҳ нигар.
Агарчи зи сангу шахи хора аст,
Валекин Ватанро ҷигарпора аст.
Набудӣ агар қуллаи кӯҳи он,
Фитода ба рӯи замин осмон.
Ба дидан ҳалиму агар содаанд,
Вале шерамарду вафозодаанд.
Ҳама аҳли шеъру ҳама аҳли дард,
Ҳама марди комил ба кору набард.

## ОҒОЗИ ИШҚ

Чу райҳон шабнам аз гесӯи мушкин рехт,
Нигоҳам бо нигоҳи духтари ҳамсоя омехт.
Дилам аз қайди танҳоӣ бадар омад.

Кушода сад забони хешро савсан,
Маро табрик мегуфту басе аҳсан:
Баҳори ошиқон имдодгар омад.

Намуда кори гулҳои дигар тазмин,
Бунафша ғарқ мешуд дар табассумҳои ширин,
Насими шӯх аз боғи дигар омад.

Паи ҳам дона-дона ҳамчу марворид
Зи чашми масти наргис ашк меборид,
Ин ашки шодӣ буд, пеши назар омад.

Ба каф ҷоми шараромези пур лола,
Ба ғорат дода печу тоби ҷаввола,
Ливои дасти ошиқ шуд, ба сар омад.

## СИНА ДЕВОРИ ВАТАН

Ҷанг буду буд расми деҳи ман
Шом домоду саҳар аскар шудан.
Даста-даста навхат он домодҳо
Гашта бар хуни саодат додхоҳ,
Аз канори деҳа берун мешуданд,
Сина девори Ватан, дил дар каманд.
Равшанистон мешудӣ роҳи мурод
Аз нигоҳи наварӯсони деҳот…
Рашк буд ин ҷову оҳу нола ҳам,
Лаъли хандон, дидаи пуржола ҳам,
«Хайр, то дидан!»–аҷоиб ҳарф буд,
Орзу,
уммед дар он сарф буд.
Аз ҳамон дай, аз ҳамон фасли баҳор.
Аз миёни аскарони бешумор
Аскаре танҳо маро дар ёд монд,
Ғунчае дур аз заволи бод монд.
Он, ки умре бо хаёле банд буд–
Орзуманди рухи фарзанд буд.
Ёд дорам чашми ҳайрони варо,
Қатраҳои ашки пинҳони варо.
Баски авзои Ватан дилгир буд,
Орзу тиру ҳавас шамшер буд.
Дода табдил орзу бо ному нанг,
То намонад аз дигарҳо, рафт ҷанг…
Дар ҳамон субҳе, ки шаҳбози мурод
Пои аввал бар сари дунё ниҳод,
Шумхабар омад,
ки аз тири адӯ
Дода ҷон он аскари пурорзӯ.
Ном шуд Ҳиҷрон ба тифли бехабар,
Об шуд бар оташи ҳаҷри падар.
Модари ноком даҳ соли расо
Поси хотир дошту дасти вафо.
Бо умеди шояд ин бошад ғалат,
Одатан дар ҷанг ин сон мешавад.
Лек, ёронам, набудӣ ин хато,
Рафта-рафта бо гузашти рӯзҳо

Шамъи уммед хурд мешуд ончунон,
Нури чашми мом мегаштӣ калон.
Дида дар девор ӯ расми падар,
Дӯсташ медошт аз ҷону ҷигар.
Гоҳ-гоҳе рафта бе овоз ӯ,
Бо падар мекард арзу роз ӯ.
Дигаре ӯро куҷо даркор буд,
Сарпаноҳаш сурати девор буд.
Акка гар хиш-хиш намудӣ вақти шом,
Ё садое мерасид аз пардабом,
Саг ниҳад гар пушти худ бар остон,
Анкабут пайдо шавад дар рӯи хон,
Гурба дасту рӯи худ шӯяд агар:
–Очаҷон, бингар, ки меояд падар,–
Гуфтаву фарёду шеван менамуд,
Ахтари пӯшида равшан менамуд.
Оҳ, як рӯзе аҷоиб кор шуд,
Лек ҷои мужда аз кӯи умед
Санг омад дар сари Ҳиҷрон кафид.
Боз он селе, ки з-ӯ бурдӣ падар,
Модарашро мебарад имшаб зи бар.
Баъди даҳ соле, ки чашми интизор
Бодбезак буд андар роҳи ёр,
Имшаб акнун мижжа барҳам мезанад,
Бар гули пажмурда шабнам мезанад.
Модар имшаб ҳавлиашро об зад,
Шашпари уммед бар гирдоб зад.
Чун кунад, ин аст оини ҳаёт,
Одам аст ӯ, не малак ё ки ҷамод,
Гар касе ҳоли варо ин шом дид,
Шӯъла аз домони равған мекашид.
Лек бар Ҳиҷрон ҳама бекор буд,
Сарпаноҳаш сурати девор буд.
Момро чун дид шавҳар карданист,
Дарк кард, ки ӯ падаргумкардаест,
Бори аввал номи ҷонсӯзи «Ятим»
Шишт бар дӯшаш чу як кӯҳи азим.
Тори ғамро қомати ӯ чанг шуд,
Олами бетаг барояш танг шуд.
Тоб хӯрда ҳамчу қурғошими об,

Гоҳ ях мекарду гоҳе изтироб:
Нест шахсе, ки варо гирад ба бар,
Хоб ҳатто рафта аз чашмаш ба дар…
Монд садҳо нози нобардошта,
Кинаҳои шоҳ бар сар дошта,
Сурати девор абрӯ даркашид,
Орзу чун мурғаки бисмил тапид,
Кафтари иқбол ҷо бегона кард,
Ифрити бадхоҳ мӯяш шона кард.
Душманӣ гӯё зи модар шуд падид,
Аз шакар заҳри халоҳил мечакид…
Ин шаби мудҳиш ҳамин сон даргузашт,
Об аз обчид не,
                    аз дар гузашт,
Дода бар мурғони луччак болҳо,
Даргузаштанд аз сари мо солҳо.
Мард шуд Ҳиҷронаки додопараст,
Шуд фалак таслиму бар ӯ дод даст.
Худ падар нодида додо гашт ӯ,
Як радифи номи дунё гашт ӯ:
Номи додояш ниҳода бар писар,
Ёфт лаззат, ёфт аз рӯи падар,
Гар намурд ӯро падар баҳри Ватан,
Чун расидӣ зинда то ин анҷуман?!

## ВАТАН

Омад аз ҷангу чу хатти сияҳи марги падар,
Рехт аз дида ҷигар.
Бар дили тифли навафтида ба домони ҷаҳон
Тира метофт саҳар.
Зери хуршед ба кӯҳони вафодори замин
Музтару зору ҳазин.
Ману андӯҳи замон бе касу танҳо мондем,
Ҳамчу фарзанду падар.
Аз ҳамон рӯз дар иқлими мададгори замон,
Ҳамчу он нахл, ки сарсабз шавад дар тӯфон,
Бор овардаву сарсабзу калон гардидам,
Паи ман хушк нашуд,
Хеш дар оинаи чашми дигарҳо дидам,

Ба дилам доғ набуд,
Ҳокими қисмати имрӯзи худам акнун ман,
Рӯ ба фардо дорам,
Дами оташ, дили беғаш, сари боло дорам,
Ноз ба дунё дорам.
Ватан, эй синаи модар, дили поки падарам,
Қувваи болу парам,
Лои хоми ману ёрони маро пухтагарам,
Гар набудӣ ту, набудам мани сар дар фалакат.

## ҚУДРАТИ ОБИ РАВОН

Як саҳар манзил гузидам бар лаби оби равон,
Дидамаш, ки хурд буду пурмағал чун баччагон.
Даст бурдам бар сараш, гӯё маро бишнохта,
Қудрати худ бо ҳазорон ҷилва медодам нишон.

Гоҳ ғелон карда санге, хез мезад бар ҳаво,
Бӯса мезад гоҳ аз рухсораи себаргаҳо,
Гоҳ дандонаш ба ҳам соида аз қаҳру ғазаб,
Тарсакӣ мезад ба рӯи латтахорон беибо.

Оби сарди кӯҳро дар тан набуд аз ҷони гарм,
Аз куҷо будӣ варо ин ҷӯш, ин овони гарм?
Аз само хуршедро овардаву бо қалби соф
Ӯ зиёфат кард шоирро ба тарҳи нони гарм.

## ТОБАИ НУР

Боз имшаб, обаки Варзоби ман,
Ғарқ шуд дар мавҷи шӯхат хоби ман,
Оббозӣ мекунад дар оби ту,
Рафта аз дастам тавону тоби ман.

Боз мебинам, ки дар атрофи ту
Сабза аз меҳру вафо гап мезанад,
Чирчирак такрор карда номи ту,
Лоф аз зебогии шаб мезанад.

Боз мебинам, ки сели ахтарон
Дар фазоят ҷамъ анҷум кардаанд,
Хешро ҷо дода дар симои ту,
Раҳ ба сӯи қалби мардум кардаанд…

## СУРАТГАРИ ПИР

Мӯқалам бар кафу пешонӣ пур аз мавҷи хаёл,
Шишта суратгари пире ба лаби рӯд саҳар,
Хоҳад ӯ дар дили як саҳфа ба ҳам омезад
Мавҷи шӯришгару тӯфони ҳалокатовар.

Мекашад чини рухи рӯд бас устодона,
Ҷилваи оби равон ёфт аз ӯ умри дароз.
Рӯд дар қолаби як саҳфа ба ҷо созаду лек
Дасти ӯ ларзаду амвоҷ бурун резад боз.

## ГАҲВОРА

Модарам гӯё ки аз болу парам огоҳ буд,
Рӯзи аввал дид–чашми ман ба сӯи моҳ буд,
Баста дар гаҳвораи чӯбин маро ӯ моҳҳо,
Гӯӣ бо ин пойбанду хонабардӯшам намуд.

Бо вуҷуди ин раҳоӣ ёфтам ман аз замин,
Бо раҳи оташфишони шамс акнун мепарам,
Лек ҳар ҷо бар мани фарзанди кӯҳ ояд суол:
Аз чӣ рӯ аз санг не, аз чӯб буд гаҳвораам?

Корвони солҳо рафтанду андар мӯи сар
Монд хокистар.
Кунун фаҳмидаам асрори ӯ:
Маҳди моро гар зи хоросанг ҳам месохтанд,
Об мешуд, об он аз аллаҳои зори ӯ.

## БАЙТИ НОГУФТА
## (силсила)

Ҷӯш зан, рӯди Зарафшон, ҷӯш зан,
Боз кун аз сина асрори куҳан.
Ёд дорӣ, паст гашта қуллаҳо,
Чун ба субҳи бахт медоданд роҳ.
Ёд дорӣ,
    шоири нокомро,
Мурғаки нимбисмили айёмро,
К-ӯ ба истиқболи ин субҳи мурод
Сар ба каф бигрифта дар раҳ мениҳод.
Орзу мекард як байти равон,
То чу нури шамс монад ҷовидон.
Ончунон байте, ки аз дил сар занад,
Субҳи навро чун алам бар сар занад.
Партави ин субҳ то наздик шуд,
Макри душман ҳам чу мӯ борик шуд.
Зери доман карда теғи моҷаро,
Хасм омад дар либоси ошно.
Ҳар чӣ қувват дошт, бо тазвир дод,
Айби худ бар гардани шоир ниҳод.
Аввалин санги маломат аз ҳасад,
Бар чароғи пурфурӯғи деҳа зад,
Лек шоир дар раҳи субҳи сафед
Шод ҳамчун тифл бо худ метапид.
То ки он як байти дилпарвардро,
Нусхаи як умри пур аз дардро,
Дидаву дил хун кунад, иншо кунад,
Байни мардум субҳидам ифшо кунад.
Бо ҳамин ният чу каф бар хома бурд,
Дасти дигар номаи маргаш супурд.
Маргро мардона истиқбол кард,
Пор мехост он чӣ ӯ, имсол кард.
Тир чун бар синаи шоир расид,
Кӯҳ ларзиду ба сар доман кашид.
Рӯди пуршӯр ин замон аз ҷӯш монд,
Ҳар забондоре, ки буд, хомӯш монд.
Лек он байте, ки будӣ дар дилаш,

Солҳо парвардаи обу гилаш,
Бо ду қатра хуни дил омад фуруд,
Монд дар рухсораи санги кабуд.
Санги бедил дил шуду имдод кард,
Байти хунолударо аз ёд кард.
Парда чун бардошт аз рӯяш саҳар,
Офтоби рӯзи нав омад бадар.
Пеши шамси пурзиёи инқилоб
Дӯсту душман аён шуд чун китоб.
Ҷои шоир гашт қалби дӯстон.
Шуд насиби ӯ ҳаёти ҷовидон.
Он ду қатра хуни ноҳақ рехта,
Бо навои солҳо омехта,
Ҳамчу байти достони бурду бор,
Қисса гӯяд аз гузашти рӯзгор…
Ҷӯш зан, рӯди Зарафшон, ҷӯш зан,
Боз кун аз сина асрори куҳан,
Ёд дорӣ, паст гашта қуллаҳо,
Чун ба субҳи бахт медонанд роҳ!..

## АРМОНШИКАН

Зарафшон мисли кӯдак дасту почак мезанад, гоҳе
Чу пири бохирад чин бар ҷабин андӯхтан дорад,
Ба рӯи парчи пул танҳо нишаста модари зоре,
Ниҳонӣ ҳамчу карки пистаи тар сӯхтан дорад.

Нигоҳаш гоҳ бо мавҷи хурӯшон мезанад паҳлӯ,
Гаҳе аз қаъри дарё навҷавонеро кунад пайдо,
Ҷавонеро, ки рӯзи ҷанги оламсӯз бо ин роҳ
Паи ҳифзи адолат рафт, ҷон бигрифта бар кафҳо.

Ба чашми мо дар ӯ монанди ин дарё хӯрӯшон буд,
Канори қатрапарвар дошту ангори симин.
Варо бо шири номусу шараф парварда буд модар,
Чу шаҳпул буд соҳилгиру ҳамчун парҷ ботамкин.

Худи модар ҳамедонад, ки аз хоки ҷигарбандаш
Дарахти коҷ кайҳо сар кашида ҷониби хуршед,
Сияҳ пӯшида худ рӯзи азо рухсора пурхун кард,
Худаш номи варо баҳри набера дод бо умед.

Вале ҳар бегаҳӣ дар парчи пул биншаста ӯ танҳо,
Гаҳе бо хеш омезад, гаҳе бо мавҷи беохир.
Рухи фарзандро аз обу аз хоки Ватан дида,
Тасалло ёфта, вайронаи дил мекунад таъмир.

## ФАРЗАНДИ КӮҲ

–Ҷонам фидои қоматат, мирам ба пеши пот,
Дардат занад, биё, маро бо чашми кам мабин,–
Ин гуфта бар мусофире фарзанди кӯҳсор,
Ӯро кунад ба мардуми ду дида ҳамнишин.

Аз мижа карда ҷойрӯб бар роҳи меҳмон,
Меҳмон гар атсае занад, ҷон гуфта хезад ӯ,
То ки ғубор н-оварад бар хотири касе,
Чун тарма об гаштаву бар пой резад ӯ.

Дар байни ин шахи баланд, ин кӯҳсори танг,
Аз роҳи сел, аз дами гургони тезчанг,
Ин расми хеш бо сари боло нигоҳ дошт,
Гар дид макри рӯбаҳу сарпанҷаи паланг.

Ин сон адошиносиҳои ӯ баҳри тамаъ наяст,
Аз ман шунав, рафиқ, ки ӯро мурод чист?
Аз риштаҳои ростӣ як рағза хоҳад ӯ,
Аз қатраҳои мухталиф як баҳр карданист.

## ЭЪҶОЗИ ОДАМӢ

Гӯянд, холиқи ҷаҳон як марди ошиқ аст,
Зебопарасту соддаву бисёр содиқ аст.
Вақте ки сабзаи баҳор аз хок медамад,
Шаҳд аз забони булбули бедор мечакад,
Вақте ки шона мезанад раъно ба мӯи худ,
Савсан ҳикоя мекунад аз буду аз набуд,
Вақте ки чанг мезанад боди ниёзманд,
Шохи ниҳолу майсаҳо арғушт мераванд,
Аз роҳи дур омада халлоқи корсоз,
Бар сабза умр бахшаду бар ғунча нур боз.

Рӯзе, ки тӯй мешавад,
                                        имдод мешавад,
Синҳор ҳамканораи домод мешавад.
Ду дида чун кабӯтари бикшода болу пар,
Бо як маром мешавад омодаи сафар,
Аз роҳи дур омада халлоқи корсоз,
Бо лутфи хеш мекунад ин ҷуфт сарфароз.

Вақте ки ҷаҳл мешавад дорои салтанат,
Майдону асп медиҳад бар кинаю ҳасад,
Оқил ғулом гаштаву ҷоҳил нишотманд,
Каргас ба боғ меравад, мусича бар каманд,
Аз роҳи дур омада халлоқ беибо,
Зеру забар ҳамекунад ин тахти моҷаро.
Садҳо дили шикастаро пайваст мекунад,
Аз ҷоми адл мамлакат сармаст мекунад.

Умре ба хоксории фарзанди одамӣ
Таъзим мекунам, ки вай аз рӯи ҳотамӣ
Эъҷози ақлу дасти худ бар худ нододааст,
Ин қудраташ ба гардани дигар ниҳодааст.
Гар ҳаст инчунин худо бар ақлу дар шуур,
Ин сон худой одам аст, ин сон худо зарур!

## ОЙНИ ШАҲБОЗӢ

Дар рӯи замин мурдан
Бо болу пари заррин,
Дар оини шаҳбозон
Корест басе нангин.

Чун пир шавад шаҳбоз,
Аз барф кунад болин,
Бо абр занад паҳлӯ,
Минқор кунад симин.

Дар рӯи замин ногаҳ
То мурда намонад он,
Ҳангомаи шаҳбозӣ
Нобурда намонад он.

Гар ризқи ҳама шаҳбоз
Дар домани ин хок аст,
Шукронаи ин неъмат
Бар давлати афлок аст.

## СӮҲБАТИ ФАРЗАНДОН

Дарди раҳдурию армони ҷудоӣ имшаб
Зи димоғу дили ошуфта парешон гаштанд,
Ману ҳамсӯҳбатии зумраи фарзандонам,
Ки маро ҳалқа гирифтанд ҳама пасту баланд.
Нуқли ин сӯҳбати мо гоҳ Гагарин мешуд,
Гоҳ ҳангомаи дарвозаи Яшин мешуд.
Гоҳ рафтӣ сухан аз пӯпишаки ҳарҷоя,
Гоҳ аз чӯҷаи кабки дарии ҳамсоя…
Андалебе, ки варо бурд ғанаб маҷбурӣ,
Ҳаст машҳур ба ҷанҷолу ба муштамзӯрӣ.
Дидамаш пораи нон дошта дар каф хоб аст,
Оҳ, ин манзара бунёди дилам сахт шикаст.
Ёдам омад зи нав он деҳи ғуборолуда,
Ки набуд аз алами ҷанг диле осуда.
Ёдам омад саҳаре, к-аз ҳамаи деҳи калон
Ёфт шуд,
ёфт зи як хона фақат пораи нон,
Ки варо дод ба чӯпонписаре аҳли гузар,
То барад подаи мардум ба ягон ҷои дигар.
Подаро бурда ба арзанпаяе ӯ ҷо кард,
Нон ба каф шодикунон азми лаби дарё кард.
Об мавҷе заду бурд аз кафи чӯпон нонро,
Сарвати аз ҳама камёбтари давронро.
Аз паси пораи нон хеш ба дарё андохт,
Қисматаш лек дар ин бозии беқоида бохт.
Пайкараш з-об кашиданд ба берун, дидам,
Буд он пораи нон дар кафи дасташ маҳкам…

## САНГИ НАВИШТА

Санги навишта санг не,
Пайкони нолаест,
Сӯзону ҷонхарош,
Армони қалби ташнаи дар об рафтааст,
То ҳол баҳри зиндагӣ таб дораду талош.

Санги навишта санг не,
Эҳсоси нозир аст,
Акси садои маҷлиси паймонанӯшҳо,
Ё қалби порагаштае ё неши шоир аст,
К-аз ҳарфи он маломати тақдир зоҳир аст.

Санги навишта санг не,
Бечора ошиқ аст.
Он ошиқе, ки дар раҳи маъшуқи бевафо
Аз оби теғ ташнагӣ бишкаста, бо умед
Соли ҳазор мешавад ин ҷо нишастааст.

Санги навишта санг не,
Мардест босубот!
Он чашми равшани Ватан, он холиқи наҷот,
К-аз пои дори Чингизи нокас гурехта
Пои пиёда омада ин ҷой бо мурод...

## ЗАРАФШОН

Рӯди Зарафшон ҷорист, ҷорӣ,
Гоҳе пур аз худ, гоҳе канора.
Ман ҳамроҳи ӯ, ӯ ҳамраҳи ман,
Гоҳе пиёда, гоҳе савора.
Ӯ дида давлат, ӯ дида ҳасрат,
Ӯ гоҳ шоду гаҳ буд маҳзун,
Аз ашки шодӣ пур карда доман,
Аз ашки ҳасрат шуд синааш хун.
Аз мавҷҳои пасту баландаш,
Аз чашмаҳои оинабандаш,
Даврони Рустам, афғони Сӯҳроб,
Равшан бубинӣ бо бозубандаш.

Гоҳе ҷавону гоҳе чу пир аст,
Гаҳ дастхоҳу гаҳ дастгир аст.
Сад рози бикри ногуфта дорад,
Ҳарчанд софу равшанзамир аст.
Баргӯ, Зарафшон, эй пири ҳотам,
Ин умри одам чун мешавад кам?
Дар ҳар каноре, дар ҳар диёре,
Сад чашмаю рӯд бо ӯст ҳамдам?
Рӯди Зарафшон ҷорист, ҷорӣ,
Гоҳе пур аз худ, гоҳе канора.
Ман ҳамраҳи ӯ, ӯ ҳамраҳи ман,
Гоҳе пиёда, гоҳе савора.

## РОҲ

Роҳ бар ағбаи касногузарам мебояд,
Ки дар он тармафуро бими ҷаҳанам бошад.
Роҳ гардам, ки дилу дида муаллақ бинам,
Умр андар сари як барг чу шабнам бошад.

Сел аз ағба расад, банд кунад роҳи маро,
Ҷон гарав монда равам дар ҷарии оҳугузар.
Кафи по сӯзад аз обилаву дил пой занад,
Мижа асо кунаму сина ба ҳар санг сипар!

Ана, ин аст муроди дилаки кӯчаки ман,
Ман нагӯям, ки ба ман салтанати Моҳ диҳед,
Нест бокам зи азоби раҳу аз дурии он,
Дӯстон, то ба сари роҳ ба ман роҳ диҳед!

## ЧУН ҚУЛЛА БАЛАНДАМ

*Барои Ҷӯрабек Мурод*

Ман зодаи кӯҳам, дили ман ҷӯраи рӯд аст,
Боле, ки маро авҷ диҳад, боли суруд аст.
Ҳамқисмати ман чашма бувад, ҳамсари ман гул,
Ҳамдасти ман он қулла, ки бар чархи кабуд аст.
Ман бохабар аз нолаи кабку дили шоҳин,
Манзил ба раҳи селу лаби ҷар кӣ намудаст?
Дар мулки муродам набувад ҷой ба давлат,
Ҳосил зи ҳама умр ҳамин буду набудаст.

Аз созу наво об шудам, ҷӯш задам ман,
З-ин об магар оби Зарафшон нафузудаст?
Овози ту бардошта чун қулла баландам,
Ин шева магар шеваи ёрони Куруд[1] аст?

## ОТАШ

Рӯи оташ сурх, оре, дӯстон,
Сурхии рӯяш зи худафрӯхтан.
Ранги хуни соф дорад сар ба сар,
Матлаби ӯ, мазҳаби ӯ сӯхтан.

Мекушанд, ар по зи ҳад берун ниҳад,
Мепарастандаш, агар ахтар шавад.
Одамият аз куҷо омӯхт ӯ:
Шӯъла афрӯзад, ки хокистар шавад!

## БӮЙИ БУНАФША МЕКУНАД

Шаб буду мурғи шаб буду маҳтобу кӯҳсор,
Ман будаму хаёли туву савти обшор.
Дар роҳи ваъдагоҳи ту то субҳ хуфтаам,
Асрори дил ба лолаи пурдоғ гуфтаам.
Бо ёди ту ниҳода лабам бар лаби суман,
Себарга дар барам буду болишт настаран.
Сад нағма карда шабпарак мегашт аз сарам,
Савсан зи қиссаҳош ҳамесӯхт пайкарам.
Воқиф ман он шаб аз дили боди сабо шудам,
Дар дидаҳои наргиси бетоб ҷо шудам,
З-он шаб, ки н-омадӣ туву шуд рӯз дар чаман,
Бӯйи бунафша мекунад як умр шеъри ман.

## БАРОИ ПРОФЕССОР МАҚСУД ШУКУРОВ

Манори Варз чун пайғоми Сомон аст,
Шаҳодатномаи ранҷи ниёгон аст.
Ба одам сарбаландӣ мекунад талқин,
Худаш дар чор фасли зиндагонӣ марди майдон аст.

---

[1] К У Р У Д – зодгоҳи Ҷӯрабек

Сарашро монда зери ханҷари хуршед,
Ба мардум соя мебахшад зи гармоҳо.
Кушода сина сӯи боду борон, жолаву тундар,
Надорад шиква аз бераҳмии дунё.

Уқобон дар канораш лона мемонанд,
Намеҷунбад зи ҷо, дунё ба гирдаш гирдгардон аст.
Манори Варз–чун пайғоми Сомон аст,
Шаҳодатномаи ранҷи ниёгон аст.

## КИСТАМ

*В-арна гар шоирӣ, чунунат ку?*
*Дили ҳассосу гармхунат ку?*

*Мирзо Турсунзода*

Ҳар рӯз ман дар аҳди худ сад бор дигар мешавам,
Гоҳе ҳамоҳанги замин, гаҳ ёри ахтар мешавам.
Гоҳе чу Сирдарё ҳазор асрор дар дил меравам,
Гоҳе Зарафшонвор дар анҷоми худ зар мешавам.
Гаҳ аз шарори синаам бар хору хас оташ занам,
Гоҳе чу баҳри беканори қатрапарвар мешавам.
Як лаҳза ошиқ мешавам, як лаҳза ҳозиқ мешавам.
Як лаҳза месӯзам саропову самандар мешавам.
Як лаҳза шаҳбозам, ки бо як шаст гирам сайдро,
Як лаҳза аз худ рафта, дастомӯз кафтар мешавам.
Гоҳе қаноат мекунам бо резаҳои нони хушк,
Гоҳе барои зарра бо хуршед ҳамсар мешавам.
Сисола роҳи умри ман тай шуд, надонам кистам?
Ҳар рӯз ман дар аҳди худ сад бор дигар мешавам.

## ЗИНДА МЕГАРДАМ…

Дар дили ман меҳри Тӯйчӣ,
Бар сарам ёди Гагарин,
Ҳам сари кайҳонавардӣ дораму
Ҳам синаи бар марги худ зомин.

Ман агар дар корзори шоирӣ
Пеши роҳи тирро гирам ба шеърам,

Худ миёни корзорон хуфта, аз ашъор
Пул созам ба сӯи соҳили фатҳи дурахшон.

Эй ҳаводорони шеъри ман, матарсед!
Зинда гардам боз бо шеъри наве ман пас аз ин…
Боз ман дар сурати фарзандҳои тозаҷӯ.
Роҳҳои нав кушоям ҷониби Зӯҳрою Парвин.

* * *

Ман дар ин дунёи гардон ҷонфишон як марди роҳам,
Бар забардастии инсону шикасти нуриён умре гувоҳам.
То ба расми худшиносӣ растаам аз доми ғафлат,
Осмон андеша дорад аз паришҳои нигоҳам.
Хоҳам ар, бо ханда равшан мекунам рӯи заминро,
В-ар бинолам, тира мегардад само аз дуди оҳам.
Ранги сурхиро ба рӯяш офтоб аз хоки ман зад,
Ҳамсафар, ҳайрон машав аз зардии рӯи чу моҳам.
Гар гунаҳ бошад ҷавонӣ доданам бар олами пир,
Пас нағунҷад дар фазои бекарон ҳам ин гуноҳам.

## ШЕЪРИ ОЛАМГИР

*Ба Устомиршарифи Урметанӣ*

Ту дар кафҳои шахшӯлат насими субҳидам дорӣ,
Зи барги гул тароват аз баҳорон нусхабардорӣ,
Туро ҳар хишт гӯё дар ниҳоди худ ҷаҳон дорад,
Дили пурорзу, чашми ҷаҳонбини замон дорад.

Зи лою гил ту иншо кардаӣ он шеъри оламгир,
Варо дар сафҳаи олам кӣ битвонад кунад таҳрир,
Ба ҷуз дасти бинокори ту кӣ эъҷозбунёд аст,
Зи файзаш оламе гулрезу одам хонаобод аст.

## СУРУДИ НАСИМ
**(салсила)**

Асрори қуллаҳоро
Пурс аз ман, эй бародар,
Кайфияти баландӣ
Бо ҷон бувад баробар.

Ҳар санги хора ин ҷо
Давру замона дорад,
Ҳар нахл сарнавиште,
Ҳар гул фасона дорад.

Хуршед тавсани худ
Зин карда аз ҳамин ҷо,
Бар роҳ мебарояд
Чун марди роҳпаймо.

Ҳам ибтидост ин ҷо,
Ҳам интиҳост ин ҷо,
Ҳар чашма мисли чашме
Ошиқ бувад ба дунё.

Ин давлати баландӣ
Бар қулла набвад осон,
Ҳар лаҳза дорад ӯ ҷанг
Бо барфу боду борон.

Умрест раъди ғуррон
Бар қулла меситезад,
Бори гарони худ абр
Бар дӯши қулла резад.

Бо бурдбории худ,
Бо ҷонсупории худ,
Шукри замин гузорад,
Ҳар қуллаи зарандуд…

* * *

Маро сарве иноят кард ин дам,
Бигуфтам, эй сари боло, чӣ сонӣ?
Бигуфто ман муроди ростонам,
Ба мардум медиҳам хатти амонӣ.

Ба мулки синаҳо гул карда, умре
Зи толеи баланд огоҳ бошам,
Ба роҳи растухези зиндагонӣ
Ба оқил ҳамдаму ҳамроҳ бошам…

Ба ногаҳ хори часпак аз сари раҳ,
Ба домонам фитоду лобаҳо кард.
Ба мо ҳам як назар, эй насли одам,
Забони мо ба мо, бингар, чиҳо кард.

Ту бингар бар сафи дандони тезам,
Замоне хас, вале бадкор будам.
Ба рӯи одамон пурханда чун гул,
Ба хилват заҳрпарто мор будам…

Тамоми умри худ дар ҳаққи мардум,
Ба ҷуз ҳарфи бад ифшое накардам,
Зи дастам некӣ меомад ба ҳар кас,
Вале аз рӯи худхоҳӣ накардам.

Зи бадхоҳии худ дар зиндагонӣ
Ҳақиру бебару бе бор гаштам.
Сари девор шуд тахти баландам,
Ба ҳар ҷое, ки растам, хор гаштам.

Қадам мондам ба сӯи қуллаҳо тез,
Валекин лолаҳоям бар кашиданд.
Барои тифли раҳбигрифтаи кӯҳ
Зи хуноби ҷигар соғар кашиданд:

Бипурсидам ман аз як лола: эй ҷон,
Туро ин доғи дил чун гашта пайдо?
Чу шеъри Бедил асрори туро ман
Ба сад маънӣ шунидастам, зи ҳар ҷо.

Яке гӯяд, ки ин доғи фироқ аст,
Яке гӯяд, зи дасти қарзхоҳон,
Яке гӯяд, ки доғи гӯшашинӣ,
Яке гӯяд, ки дарди рӯзгорон.

Яке гӯяд, ки шамшери забонат,
Сари сабзи туро додаст бар бод,
Фиғони лола аз ин гап баромад
Гиреҳ аз рози садасрина бикшод:

## СУРУДИ ШОҲИН

То кабки хироманда маро дар кафи чанг аст,
Одам ҳама ранг аст, олам ҳама ранг аст.
Он синаи раҳме, ки ту меҷӯӣ, аё кабк,
Дар синаи санг аст, дар синаи санг аст.
Ин водии бетаҳ, ки варо ном фазо шуд,
Чун дидаи танг аст, чун дидаи танг аст.
Гар болу паре дорию аз хок нахезӣ,
Подоши ту нанг аст, подоши ту нанг аст…

* * *

Китоби кӯҳҳоро хонда-хонда,
Маро то қулла рафтан буд матлаб,
Ҳамерафтам…баногаҳ кӯҳу саҳро
Ба сар чодар кашид аз пардаи шаб.

Ҳама атроф ногаҳ тира гардид,
Чӣ хуш, ин дам шубоне гулхан афрӯхт.
Либоси шаб мисоли ҳезуми хушк
Дар он гулхан ҳамеафтоду месӯхт…

Шубон ҳокими он шабҳои кӯҳӣ,
Зи лаҳни най ба кӯҳҳо ҷон даровард,
Суруди соддаю пуршарбати ӯ
Маро бар авҷи гардун бурда овард.

## СУРУДИ ЧӮПОН

…Хуршед чун аз қуллаҳо
Афтода қурбон мешавад,
Шаб бар сари танҳои ман
Исторарезон мешавад.

Кабку ғизолони чаро
Бо ман анису ошно,
Танҳо нигори ман чаро
Аз ман гурезон мешавад?

Ин гулхани афрӯхта,
Ҷону дили шаб сӯхта,
Субҳ аз дами боди сабо
Ҳар сӯ парешон мешавад.

Бахт аст баҳри гӯсфанд
Ҳарчанд ин кӯҳи баланд,
Аммо чу монад аз рама,
Авқоти гургон мешавад…

Забони гулхани хушсӯзи чӯпон
Тамоил бо дусад афсона месӯхт,
Шарар печида бар домони гардун
Ба рақсу бозӣ бебокона месӯхт.

Сари худ бар сари санге ниҳода,
Дили гарми заминро гӯш кардам.
Ҳавои шоирию шеъргӯӣ
Дар ин ҷо волаю беҳуш кардам.

Агарчи қуллаҳо дуранду ҳоло
Ба ман асрори худро во накарданд,
Ба чашми тифли раҳбигрифтаи кӯҳ
Вуҷуди хешро эҳё накарданд,

Вале худ дарк кардам розашонро,
Ки онҳоро табиат карда эҳсон.
Чу ҳайкал дар раҳи имрӯзу фардо
Барои хотири ҳимматбаландон.

Барои хотири онҳо, ки ҷонро
Чу гавҳар дар раҳи кишвар бисуфтанд.
Ҷаҳони кӯҳнаро таъмир карда,
Ба чашми халқ боре «ман» нагуфтанд.

Ғурури қуллаҳои нек-паймон,
Шакарлафзи ғализи обшорон,
Суруди нотамоми санги хоро,
Ҳадиси доғҳои лолазорон,

Маро доданд дарси худшиносӣ,
Ба роҳи шеър умре сар бибозам,
Зи ишқу орзуҳои кӯҳистон
Дили аҳли ҷаҳонро барнавозам.

Зи байни чоркӯҳи сар ба гардун
Ҷаҳони тоза мебахшам ҷаҳонро,
Ба ҳар як хона маҳрам менамоям,
Шукӯҳи кӯҳҳои тоҷиконро…

## СУРУДИ КАБК

Пои хушрафтор дорам,
Табъи беозор дорам,
Кӯҳ бошад, чашма бошад,
Бахти бархурдор дорам.

Бар сари санг ар вароям,
Об гардад аз навоям,
Қуллаи саркаш паноҳам,
Сояи гулхор ҷоям.

Лек боли парниёнам,
Нӯли сурхи безиёнам.
Синаи пур аз фиғонам,
Гашта умре хасми ҷонам.

Як дам, эй сайёд, раҳме,
Сабр, эй бераҳм, шоҳин,
То шаванд ин чӯҷаҳоям,
Сер аз дидори модар,
Сер аз рӯи замин.

## МЕҲРИ ТОҶИКИСТОН

Ман имшаб хоби ширин рафта будам,
Ба ёди ёри дерин рафта будам.
Бидидам хоб, ки аз байни мардум
Парида рафтаам бар сӯи анҷум.

Бидидам одамони осмонҳо,
Ба дарди марг дармон карда пайдо,
Ба қабристон чаконӣ чакра з-он об,
Ҳама неку бадон хезанд аз хоб.
Аз он як шиша бо зудӣ харидам.
Замин, ту дар куҷо гӯён, давидам,
Вале бӯрони сахте ҳамсафар шуд,
Ҷаҳон аз дидаам зеру забар шуд.
Маро бардошта тӯфону тундар,
Фикандӣ дур бар дунёи дигар.
Кушодам дидаву дидам Чикаго[1],
Чу коми аждаҳои бесару по.
Бидидам мардуме пуркору сарсон,
Ба рағми якдигар ҳар сӯ шитобон.
Яке аз пой то сар нуқраю зар,
Яке аз ҳарду олам хок бар сар.
Яке осуда дар тахти таманно
Зи рӯзи рафтаю аз фикри фардо.
Якеро мурда дар ташвиши имрӯз,
Нишоту давлати фардои фирӯз,
Яке аммо раҳо аз қайди хеш аст,
Варо уммед бар фардои пеш аст,
Чу бозорест ин сон шаҳру дар он
Фақат сармоя дорад қадри инсон.
Ба пул, хоҳӣ агар, ҷон мефурӯшанд,
Муҳаббат, ишқ, виҷдон мефурӯшанд,
Ба ҷуз меҳру садоқат, дасти ёрӣ,
Ба ҷуз оини одамдӯстдорӣ,
Дар ин ҷо ҳаст, ҳар чизе ки хоҳӣ
Зи ҷони одамӣ то шири моҳӣ.
Мани гаҳвораи иқболдида,
Башарро инчунин помол дида,
Ба қасди чони худ ханҷар гирифтам,
Саросар ҳамчу ҷангал даргирифтам.
Вале меҳри Ватан, ёрони ҷонӣ,
Маро медод аз мурдан амонӣ.
Ба худ гуфтам, ки бо ҳар гуна роҳе,

[1] Ч и к а г о – шаҳри сернуфузе дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.

Ба зӯрӣ,
бо ҳунар ё бо сипоҳӣ,
Агар бинам зи нав рӯи диёрам,
Ба хокаш зинда ҷонам месупорам.
Ба ин уммед ҳар сӯ метапидам,
Гаҳе пур мешудам, гаҳ мекафидам.
Мане, ки дар Ватан аз сарбаландӣ
Ба Миррих менамудам ришханде,
Мане, ки бо саисону вазирон,
Баробар будаму хушбахту хандон,
Мане, ки бо дусад милён бародар,
Зи ҷайби як гиребон мезадам сар,
Дар ин ҷо бе касу бе кор гаштам,
Худам бар дидаи худ хор гаштам.
Касе ин ҷо ба имдодам наёяд,
Зи кӯҳе акси фарёдам наёяд.
Ба дил гуфтам, ки дар қабристоне,
Намоям доруи худ имтиҳоне,
Ки шояд зинда гардида яке мард,
Раҳо созад маро аз ин ғаму дард.
Вале боист ин ҷо ҳушёрӣ,
Аз ин дору мабодо нобакоре,
Зи қабри танги худ берун бигардад,
Азобу ранҷи ман афзун бигардад.
Бирафтам ман ба қабристону ногаҳ
Салобатнок қабре дидам он ҷо
Варо болою поён мармарин аст,
Зумуррадпораи чархи барин аст.
Сипанду лола гул карда, қиёмат,
Равон аз чашми наргис ашки ҳасрат.
Чӣ ҳайкал? Дар сари қабри пурасрор
Хирадмандӣ зи ҳар нақшаш падидор.
Дилам кӯчидаву ашкам равон шуд,
Ба чашмам ӯ чу пайғамбар аён шуд,
Б а худ гуфтам, ки бояд инчунин мард
Амон бахшад маро з-ин олами сард.
Фалакро, маргро, оину динро,
Худованди разолатофаринро,
Ба дил бинмуда дашному маломат,

Ҳамоно майл кардам бар каромат.
Аз он доруи худ як қатраи кам
Бияфшондам ба рӯи хоки муаззам.
Баногаҳ қабр ларзиду саломат
Аз он ҷо марди нуронӣ баромад.
Ба пои ман фитода лобаҳо кард,
Барои кори хайри ман дасти дуо кард.
Чу дар дасти ман ӯ он шишаро дид,
Гирифту аз тараб бар дида молид.
Аз ин ҷо мисли раъду барқи баҳман,
Ба олам паҳн шуд овозаи ман.
Касе дигар напурсид, ин чӣ мол аст,
Сабабгори ҳаёт аст ё завол аст,
Ба рӯи дасти худ бардоштандам,
Ба сар ҳамчун ливо афроштандам.
Ба ҳар ҷое, ки метафсид сӯҳбат,
Набуд ҷуз васфи ман, ҳарфею ният.
Ҳама атроф мегардид нобуд,
Фақат як пайкари ман зинда мешуд.
Набуд шаҳре, ки ман он ҷо набошам,
Зи кулли мардумон боло набошам.
Зи фарди хона то анбӯҳи бозор,
Зи ному мадҳи ман буданд саршор.
Маро дар ҳар либоси тоза сурат
Зи ҳар девору дар бар дида мезад,
Куҷо шеъри наве аз дил дамида,
Ҳамеомад маро болои дида,
Бар эҳёю бар эҳсони табиат,
Ба ҷонбахшию ҷонгирии санъат,
Ба шоирҳо, ки аз ашъори рангин,
Будӣ ҳамном бо хуршеду парвин,
Баҳо медодам аз рӯи шунидам,
Асалро ман зи ору мечашидам.
Вале сармоядори муттаҳамро,
Ба дӯши зиндагӣ он бори ғамро,
Ба ҳар ҷо дида сар хам менамудам,
Худамро аз худам кам менамудам.
Ҳар он чӣ хост дил, он кардам изҳор,
Ҳазаф қимат, садаф арзони бисёр,
Ба боми хона кайҳон ном додам,

Заминро дар сари як ҷом додам.
Суруди кӯҳнаи зоғи сиёро,
Ду-се банди дигар бинмуда ҳамроҳ,
Сурудам ончунон такрор, такрор,
Ба қомат омад аз он гӯши девор.
Ҳаё чун душман аз ман дур мегашт,
Бало чун дӯст бо ман ҷӯр мегашт…
Вале як рӯз як шахси тануманд
Раҳи оби маро сӯи дигар канд.
Гирифта аз гулӯям гуфт: иблис,
Ҳама кирдори ту макр асту таблис.
Аз он доруи ту бар як майите,
Майити як ҷавонмарди шаҳиде,
Чакондам, ҳеҷ суде барнаёмад,
Фақат об аст,
                    оби бе шафоат.
Фиғонам бар фалак печид аз ин гап,
Ба пеши чашмам омад чун маҳи шаб:
Ҳамон қабре ки афзун кард дардам,
Ҳамон марде, ки ӯро зинда кардам,
Гирифта шишаи доруи манро,
Ба ҷояш додааст оби мусаффо…
Задам фарёд дастонам кушода,
Дар ин дунё адолат мурда зода!
Даҳонам талх шуд,
                                аз ҷо ҷаҳидам,
Худамро дуртар аз ҷога дидам.
Ҳазорон шукр, ёрон, шукри беҳад,
Ки буда ин ҳама хоби касофат.
Давидам, шустӯшӯ кардам даҳонам,
Ғизо додам ба ҷисми нотавонам.
Ғубори остони дӯстонро
Ба миҷгон тӯтиё кардам ҳамоно.
Кашидам сахт бар оғӯши холӣ
Зи рӯди Панҷ то қутби Шимолӣ.
Намешуд сер аз дидори кишвар
Ду чашми интизору гушнаи сар.
Фақат ин орзу манро ба сар зад,
Чу наштар буд гӯё, бар ҷигар зад.
Аз он шӯҳрат, аз он сон давлати хоб,

Сари мӯе намехоҳам,
бар, эй об!
На ҳайкал баҳри ман лозим, на афсар,
На савлат, на сари қурбони минбар.
Намегирам дусад Руму Вашингтон
Ба як санги сиёҳи Тоҷикистон.
Вале, эй кош, дар бедории худ,
Маро он қудрату эъҷоз мебуд,
Ки бо як шеъри тар бар насли одам
Дубора зиндагӣ меофаридам.

## ШАБИ ШАМТУЧ[1]

*(Манзара)*

Ранги рӯз омехт бо хуни шафақ,
Сӯхт дар оташ уфуқи дурдаст.
Шом печида ба тори қуллаҳо,
Дар ба рӯи дидаи офоқ баст.
Аз лаби гардун табассум дур шуд,
Мурд гӯё рӯз дар пеши назар.
Назди тобуташ сияҳ пӯшидаанд
Кӯҳҳо хомӯшу сокит сар ба сар.
Шом то торик шуд, шаб дида рӯз
Зери доман кард оламро панаҳ,
Чуғз–он маддоҳи шаб карнай зада,
Васф мекард, васф ин шоми сияҳ.
Бар хилофи шаб сипоҳи ахтарон,
Гӯӣ аз ҳар мӯрӣ мегаштӣ падид.
Чир-чирак доду малах мезад манаҳ,
Кирмаки шабтоб ханҷар мекашид.
Ногаҳон пироҳани шаб пора шуд,
Абрҳои тира хокистар шуданд.
Рӯи пуранвори худ бикшод моҳ,
Аз миёни кӯҳҳои сарбаланд.
Куртаи суф кардӣ дар бар боғҳо,
Тофт рӯи қуллаҳо тарзи дигар.
Шаб зи тахти салтанат, афтид, рафт…
Шоиро, бархез шуд вақти сафар.

---

[1] **Ш ам т у ч** –деҳаест дар болооби Зарафшон.

* * *

Ҷуз дили ман имшаб олам музтару хомӯш буд,
Дил маро бо ёди ёри рафта ҳамоғӯш буд.
Ҳарчӣ мерафт аз канори ман ниҳонӣ, неш буд,
Ҳарчӣ меомад маро бар лаб аёнӣ, нӯш буд.
Қатраҳои ашки шодӣ менамуд баҳрам ба чашм.
Шабнами пушти лабони ёр дарёҷӯш буд.
Гоҳ бо абри сиёҳу гоҳ бо чавгони моҳ,
Осмон як дам маро бар сар даме бар дӯш буд.
Қутб агар мехуфт, аммо Қутбие бархоста,
Оламе бар олами афсонаҳояш гӯш буд.

## ПУЛИ САНГИН

Аз Пули Сангин гузар дорад замон,
Бар Пули Сангин назар дорад ҷаҳон.
Бо Пули Сангин ба олам меравад
Корвони обрӯи тоҷикон.
Аз Пули Сангин ҳикоят меравад
З-иттиҳоди дӯстии ҷовидон.
Аз Пули Сангин ҷавонӣ сар шавад,
Баҳри чӯлистони пир аз бостон…
Бар Пули Сангин назар дорад ҷаҳон,
Аз Пули Сангин гузар дорад Замон.

## САНГПУЛ

Дар мӯи ман ғубори раҳ кам нест, бингаред,
Аз рӯи абру аз таги дарё гузаштаам.
Умре пиёда рафтаам дар водии хаёл,
Аз сангпули асрҳо танҳо гузаштаам.
Бар нокасони зиндагӣ гардан надодаам,
Аз зери теғ бо сари боло гузаштаам.
Гоҳе дар оби дидаҳо ман ғарқ гаштаам,
Гоҳе зи тангроҳаи дилҳо гузаштаам.
Чун доштам зи домани дилдори назми хуш,
Аз баҳри хешу аз сари дунё гузаштаам.

## ШУКРОНА

Аз Ватан то дур гаштам,
Хурду номанзур гаштам.
Ҷоми фахфурӣ шикаста,
Косаи танбӯр гаштам.
Гарчи Ниле дар барам буд
Баҳр баҳри Мармарам буд,
Осмони Риму Марсел,
Соф болои сарам буд,
Гарчи бо фиръавнҳо ман
Мешудам ҳар дам дучор,
Гарчи аз килки Рафоэл
Мешукуфтам чун баҳор,
Гарчи бо пул буд муяссар
Он чи дил мехостам,
Гарчи мизбон бо дусад гул
Хона меоростам,
Косаи бишкаста будам,
Ханҷари бедаста будам.
Дида бар сӯи Ватан ман,
Як дили вораста будам.
Шукр,
          гаштам аз сафар ман,
Мурғи муштоқи саҳар ман,
Аз навои шукри шодӣ
Пур кунам ҳар бому дар ман.
Шукри дастурхони тоҷик,
Шукри фарзандони тоҷик.
Шукри шаҳри боғу саҳро,
Шукри кӯҳистони тоҷик.
Шукри инсофу адолат,
Шукри бахти пойдор,
Шукри нони пахтакору.
Шукри ҷони пахтакор
Шукр, эй Одина Ҳошим,
Боз бишнидам садоят.
Эй Мунаввар, рақс,
То сар монаме дар зери поят.

## ЧӮТАК ӮРОЗОВ

Як тани ӯ ҳазор душманро
Дар дили хоки тира пинҳон кард.
Ҳар ки бар зидди ӯ сар овардӣ,
Зада бар хоки тира яксон кард.

Сабза оташ гирифт, ҷӯ оташ,
Оламе гашт мӯ ба мӯ оташ.
Шӯъла зад, шӯъла пайкари Чӯтак,
Чашмаш оташ гирифт, рӯ оташ.

Даргирифту вале дар оғӯшаш
Ҷӯш зад чашмаҳои мулки Ҳисор,
Духтари хушнигоҳи ҳамсоя
Кард сӯяш равона ашки қатор.

Шӯъла зад, шӯъла зад тану ҷонаш,
Дилбараш гӯӣ бар канор омад,
Оташистон баҳори хуррам шуд,
Кеши оташпарастӣ кор омад.

Хоки душман ба бод рафт, вале
Пайкари ӯ ҳанӯз месӯзад,
Дар шабони сиёҳи мулки фаранг
Ҳамчу пайғоми рӯз месӯзад.

## ДЕҲҚОНИ ПИР

*Ба аввалин муҳоҷироне, ки водии*
*Вахшро кони «тиллои сафед» кардаанд.*

Мирам ба риши сафедат,
Аз нигоҳи пурумедат
Ҷониби саҳрои заррин,
Ҷониби ҳар пахтачин.

…Шиштаӣ дар вот,
Бар ёдат ҷавонӣ мерасад,

Лаҳзаҳои пуртавонию гаронӣ мерасад.
Як замоне ту зи фарқи кӯҳҳо
Мисли ҷӯ аз худ дамидӣ,
Рӯди шӯхат пеш-пеш кардию худ аз пас давидӣ.
Омадӣ бар чӯли тафсон,
Аз бару дӯшаш кашидӣ,
Чӯл саҳро шуд,
Ту ҳам бо худ расидӣ,
Хори поҳоят бадар шуд,
Бори китфонат самар шуд.
Дидаӣ мизи раисӣ,
«Лаззат»-и минбарнишинӣ,
Офарину «ҳайфи ту»-ҳои зиёд.
Нашъаҳои рӯизинӣ, зеризинӣ,
Ҳарфи сахти дӯстдорон,
Ғайбату «мадҳи» рақибон.
Ҳамчу оби форае аз киштаҳоят рафта берун,
Шиштаӣ дар вот акнун.
Дида медӯзӣ бар авзои ҳаво,
То начаккад қатраи борон ба рӯи пахтаҳо,
Хоҳӣ, то аз пардаҳои ҷон кашӣ бар дашт чодар,
Шиштаӣ дар вот бо риши сафеду мӯи барфӣ.
То даме чашми табиатро барӣ, то наборад барфи дигар,
Шиштаӣ дар вот–
ҷонат чун наҳи абрешимин
Мебиёяд, меравад бо зарби дасти пахтачин…
…Аз нигоҳат нур мерезад ба рӯи пахтазор,
Дар ҷабинат нақш баста, ҷӯй-ҷӯи пахтазор,
Ҳақталаб, ҳақдор, ҳақбардори ин саҳро туӣ,
Аз сукутат ҷилва дорад обрӯи пахтазор.

## ДУХТАРИ ПАХТАЧИН

Аз миёни пахтазорон,
Аз канори ҷӯйборон
Куртасурхе мебарояд чун шафақ,
Пур зи гавҳар пешдоман,
Мавҷи симоб аст гӯё пайкараш,
Кокули чилбоф чанбар карда бар гирди сараш.
Сӯи хирман домани зар мебарад,
Файзи саҳрои муаттар мебарад.

Панҷаҳояш тезгиранд,
Бозувони ӯ ба тоб,
Рӯи ӯ чун нони гандум,
Пухтааст аз офтоб.

Ӯ надорад бок аз бебокиҳо,
Аз ҳашаргар–«булбулон»-и шаҳрҷо.
Остони ӯ баланд аст,
Бо ҷаҳони хеш банд аст.
Ҳамчу саҳро баҳри гавҳар дорад ӯ,
Хирмани лабрез аз зар дорад ӯ,
Ёри деҳқонзодаи хирманкушо,
Ошиқи бо ҷон баробар дорад ӯ.

Аз миёни пахтазорон,
Пур зи гавҳар пешдоман,
Куртасурхе мебарояд чун шафақ,
Сӯи хирманҷо шитобон…

## УМЕД

Ҳар киро давлати зиёд бувад,
Боз хоҳад зиёдтар аз он.
Бефулусон фулус мехоҳанд,
Гушнаҳои замона порай нон.

Одамӣ бо умедҳо зинда,
Ҳам зи мозиву ҳам дар оянда,
Ноумедӣ гуноҳи шайтон аст,
Зинда бодо умеди поянда!

## ПАДАР

Падарам чун чанори пир ба роҳ
Рӯзу шаб мекунад ба меҳр нигоҳ.
Пайкари сахту захмгини ӯ
То ҳанӯзам бадард, иншоллоҳ!

Ки зи майдон нагашта буд бадар,
Ғарқ дар хуни хеш Рӯзи Зафар…
Гар ҳама умр сина пурхун кард,
Лек як бор ҷома гулгун кард…

## ПИРИ ТАНҲО

*Ба иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ*

Он, ки номашро ба Рейхстаг навишта,
Луқмаи Озод бурдӣ Аврупоро,
Ҳолӣ андар хонае танҳо нишаста,
Мекунад имрӯз фардо…
Даст пурдард,
Пой пурдард,
Хонааш ҳам тираву сард.
Ҳеҷ касро нест парвое, ки
Ҳоло зинда аст, ё мурда ин мард?!
Мешуморад рӯзу
Аз оинаи нилии Маскав
Дида дигар сӯ натобад…
То ягон сурат, ягон ҳарфе
Ба ҳоли худ биёбад.
Лек афсӯс,
Пешу пас акнун «Рафиқон»
Аз Лаҳистон,
Аз Латиш, аз Латвиё, Эстониё
Қаҳрамон – демократҳо, ки
На ҷанге дидаанду не маломат,
Мекунанд ӯро ҳақорат,
Мебаранд ӯро ба ғорат.
Дӣ яке абрӯсиёҳи ришзард,
Бар сари ӯ рехт як бахр оби сард.
Шаҳри Магнит дурӯғ,
Дурӯғ БАМ, хоки навкорам,
Дурӯғ Ғалаба бар фашизм,
Дурӯғ маънии додар, бародар,
Дурӯғ ҷон супурдан барои якдигар.
Душман–ин
Кошевой, Матросов, Гагарин,
Дӯст–
Рокфеллер, Муссолини, Ҳитлер.
Дӯзах –Сталинград, Ленинград, Киев,

Ҷаннат – Дахау, Саласпилс, Матхаузен![1]
Каф ба дил бурда рост мехезад,
Гӯӣ, аз нав ба ҷанг омезад.
Мекунад пора пироҳан дар тан,
Мерасад то фалак варо шеван.
Бадани ӯ ҳанӯз-оҳан пур,
Душманашро ҳамезанад аз дур.
Мезанад наъра:
Ман ҳамон афсар,
Ки намудам фашистро бесар.
Падару модарони эстонро,
Латвия, Литваю Лаҳистонро
Аз таххона,
Аз беша,
Аз паси буттаҳои хористон,
Аз ҷалабхонаҳову мористон
Берун оварда, умр бахшидам,
Бар башарзода ишқ варзидам.
Дод аз дастат, эй башарзода,
Ту ҳусули занӣ, на харзода.
Ин чӣ даҳшат,
Ин чӣ рӯю чӣ пӯст?
Дӯст душман гашт,
Душман гашт дӯст?!
Мункири ҳақ ҳаё надорӣ агар,
нигар, нигар нигар…
Шаст милён–
Навхатон, навбарон,
Шоирон, ошиқон,
Раҳкушоён, раҳнамоён,
Ҷон фидо карданд,
То ту аз бало ёбӣ раҳо.
Аз фашизм аз даҳони аждаҳо ёбӣ раҳо!
Гарчӣ дар атроф имрӯз
Майфурӯшон,
Пайфурӯшон,
Ҳайфурӯшон,

---

[1] Номи маҳкамаҳои марг, ки фашистон миллионҳо одамонро дар он ҷойҳо сӯхонидаанд.

Шайфурӯшон
Давлати манро ба савдо мегузоранд,
Қисмати манро ба савдо мегузоранд,
Ман вале андар шинак бедор истода,
Ҳамчу кӯҳе бар раҳи ағёр истода.

## ДАРДИ МИЛЛАТ

Худоё, Тоҷикистонро амон бахшо зи худхоӣ,
Дилам садпора шуд аз маншаи «инҷоӣ»–«онҷоӣ».
Суханнодон, суханнодидаҳо имрӯз пурҳарфанд,
Дареғ аз нуктадоне, нуктасанҷе, нуктафармое.
Ба ҳар ки бингарам, теғи забонаш қатл мехоҳад,
Дареғо, шарбате, нуқле, наботе, мағзу ҳалвое.
Зи чашми мардумӣ ҷои муҳаббат кина мерезад,
Дареғо, наргису бодому оҳуеву ҷодуе.
Сари як мӯй меистанд қавми номуросое,
Дареғо, хатти Атторееву тори меҳри Мавлое.
Касе аз баҳри миллат сӯхт, ё худро ба об афганд!
Дареғо, Ғӯрие ё Маздаке, фарзанди Саққое.
Сари як барг буда рӯдавиданҳои мо, мардум,
Дареғо, Шаҳри Сабзу Шоҳи Сабзу шеъри Сабзоӣ.
Ба по ночида хоре, «шоирони миллат» афзуданд,
Дареғо, Туғрале, Айнулқузоте, шайх Саҳбое.
Бухороӣ матои хешро аз гумруке ҷӯяд,
Намепурсад куҷо шуд сад вагон тиллои бобоӣ.
Чу тухми ҳиммати мо аз замини мо нашуд боло,
Дареғо, Балъамӣ, шоир Ҳисомӣ[1]…Бахяпартоӣ…

## НАВРӮЗӢ

Намедонам зи мо ё аз қазо шуд,
Ҳамиятнокии мо зери по шуд!
Хунукшӯи мусулмоннописандон*
Сағирону кабиронро ғизо шуд.
Зи Ҳиндустон ғилоф ояд чу ёрӣ,[2]

---

[1] Ишора ба байти:
–Ҳисомиро зи шоҳони маҷозӣ нест парвое
Чаро к-аз бахяҳои жанда ӯ ҳам лашкаре дорад.
[2] Киноя аз ёрии давлатҳои хориҷа.

Шаби мардони мо рӯзи сиё шуд.
Ба рӯ давиданду дашном-шавкат,
Фурӯтан буданду мардӣ гуно шуд.
Ба бозоровари рози каримон
Навист аз рӯи мову додхо шуд.
Ба ҳезу зангурезон гап надорам,
Ки ҳарду бар муҳаббат раҳнамо шуд.
Нигоре, навхате, шӯхе–мунаққид,
Ба нозе мекӯшад моро, ба ҷо шуд!
Намегӯяд касе аз ишқ ҳарфе,
Насими кокули дилбар куҷо шуд?!
Куҷо шуд завқи Мирзо, шавқи Боқӣ
Назарбозию риндиҳо адо шуд?!
Ба филу шер мебаҳсад хамӯшак,
Сухан ассочаи дасти гадо шуд!
Ҷаҳон лабрез шуд аз шикваборон,
Сари мардони мо аз тан ҷудо шуд?!
Ман аз Наврӯз мехоҳам, ки орад
Ҳар он чи з-они мо буду зи мо шуд!

**Ё РАБ**

Ё раб, ин бехабарӣ, бесабрӣ,
Худбабозорбарӣ, беназарӣ.
Худкушӣ, худфиканӣ, дарбадарӣ,
Худфурӯшӣ, зи худӣ пардадарӣ,
Дар куҷо буд, ки афкандӣ ба тори сари мо?
Кай шавад хушк аз ин боди саҳар,
Ба хун олуда ду чашми тари мо?!

**ШИКАСТ**

Аждаҳои қолинаш ҳар нимашаб
Ҷисми камхуни варо дам мекашад.
Дастаҳои пул ба зери бистараш
Аз хуруҷи ашки ӯ нам мекашад.

Қандили лаъли Бадахшон бар сараш
Чун даҳони шер меорад фишор.
Ёри таннозу чаманпарвардааш
Сард дар паҳлӯи ӯ тобад чу мор.

Мекунад бо соати тиллоияш
Вақтро ҳар як нафас чен,
Чун чароғаш мурд, равшан мешавад
Аз бари девори ӯ тӯмори рангин.

Он шафоат мекунад, як лаҳзае
Миҷҷааш бо миҷҷааш бар мехӯрад.
Хоб мебинад, ки дар таххонае
Нони хушку майнаи сар мехӯрад.

Бардаму чолок бархезад зи ҷо,
Меравад оҳиста сӯи «корзор».
Хат кашида чор сӯ бо бинниаш,
Медиҳад андешаи худро барор.

Меравад бар хона бо кибру ғурур,
Баъди таҳтӯли ғизои шомгоҳ,
Менависад номаҳо бар «Ном»-ҳо
Аз ғами қашшоқӣ, аз рӯзи сиёҳ…

## ДИЛАМ МЕЛАРЗАД

То шудам маҳрами эҷод, дилам меларзад,
То шудам аз қафас озод, дилам меларзад.
Рӯзи наврӯзи маро рафтиву бо худ бурдӣ,
Ҳар гаҳе аз ту кунам ёд, дилам меларзад.
Доғи маҳрумӣ чу кӯҳе шукуфад аз дили ман,
Ба кафам тешаи Фарҳод, дилам меларзад,
Боли шаҳбозиам оварда агар то сари кӯҳ,
Ҳамчу дар хонаи сайёд дилам меларзад.
Дасти уммед ба домони ту, нокас, бурдам,
Омадам нолаю фарёд, дилам меларзад.
Ҷайбу пироҳани гулҳои чаман пок бувад,
Ваҳ, ба танҳоравии бод дилам меларзад…

## НОМА АЗ РОҲИ ДУР

Риштаи меҳр дар дили мардум
Даст нокарда, мешавад канда.
Намкашу сарду ваҳмангезанд
Одамон чун маводи тарканда.

Ҳар куҷое, ки шӯълае буда,
Ҳолиё чашми мор рахшанда.
Абрувони каманди соҳирҳо
Мисли занҷирҳои барканда.
Чашми бад чун чароғи роҳнамо,
Чашми некӯ ба хоб оганда.
Шеъри тар ҳамчу шери нар гирён,
Модашерони пир дар ханда.
То куҷо меравам, намедонам
Бо ҳамин роҳи домафканда.

## ГИРЯ

Ҳамсоя чу душман шуда, омад ба сарам.
Хуршеди фазо тира шудӣ бар назарам.
Хуни ҷигари бародарам рехт ба хок,
Чун қатра фитода аз фалак, дар ба дарам.

Ман чун кунам ин Ватан, ки модар набувад,
Ман чун кунам ин халқ, ки додар набувад.

Додар ба камоли навхатӣ буд, фитод,
Дур аз назари деви бадӣ буд, фитод.
Аз тири камони писари ҳамсоя
Пурбозуву шамшодқаде буд, фитод.

Ман чун кунам ин Ватан, ки Модар набувад,
Ман чун кунам ин халқ, ки додар набувад.

Ман дил надиҳам занони рӯбаҳзоро,
Ман гил нашавам ришони сардарпоро.
Ман шонаи худ намекунам минбари марг,
Ман каппаи худ намекунам қаҳбасаро.

Ман чун кунам ин халқ, ки додар набувад,
Ман чун кунам ин Ватан, ки модар набувад.

## ОЗОДӢ

Озодӣ зане нест, ки танноз хиромад,
Бо «Валс»-у «Джаз», ё ки ба «Шаҳноз» хиромад.
Бо ишва рабояд дили ҳар булҳавасеро,
Дар базми ҳасудони суханбоз хиромад.

Озодӣ зан аст, он зани ҷаррор, ки дар бар
Пӯшида қабо аз гули шаб, аз дами ханҷар,
То хеш насӯзӣ, ба раҳат хун нафишонӣ,
Ҳаргиз накунад дидаи уммед мунаввар!

## ИСТИҚЛОЛ

Оби истиқлол хун шуд,
Ошиқиҳоям ҷунун шуд.
Аспи мастам роҳгум зад,
Шаҳсавори ман забун шуд.
Орзу аз дил бадар рафт,
Нолаҳои ман дарун шуд.
Кам гирифтам қарзи ёрон,
Дарду доғи ман фузун шуд.
Дӯст то бар сар нишондам,
Душмани ман сарнагун шуд.

* * *

Ман аз ҳар ройи бад боло нишастам,
Зи чанголи ҳасад боло нишастам.
Бубастам лаб зи бадгӯию ғайбат,
Зи тахти деву дад боло нишастам.
Ба рӯзи интихоби садри ҷумҳур
Ман аз ҳар номзад боло нишастам.
Барои меваи шохи баланде
Маро кам буд қад, боло нишастам.
Маро шавқи сухан то бар фалак бурд,
Ба хокам боз зад, боло нишастам.
Ҳисоби ман ба гардун буд, на бо ту,
Зи ҳар ҷӯту санад боло нишастам.
Агар аз Қутб кардам гаҳ нигоҳе,
Магӯедам, зи ҳад боло нишастам.

## БОЗОР

Нигоҳаш ҳамчу кафтар бегунаҳ,
Лаб пушти гулмоҳӣ,
Қиёмат мекунад қаддаш,
Дар ин бозори гумроҳӣ…
Маро дар кисса бисёр аст қоғазпораҳо,
Бо номи пул, беқадр чун одам.
Ба ӯ як даста додам,
Ӯ ба ман як даста кашниз дод.
Табассум кардамаш,
Ӯ ҳам табассум кард.
Ба ман даркор не кашниз,
Аммо ман харидам.
Нигаҳ кардам, ки ин олиҳа
Меболад зи хурсандӣ,
Ки шаҳрие чу манро
Гӯлу нодон дид.
Ба ҳоли ман ва кори хеш механдид.
Вале ман ҳам зи қисмат шод будам,
Зи лутфи ин парӣ obод будам.
Дар ин бозор, ки нархи гаронаш
Бишканад дандон
Шараф, инсофу виҷдон
Аз ҳама арзон!

## ҚАВМЕ ШАРОБ МЕХӮРАД

Қавме шароб мехӯрад бе нуқлу бе кабоб,
Қавме шароб мехӯрад бе чангу бе рубоб.
Қавме шароб мехӯрад аз бесаодатӣ,
Қавме шароб мехӯрад бе ҷурму бе савоб.

Андар пиёла рехта гӯё ки дардҳо,
Ошомадаш чу ҷуръаи вомонда аз қазо.
Ошомадаш, ки дӯсте ёбад дар ин саро,
Ошомадаш, ки душманаш ояд сари вафо.

Ошомадаш, ки бори ғам аз бозувон фитад,
Ошомадаш, ки рӯзгор аз ину он фитад.
Ошомадаш, ки ҳар нафас аз бодаи ақиқ
Доғи дилаш зудудаву ҳавле ба ҷон фитад.

Қавме шароб мехӯрад, худ бехабар, ки ӯ
Бо ин шароб гавҳари худро фурӯ барад.
Аз минбари нигоҳҳо афтода бар даҳан,
Аз сабҳае рамидаву бар донае хӯрад.

## ЗАНИ ТОҶИК

Эй зан, эй ҷавҳари худованди̣,
Ҳама Офоқу бар ту побанди̣,
Зӯҳраву Моҳу Каҳкашон дори̣,
Хокиро нест бо ту монанди̣.

Нест, валлаҳ, ки нест, гар дони̣,
Чун лабонат масеҳи кайҳони̣.
Нарасад бар латофати зулфат
Хатти дар гул навиштаи Мони̣.

Нигаҳат чашмаест рӯҳафзо,
Пайкарат гавҳари таги дарё.
Дил накандам зи себу ноки қадат,
Гарчи̣ дидам ҳазор ҷабру ҷафо.

Ман ҳамон Қутбиам, ки аз гардун
Баҳри побӯситу афтодам.
Дар ҳавоят баҳорҳо дидам,
Аз навоят чу ғунча бикшодам.

Нест бод аз ҷаҳон сари пасте,
Ки туро бо камон бадал созад.
Садафатро барад ба бегона,
Шармсорат аз ин амал созад!

## ШУКР

Айбҷӯёну ҳасудони мани бебок бисёранд, шукр,
Ҷумла бар ҷузве, мукофоте сазоворанд, шукр.
Ончунон маҳви талаб гардида бар нобуди ман,
Дар замини сабз тухми шӯра мекоранд, шукр.
Канда шуд дастам зи шохе, меравам сарзер ман,
Дастаҳо бо дасти гирошон намедоранд, шукр.
Коми ман шуд хушк дар ин мазраи пурофтоб,
Кони абранду ба рӯи ман намеборанд, шукр.
Бадзабонҳоро чу пироҳан кашидам ман ба дӯш,
Дар ҳарири умри ширин бар танам хоранд, шукр.
Ман надорам тоқати боре дар ин роҳи дароз,
Мардуме дар мағзи чашмам шиштаву боранд, шукр.
Ман ибодат мекунам бо номи ёре дар ҷаҳон,
Беибодатҳои ман бе давлати ёранд, шукр.

## ТАМАННО

Ман туро дар лаби дарёи хурӯшон дидам,
Гавҳари пок чу як мавҷаи ҷӯшон дидам.
Бо ду чашми сари аз дарди фироқ афсурда,
Мурдае будаму гӯё шабаҳи ҷон дидам.

Ту ба ёрони нават гуфтаю механдидӣ,
Сангро бо нигаҳат суфтаю механдидӣ.
Кӯҳ бо мавҷи садои ту ба сар гул мезад,
Ошиқонро ба ғам ошуфтаю механдидӣ.

Ханда кун, хандаи бебок туро мезебад,
Ҳама ин мӯъҷизаи хок туро мезебад.
Субҳи дигар ту агар озими хуршед шавӣ,
Шаддаи ахтари афлок туро мезебад.

Мон, ки ман монаму аз гиряи беҳосили ман
Қад занад, ҳамқади ту сарв аз ин манзили ман.
Сарв ҳам рӯ ба таманнои ту боло биравад,
Пур кунад аз ғазали қадди ту дунё дили ман.

## ДОР ЭМИН

Дар паси ҳар бутта кабке
Ошиқи рафтори хеш аст.
Дар сари ҳар шоха булбул
Сархуши гуфтори хеш аст.

Дар таҳи ҳар боғ зоғе
Ҳасрате дорад зи доғе.
Дар канори роҳ сулсул
Мекунад равшан чароғе.

Куртаворӣ карда тӯтӣ
Аз нахи тирукамоне,
Ҷӯш дорад базми қумрӣ
Дар лаби оби равоне.

Бо латофатҳои духтар
Мехиромад ширкафтар.
Аз шукӯҳи рӯзи фардо
Акка меорад хабарҳо.

Ё илоҳо, дор эмин
Ин ҳама талқину тазмин.
Аз балои чашми беҷо,
Аз садои тири хоин!

## СУХАНЕ РӮ БА РӮ БИЁР БА МАН

Сухане рӯ ба рӯ биёр ба ман,
Аз ҷигар гуфтугӯ биёр ба ман.
Рӯи худ чун ситора равшан кун,
З-офтобе нумӯъ биёр ба ман.
Вақт шуд, вақти ростгуфтанҳо,
Бе ибо остонарӯфтанҳо.
Вақти якро ҳазор гуфтан рафт.
Бояд аз як ҳазор карданҳо!
Лаъли дилҳои софу равшангар
Бояд имрӯз коргар гардад.
Сухани ҳаққу рост оламгир,
Ёвагӯ ҳарфи мухтасар гардад.

Дар паси хирмани «тилои сафед»,
Дилсиёҳон ҳама ба даст шуданд,
Қомати ғӯза боз боло шуд,
«Ғӯзапарвард»-ҳо ба паст шуданд.
Дар сари воти пахта «нағмагаре»
Дар сиёҳии рӯи худ гум шуд.
Он ҳақиқатнигори н-осуда
Офтобе миёни мардум шуд…

## УЗРИ ҶОНИ ОГАҲ

*Мо ба олам омада танҳо, вале*
*Оламеро ҳамраҳ овардем мо.*
*Бедил*

Ҳар чи дидем, аз раҳ овардем мо,
Дона гуфтему каҳ овардем мо.
Байти рӯи санги хороро задем,
Рӯ ба панди аблаҳ овардем мо.
Пеши ёрони раҳӣ аз гумраҳӣ
Оби хаспӯшу чаҳ овардем мо.
Лаҳзаи марги муфоҷоти рафиқ
Хандаҳои қаҳ-қаҳ овардем мо.
Бозувони мо бувад боби табар,
Пеши хасмонаш таҳ овардем мо.
Ҷуръати маро бо осонӣ набин,
Аз ғуломи худ шаҳ овардем мо.
Рӯзи майдон ҷои бонги «Гир», «Гир»,
«Оҳ»-«оҳу»-«аҳ» овардем мо.
Аз худовандӣ гурезонида чашм,
Аз набототӣ даҳ овардем мо.
То шавӣ огаҳ ту аз аҳволи мо,
Узри ҷони огаҳ овардем мо.

## ПОРАИ ИНСОФ

Ку шумо, эй рахтдорон,
Қоқуму санҷобпӯшон,
Аз таги по то ба фарқи сар,
Ҳама дандону дандон…

Дӣ, яке дар партави субҳи навин,
Холӣ дидам хилвати Варзобро.
Ошдонҳотон хамӯшу дегҳотон сарфуру,
Бод хокистар зада дар рӯи ҳар нақши шумо.

Чашмае, ки оби он шуд лой аз таҳрикатон,
Дар нигоҳам ин пагоҳӣ соф бинмуд.
Пораи Варзоби аз олудагиҳо покгашта
Бар мани аз соддагиҳо нопушаймон
Пораи инсоф бинмуд.

## ДАР АҶОИБХОНА

Дар аҷоибхонаи шаҳри Душанбе
Кундаву завлона дидам.
Дастгоҳи риштабофӣ,
Чарху дуку шона дидам,
Чун нишон аз даври мозӣ.
Ёдгор аз даври мозӣ дар музей
Чашмбанди зан,
Камарбанди фақирон.
Мӯкию локию гарданбандҳо
Мисли чашмони ҳақирон
Мекунад бар мо нигоҳ!
Хайр бошад мозиёнро ёд кардан,
Манзиле обод кардан,
Хотиреро шод кардан.
Лек ман хоҳам, ки дар як кунҷи музей
Чун нишони охирин аз даври мо
Давраи Кайҳоннавардон,
Оламе навкардагон,
То абад монад нишона
«Чарх»-у «дук»-и порахӯрон.
«Шона»-и инҷобизанҳо.
«Мӯки»-ю «локи»-ю
«Гарданбанд»-и мулло,
«Кунда»-ю «завлона»-и мансабпарастон.
Бе дурӯӣ, бе баҳона!..

## ВАХШ

Вахш аз нақби санг мегузарад,
Пурғуруру қашанг мегузарад.
Гӯӣ бар мағ-мағзи хороҳо
Бо наю уду чанг мегузарад.

Даргузашт ӯ кушода чини ҷабин,
Бӯсаҳо мезанад ба рӯи замин,
Аз гиребони кӯҳ медорад,
Меравад гӯиё ба чархи барин…

## БЕ ҲАДАФ

Дар сафар ё дар идора
Мӯйсафеде беситора
Мезанад бонг аз сиёсат,
Мезанад бонг аз раёсат.
Ӯ ҳамехоҳад, ки мо ҳам
Дар ҷаҳон бошем гапгир.
Пеши гургони замона–
Барраи парвардаи шир.
Ин табардасти падаркуш,
Саҳлгири сахткуш,
Он ки андар соли сию ҳафт
Мезадӣ бо марг ҷӯш,
Як даме худро намегирад хамӯш.
Ӯ намедонад, ки дасти бозсоз
Кундаю завлона бишкаст,
Коми деви одамихори Сибир баст…
Чун дари зиндон бубастанд,
Боз шуд кому забонҳо.
Ҳоҷати такрор набвад
Қиссае аз он замонҳо…

# ДАР ХОНАИ ПИРОНИ БАРҶОМОНДА
### (силсила)

## 1
## МУРҒИ ОЗОД

Ҷомаи зирабеқасаб дорад
Дар бар ин мӯсафеди рӯҳонӣ.
Тоқии чустӣ ҳусн оварда
Бар сари ин сиришти сомонӣ.

Субҳ кайҳо дамида дар рӯяш,
Бозувонаш хамида чун гардун.
Нигаҳаш ахтарест нурафган,
Рӯдакивор ҳарфи ӯ мавзун.

Мардумони зиёд дар ин боғ
Пои сарву санавбарон рафта,
Ғунчахуспист шеваи ин мард,
Рангу бӯяш ба худ ниҳон рафта.

Ӯ як умре набуда дар минбар,
Ҷуз ба худ ӯ накарда роҳбарӣ,
Хоби даҳшат варо ҳаметобад
Ҳаққи мардумхӯрию ришвабарӣ…

Нест ӯро тамаъ ба моли касе,
Даҳан аз таъну шиква барбаста.
Мурғи озоди бешаи ҳиммат,
Шери аз доми нафси худ раста.

Мекунад бар ҳама табассум ӯ,
Пардадору закию хушсавдо.
Ҳар гаҳе ки дучори ман ояд,
Хоҳаме дод гуфтан:–эй додо!

–Ту кучо рафтию чаро рафтӣ?
Бе ту дар ин замона хор шудам.
Шоире қобили ҳазор анис,
Ба як афсонаи ту зор шудам…

## 11
## БА УМЕДЕ, КИ…

На танҳо дода аз дасташ ҷавонӣ ӯ,
Қатори навҷавонӣ даст ҳам дода,
Варо як остин холӣ, варо як пой ҳам чӯбӣ…
Қазо ин пирро чун ҳайкале бар яъс бинҳода.

Вале навмед набвад ӯ, табассум мекунад ширин,
Зи ҳарфи сахт менолад, зи ҳарфе бол мегирад.
Ба уммеде, ки як рӯи хуше фардо бубинад ӯ,
Сараш оварда бар болину то фардо намемирад.

Саропо ғарқ мегардад ба дарёи табассум ӯ,
Чу бинад хоҳари шафқат ба сӯяш нону об орад,
Варо Модар ҳамегӯяд чу тифли нозпарварда,
Падар хонад ҷавонеро, ки аз паҳлӯи ӯ дорад.

## 111

## ҲАСРАТ

Як мӯсафеди лоғари ларзандапайкаре
Баъди намози одина аз рӯи бистараш
Бикшод чашму дид зи девор рӯ ба рӯ
Он сурати ҷавонии пуркарру пурфараш.

Дар сар кулоҳи ҳарбию чарминааш ба тан,
Шофи дароз дар бару таппонча дар камар,
Абрӯ чу мори қӯшае печидаю расо,
Аз оташи ғазаб ҳаме ду дида пуршарар.

Гуфт:
Ин манам саворави аспи ғуруру кин,
Бар куштани падар ризо, аз модарам ҷудо,
Пайтобапечу худсару бехи дарахтбур,
Хеши Дзержинский, хасми ҳазорҳо.

Ин ман, ки гоҳвораҳо бо тифли ширхор
Аз номи инқилоб ба дарё фикандаам.
Ман ҷома ранг кардаам аз хуни фалғарӣ,
Обидаҳои мармарӣ аз по фикандаам.

Ман даст монда бар варақи марги шоирон,
Бар остони поки занон по ниҳодаам,
Ман сӯхта дар оташи чодар ҳаёву ҳилм,
Дарҳои хешро ба касон во ниҳодаам.

Абёти сақфи масҷиди Лангар чӣ роз дошт,
То ҳол дар вуҷуди ман ҷаввола мезанад.
«Накунӣ ҷуръати коре, ки набояд кардан,
Гар шавӣ он қадар огаҳ, ки Худо мебинад»[1]

…Ҳоло ба ҳарчӣ менигарам, таъна бишнавам,
Рад карда зиндагӣ маро, маргам намебарад.
Ҳар як нишон, ки бо ҳавас овардаам ба каф,
Ҳоло касе ба як пули пӯчак намехарад!

## ПАЗМОНИ ДУШАНБЕ

Бар ёд карда рӯи ту дар кӯшкҳои Миср,
Дар соҳили умеди худ Нили дигар шудам.
Берун шуд аз вуҷуди ман шоми фироқи ту,
Сар то ба по шукуфтаву гӯё саҳар шудам.
Чун дидамат, қаламрави гаҳворазори ман,
Бо хандаҳои тифлакон арғушт меравӣ,
Аз ёлаҳои сабзи ту хуршед медамад,
Бозу кушода, бар ҷаҳон арғушт меравӣ,
Ҳар матлабе, ки доштам афканда пушти сар,
Бикшода пар ба сӯи ту мастона омадам.
Ҷуз накди меҳр сарватам додам ба бодҳо,
Бо шукри он, ки бар дари ҷонона омадам…
Эй шаҳри маърифат, кӣ туро парда бардарид?
Эй рӯҳи марҳамат, кӣ туро кард ғарқи хун?!
Бе тифл наъра мекашад гаҳворазори ту,
Шамшодқоматони ту афтода сарнагун!

[1] Моли Бедил аст.

## ДАР РОҲ

Ман агар бад карда бошам,
Бад ба худ кардам,
Ту манро бад мабин,
Оташи чашмат матоб аз ман,
Макун сардам, ки дар рӯи замин
Аз рафиқон қарздорам,
Аз рақибон қарзхоҳам.

Хашми ман ҳоло надорад
Ибтидою интиҳо,
Меҳри ман акнун зи кӯҳи синаам сар мезанад.
То ҳанӯз афтад нигоҳам аз нигоҳи беибо,
То ҳанӯз дастам ба доман рафта бар сар мезанад.
То ҳанӯз аз меҳри гардун ман карам дорам умед,
Як саҳар берун наёяд, хок бар сар мекунам.
Оҳ, аз ҳаҷри ту гардидаст мӯйҳоям сафед.
Баҳри чӣ бо тифлҳои хеш бовар мекунам!

Аз канорат бар канор афтодаам фарсангҳо,
Шояд аз ин рӯ ҳисоби рӯзро гум кардаам.
Дидаи уммед бар анҷоми корат дӯхта,
Хешро аз ибтидо аз хеш маҳрум кардаам.

Гаштаӣ хушбахт бо ёри нават, ман бехабар,
Оҳ ман бад карда васлатро намудам орзу.
Дар раҳи танҳоӣ охир, гоҳ-гаҳ бар чашми кас,
Мешавад аз дур чун одам намоён санги кӯҳ.

## ДАВРОН БА КОРИ ХЕШТАН

Имрӯз нози синаи пурдард мекашам,
Дар чорсӯ балои раҳовард мекашам.
Халқи маро чи нагбате аз пеши по дамид,
Бо мардиам мазаллати номард мекашам.
Рӯи замона сурх буд аз шахди номи ман,
Чашми бади кӣ буд, рухи зард мекашам.

Чун барги гул башорати субҳи сафо будам,
Ҳоло ҷафои душмани шабгард мекашам.
Гардун магар иморати манро ба бод дод?
Ҳар ҷо, ки по ниҳам агар, ман гард мекашам.
Даврон ба кори хештан бо ман намерасад,
Танҳо ҷафои ахтари дилсард мекашам.

## МАНУ ДОДРАСӢ

Чарх давре заду идрок фаромӯш омад,
Деги бозориву безорӣ ба сад ҷӯш омад.
Тани садпораи миллат ба касе хуш омад,
Хомае буд, ки бепарда писаркуш омад.
Ману бехобиву ихлосу ҳама додрасӣ,
Туву бетобию аз нагбати худ ёдрасӣ.
Монда бар фарқи сари хеш зи аллоча алам,
Мезанӣ бар сари ман санги маломат ҳар дам,
Ки намурдаст чаро шоиру мурдаст ситам,
Ин чӣ пургӯийю ҳазёну дағал, эй Одам?!
Ману бехобию ихлосу ҳама додрасӣ,
Туву бетобию аз нағбати худ ёдрасӣ.
Ту ҳамон нестӣ, ки аз паси ман ҳар нафасе
Хатчаю барқия медодӣ ба ҳар сӯй басе.
Рози пинҳони ту дониста, нагуфтам ба касе,
Ту вале дида намегирӣ зи мо чун асасе!
Ману бехобию ихлосу ҳама додрасӣ,
Туву бетобию аз нагбати худ ёдрасӣ.
Ту, ки берӯйӣ, дуои ту надорад асаре,
Ҳама овоз шавӣ ҳам, нарасонӣ хабаре.
Лаби ғаммоз зи ғаммозӣ надидаст тарӣ
Нахли мурдоб кунад гул, набиёрад самаре.
Ману бехобию ихлосу ҳама додрасӣ,
Туву бетобию аз нагбати худ ёдрасӣ.

## БОҒИ ПАРРАНДАҲОИ УРМЕТАН

Боғи паррандаҳои Урметан[1]
Ҳамчу ишқе ба ёди ман боқист,
Нолаи чуғзу навҳаи қумрӣ
Чун ғаме дар ниҳоди ман боқист.

Мурғакони нафиси хушпару бол,
Чӯҷаҳои ба хуни худ зомин,
Галапарвозҳои пурғавғо,
Галаовозҳои хушталқин.

Тавқи заррини гардани пухтак,
Монд бар гарданам чу тавқи вафо,
Ҷомавории чӯҷаи шоҳин,
Дар тани ман ҳанӯз ҳам зебо.

Роҳсозон раҳомаде буданд,
Нақша аз байни боғ бигрифтанд,
Бо камонҳои милдори сабук
Мурғаконро суроғ бигрифтанд…

Боғи паррандаҳои Урметан
Монд танҳо маро ба мулки хаёл.
Гар бубинам ҳазор умри дигар,
Ман намебинамаш ба ҷуз дар фол!

## РАҲЗАН

Ҳар хори замони бозсозӣ
Бар дидаи ибратам чаман шуд.
Ҳар рахти гузаштаи рукудам,
Бар мурдаи ҳасратам кафан шуд.
Бозори каловаи хаёлам
Бар мӯймиёнаке расан шуд.
Ангуштари зар ба даст карда,
Ҳар марди замона мисли зан шуд.

---

[1] Урметан – зодгоҳи шоир

Мардӣ зи даҳон фитод, алҳақ,
Номардӣ шукӯҳи ин Ватан шуд.
Бо ин ҳама дар аҷаб нагаштам,
Мӯъҷизаи тоза роҳзан шуд:
Ҳамсояи гӯлу карру гунгам,
Сар то қадамаш лабу даҳан шуд.

## БО ҲАВОИ ДОР-ДОРОН

Пеши мо ӯ як сари хам–
Бебизоат муттаҳам буд,
Ҳафт пушташ холӣ–
Як мурғи ҳарам буд.

Кисса безар, чашм бар дар,
Нагбати бепою бесар,
Буда ӯро лутфи қисмат
Завҷае шохи гули тар.

Дар сари хони «Каримон»,
Дар миёни майгусорон,
Рақс мекардӣ зану шӯ
Бо ҳавои дор-дорон.

Дар замонҳои рукуду
Базмҳои пур « Ману ту»,
Дар хаёли аҳли бадгӯ
Айб буд рақси зану шӯ…

Гардам аз ин бозсозӣ,
Айбҳоро мухтасар кард.
Мӯҳтарамро бе сару по,
Муттаҳамро тоҷвар кард…

## ДУНЁ

Панҷоҳсола умри ман бигзашт бар абас,
Акнун чу тифли навзабон овардаам мадор.
Акнун ба ҳарфи ҳақ задан ман лаб кушодаам,
Акнун ба чашми дидаам чашмони рӯзгор.

Дар ҳалқаи сукунати пирони ҳизби худ
Ман қолаби даҳан будам бе ҳарфу бе сухан,
Ман чашму гӯш будаам бе нуру бе садо,
Ман гапдарову гапшунав будам ба марду зан.

Акнун ки лаб кушодаам, дашном медиҳам,
Он мурдаро, ки хоки ӯ бар бод рафтааст.
Акнун ки по ниҳодаам, бар зери по занам
Он зиндаро, ки номи ӯ аз ёд рафтааст.

## ПАРИ СИМИН

Ҳар ки аз номус дорад ҷомаворӣ,
Зиндагиро мекунад аспи саворӣ.
Аз назарҳо дур метобанд доим,
Бо пари симин уқобони шикорӣ.

## ҶАБР

Рафт аз мо гар ҷавонӣ, давррронӣ мекунем,
Шабнишинӣ, боданӯшӣ, дӯстгонӣ мекунем.
Ҷабр он набвад, ки аз мо навҷавонӣ рафтааст,
Ҷабр, ҷонам, он бувад, ки мо ҷавонӣ мекунем.

## ЁД

Аввалин ханда, аввалин нола,
Аввалин шӯъла, аввалин жола,
Аввалин бӯса, аввалин ёла,
Аввалин моҳ, аввалин ҳола.

Аввалин як ниҳоли зардолу,
К-ӯ панаҳгоҳ гашт бар ману ту.
Аввалин бор дидамат ларзон,
Эй ғизоли раманда аз оҳу…

Аввалин тундари баҳорон буд,
Дасти ман озими гиребон буд.
Дар шаби тира шамс механдид,
Ҷабҳа буду шикасти армон буд…

## ИЛТИМОС

Қатрае аз дарди ман бар ҷони бедардон ниҳед,
Сояи дасти Сулаймон бар сари мӯрон ниҳед.
Бар даҳони пургазофи тӯтиёни рӯзгор,
Луқмае аз Ҳофизу аз Бедили ҳайрон ниҳед.
В-арна фардо вағнаҳои Осмон во мешавад,
Ҳар кӣ дорад гӯш, аз ин хок боло мешавад.
Шӯша мебандад ниҳоли боғ аз дуди суруд,
Ҳар куҷо оинае бошад, таги по мешавад.

## ҒАМИ ОШИҚӢ

*Ба ту боз гардад гами ошиқӣ,*
*Нигоро, макун он ҳама зишт ёд.*
*Рӯдакӣ*

Ман ба зиштӣ накарда ҳаргиз ёд
Лаҳзаҳои зи хеш рафтанро,
Мурдану зинда гаштан аз нафасе,
Лағжиши ҷон, гудозиши танро.

Ман ба зиштӣ накарда ҳаргиз ёд
Ғами ҳиҷраш, ки чун ҳаётам буд.
Ҷабри ӯ раҳхати барот ба умр,
Ваъдаи васли ӯ нишотам буд.

Ман ба зиштӣ чи сон биёрам ёд,
Он шабони дили балогустар.
Ӯ зи чашми падар раҳоӣ надошт,
Ман ситода чу шӯълае паси дар,

Аз сабо печу тоб мехӯрдам,
Ғами ӯро ба хоб мехӯрдам.
Ташнадил, ташнаком, ташнаҷигар
Хуни дилро чу об мехӯрдам.

Ман накардам ба зиштӣ ҳаргиз ёд
Бо рақибони ман мадорояш,

Дар ҷавоби саломи булҳавасон
Чеҳраи сарду номуросояш!

Таънаҳои рақибу ҳампеша,
Пеши ӯям азизтар мекард.
Ғайбати ҳамраҳи бадандеша
Бар дили ӯ куҷо асар мекард!

Бо ҳама, бо ҳама накӯии худ,
Кабки ромам парид аз назарам,
Ман накардам ба зиштӣ ҳаргиз ёд,
Аз пасаш он чӣ омадӣ ба сарам…

Ошиқам, боз ошиқам имрӯз,
Ошиқи чашмҳои ҳасратсӯз,
Ошиқи феълу хӯи дарёӣ,
Ошиқи офтоб, ошиқи рӯз.

## ШӮХӢ

Зи худ оташ баровардам, задам оташ ба худ,
Ӯ нағмаҳоямро магар фаҳмид?!
Ба зери гунбази гардуни дун фарёдҳо кардам,
Садоямро магар бишнид?!
Кӣ ин шаб духтари ҳамсоя
Як ангола аз банди гиребон
Тугмае во кард.
Ҷавонро пирӣ, пиронро ҷавонӣ дода,
Шоирро бадар аз ҳарду дунё кард.
Худоро шукр, ки ин шӯхиро
Ӯ бар сари мо кард.
Агар бо дигарон будӣ сари шӯхӣ варо,
Мо ҷумла мемурдем.
Дуои субҳ,
«Ё раб», ё «раби»–шаб,
Дарди ҳиҷрон, ишқи сӯзонро
Аз ин дунё ба дунёе ҳаме бурдем.

## САРИ БАЛАНД

Дар ҷаҳон то сари баланди ту ҳаст,
Қуллаҳоро ҳамеписандам ман.
То дили поку дардманди ту ҳаст,
Дари дил бар ҷаҳон набандам ман.

Суғди оташпарасти ман имрӯз,
Оҳ гуфтӣ? Малӯлӣ аз пирӣ?
Баҳри ту чун ситораҳо дур аст
Дасти маҳкам, сари ҷаҳонгирӣ?

Аз чӣ ғам мехӯрӣ? Ба чашми мо
Ту ҳамон марди покбоз астӣ,
Мижжаат ҷорӯби раҳи ёрон,
Ба ғарибу фитода ҳамдастӣ.

Ту ҳамон мардӣ, ки зи қишлоқат
То ба Берлин пиёда раҳ рафтӣ.
Тир хӯрда, гузаштӣ аз оташ,
То зафар нофитода раҳ рафтӣ.

Аз чӣ ғам мехӯрӣ, ту як умре
На ба ғам додӣ тан, на бар шодӣ.
Баҳри як байти Сайидо лекин
Дар бисотат ҳар он чӣ буд, додӣ.

Бори ҷангу маломати душман,
Рост будӣ, зи по наяфгандат.
Нахли уммед дар сарат бишкуфт,
Пеши чашмони орзумандат.

Хонаи ту ҳамеша пурмеҳмон,
З-он яке некхоҳу дигар бад.
В-он яке шукргӯю миннаткаш,
Дигаре чоҳкобу пурғайбат.

Ту бадонро ба ҳоли худ монда,
Ҳар кӣ омад ба дар, бихондӣ дӯст.

То ҳанӯзам ту боварӣ дорӣ,
Ба рафиқи дурӯи паймонсуст.

Дидам имрӯз, сар ба каф монда,
Ба раҳи тайнамуда раҳсипарӣ,
Ҳамчу як ҳақшиноси дур аз худ,
Бар вуболу савоб менигарӣ.

Чун накӯён зиёд дар олам,
Машав аз пириҳои худ ғамгин.
Хезу ҳамроҳи мо ҷавонӣ кун,
Мард мепарварад замони навин!

## ОДАМ АЗ ПО ФИТОД, БАРДОРАШ

Мефитад гоҳ одам аз кӯҳсор,
Мефитад гоҳ дар раҳи ҳамвор,
Мехӯрад гоҳ пешпо бар санг,
Мефитад гоҳ аз назарҳо хор.

Одам аз по фитод, бардораш,
Бо ҳама одамӣ маёзораш.

Бинӣ гар марди рӯҳафтода,
Фарди аз сар шукӯҳ афтода,
Бар ғами худ фитода нодоне,
Фотеҳи аз футӯҳ афтода.

Одам аз по фитод, бардораш,
Бо ҳама одамӣ маёзораш.

Вақти буз, чаккабоз–номарде,
Вақти мансаб ғирому дилсарде,
Аз сари зину аз сари минбар
Мефитад чун каҳи раҳоварде.

Одам аз по фитод, бардораш,
Бо ҳама одамӣ маёзораш.

Масти май ногаҳ аз сафар афтад,
Масти давлат агар ба сар афтад.
Масти ҳусне чу дар ба дар афтад,
Ҳар куҷо зодаи башар афтад.

Одам аз по фитод бардораш,
Бо ҳама одамӣ, маёзораш.

Одам аз по фитод, наъра занад
Бо забони хамӯши хеш замин,
Одам аз по фитод, кӯҳ афтад,
Хур наёбад барои хеш камин.

Одам аз по фитад, бало хезад,
Нола аз санги осиё хезад,
Чархи гардун зи тир канда шавад,
Мурдаи Аҳриман ба по хезад!

Одам аз по фитод, бардораш,
Бо ҳама одамӣ маёзораш.

## БИСЁР БА ҶО, КИ...

Дирӯз ба сарпаноҳи устод
Чун мор ба сина мехазидӣ,
Аз оташи чашми меҳрбораш
Гармӣ бикашида, метапидӣ.
Бар қадди бузургвории ӯ
Бо дастагулат ҳамерасидӣ,
То иззати нафси ӯ накоҳад,
Худ сӯи дигар ҳамехамидӣ…
Ӯ рафт чу Ҳазрати Сулаймон,
Танҳо шудию бар ӯ давидӣ,
Гӯйӣ, ки сиришти хоки ӯ паст,
Осори бузургиаш надидӣ.
Ай пуфаки дасти рӯзгорон,
Сад шукр, ки худ ба худ кафидӣ.

## ЯК ШЕЪРИ НОТАМОМ

Бар рӯи сарди қавми дурӯ
Ман туф намекунам,
Ман ханда мезанам.
Пои қудуми нагбати пайтобапечҳо
Аз хок меканам.
То бори дӯши хоки мо
Андак шавад сабук,
Лойобаҳои ботини ин бадсиголҳо
Андак шавад тунук,
Ин мурдахорҳо,
Ин мурдаборҳо,
Ин мурдазорҳо,
Бар ҷони зиндаи касе раҳме намехӯранд,
Номуси хеш чун майи садсола мехӯранд…

## ПАЙҒОМИ БОСТОН

***«Дар ҳошияи китоби «Исёни Муқаннаъ»***

*«…Вақте ки мӯзаи бухорхудотзан ба дасти арабҳо ғанимат афтод, он мӯзаро ду ҳазор дирам (танга) нарх карданд…» (саҳифаи 9).*

Хестам аз ҷо, салаб кардам ба тан,
Тез кардам ханҷари душманфикан.
Меравам, аз душманони нобакор
Меситонам мӯзаи пои нигор…
Мӯзае, ки дошт сад зебу фаре,
Дар ду соқи нуқраи хоми парӣ,
Ман намехоҳам, ки номаҳрам барад.
Дасти нопокаш ба рӯи он расад.
Ман на бо зар, бо дусад ҷон мехарам,
Зиннати пои нахустин модарам…
…Лек пеш аз ман харидорон ҳама,
Ҳифзи номус рафта бар майдон ҳама.
Бар Абумуслим, Муқаннаъ менигар,
Чун кананд аз душмани ғаддор сар.

Лек душманро куҷо парвои ҷон,
Ӯ ғанимат мебарад аз ин макон,
Аз хунукшӯи сагон то барги нард,
Ҳар чӣ бар чашмаш задӣ, тороҷ кард.
Ҷома бурду мӯза бурду курта бурд,
Ҳар чӣ бо худ бурд, моли мурда бурд.
Номуси тоҷик аммо монда буд,
Давлати оташпарастон кам нашуд.
Меҳри оташ, табъи оташбор монд,
Сарбаландӣ, номи неки ёр монд…

## РОҲИ ДИЛ

*Ба Сиддиқ Зарифов*

Аҷдоди ману ту дар ниҳодаш
Будӣ дуҳазор обу оташ.
Гар дар сари қулла, ё лаби ҷар,
Ё дар сари санги ҳамчу ханҷар,
Як пора замини тахт медид,
Гӯё ки арӯси бахт медид.
Ду дидаи ӯ шарора мезад,
Бар дояи марг дода пора,
Бишкофта қалби санги хора,
Аз баҳри ману ту ҷӯй меканд,
Аз шери даранда мӯй меканд.
Ҳам хок ба тоқӣ мекашонид,
Ҳам об зи дида мечаконид.
Аз равнақи навбаҳор канда,
Аз замзамаи ҳазор канда,
Ӯ хонаю боғу роғ мекард,
Худро зи фалак суроғ мекард.
Парвош набуд аз умри кӯтаҳ,
Бар мева ҳамерасад ва ё на?
Андар буни ҳар ниҳол, бе ҳарф,
Мегашт баҳори умри ӯ сарф…
Имрӯз, ки қуллаҳои кӯҳсор,
Аз мову ту паст гашту ҳамвор,
Бар синаи кас асар намудан,
Аз хеш варо хабар намудан,

Чун меҳнати ҷӯбарорӣ сахт аст,
Раҳ сӯи дили башар на тахт аст…
Он кас ба дил ошёна монад,
К-аз хеш гузаштан ар тавонад.

## НАВҲА

Эй, Зарафшон, эй ғурури қуллаҳои сарбаланд,
Аз ту ман не зар ҳаводорам, азизи ман, на панд.
Гар маро чун дӯст пиндорӣ, дилатро боз кун,
Умр кӯтаҳ, як даме манро ба худ ҳамроз кун.
Ин чӣ асрор аст, ҳар шаб аз дили ту то саҳар,
Нолаи ҷонсӯзу пурармон ҳамеояд ба дар?
–Нолаи ман нест, ин овози як суғдиписар,
Асрҳо бигзашту бар гӯше намесозад асар.
Ин ҷавон афтод дар ҷанги адӯ ногаҳ асир,
Ҳамраҳон бахри Ватан мурданду аммо ин ҳақир
Рӯ ба сӯи деҳа овард, деҳа туф кардаш ба рӯ,
Рӯ ба кӯҳ овард, кӯҳ оташ гирифт аз чор сӯ.
Оби софи ҷӯйборон дар даҳонаш заҳр шуд,
Бар сараш санги сиёҳи кӯча мушти қаҳр шуд.
Боғ гӯре гашт бар ӯ, нахл чун теғи дусар,
Ғайри марг ӯро нагаштӣ ҳеҷ кас имдодгар.
Оқибат худро фиганда бар даҳони моҳиҳо,
Узр хоҳад, узр то имрӯз аз ин кӯҳҳо.
Лек то ҳоло зи қалби қуллаҳои сарфароз,
Баҳри номардон на имдоде бувад, не имтиёз.

## ИШҚИ АВВАЛ

Оҳ аз ёд, ёди бигзашта,
Боз имшаб маро ба ёд омад.
Кӯҳнакоҳи нуҳуфтаи хотир,
Пеши чашмам ба дасти бод омад:

Давраи ҷангу деҳаи гирён,
Модарони сиёҳпӯшида,
Наварӯсони мӯйбикшода,
Бе алав обҳои ҷӯшида.

Амаки хаткашони «Тарсончак»,
Нолаҳои фалакшикофанда,
Дидаҳои дар интизор сафед,
Рағзаи нотамоми бофанда.

Пои луччу замини янтоқӣ,
Дараву шомҳои маҳтобӣ,
Ҷӯраҳое, ки мислашон ҳоло
Бо дусад ҷонканӣ намеёбӣ.

Духтароне, ки ҳамраҳи онҳо
Ман алаф мекашондам аз пушта,
Гаҳ Советӣ шуда, гаҳе «немис»,
Гаҳ «музаффар» будам, гаҳе «кушта».

Лаҳзае, ки ниҳон зи ҳамсинфон,
Қофия бо Баҳор мебастам,
Раста аз сели ашку оташи ғам,
Қисматам бо нигор мебастам.

Ошиқиҳои ман чӣ мушкил буд,
Пайкарам сар ба сар ҳама дил буд,
Дар даҳонам забони яхбаста,
Дил чу як мурғи нисбисмил буд.

Захми дар ҷанг мурда ёронро,
Ошиқӣ омаду шифо бахшид.
Ишқ бар ман вале, азизонам,
Дил рабуду ҳам ҷафо бахшид.

Рӯз ногузашта дар дилам то ҳол,
Он шаби тираи зимистонӣ,
Ки Баҳори маро хазон карданд,
Ишқӣ аввал… Чӣ ҷои ҳайронӣ…

## ТОҚИИ ЧОРГУЛ

Зани тоҷик, аз домони покат
Ба сӯи осмон то сар кашидам,
Ба тори сар мисоли курраи арз
Аҷаб як тоқии гулдор дидам.

Ба эъҷозат фидо, рӯи заминро
Ту аз тифлӣ маро бар сар ниҳодӣ.
Кашида чор гул дар чор сӯяш,
Ба аксои ҷаҳон роҳам кушодӣ.

Ба ман ин чор гул чун чор додар,
Тамоми умр дилбардор гашта.
Ҳидоят бахри аҷдодони ман буд,
Иноят мекунад такрор гашта.

Гули аввал бигӯяд, ки Ватан ман,
Намебинӣ туро бар сар фитодам.
Ту сарбози манӣ, сар боз, ҷонам,
Туро ман ҳам ба тори сар ниҳодам.

Гули дигар бувад ёди шаҳидон,
Чаҳон то ҳаст, аз сарҳо наяфтад.
Ҳар он кӣ мурда, бахри зиндагон ӯ
Шаҳомат доду озодию давлат.

Суруди нотамомаш, орзуяш
Садо бидҳад зи савту созу торам.
Падид ояд вай аз чашму дили ман,
Ба роҳаш устуворам, сарбадорам.

Гули сеюм ба ман аз сарбаландӣ,
Итоатнопазирӣ ҳарф гӯяд,
Сабақ омӯзад аз ҳокиниҳодӣ,
Мақомам аз сафи хуршед ҷӯяд.

Аз ин рӯ сархамӣ, гарданфарорӣ,
Ба дарси ман муаммоест мушкил,
Ба ёрон ҳамчу марҳам дастгоҳам,
Ба рағми хасм чун харсанги соҳил.

Гули чор ин бувад номуси тоҷик,
Худафрӯз аст, бок аз шаб надорад.
Зи тундар тезтар, аз мӯй борик,
Ба ҷуз покизагӣ матлаб надорад.

Фидо гардам ба эъҷози ту, модар,
Дусад дунё дар ин дунё кушодӣ.

Ба дастонат гирифта курраи арз,
Ба ранги тоқиам бар сар ниҳодӣ.

Тамоми умр шаъну шавқати мо
Бувад ин тоқии гулдори зебо.
Зи қаъри асрҳо бо сар кашидем
Заминро, обро, ному шарафро…

## ХАТКАШОН

Бечора хаткашон,
Овора хаткашон,
Ҳоло ту дар кучҷоию чун аст қисматат?
Чунӣ ту, эй паямбари пурмеҳнати замон.

Дерест дар суроғи ту овора гаштаам,
Аз баҳри он гуноҳи ту кайҳо гузаштаам.
Хоҳам, ки тез бинамат, аз худ гузар кунам,
Он нолаҳои кӯҳнаи барбодрафтаро
Дубора сар кунам.

Ёди ту ҳаст, он дами пурсӯзи рӯзи ҷанг
Биншаста назди остон ҳамроҳи модарам,
Уммедвори номае мо аз падар будем.
Месӯхт гарчи охирин шамъи умеди мо,
Аз чашми шом толиби нури саҳар будем.

Шуд сояи ту ногаҳон аз остон падид,
Биштофта ба сӯи ту,
Дидем рӯи ту,
Обилаҳои дидаи раҳпои мо кафид.
Эҳсоси кӯдакии ман мегуфт он замон:
Хатти сиёҳи сарнавишт–ин кори хаткашон.
Рафтию лек сояат дар қалби кӯчакам
Чун доғ ҷо гирифт,
Ҳамроҳи ман калон шуду имрӯз бингарам,
Дар сина сурате аҷаб чун ошно гирифт.

Бечора хаткашон,
Овора хаткашон.

Ҳоло ту дар кучоию чун аст қисматат?
Чунӣ ту, нағмаи худӣ, ё сози дигарон?
Ҳар ҷо наӣ,
Ба ёди ман мондӣ ту ҷовидон!

## ТУРФА ИН ҶОСТ

Моли нар баҳри теғ, мегуфтанд
Мӯсафедони шӯхи Урметан,
Як сари мӯ баҳо надошт, аҷаб
Сари сабзе, ки буд раҳбари тан.

Ҳама дар гоҳвораи номус
Дасту по баста аз ҳавою ҳавас.
Он чиро, ки раво надидӣ ба худ,
Кай раво доштӣ ба дигар кас?

То забонкӯтаҳӣ насаб нашавад,
Ҳама бо як хурӯш мемурданд,
Карда бим аз забондарозӣ ҳам,
Баста лабҳо, хамӯш мемурданд.

Ҳолиё аз шараф намегӯям,
Турфа ин ҷост ҷумла кони даҳан,
Рози дар ҳафт қаъри дил буда,
Ҳамаро сабз гашта дар сару тан.

## ВОДАРЕҒО

Он кӣ ғиромию табаҳкорӣ
Диду ними ҳаёт лаб барбаст,
То ба мурдан намекушояд лаб,
Гар хӯрад сад ҳазор бор шикаст.

Аз хамӯшӣ камолу давлат ёфт,
Бо хамӯшӣ расид то минбар.
Гар пояшро зи пешгаҳ канданд.
У нагардад зи остона бадар.

Бозсозиву фошгӯиро
Бозии бачагона медонад.

Бар кафаш гар фитод нақди касе,
Ҳамчу ғалтак ба хона меронад.

Вахш ҷӯшону ӯ намеҷӯшад,
Ҳамчу як шоха ҷӯ намеҷӯшад.
Бо лаби баста, рӯи бопарда,
Табъи урёни худ ҳамепӯшад.

Чашми ӯ гушна, нафси ӯ помол,
Сари ӯ паст, завқи ӯ мурда.
Водареғо, ба хомӯшӣ умре
Бозӣ аз додоварон бурда!

## КӮЧА ГАР БЕПОСБОН...

Бешарафҳоро гунаҳ бошад, ки гӯӣ беҳунар,
Бешарафҳоро ҳунар бисёртар аз мӯи сар.
Корашон афтад, ба дандон мекашанд аз доманат,
Корат афтад, мекунандат бегунаҳ зеру забар.

Кӯча чун бепосбон монад, ба сомон мерасанд,
Мебароянд з-оби хушку аз сӯрохиҳо сиҳат.
Хонаҳо пур, хонашон лабрез, гулгун рӯйҳо,
Ҳеҷ касро нест парвое, ки дигар чун бувад!

Зери лабҳо чун забон морест бо сад печу тоб,
Сарваронро менавозад, дигаронро мегазад.
Дар нигаҳи манфиатбахшон чу чобури ҷувоз,
Назди ҳамкорон саманде тунд бо думу лагад.

Гардам аз чашмони тези рӯзгори даргузар,
Ҳар яки моро ба мизони дигар бармекашад.
Пурзабону пурдаҳонҳоро ба лағҷу вартаҳо,
Хоксороне чу моро сӯи минбар мекашад.

## ҲАЁ

*Аёс, ҳади худро бишнос*
*(Халқ)*

Ҳаё аз рӯ равад, пас барнагардад,
Чу об аз ҷӯ равад, пас барнагардад.
Зи дом оҳу равад, пас барнагардад,
Диле аз ту равад, пас барнагардад.

Ҳаёдорон аз ин рӯ пурғуруранд,
Намесӯзанд, гарчи дар танӯранд.
Ба ҳар ҷабре, ки меояд, сабуранд,
Қарибы дарди кас, аз хеш дуранд.

Амон бидҳад худо аз беҳаёён,
Ки онҳоро на дил ҳасту на виҷдон.
Саропо гӯшу чашмастанду девон
Ба ҳар даргаҳ, ба ҳар давра, ба ҳар хон.

Агар печанд дар худ, сахт печанд,
Ҳама ҳар ҷо зи ман сад сол пешанд.
Нажандэҳсосу кӯрихлосу ҳеҷанд,
Вале дар роҳи минбарҳо нағеҷанд.

Агар дар мансабе ногаҳ бароянд,
Ба тире ҳам занӣ, поён наёянд.
Даҳан аз некномиҳо кушоянд,
Намедонӣ, чӣ хоҳанду киҳоянд?!

Табассум ҳамчу навбатдор дар лаб,
Такаллум нуқли шаккарбор дар лаб.
Ба ботин мору зоҳир ёр дар лаб,
Аҷаб мурғони беозор дар лаб.

Ҳаёпарвар ҳама аз беҳаёӣ,
Навоовар ҳама аз бенавоӣ,
Худобовар ҳама аз бехудоӣ,
Сазои мо бувад ин бесазоӣ,

Ки онҳоро аз ин раҳ нораҳондем,
Ҳамехонем гуфтему нахондем,
Зи равзанҳову аз дарҳо нарондем,
Бале, худ дар балои худ бимондем.

## ДАР ЛАБИ ДАРЁИ ВАРЗОБ

Ҳама ҷо нури илоҳӣ дорад,
Ҳама аз ишқ гувоҳӣ дорад.
Кӯҳ ҳам парданигаҳдори ман аст,
Дур аз чашм сабоҳӣ дорад.

Рӯди Варзоб гар аз ман гузарад,
Ба ҳавои дили ман раҳ сипарад,
Ӯ зи ман пеш давад ҷониби ту,
Ки туро арзу саломе бубарад.

Тез о, тез ҷавонтар гардам,
Хушкам, аз ашки тараб тар гардам,
Ҳамчун ин олами деринаи пир
Ба рухат сабзу мунаввар гардам.

## ДАВРИ РУКУД

Даври рукуд даврае будӣ накӯ аҷаб,
Гулбонги ҷому шарфаи бӯсу канор буд.
Котиб–худои зиндае дар ҳар диёр буд,
Аз юмни давлаташ ҳама фасли шикор буд.

Ҷуз ӯ камонвари қавӣ одам надида ҳеҷ,
Бо як нишон ду сайдро афкандӣ ӯ зи по,
Сайди нахусти ӯ ҳама–хушбоварони деҳ,
Сайди дувум-ш «ЦК»-ву «Совмин»-у ҳар куҷо.

Буррида нахли қандаки Хуҷанди бостон,
Ширин намуда комҳо з-анвои пахтаҳо,
Ҷоме ба даст, рӯдакан аз ханда мешудӣ,
Ҳар ҷо агар латифае гуфтӣ зи «пешво».

Даври рукуд даврае будӣ накӯ аҷаб,
То арш по ниҳодие бо як имои лаб,
Ҳақгӯ агар ҳамешудӣ, овора мешудӣ,
Монанди ман, ки сӯхтам дар оташи ғазаб.

## ИМРӮЗ МАРО НАМЕБАРАД ХОБ…

Гӯянд, ки ҳазрати Муҳаммад
Аз ҷуссакамон ҳазар ҳамекард,
Гар дид ба кӯча резафарде,
Бар уммати худ хабар ҳамекард:

–Бигрез, ки фитна рӯ ба рӯ шуд,
Аз фитна туро расад бас озор,
Аз фитна туро маҳак шавад паст,
Ин фитна туро барад ба бозор.

Монанди ту муслиме дуогӯ
Бар дидаи ӯ бало намояд.
Гӯсолаи худ ба чашми мардум
Чун Хӯҷаи Хизр вонамояд.

Чун халқ зи фитна гашт огоҳ,
Дар зиндагӣ по шумурда монад,
Ҷуз шеъри худоӣ офарида,
Ӯ дафтари дигаре нахонад.

Ҳоло ту гумон мабар, ки фитна
Аз роҳи бадаш қафо нишаста.
Имрӯз ба ҳифзи «санъати зулф»
Чун мӯи сияҳ камар бубаста.

Ӯ шона занад ба зулфи бемӯ,
Ӯ тоб диҳад ба мӯи бетоб.
Ин фитна ба хизмати кӣ бошад?
Имрӯз маро намебарад хоб!

## СИЛАМУШТОҚОН

Силамуштоқон[1] чу ангури сагак,
Хуб имсол, хуб оварданд бар,
Навдаҳо аз донаҳои талх пур,
Шохаҳо ҳар сӯ парешон бар ҳадар.

Гашт варзишгоҳи истеъдодашон
Минбари Оинаи Нилуфарӣ.
Кӯрдилро ном дунёдида шуд,
Лояқилро ҳазрате, пайғамбаре.

Шукр, садҳо шукр, аз мо дуртар,
Аз худогоҳони шайдо дуртар,
Боз бинмуданд матлуботи хеш
Силамуштоқон барои кӯру кар.

* * *

Танам афкандаи дарёи ишқ аст,
Сарам сабзидаи дунёи ишқ аст.
Назаргоҳи ман аз хуршед болост,
Нигоҳам то ҳавопаймои ишқ аст.
Алифбои саводам ишқи ёр аст,
Даҳои ман калимуллои ишқ аст.
Сари зулфи баланду толеи паст,
Яке аз сад муаммоҳои ишқ аст.
Дар ин даҳри муррасаъҷома танҳо
Маро аз шаш ҷиҳат савдои ишқ аст.
Ба ҳар як зарра ҷисми хокии ман
Дусад пайдову нопайдои ишқ аст.
Зи Қутбӣ то ба Машҳад як нафас роҳ,
Агар маҷрои мо маҷрои ишқ аст.

[1] Силамуштоқон – чоплус, рӯдавак, навозишпараст.

## ДАР ТАНҲОЙ

Фарзанди кӯҳсораму моил ба сангсор,
Ҳамбозувони доғаму ҳамқадди чӯби дор.
Наргис хабарнигори ман, раъно шикори ман,
Савсан ба қиссаҳои худ бурдӣ маро канор…
Ҳалвоюю қанди ман бувад ҳар санги шӯхае,
Майхонаест баҳри ман ҳар воти марғзор.
Аз шабнами рӯи алаф оина карда ман,
Бар хеш менигоҳаму бар вазъи рӯзгор.
Авроқи панди ман бувад ҳар барги фарқи тар,
Дар барги лола мешавад шеъри ман интишор.
Атри сипанд медиҳад бар дарди ман шифо,
Оғози ман зи қатраву анҷомам обшор.
Овози кабк сураву имлои наъти ман,
Аз коҳа гап ҳамезанад, хасми хасэътибор.

## ЛОНА ГИРИФТАСТ

Он ишқ, ки дар синаи ман лона гирифтаст,
Дил аз шарафаш байрақи идона гирифтаст.
Дар хирмани файзовари ӯ мурғи умедам
Доме нашикастасту вале дона гирифтаст.
Ҳамманзили иқбол шуду иззату ҳурмат
Ҳар кас, ки ғубори раҳи ҷонона гирифтаст.
Бегап набувад Қутбии сармасти висолаш,
Дар кӯи вафо ҳамраҳи ӯ хона гирифтаст.

## ТАРОНА МЕСӮЗАД

Дар дили ман тарона месӯзад,
Шафақи ҷовидона месӯзад.
Дар сари шохаи хазонафшон
Шоҳини пурфасона месӯзад.
Шӯълаам печутобҳо дорад.
Шоире бо замона месӯзад.
Тифли бечорае ба гаҳвора,
Мӯсафеде ба хона месӯзад.

Тавба, эй муғризони беномус,
Иффати духтарона месӯзад.
Сари мардони мард хам омад,
Нокасе нокасона месӯзад.
Магар ин аст расми ҷанги худӣ,
Коҳ истода, дона месӯзад?!

## ДАФТАРИ ЯҒНОБ
**(силсила)**

* * *

Раъду барқ чун саворае дар зин,
Задӣ бар рӯи осмон қамчин.
Пайкари сарди кӯҳ аз ӯ ларзид
Ҳар куҷо соя буд, аз ӯ хандид…
Ман ҳам имшаб чу барқ дар сӯзам,
Оташ аз мағзи худ барафрӯзам.
Гӯшае то зи ман шавад равшан,
Сояе то бихандад аз гули ман…

*Асри бистум ҳазору нӯҳсаду ҳафтодумин солгарди хешро ба кӯҳнакитоби таърих сабт мекард…Ягноб ба Мирзочӯл кӯч мебаст. Ман ба камингоҳи суғдҳои охирин бо вертолёт парвоз кардам ва нахустин бор дидам ҳолати деҳи мекӯчидаро…*

## КӮЧ

… Қуллаҳо мадҳушу ҳайрон,
Чашмаҳо аз худ гурезон.
Шохаҳо дастони холӣ,
Шӯхаҳо лаб зери дандон,
Кӯч баста аҳли деҳа,
Аз кӯҳистон бар биёбон.

Бар биёбоне, ки боди тундрав,
Дид ҷони зинда, ғорат мекунад.
Хокаш оташбору ҳавраш решасӯз,
Марг дар он ҷо иморат мекунад…

Орзу дар ҷони кӯҳистониён
Аз дусад маргу аҷал боло гирифт.
З-ин сабаб аз қуллаҳо чун чашмаҳо,
Бар биёбон ҷорӣ гарданд.
Тезу тунду бе саранҷом,
Чун Зарафшон ҷорӣ гарданд…

Ҷорӣ мегарданду боғи орзу
Синаро партав диҳад.
Бо ниҳоли навдамида,
Ғунчаҳои навшукуфта.
Ғӯраҳои дар таги баргон нуҳуфта…

Одамон аз қуллаҳо чун чашмаҳо
Ҷорӣ мегарданду аз маҷрояшон
Нест гардад чун ҳубоб
Кинаҳои солхӯрда,
Маддаҳои нокафида.

Одамон чун чашмаҳо аз қуллаҳо
Ҷорӣ мегарданду меёбад шикаст
Дасти кӯтоҳи ҳасадҳо,
Ханҷари иғвою тӯҳмат,
Новаки чашмони бад…

Дар миёни кӯчиён болонишин
Эътиқоду мардию одамгарӣ,
Эҳтироми хоҳарию додарӣ…
Чашмаҳои кӯҳсорони баланд
Дар биёбони бало дарё шаванд…

## ЭҲСОС

Чун шуд аз хок канда вертолёт,
Суғди пире ҳазор дида кушод:
Сӯи хок–остони бобоӣ,
Чун ба уммедгоҳи модарзод.

Нигаҳаш рехт аз ҳавопаймо
Бар сари пардабоми ҳамвораш.

Бори аввал ба ӯ сухан гуфтанд
Дари бе қуфлу сангдевораш.

Зулфини дар фиканда сар ба замин,
Сандалӣ чор по ба гардун аст.
Кундаи дерсӯзи оташдон
Чашмакӣ мезанад, ки мавзун аст.

Пораҳои сафоли бишкаста
Пораҳои ҳақиқатанд магар.
То ба ҳоло ниҳон буданд аз ӯ,
Охирин рӯз гашта рӯовар.

Ханда бигрехт аз лаби бомаш,
Мӯриаш ҳам кашид оҳи чуқур.
Деҳи бар ҷону дида наздикаш
Тофт бар чашми ӯ чу кишвари дур.

Дар рухаш шуд падид абри сиёҳ
Барқи чашмаш ба қуллаҳо печид,
Мавҷи пешониаш шикаст-шикаст,
Абрӯвонаш зи тоҷгоҳ афтид.

Худ ба худ гуфт:–аҳли кӯҳистон,
Аз азал хом, аз азал гӯлем.
Умрҳо садди роҳи ҳамдигар,
Нотарошида санги шахшӯлем.

Аз ниёкони хеш то ҳоло
Ибрати сӯхтан намегирем.
Гоҳ як хазл мекушад моро,
Гаҳ ба сад таъна ҳам намемирем.

Дар дили кӯҳ чӣ буд садҳо сол,
Ҳаваси мо ба хеш бишкастӣ?
Орият? Номуси ватандорӣ?
Дили моро ба сангҳо бастӣ?

Ин бигуфту бичӯшид аз чашмаш
Шӯълаҳои алоби суғдона.

Шаби домодиаш ба ёд омад,
Рақси гардунсалоби суғдона.

Зери мӯи лабони хомӯшаш
Ғунчаҳои табассуме гул кард.
Ӯ ҷавон, ӯ ҷавон шуда ҳозир,
Наварӯсаш ба пеши чашм овард…

З-атри марғуллаҳои кокули ёр
Ин ҳавогард ҳам муаттар шуд.
Домани пар-парию гулдӯзӣ
Бар каф омад варову ёвар шуд…

То ба ёди ҷавонӣ рафт ин пир,
Рӯи саҳро нишаст вертолёт.
Суғди сад сол дар камин шиста,
Дид паҳнову ҳуш аз сар дод.

Гуфт, эй халқ, соҳиби дунё
Одам аст, одами ба дасту ба по.
Бадиро ҷарру ғору шах карда,
Некиро кӯҳ, некиро саҳро.

## ХОЛИҚИ ГУЛБУР

*Солҳои сиюм супориши давлат чунин буд: бо ҳар роҳе, ки бошад, аҳолии Ягнобро гул бурред, варна касалиҳои сурхак, вараҷа ба сари халқ офатҳои зиёд хоҳад овард.*
*(Аз хотираи номзади илми тиб Х. Бердиев)*

Дар сари кӯҳи баландам имшаб,
Дида аз роҳ набандам имшаб.

Нигар, аз пайраҳаи оҳугузар,
Сина соида ба шах,
Пешпо хӯрда ба санг,
Хешро duздида аз кӯҳу камар,

Сӯи ман Холиқи гулбур ояд,
Лоҷарам, ӯ зи роҳи дур ояд.

Бо ҳамон куррахари ёлсафед,
Бо ду по хурҷини пур аз дору,

Ҳамчу як боди мурод,
Ҳамчу як бӯи умед,
Ҳамчу як абри нишот,
Ҳамчу як субҳи сафед.
Вориди деҳи Вағанзо шуд ӯ.

Баччагон боғ ба боғ,
Духтарон хона ба хона.
Муйсафедон сӯи масҷид,
Дигарон кор баҳона,
Бигурехтанд аз ӯ.

Духтури давлати Шӯро танҳо
Гӯиё монд муаллақ ба ҳаво.
Ӯ саросема нашуд,
Чун қисмат
Дода ӯро ҳунаре пурғавғо.

Хари худ баста ба тагшохаи бед,
Ба танаш пӯшида камзӯли сафед.
Аз матоъҳои навину рангин,
Рахти дӯкон бикушуда ба умед.

Дод зад, дод, ки кимхо арзон,
Шоҳию атласи аъло арзон.
Ғайри овози сагон,
Навҳаи оби равон,
Нағмае ӯ нашунид
Аз ҳама деҳи калон.
Кулбаҳои хасу сангин хомӯш,
Шаху шахпораи рангин хомӯш.
Руди ҷанҷолии деҳ ҳам ором,
Қуллаҳо аз сари тамкин хомӯш.

Хест гулбур, лаби боме омад,
Нола андохт ба дигар тадбир.
Бо ду байте, ки барангезад рашк,
Сӯи ҳар хона равон кард ӯ тир:

…Сабзиназанак, аз шут бурою мана гир,
Бовар ту макун дигар ба ҳарфи тақдир…

Айни хонандагӣ авҷи овоз,
Ҳамчу як пардаи роз,
Ҳама дарҳо шуд боз.
Аз даре ханҷари бурро омад,
Аз даре шӯълаи сӯзони ғазаб.
Аз даре шубҳаю шак, тарсу гумон
Аз даре чашми тамошойталаб.

Ба дами гарми сухан бархӯрда,
Ханҷар афтод зи каф, шӯъла нишаст.
Шубҳаю тарсу гумон об шуданд,
Гардани қуллаи мағрур шикаст.

Теға дар дасти ба тоби духтур
Дод дар партави хуршед ҷило.
Остинҳо зада бар бигзаштанд
Ҳама аз аср ба асре гӯё.

Аз чунин омади кор,
Ҳамчу аз файзи баҳор,
Табъи духтур болид,
Дили ӯ сахт тапид.

Бо ҳамон куррахари ёлсафед,
Сина соида ба кӯҳ,
Пешпо хӯрда ба ҷар,
Хешро дуздида аз зову қамар
Раҳ кашид, роҳ сӯи деҳи Сувар.

Мардуми деҳи Сувар бо шӯхӣ
Гарав аз Мушфиқӣ мулло бурда.
Ҳазлкаш, шӯхибарангез, суханэҳёгар,
Гӯӣ бо шӯхӣ таваллуд шуда, бо он мурда.

Дар раҳи духтури мо,
Дар раҳи гулбури мо,

Дода дар сурати зан мардеро
Чун касал хобонданд,
Оҳу афғон карданд.

–Оҳ, духтур, зани бечораи ман,
Модари чор ҷигарпораи ман,
Вақти тавлид расидаасту вале…
Вой, вой бар дили садпораи ман…

Чор марди ба ришу салла баробар гирён,
Ҳама ошуфта, чу аз марги бародар гирён.
Дидаҳо ҷониби духтур, ки чиҳо фармуда,
Мешавад хандахариш аз даврон.
Духтур аз хар биҷаҳид,
Набзи бемор қапид,
Гиряҳо карду бигуфто:–Хезед!
Зудтар қабри чуқуре кобед.
Зинда бар зинда касалро ин ҷо
Ба дили хоки сияҳ андозед,

Ки ба таърихи башар
Зери хуршеду қамар,
Кас надид марди буғуз,
Кас надид тухми хурӯс.

Шӯхмардон ҳама хандон гаштанд,
Чун гули ошиқи печон гаштанд,
Ҳама аз карда пушаймон гаштанд…

Теғ дар дасти ба тоби духтур
Дод дар партави хуршед ҷило.
Остинҳо зада бар бигзаштанд
Ҳама аз аср ба асре гӯё.

Шавқи ӯ ҷӯшида, ҳар як суханаш
Аз тибу шеъру дилу гулҳо рафт.
Вусъати сӯҳбати ӯ аз Яғноб
То ба Москову Стамбулҳо рафт.
Шишта дар курраҳари ёлсафед,
Боз бар деҳи дигар роҳ кашид…

Духтарони деҳи Думзой ҳама
Хонашинанду зи мардон пинҳон,
Зани худ дар дами духтур дидан,
Бори нангест дар ин кӯҳистон…

Духтур аз ҷода бираст,
Санги худхоҳӣ шикаст,
Ба сари сабзи ҷавон,
Ба ҳама моли ҷаҳон,
Қасаме хӯрд, ки ӯ занҳоро
Хоҳари ҳамтани худ бархондаст.

Баъд аз ин бозӯи занҳои деҳот,
Обе аз теғаи ҷонбахш чашид.
Аввалин бор дар ин деҳи хароб
Теғи ӯ пардаи зулмот дарид.

Бар сари бозуи мардум гул на,
Мӯҳр бинҳода ба як умри дигар,
Бо ду по хурҷини пур аз дору
Сина соида ба шах,
Пешпо хӯрда ба санг,

Тарҳи худ рехта бар кӯҳу камар,
Раҳ кашид, роҳ сӯи деҳи дигар…

*Рафоэл дар умри кӯтоҳаш бештар расми Маряму Исоро мекашид, ки қудрати ҳаётбахшӣ доранд. Ҳозир дар болои санге суғдидухтаре китоби шеъреро қироат дорад. Ҳозир вертолёт меояд, замона ӯро ба авҷи фалак мебарорад. Ман Рафоэлро аз корҳои дигараш манъ мекунам…*

## ДУХТАРИ ЯҒНОБӢ

Ист як дам, Рафоэло, бозист,
Нақши Марям зи дидагонат гир.
То туро бар канори чашма барам,
Чашмаи софу шӯху бе тақсир.

Як дам аз шарри римиён бигрез,
Бар Вағанзо биё, ба мо омез.
Бинишин зери сояи миҷгон,
Нақши ин суғдидухтар аз дил рез…

Тарҳи рӯяш баҳор ангезад,
Шӯъла аз ҳар канор бархезад.
Ҳамчу Исо агар ҳазор-ҳазор,
Ояд аз кӯи ӯ, набархезад.

Лаби ӯ ҳамчу пушти гулмоҳӣ
Медиҳад ҷон, ҳар он қадар хоҳӣ.
Асрҳо боз бехабар аз ин
Насли одам зи рӯи гумроҳӣ.

Абрӯвонаш чу хӯшаи гандум
Гушнагонро уммед мебахшад.
Нусхаашро ниҳон каш аз мардум,
То фалак доси худ бар ӯ назанад.

Мавҷи рӯд аст кокули чинаш,
Бохабар каш, нарезад аз дафтар.
Ихтиёраш ба дасти бод мадеҳ,
Ки фурӯшад варо ба мулки дигар.

Косаи чашмҳои пурмайи ӯ
Холӣ каш аз шароби мардафган,
То ба ӯ рӯ ба рӯ шавӣ осон,
То шавад роҳи хонаат равшан.

Шафақи субҳдам зи рухсораш
Нафитад бар қалам зи осонӣ.
Лағзиши ҳусни навбаҳорон каш
Дар сари теппаҳои алвонӣ.

Қатраборон бигуфта устодаш
Васфи дандони ӯ ба ҷо овард.
Шӯъла каш, шӯъла каш қади ӯро,
Кеши оташпарастиҳо овард.

Нафасаш шеъри Рӯдакӣ дорад,
Медиҳад умру меситонад ҷон.
Дар ҳарире бикаш, ки то гардад
Ҳама олам муаттар аз дами он.

Бар ду соқи чу нуқраи хомаш
Чашми хуршеду моҳ мелағжад.
Аз ҳама, аз ҳама паноҳаш каш,
Наравад то башар ба роҳи ғалат.

Пайкари оташи сафедашро
Дар дили мавҷаи Зарафшон каш.
Қуллаҳои баланду саркашро
Пеши пояш фитода яксон каш!

Бахту озодӣ чун надорад нақш,
Нусха аз чашму рӯи ӯ бардор,
Чун кунад шишта рӯи санги сафед
Шеъри Турсунзодаро такрор.

Ист як дам, Рафоэло, бозист,
Нақши Марям гузор дигар сӯ.
Аз қади суғдидухтарон имрӯз
Орзую уммеди худ меҷӯ!

*Дарёчаи беқарори Ягноб рӯзи кӯч ба назарам чун сағираҳои бепадари давраи ҷанг расид. Вертолёт аз замин канда мешуду рӯди Ягноб зорию тавалло мекард:*

Эй рафиқ! Танҳо намонам,
Бо умед аз санг ҷастам,
То туро ҳамроҳ бошам,
Ман ҳам акнун бор бастам.

Ҳар куҷо кардӣ равонам,
Рафта бо сар кор кардам.
Шӯрабумро марғзорон,
Даштро гулзор кардам.

…Осмон дар дидаи ман
Соф шуд, бе кина шуд.
Синаам бар Офтоб
Ҷавлонгаҳу оина шуд.

Бо ҳама ин давлати худ
Бе ту ман ноҷӯр монам.
Дар канори ҳусни беғаш,
Аз латофат дур монам…

Бар маро бо худ, ки дар дил
Қиссаҳо ногуфта дорам.
Ташнаи чӯлу биёбонҳо
Диле ошуфта дорам.

*Вертолёт аз чанги агбаи Қандихурак канда шуда, ба домани кӯҳи Дор, ки Дашти Варзаш меноманд, фуруд омад. Аз сари кӯҳи Дор–сари обу тахти Афросиёб менамояд, мегӯянд, ки ин дуруст аст. Кӯҳи Дор дар миёнаҷои водии Зарафшон, саргаҳи об–саршавии Зарафшон, тахти Афросиёб, дили Самарқанд аст.*

*Ман суруди кӯҳи Дорро аз хурдӣ шунида омадаам. Вале имрӯз навою оҳанги ӯ ба магз-магзи дилам рафт…*

## СУРУДИ КӮҲИ ДОР

Рӯ ба олам мекушояд офтоб аз дӯши ман,
Абри бепарво наёбад ҷой дар оғӯши ман.
Он чи умре мезанад силӣ ба рӯи осмон
Барқ не, як ҳарфи сӯзон аз лаби хомӯши ман.
Ман агар кӯҳам, ҷаҳони дарду ғам дорад дилам.
Ман ғами мағлубию айши зафарҳо дидаам.
Сумби аспи солҳои рафта маҷрӯҳам накард,
Ҳамчу марди пардадоре умр бар сар мебарам.
Аз ҳама ин ҷо баланд истодаам, айбам макун.
Раҳ нишон бидҳам аз ин ҷо ман ба насли Офтоб.
Субҳи козибро гиребон чок кардам умрҳо,
То ки андар раҳ намонад корвони рафта хоб.
Чӯҷаи шаҳбозу шоҳин мепарад аз рӯи ман,
Бар ҷаҳони пурсукути осмонҳои баланд.

Лаззати авҷи фазо ҷаббида, уқобони пир
Мебиёянд боз, дар домони ман ҷон медиҳанд.
Ман замини тахт будам баҳри Деваштич мудом,
Тифл буд ӯ, ман варо болои сар медоштам.
Чун сари ӯро рабудӣ хасм то чӯли араб,
Ман аз ин рӯ осмонро бо сарам бардоштам.
Ман агар хезам, ба дӯши кӣ ниҳад сар осмон?
Аз куҷо оғоз гирад чашмаю боди сабо?
Домани иффат ба бозӯи кӣ созад чок субҳ?
Аз кӣ меҷӯянд дигар одамон акси садо?

*Умр шитоб дорад… Суръати ӯ аз самолёту вертолётҳо ҳам тезтар аст. Ба назарам навакак буд. Ман аз Шобита бо вертолёт ба Дашти Варз фуруд омада, гӯш ба навои синаи кӯҳи Дор дода будам. Аз он лаҳза, бо як мижжа задан, чор сол гузашт. Яъне, чор сол аз умри ман кӯтоҳ шуд. Чор сол умри ҷаҳон дарозтар шуд.*

*Имрӯз мавҷҳои шӯхи Зарафшон ҳамдаму ҳамбози ман, суруди тантанадори кӯҳи Дор болу пар, шукӯҳи шӯхаҳои кӯҳи Муг ҳидоятгари мананд ба дашти ташнаи Мирзочӯл! Кӯҳи Муг гуфтам, боз як бори дигар кому забонам ширин шуд. Охир кӯҳи Муг охирин пойтахти Деваштичи номвар! Охирин шоҳидест, ки конститутсия, паспорт, шаҳодатнома, ақди нигоҳ, хатту давот ва панду ҳикмат ва насиҳатномаҳои бобоёни суғди моро ҳазору чорсад сол аз тӯфонҳои рӯзгор наҷот дода, то ба рӯзи мо овард ва кӣ будани моро ба мо фаҳмонд.*

*Кӯҳи Муг чун одам ақлу хирад, эҳсоси номус ва худшиносӣ дорад. Варна он сабади ҳуҷҷатҳои замони Деваштичро ба ихтиёри барфу борон медод, на бар чӯпони соддаю раҳгузар, ки бо ӯ хуни пайвандӣ дорад…*

*Шоире дар пештоқи як шахи баланди ӯ чунин китобае сабт кардааст, ки дар ҳаққи ин кӯҳи шафоат арзандаю ҳақ аст!*

Мағз андар мағз дарду сина побанди ҳавас,
Куҳи Муғ ин ҷо чу марди боумед истодааст.
То нагирад кӯртабъе ҳастии ӯро ба рад,
Шоҳиде аз корзорони шадид истодааст.

*Вале дар санги дигаре як шоири ҷавон китобаи дигаре навишта:*

## КИТОБАЕ
## ДАР САНГИ КӮҲИ МУҒ

Истода умре кӯҳи Муғ
Чун ҳайкали андӯҳу ғам.
Дар раҳгузори бодҳо
Пур сина аз дарду алам.

Чун дид ӯ аз аҷнабӣ
Дарду ҷароҳатҳои сахт,
Ҷуз шӯра аз оғӯши ӯ
Дигар намерӯяд дарахт.

Наргис дар ин ҷо бе нигоҳ,
Булбул дар ин ҷо бе фиғон.
Ҳар санги сардаш ҳайкале
Бар аскарони бенишон.

Мардона бингар кӯҳи Муғ,
Чун аскарони инвалид,
Бо кӯлабори пушти худ
Омад, ба рӯзи мо расид.

*Диққат, диққат, ба самолёти ЯК-40, ки ба тарафи Зафаробод парвоз мекунад, саворшавӣ сар шуд,–гуфтани диктор риштаҳои хаёли маро аз кӯҳи Муғи бостонӣ барканд. Аҷабо, дар болои самолёт якбора Сангак ва модараш кампири Садбаргро дидам. Мо гарму ҷӯшон пурсупос кардем. Сару либос, хезу шин ва муомилаи кампир тамоман дигар шудааст. Ҳаёти Мирзочӯл ба кампир сахт таъсир расондааст…*

## МОДАР

На ба Маскав бувад, на дар Пориж,
Ба Худо ҳамчу модари ман зан.
Дипломат, дурбин, замонашинос,
Шореҳи маъниҳои мардафган…

«ИЛ»-и 18 ба ӯ намефорад,
Ҳар куҷо ӯ равона бо «Як-чил»

Гӯядам, ки дар ин савораи хуб
Мерасад кас ба хубӣ то манзил.

Дина якпо ситода кард исбот,
Маънии СССР бувад серӣ.
Аз Зарафшон бузург дарё нест,
Нест дар чӯл[1] мисли ӯ пире.

То ҳанӯз гар зи мағз-мағзи дилаш
Метаровад муҳаббати кӯҳсор,
То ки ношукрие ба мо нашавад,
Дарди дилро намекунад изҳор.

Дар навадсолагии худ кампир
Русӣ омӯхт, ӯзбакидон шуд.
Гуфт: –акнун, писар, дар он дунё
Кори ман ҳам равону осон шуд.

Гуфтамаш: Чун? Бигуфт: дар ин мулк,
Миллати ғайру ошно бешанд.
Рафту пурсандаҳои он дунё
Бо забони дигар маро пурсанд,

Пеши онҳо намешавам мулзам,
Аз гуноҳу савоби ин дунё.
Бо кадом лаҳҷае, ки пурсандам,
Медиҳам ман ҷавоб, иншоллоҳ…

На ба Москав бувад, на дар Париж
Ба Худо, ҳамчу модари ман зан:
Дипломат, дурбин, замонашинос,
Шореҳи маъниҳои мардафган!

*Ҳамон қадар, ки ба Зафаробод наздиктар мешудам, дилам тезтар мезаду хотирам парешонтар мешуд… Аҳволи фарзандони кӯҳи баланд дар ин чӯли ҳамвор чун бошад?*

*Мо дар назди дарвозаи Мирзочӯл истодаем. Дар ду табақи дарвоза ду китоба навишта шудааст:*

---

[1] Чӯл–Мирзочӯл

## КИТОБА ДАР ТАБАҚИ
## ЧАПИ ДАРВОЗА

Мардони сахӣ, некӣ ба дарё зада умре,
Ҷуз марг надиданд аз ин ҳавли биёбон.
Шуд хушк дар ин роҳ яке бо дили дарё,
Дигар ба замин рафт чу як қатраи борон.

Боғи ҳаваси гумшудагонро самаре нест,
Доғи нафаси гумшудагонро асаре нест.
Он кист, ки ғамҳои биёбон бишуморад,
Бар ташнаҷигарҳои замон об биёрад?

## КИТОБА ДАР ТАБАҚИ
## РОСТИ ДАРВОЗА

Он ташнаҷигар ман, ки худ осон бишикастам,
Паҳнову дили сахти биёбон бишикастам.
То хилвати раҳгумзадагон роҳ кашидам,
Афсонаю афсуни ниёкон бишикастам.
Боғи ҳаваси гумшудагон аз дили ман ҷӯ,
Бӯи нафаси гумшудагон аз дили ман ҷӯ!

## КОММУНИСТ
## АБДУРАҲМОН ИНОЯТОВ

Субҳдам бо шафақи сурх, шитоболуда
Абдураҳмони тановар бадар омад зи дараш.
Тарҳи ӯ рехта бар боғу хиёбони навин,
Осмон чашми тамошо шудӣ болои сараш.

Офтоб дарзада аввал ба сари шонаи ӯ,
Баъд бар киштаву паҳнои биёбон афтод.
Дар ду рухсораи садбарги саҳар сурхӣ дамид,
Шабнами пушти лаби гул ба гиребон афтод.

Чӯл бар шарфаи поҳош хуморист магар?
Дид ӯрову зи нав кард ҳама тасвираш.

Гӯӣ бишнохта, имдодгараш оби канал,
Ҳалқаҳое заду аз пой фиканд занҷираш.

Он чунон бо дили пур гом занад дар дили чӯл,
Гӯӣ дунёгару дунёвару дунёдор аст.
Тифли ҳафтоду ду миллат писарони падараш,
Ғаму шодии ҷаҳонро дили ӯ бозор аст.

Ман зи ҳангомаи ӯ оташи ҷаввола шудам,
Сӯхт ҷуз нур дар аъзои ман оҳори дигар.
Пастию кинаварии башар аз ёдам рафт,
Даҳр ҳамчун руҳи ӯ тофт ба рӯям ёвар.

*Ҳамчу тифле, ки дар афсона шавад гум, ман ҳам маҳви ӯ гаштаму пурсидамаш: эй марди саховат,*

–Ку, бигӯ аз чӣ бувад тарс туро?
–Тарс?
–Ҳо…!
Гуфт:–Аз рӯзи ба сарҷӯи навин,
об зи дарё бурдан.
Гуфтамаш:–Тарс бувад оё ин?
Гуфт: оре, зи паси он ҳама заҳмат бурдан,
Дида бо дидаи худ маргу аҷал номурдан.
Кас намедонад об,
Сар ба сарҷӯй ниҳад ё ба замин?!

Гуфтамаш: Бар кӣ ҳасад мебарӣ аз ин дунё:
Гуфт: –Бар марди бинокор!

Гуфтамаш:–Гӯй, чаро?
Гуфт:–Бар шаш ҷиҳати даҳр намоён кораш.
Ғайри ободӣ набошад ба ҷаҳон осораш!
Гуфтамаш:–Ишқи ту бар кист?
Бигуфто:–Ба башар!
Гуфтам:–Эй, содданазар! Ин ҳама оламсӯзӣ,
Худгарӣ, худшиканӣ, худнигарӣ, худсӯзӣ.
Ҳама аз ӯ зада сар!
Гуфт:–Ин зот ҳаме заҳр бувад, ҳам позаҳр.

Гуфтам:–Аз дӯст чӣ мехоҳӣ ба худ?
Гуфт:–Як ҳарфи ҳақе, ки дилу ҷон афрӯзӣ.
Гуфтамаш:–Хеш чӣ мехоҳӣ ба дӯст?
Гуфт:–Эҳсоси баланду дили меҳнатрӯзӣ!

Гуфтамаш:–Умри абадро чӣ қадар мефаҳмӣ?
Гуфт: –Як сония аз ҳалқаи худ ворастан.
Гуфтамаш:–Бахти ту дар чист, ба ҷуз ин давлат?
Гуфт:–Бо дарди дигарҳо дилу ҷон обастан.

Гуфтамаш:–Кист, туро душмани ҷон?
Гуфт:–Афроди дурӯ!
Гуфтамаш:–Чора биҷӯ.
Гуфт:–Афсӯс гули ин алафак
Ҳам ба саҳро бишавад сабз, ҳаме дар лаби ҷӯ–

Гуфтам:–Аз дасти кӣ мефахрӣ?
Бигуфт! –Аз нафасам!
Гуфтамаш:–Чун?
Гуфт:–Ҳар лаҳза кунад зӯр ҳавою ҳавасам

Гуфтам:–Аз хоб саҳар бо чӣ ният мехезӣ?
Гуфт: –Бо нияти дилёбию дилфарсоӣ.
Некиро дар дилу дар дидаи мардум дидан,
Бадиро музтару бечораю дар танҳоӣ!

## ДЕҲҚОНИ ЯҒНОБӢ

*Барои Нурулло Нуров*

Офтоб аз пайраҳи дерин дамид,
Бо ҳазорон ҷилваи рангин дамид.
То ба сайри орзу рафтам зи худ,
Аз дили ман хӯшаи Парвин дамид.

Бо сари чун кӯҳ баланди хештан,
Бо дили чун чашмаҳо фавворазан.
Бо ду дасти тезгиру коргар
Дар Зафарободи Мирзочӯл ман

Ҳамчу як деҳқони яғнобӣ шудам,
Ғамшарикӣ лалмию обӣ шудам.
Хок дар сарпанҷаам шуд мушти зар
Ҳокими шабҳои бехобӣ шудам.

Субҳ ояд, рӯ ба саҳро мекунам,
Чун шафақ таъмири дунё мекунам.
Саҷда меорам ба даргоҳи замин,
Бахти худ аз хок пайдо мекунам.

Дар раҳи тӯфони бепарвоназар,
Синаи ман гашт садди ногузар.
Тар накардам доман аз баҳри касе,
Ғарқ дар хушкӣ нагаштам чун шарар.

Гар хумори кӯҳсорон гирадам,
Мекунам аз пахта кӯҳи мӯҳташам.
Мебарорам чашма аз қаъри замин,
Гар ҳавои обшорон гирадам.

Қуллаҳоро дода андар дил паноҳ,
Бори хотирҳо нагаштам ҳеҷ гоҳ.
Дидаам умре баробар бо ҳама
Бахту шодӣ, нима нони хешро.

Боз бар рӯи башар дарвозаам,
Ҳарчӣ дорам, бар сари хон мениҳам.
Бо дили неке дарояд аз дарам,
Ҷойи худро баҳри меҳмон медиҳам.

Орзуи синаам партав диҳад,
Аз сари хирман ба роҳи каҳкашон.
Медамад хуршед аз бозуи ман,
Мешавад равшан зи умедам ҷаҳон!

## УСТО БАРОТ

Эй дод, дод аз дасти бод,
Аз дасти боди бадниҳод.
Ҳар ҷо палосе буд, рабуд,
Ҳар ҷо ки як дар буд, кушод.

Балвогару бедодгар,
Авбоши ғӯли бепадар,
Домони кӯтоҳи занон
Бардошта ӯ то камар.

Бар ҳар куҷо сар мезанад,
Бар бому бар дар мезанад.
Гаҳ рост рафта, гоҳ чап,
Бар хушку бар тар мезанад.

Ҳар гаҳ ки хоҳад беамон,
Печида андар ошдон.
Бар ҳам зада дегу табақ,
Аз худ намемонад нишон.

Мисли балое дид бад,
Ин бодро Усто Барот.
Аз дасти бод ӯ ҳар куҷо
Арзу шикоят мекушод:

–Айби занам шуд, в-арна ман,
Ҳаргиз намекӯчидаме.
Аз дасти ин боди бало
Сад онаамро дидаме!

На сӯзану на ришта монд,
На ҷогаю на ҷомаам.
Аз тоқи хиргаҳ дина шаб
Дуздида бурд аммомаам.

Усто Бароте, ки зи коғаз,
Кавшу маҳсӣ дӯхтӣ.
Онро баҳои чарми хуб,
Бар одамон бифрӯхтӣ,

Оне ки неши сӯзанаш,
Нақши дусад гул мекашид.
Оне ки аз як газ матоъ,
Се ҷомаи нав мебурид,

Дар пеши ин бод ӯ магар
Ҳайрону бетадбир шуд?
Ё дар кашокашҳои кӯч
Усто ҳақиру пир шуд?

Ин сон гумону шубҳаро,
Барҳам зад усто як саҳар.
Рафту зи дарёбоди Сир,
Як мошин овард шохи тар.

Аз кори устои замон,
Ҳамсояҳо ҳайрон шуданд.
Усто магар ин бодро,
Бо навда созад пойбанд!

Усто зи шоху навдаҳо,
Тайёр карда даҳ сабад.
Бо фахр гуфтӣ бо занаш:
–Олам гулистон мешавад!

Ин боди вайронкорро,
Фанде бубояд бе амон!
–Ёбед, илоҷе тезтар,
Усто, шумо ку ҳилладон.

–Чун бод пайдо шуд саҳар,
Бандам сабад дар раҳгузар.
Печида ӯ бо ин сабад,
Созад раҳи худро дигар.

–Рафту сабадро ҳам барад,
–Бисёр зебо мешавад.
–Чун?
–Охир, аз ин ҷо меравад!

## ШАБИ МИРЗОЧӮЛ

Карда айвони парешони фалак гулкорӣ,
Ахтаре лағжиду афтод ба домони замин.
Моҳ чун карчи дили харбуза шаҳдафшон шуд,
Ба лаби ҷӯи мусаффо, ба сари хони замин.

Чун назаргоҳи ҳақиқат ба дили чӯли куҳан,
Асри бистум бикушодаст тамошогоҳе
Москаву Парижу Рум пеши назар истода,
Гапшариканд ба ҳар хона гаҳу бегоҳе…

Аз Ню-Йорк тамошо бикунад рақси бадан
Суғди пире бари оинаи нилгун имшаб
Кам шавад холи Людмила [1]агар аз дигарон
Даст бар зонуи ларзон зада хезад ба ғазаб.

Духтараш маҳви наво гӯш ба Муслим дода,
Писараш мухлиси футболи лаҳистон дар ҷӯш.
Пурта[2] андар сари хон сард шуду ин хона
Ба ҷаҳон сар ба сар истода ҷаҳоне юар дӯш!

Остони дигаре руфтаю об зада,
Имшаб аз машъали суғдона фурӯзон чун рӯз.
З-ошёни шашумин гуӣ ки аз кӯҳи баланд
Фиканд суғдиписар гул ба таги пои арӯс.

Нағмаи чашмаву атри гули Яғноб имшаб
На зи кӯҳ, аз нафасу синаи мардум ҷӯшад,
Боди савдозадаи чӯл зи ҳар як хона,
Бурда онро ба сари роҳи калон бифрӯшад.

Ғами ширини зи кӯҳсор ҷудоӣ ин ҷо
Об гаштасту каме ёд зи мозӣ бикунад.
Ҳар ки худ қуллаи касногузар ин ҷо гашта,
Ки ба шаш ҳадди ҷаҳон дастдарозӣ бикунад!

---

[1] Людмила Пахомова, Чемпионкаи ҷаҳон.
[2] Пурта –хуроки қадимии Яғнобӣ

Ману ин домани кӯтоҳи шаби Мирзочӯл
Дилу дар пайраҳаи Қандихурак саргардон.
–Ту чи мехоҳӣ, дило, гард аз он роҳи хатар,
Ки сафар ҷониби дӯшина бувад айби калон.

Ҳама соҳибназарон ошиқи имрӯзи ҳаёт
Сухан аз «ТУ»-ю «ИЛ»-у ҳамсафарон мепурсанд.
Ту чи гум кардӣ дар он қандихуракҳо, баргард,
То намонӣ ба ҷари тармапаре андар банд.

–Ту мапиндор, ки ин шухаю ин санги сиёҳ,
Лаб фурӯ бастаю бечораю беармонанд.
Ҳама чун дидаи бино, дили пурмеҳру сахо,
Дурандешаю нозукраву дафтархонанд.

Нолапардозу кафанбарсару ҳақҷӯянда,
Ту намедонӣ, дар ин тангӣ чӣ мардон буданд.
Раҳ дар ин зовия бо тешаи нохун канда,
Хабари дашти васе, роҳи калон оварданд…

Ана, дар тоқи фаромӯши шаби касногузар,
Дафтаре ёфтам аз маншаи байни шабу рӯз
Гар туро ёд зи дӯшина бувад айб, нишин!
Ман ба сарманзили мардум бикашам ин табу сӯз.

Ману шаббодаи тарфи чамани Мирзочӯл,
Дилу дар пайраҳаи Қандихурак саргардон.
Барабас то наравад обилаи пои дилам,
Як нафас рӯй ба дӯшина кунед, эй ёрон.

## РУҶӮИ ЯҒНОБИПИСАР

Ин ҷо Ватани ман.
Сари ин шӯхаи сарсахт,
Бар шабнаму бар зарраи хуршед хуморист.
Ин бурси назарбози сари роҳ як умре
Бо тундару бо тармаи дилсард қиморист.

Ин ҷо Ватани ман!
 Қамари теғаи сабзаш
Аз дамдамаю замзама оромӣ надорад,
Сар монда ба зонуи маҳ ин қуллаи пасташ,
Аз ишқ пушаймонию бадномӣ надорад.

Ин ҷо Ватани ман,
                    ки уқобони шикорӣ
Номус кунанд аз задани кабку кабӯтар,
Аз чашми шарарбори ғизолони рамида
Пайроҳа намоёну шаби тира мунаввар.

Ҳар чашма дар ин мулк чу афсонасароест,
Шодоб зи ҳар як суханаш гӯшаю манзил.
Умре ба барам рост ситодӣ, нахамида
Ҳар нахл чу як додари зоидаю пурдил.

Ин ҷо Ватани ман.
Дили ҳар санги сиёҳаш
Лабрез бувад з-оташаки барқи мунаввар.
Гул медамад аз шаҳдараи ваҳшию сардаш,
Шаҳбозпарастанд варо ҳар буну ҳар дар.

Ин ҷо Ватани ман.
Зи нахустин қадами хеш
Ман дардшарики гули тар,
                              майсаи навхез,

Ман нозкаши тармапару сели ҷафокор,
Ман нашъабари барқаму борони сафорез.

Ин ҷо Ватани ман.
Гули испанду ҳазора,
Аз хоки ниёкон зада сар қисса бигӯяд.
Дил гум зада бар ёди падарҳои сарафроз,
Акси рухашон аз нигаҳи қулла биҷӯяд.
Имрӯз аз ин қулла манам сар ба биёбон,
Пайғомбари накҳати гул, абри баҳорон.

То мартабаи чӯл ба ин қулла барорам,
Дасти ману домони пурафсонаи даврон.
Ҳам кӯҳ маро боби Ватан,
ҳам дили саҳрост,
Ман зодаи одам,
Ватанам дидаю дилҳост.

## ДАФТАРИ ПОРИЖ
### силсила дуруд

Зи Помир то ба Пориж омадам, чун дӯст, чун шоир,
Дуруде мерасонам аз таҳи дил аҳли Парижро.
Дуруде бо насими субҳдам, бо накҳати борон,
Дуруде дӯстҷӯёну дуруде дӯстхоҳонро!

Дуруде бо сафои Шамси равшангар, ки тобон аст,
Дуруде бо нигоҳи ахтари шабрав, ки рахшон аст,
Дуруде бо навои чашмаю дарё, ки ҷӯшон аст,
Суруде аз Бадахшон аст, шукӯҳе аз Зарафшон аст.

Дуруде бо дуои модарони Туйчӣ, Матросов,
Ки номи ҷанг гум аз ин ҷаҳон бодо!
Дуруде бо пару боли кабӯтарҳои ёбоӣ,
Ки дунё чун дили тифлони ман аз ғам карон бодо!

## БУРҶИ ЭЙФЕЛ

Эй тамошогари неку бади Пориж, Эйфел,
Ҳамдилу ҳамнафасу ҳамқади Пориж, Эйфел.
Солҳоест, ки дар роҳи замон чун мардон,
Рост истодаӣ ту беҳазар аз неку бадон.
Борҳо дидаӣ хории ҳунармандонро,
Дар паси панҷара зории ҳунармандонро.
Дидаӣ бас, ки сияҳфикру сияҳкоре чанд,
Соҳиби давлату эъзозу ҳукумат гаштанд…
Ту хамӯшиву таманнои ту дорад Пориж,
Шукр аз файзи баланди ту дорад Пориж,
Ки ту будиву ҷаҳон дид баландии варо,
Бо ту раҳгум назадӣ Морису ҳам Жак-Дюкло.

Ту ба меъёри дили халқ баробар шудаӣ,
Ту ба ҳар хона ба як ҳукми бародар шудаӣ.
Бинигар, сӯи ту аз кишвари дур омадаам.
Бо дили дӯстписанд аз раҳи нур омадаам.
Бикушо аз ҳама асрори ниҳон сӯям дар,
Аз ҳама пасту баландии ту дорем хабар.
...То бимонад тани фӯлоди ту безахму газанд,
Қомати Порижи ободи ту безахму газанд.
Давраи ҷанг писарҳои «аламбардорат»,
Шудӣ аз хасм ниҳон дар қабати шибдорат.
Сели марговари ҷаллоди ҷаҳон аз ту гузашт,
Дасти хунрезу балозоди замон аз ту гузашт.
Рафт то кишвари ман бо дами дигар бархӯрд,
Барқи ҷонсӯзи ҷаҳон сард шуду он ҷо мурд.
Муждаи зиндагӣ аз Москва монанди саҳар
Паҳн шуд бар ҳама дунё, ба ҳама аҳли башар.
...Дар наҷоти туву Порижи ту мо ҳам будем,
Дар ғаму шодӣ ба мардони ту ҳамдам будем.
Ман кунун дидамат, эй пир, мунаввар шудаӣ,
Солҳо пушти сар афганда ҷавонтар шудаӣ.
Ба тавофи ту ҳама хурду калон меоянд,
Баҳри дидори «Баландии ҷаҳон» меоянд.
Императору президент, чи миллиардерон–
Шудаанд маҳви баландии ту дар ҳар даврон.
Гарчӣ аз Боми Ҷаҳон омадаам бепарво,
Кард ин ҳусни баландии ту тасхир маро...

## КОММУНАРҲО

Қадри милёндору бепул як бувад дар Перлашез,
Ҳеҷ кас ҳаргиз намепурсад, ту шоҳӣ ё гадо?
Ҳеҷ кас ҳаргиз намепурсад
зи дину миллату ирқу наҷод
Ҳеҷ кас ҳаргиз намепурсад,
ки аслат аз куҷо?
Зарпарасту сарпарасти Перлашез,[1]
Хуфта дар паҳлӯи ҳам чу тавъамон.

[1] Парлашез–қабристони машҳури Порconfigуриж, ки оромгоҳи муаллифи «Интернатсионал», коммунарҳо ва бисёр озодихоҳони дигар аст.

Ҳар ду орӣ аз ғами суду зиён,
Ҳар ду холӣ аз каму беши ҷаҳон.
Дар ҷаҳони мурдаҳо
дар Перлашез
Шеър дорад зиндагии мармарӣ.
Шеър ин ҷо шӯр барпо кардааст,
Шеър мардумро намояд раҳбарӣ.
Сӯи ғамҳои нуҳуфта,
Дарду озори нагуфта,
Байтҳои рӯи мармарҳо ба монанди чароғ
Мекунад равшан
ба ҳар марқад чи дард асту чи таб,
Лек муштони гираҳдори асирони фашизм[1]
Бар фалак печида, чун фаввораи кину ғазаб:
Ҳамчу бонги тозаи кулли башар,
ин муштҳо
Одамонро аз балои ногаҳон бидҳад хабар.
Ҳамчу бурҷи пуршукӯхе кардаанд ин муштҳо
Осмонро аз сари озодихоҳон дуртар.
Баъд аз ин шеъру суруди хешро, эй шоирон,
Дар замири тобноки зиндаҳо бояд навишт.
То ғаму шодӣ шиносанд,
Қадри озодӣ шиносанд.
Баъди мурдан ҳам нумӯ оранд ҳамчун дони кишт,
Зери мармарҳои зебо дар канори Перлашез
Коммунарҳо гӯиё осуда хобанд.
Чашм бар фардои Порижи куҳансол,
Коммунарҳо интизори Офтобанд.
Аз мазористони хомӯшони Париж–
Водии уммедҳою орзуҷои ба ҷое норасида,
Коммунарҳо рафта кайҳо
Баҳри таъмири ҷаҳони дарддида.
Дар Россия бо нахустин киштии навдавлатон
Коммунарҳо миннати дарё кашиданд.
Баҳри дафъи хасми оламсӯз дар майдони ҷанг,
Тир хӯрданду ба нусратҳо расиданд.
Коммунарҳо дар лаби баҳри Қариб

[1] Дар ин ҷо барои асирони лагерҳои Бухенвальд. Майданек ва Матхаузен ҳайкалҳои ёдгорӣ гузоштаанд.

Кастроро қудрати гуфтор доданд.
Мардумашро ҳиммати подор доданд,
Коммунарҳо дар ҳама рӯи ҷаҳон
Чашми инсонро ба озодӣ кушоданд.
Мардуми помоли даврон ҳар куҷое
Меканад завлонаю банд!
Аз ҷаҳони мурдаҳо, аз Перлашез
Аз бари деворҳои захмдору хунчакон,
Ҳамчу «Интернатсионал» рафта кайҳо
Коммунарҳо бар ҷаҳони чашму дилҳо…

## МАЙДОНИ РИЗОӢ

*Дар Пориж чунин майдони машҳур*
*ҳаст, ки инсон бояд бо дили пок,*
*орзуи нек ва хайрхоҳӣ ояд.*

Кӣ розию кӣ норозӣ?
Кӣ бозию кӣ нобозӣ?
Кӣ бар оянда дил дорад,
Кӣ хурсанд аст аз мозӣ?
Дар ин майдон намедонам, намедонам,

Кӣ осуда, кӣ н-осуда?
Кӣ буда ё кӣ нобуда!
Кӣ дорад қисмати ширин?
Кӣ дорад саъйи беҳуда?
Дар ин майдон намедонам, намедонам.

Кӣ ин ҷо додгар ояд?
Кӣ ин ҷо бодгар ояд?
Кӣ ин ҷо бо ду чашми дидавар,
Ду гӯши кар ояд?
Намедонам, намедонам.

Ҳамедонам, ки майдони Ризоиро
Ниҳоди офтобӣ ояду амвоҷи дарёӣ.
Дилеро гарму равшан то кунӣ
бо нури идрокат,

Бубинӣ рӯи одамрову ҳамчун ғунча бикшоӣ!
Чу аз хуршед бар сар тоҷи заррин мезанад гардун,
Ҳамехоҳам, ки аз тори муҳаббат пул кунад дунё.
Зи соҳили диле бар дил гузаштан то шавад осон,

Ҳамехоҳам, ки аз тори муҳаббат пул кунад дунё.
Ҳамехоҳам, ки ҳар як хандаи ширину худрӯид
Диҳад акси садо аз ҷону аз виҷдони дигарҳо.
Зи чашми бегуноҳе резад ар як қатраи ашке,
Кунад сад қатра кам хуни ҷигарҳоро.

Ҳамехоҳам чу Майдони ризоӣ бошад ин дунё
Башар ҳамчун бародар дам занад аз ишқ, аз уммед.
Тамаъ аз хоки якдигар бурандӣ то ҷаҳон бошад,
Камар бар қатли ҳамдигар набандӣ, то бувад хуршед!

## ЖАННА Д–АРК

*Ин духтари бебокро чунин шиоре будааст:*
*«Агар ман набошам, дигар кист?»*

Ман аз гулҳои худрӯиди саҳро не,
Ки чун бозичаи дасти сабо гардам.
Саҳар аз ғунча во гардам, фиреби дидаҳо гардам,
Чу шаб ояд ба худ печида аз дунё раҳо гардам.

Ман одам.
Лек чун мавҷи гиребончоки дарёям,
Ки паҳлӯ мезанам бар соҳили сангин.
Чу тифли шӯхи тӯфонҳои шабрав ман,
Дилам бо худ шикастан, худ гусастан мекунам рангин.

Агар ман нестам, аз рӯи душманҳо
Кӣ чодарҳои сангинро бадар кардӣ?
Кӣ хасмони Ватанро садди раҳ гаштӣ?
Дар азои шаҳидони Ватан кӣ дида тар кардӣ?
Агар ман нестам дигар кӣ, эй мардум,
Ба нохун метарошад аз вуҷудаш нақши қисматро.
Агар ман нестам, домони фардоро
Кӣ бо умеди некӯ сахт мегирад аз ин дунё?

Агар ман нестам, дигар кӣ аз айём
Ба мушти лоғари худ мезанад девори гардунро?
Кӣ аз иғроқи расвоӣ наметарсад, намеларзад
Ба хуни офтоб тар мекунад
кӣ домани худро?

Агар ман нестам, дигар ки эй мардум,
Ба қаддаш куртае аз оташи ҷаввола медӯзад,
Лабони ташнааш тар мекунад аз оби оташҳо,
Саропо мешавад хокистару аммо намесӯзад!

Агар ман нестам, эй тӯдаи худхоҳ,
Кӣ мегардад чароғи роҳи ҳайроне!
Шумо дар тахт зиндонӣ,
Асири нафси ҳайвонӣ!

Саропо сурати аҷзу пушаймонӣ,
Агар ман нестам, эй тӯдаи худхоҳ!
Кӣ бо сӯзаш мунаввар мекунад роҳе?
Кӣ бо ними нигоҳе, ё дами оҳе,

Фурӯ дар хеш орад шахси тӯфонҳои ногоҳе,
Агар ҷуз ман касе ҳастӣ дар ин дунё
Бихез, аз ҷову раҳ гир аз қафои ман.
Ба истиқболи худ омода шав, чун шӯриши дарё
Агар аз ҷӯш монам ман, ту меҷӯшӣ ба ҷои ман!

## ШАБЕ ДАР ТАРАБХОНАИ ПОРИЖ

Рақси бозу,
Рақси зону,
Рақси сина,
Рақси ду чашмони ҷоду,
Рақс…рақс…
Рақси мурғони шабоҳанги Париж,
Дидаро орад ҳаловат,
дардро бидҳад ҷаҳиш.

Рақси борон,

Рақси қоматҳои ларзон,
Рақси ҳулбӯ,
Рақси оби ҷӯйборон,
ракс…ракс…

Ҷӯли вайронӣ?
Гулистон мешавӣ!
Торикистонӣ?
Чароғон мешавӣ!

Рақси мижгони ҳамида,
Рақси гесӯи бурида,

Рақси зулфи печ-печон,
Рақси абрӯи кашида…ракс…ракс…

Бе танобу дом бандат мекунад,
То саҳар андар камандат мекунад.
Рақси заҳмат,
Рақси давлат,
Рақси бе меҳру муҳаббат,
Рақси истиқболи даҳшат–ракс…ракс…
То дами субҳи сафо дорад давом,
Ҷумлае ҷӯёи ному ҷумлае ҷӯёи ком…
Рақси ҳайратовари шаб,
Ин қадар пурсӯзу пуртаб.
Сояҳо дар пайкари деворҳо…
Гоҳ бо лутфе аён, гаҳ бо ғазаб…
Рақси домангири уммед,
–Рақси пири сарсафед…
Рақси нахли себи пурбар,
Рақси шохи бебари бед,
ракс… ракс…

Ракс!
Ҳар шаб гирд мегардад сари Порижи пир!
Рӯи ӯ хандон,
Намедонам, чӣ дорад дар замир!

## ТУРО ҲАР ШАБ ЧУ ЯК УМРИ ДУБОРА

*Барои хонумҳои майдони Пегал*

Ту ошиқбозию ошиқнавозӣ,
Дил аз мардон барӣ бозӣ ба бозӣ.
Ба гашти чархи саргардон ту моил,
Ҳам аз бегона, ҳам аз хеш розӣ.

Куҷо парво кунӣ з-овозаи бад,
Зи ҳар андоза по берун гузорӣ.
Ба панду хашми жандармон бихандӣ,
Ҷаҳон гӯё пиёда, ту саворӣ.

Ҳукумат чист? Давлат чист!—ин дарс
Туро бар гӯшаи хотир наояд.
Хиёнат чист? Лаънат чист? –ин баҳс
Туро бар ботину зоҳир наояд.

Миёни химчаву соидаи симин
Ду себи пеши бар, рӯи муаттар
Бувад сармояат,
сармоядорӣ
Дар ин дунё, ки бошад зар музаффар.

Туро бемаснаду маснаднишин як,
Гадовиҷдону виҷдонофарин як.
Ба некону бадон коре надорӣ,
Туро болою поёни замин як.

Ду чашмони ту чун мизони аттор,
Кашад бар бехато авзои мардон.
Туро андеша бисёр асту пул кам
Дар ин дунёи сахту гирдгардон.

Лабонат бо вуҷуди бӯсаборон
Сафоли хушкро орад ба ёдам.
Куҷо шуд файзи субҳи орази ту,
Ки бо андак сабо бидҳад ба бодам.

Чу шеъри тозаи шӯҳратпарастон
Ду гесӯи ту гардон даст бардаст .
Туро оғӯш чун дунёи Сена,
Дар он афтад гаҳе ҳушёр, гаҳ маст.

Туро оғӯш чун дарёи Сена,
Ба паҳлӯи ту бас дилҳои пора.
Ҳамехоҳӣ даво гардӣ ба ҳар кас,
Намеёбӣ ба дарди хеш чора.

Надонӣ гар забони аҳли дунё,
Ба ҳар қавми ҷаҳон лафзи ту фаҳмо.
Ту аз тақдир домангир,
вай аз ту,
Ду тан дасту гиребонед ҳоло!

Баландихлосиҳои бурҷи Эйфел
Ба эҳсоси ту таъсире надорад?!
Муаззам Лувр, бо Фиръавнҳояш
Ба тақдири ту тадбире надорад?!

Туро Модархудовандони Пориж
Зи шарри бепулӣ эмин накарданд?!
Дуоҳоят нарафт аз хона берун,
Ҷаҳони дигарат талқин накарданд?!

**БОМҲО**

Аз сари бозуи Эйфел чун уқоби дурпар,
Мекунам бар бомҳои Порижи зебо назар.
Бомҳо сурху сиёҳу зард ҳамчун одамон,
Сад ҳазорон розро пӯшида аз чашми башар.
Осмон зулме, ки медорад раво, ин бомҳо
Бо сари хам мекашанд аз аср бар асри дигар.
Гарчи шаб андар сари онҳо кунад худро сафед,
Бомҳо бедор гарданд аз қадамҳои саҳар.
Танг Порижро агар ояд замин аз шаш ҷиҳат,
Мекунад аз рӯи бомаш зина то Шамсу Қамар.

Бом, танҳо бом пинҳон менамояд умрҳо
Оҳи тунду гиряҳои талхи авлоди башар.
Таҳти ҳар бом он қадар дорад навоҳо зиндагӣ,
Сақф бикшоӣ, шавад аз нола пур ин баҳру бар.
Зери боме ҳаст агар бишкаста боли орзу,
Ман зи мулки мӯмиёӣ омадам, бар ман нигар!

## МОДИЛЯНИ

*Рассоми бемонанди итолиёвӣ дар Пориж умр ба сар бурда-аст. Чанде пеш дар яке аз музоидаҳои Амрико яке аз асарҳои ӯро 100 ҳазор доллар нарх карданд, ки ӯ дар зиндагиаш аз ҳазор як миқдори ин пулро надида буд. Ин гуна асарҳоро ӯ рӯзе якчандто мекашид ва бо ҷуръае шароб, пораи гӯшт ё косаи хӯроке иваз мекард.*

Хуршед чун зи хонааш сар мезанад ба дар,
Аз бурҷи хештан ту ҳам по менихӣ бурун.
Ӯ чеҳраи сипеҳрро равшан ҳамекунад,
Онро ту ранг медиҳӣ, сад бор гашта хун.

Дунё ба чашмдиди ту чун боғи кӯдакон,
Рише сафед кардаву ин халқ кӯдаканд.
Чун кӯдакони бегунаҳу поку содае,
Лекин зи ҷоми зиндагӣ заҳре чашидаанд.

Чун кори даҳр мӯи ту ошуфта дар сарат,
Бас укдаҳои нақши нав накшода дар сарат,
Аз дар ба дар ҳамеравӣ чун асри нав ба нав,
Чун бори кӯҳи зиндагӣ афтода дар сарат.

Ҳукми равони давлату қонуну дарси дин,
Чун тахтамашқи кӯдакон қатъи назар туроаст.
Андар баҳои қатрае баҳре биёварӣ,
Гардун чу кӯҳнасурате болои сар турост.

## ЖАННА–ЗАНИ МОДИЛЯНӢ

Ба қасди мижжаҳои тар нагашта,
З-ашки шодӣ, хуни ҳасратҳо,
Ба қасди синаҳои сарди бе доғи массаратҳо,
Ба қасди ахтарони кӯру бе эҳсос,
Ки аз оянда орад мужда бар дунё,

Ба қасди дастҳои бе карам,
Сарҳои бе савдо,
Ба қасди қасдҳои бе ҳадаф, уммедҳои пир,
Ба қасди рӯди бе туғён,
Ба қасди боғи беҳосил,
Кушода ҳамчу субҳ оғӯши гармаш,
Жанна омад ҳамчу тасвири илоҳӣ
Бар дӯкони рангубори орзу, уммед,
Ба сарвақти ғарибе, ки бувад дар маснади шоҳӣ.

Шаҳи илҳоҳу идроку қаламронӣ,
Шаҳи аз шаш ҷиҳат орӣ, шаҳи ҷонӣ,
Шаҳе, ки қурси хуршеди муаззамро,
Диҳад андар баҳои нимаи ноне.

Дили мағруру дунёнописанду ғамкаши рассом,
Зи рӯи Жанна чун қандил мунаввар шуд.
Ғубори ҳафт гардун рехт аз сафҳои миҷгонаш,
Ба худ дар ҷанги танҳоӣ музаффар шуд.

Ду ранги тавъамон байни замину осмон ин ҷо,
Ба рағми Аҳриман « Тиру Камон» гаштанд.
Чунон омехтӣ бо ҳам, чунон маҳлул гаштанд,
Ки ду тан якзабону якдилу якошён гаштанд.

Зи мағзи хомааш акнун ҷаҳон бо ранг мерезад
Ба зарби набзи ӯ дар сафҳа бас оҳанг мерезад.
Хиёнат ҳамчу дарде рафт гӯё аз дили мардум,
Адолат ҳамчу май аз шишаҳои танг мерезад…

Дӯкони сайқали уммедҳо, як субҳи фирӯзе
Ба рангу бори дигар ёфт оро, ҷилвагартар шуд.
Ба дунё духтаре омад, нағунҷад дар қалам нақшаш,
Радифи номаи модар–
Жанна шуд он ахтари масъуд…

## ҒАЗАЛИ МОДИЛЯНӢ[1]

Ёрони ман чаро маро оғӯш мекунанд?
Ҳар нуктаам чу қиссаи нав гӯш мекунанд.
Дар Пориже, ки мисли ман садҳо қаламкаш аст,
Танҳо ба Бурҷи Эйфелам ҳамдӯш мекунанд.
Тӯю суруру базмашон бе ман намепазад,
Дар деги аср ҳамраҳи ман ҷӯш мекунанд.
Гаҳ дида сурати маро аз хеш мераванд,
Неши маро чу ҷуръаи май нӯш мекунанд.
Нақше занам зи худсарӣ бар рӯйи коғазе,
Чун Монии замонаам мадҳуш мекунанд.
Бар «санъату», «камол»-и ман бикшода сад забон,
Захми маро ба рӯи ман рӯпӯш мекунанд.
Гар ҳаст ёри тарзабон дар ин куҳанзамон,
Боз, о, маро намурда кафанпӯш мекунанд!

## ДАР КАЛИСОИ МОДАРХУДОЁНИ ПОРИЖ

Ту аз яздон ҳаметарсӣ,
Ман аз шайтон!

Ту аз яздон ҳаметарсӣ дар он дунё,
Мабодо пурсадат аз бӯсаҳои гарми пинҳонӣ,
Ибодатҳои бе узри қазо рафта,
Фаромӯшии қонунҳои рӯҳонӣ.

Ман аз шайтон ҳаметарсам дар ин дунё,
Тамизу пасту болоям барад, гӯши карам бахшад.
Навоямро ба сабки хеш бинвозад,
Ба лутфе аз тарабҳои ҷаҳон дарди сарам бахшад.

Ту аз яздон ҳаметарсӣ,
Ман аз шайтон!

---
[1] Таърифро то мурданаш дӯст намедошт.

Ту аз яздон ҳаметарсӣ дар он дунё,
Мабодо, ки гуноҳат баркашад, аз дар бурун созад.
Танатро вақфи оташҳо кунад, сӯзад,
Сарат аз тан рабояд, бар хафоли мор андозад.

Ман аз шайтон ҳаметарсам дар ин дунё,
Ки бо ёру бародарҳо маро ӯ ҷанг андозад.
Барад то бар дӯкони шишагарҳоям гаҳу бегаҳ,
Худаш истода аз пас бар сари ман санг андозад.

Ту аз яздон ҳаметарсӣ,
Ман аз шайтон!

Ту аз яздон ҳаметарсӣ дар он дунё,
Дуоҳои туро дашномҳо пиндораду коҳад.
Пушаймонӣ надорад суд.
Дигар ҷои рафтан нест?
«Муҳити Раҳмати ӯ домани олуда мехоҳад?»

Ман аз шайтон ҳаметарсам дар ин дунё,
Сиёҳамро сапедӣ хонаду зишти маро некӯ,
Маро эҳсоси бовар бахшад ӯ бар ҳарфи бадгӯён,
Вале кӯрам кунад дар дидани гулҳои хандонрӯ.

Ту аз яздон ҳаметарсӣ,
Ман аз шайтон!

Ту аз яздон ҳаметарсӣ дар он дунё,
Ки як бори дигар бо душманонат рӯ ба рӯ созад,
Гуноҳатро на аз ҳамсояҳо, пурсида аз онҳо,
Туро дар он ҷаҳон бемутакко, беобрӯ созад!

Ман аз шайтон ҳаметарсам дар ин дунё,
Ба дарёи замона аз ҳубобам обрӯ бахшад.
Ва ё бар яккамехи нафс баста ҳамчу ёбуе
Савобамро хазон орад,
Гуноҳамро нумӯ бахшад.

Ту аз яздон ҳаметарсӣ,
Ман аз шайтон!

Агар мо ҳарду як бошему ҳадди хеш бишносем,
Дар ин дунё нишоти нӯшу заҳри неш бишносем.
Дар оби чашми фарзанди башар бинем агар худро,
Навои тундхези синаҳои реш бишносем!

Ту аз яздон наметарсӣ,
Ман аз шайтон!

Ту аз эҳсон наметарсӣ,
Ман аз бӯҳтон!
Ба дунё нест меҳроби баланде чун дили инсон!

**РӮ БА РӮ**
**(Дар Лувр)**

Дар лабони сарду хомӯшат табассум заҳрпош,
Чашмҳоят ҳамчу чашми модагургон пурҳарос.
Ҷомадонат баста,
Дар каф «Виза» дар сарҳад нишастӣ,
Меравӣ сӯи ҷаҳони «адл»
сӯи одамони «ҳақшинос»,

Гуфтамат: ин асри бистум,
Тоби бадномӣ надорад.
Асри бистум бомбаи атомӣ дорад.
Сарҳад ин ҷо байни ду дунёи таззод,
Сарҳади маргу ҳаёт!
Дастболо мешавад он мард, ки хомӣ надорад!

–Хомию бадномӣ,–гуфтӣ, –
Дарди дилҳоро нухуфтан,
Ҳарфи барҷоро нагуфтан,
–Дард агар дорӣ, бигӯ–гуфтам,–бигӯ,
Дарди ту дар сина пинҳон аст,
Ё андар гулӯ?!
Тоб хӯрда, печ хӯрда дар ҷавоб
Рафтӣ андар худ фурӯ…

Ман туро андар Ватан ҳам дидаам:

Аз ҳама пасту баландиҳо
Канор истода будӣ,
Дузабон, дурӯя, дуандеша,

Беғам,
Аз ғами ёру диёр истода будӣ,
Мешудӣ аз гиряи ҳамсоя сабз,
Шодии мардум хазонат менамуд…

Аз ҳама боло гузаштан,
Аз ҳама боло нишастан,
Хешро оқил шумурдан
Буд корат.

Ҳамчу аз маргат ту метарсидӣ аз танқиди худ,
Лек дар бадном кардан,
Пухтагонро хом кардан,
Субҳи марде шом кардан,
Мисли ту усто набуд…

Бо тамасхур рафтӣ, аз сарҳад гузаштӣ,
Осмони ту дигар шуд,
Остони ту дигар шуд,
«Мурғи кӯри ҷангали шаб» шод гаштӣ,
Ошёни ту дигар шуд…

Ҳуҷҷати ҳарбӣ, шаҳодатномаҳоятро гирифтанд,
Сурате будӣ, ки афтодӣ ту аз девор зуд.
Қабри момою падар бепосбон,
Беҳисобӣ монда қарзи дӯстон.
Як сари қоқу забони каждумӣ,
Аз кафи по то ба сар иғвою бӯҳтон.
Чанд вақте зиндагӣ кардӣ ғазалхон…

Чашмҳоят ҳамчу чашми модагургон пурҳарос,
Ногаҳон мо рӯ ба рӯ гаштем дар Луври азим.
Ранг аз рӯи ту парид,
Ашк дар чашми ту ларзид…
Ҷо ба ҷо гаштӣ ту шах чун лойдевори қадим…
Ҳар чӣ дидам дар аҷоибхонаи хоси Париж,

Гӯиё рафт аз миёна.
Мову ту мондем танҳо рӯ ба рӯ,
Аз ҳама асру замони рафта,
Аз неку бади дунё нишона…
–Ку, бигӯ, он қомати боло чӣ шуд?
Он сари пуршӯру пурсавдо чӣ шуд?
Нутқҳои «оташин»-и пур зи бурҳону рақам,
Нуқси мо медидагӣ он дидаи бино чӣ шуд?
Аз чӣ беҳолию хомӯш?
Ҳамчу оби мурда бе ҷӯш?
Ногаҳон чун мори дар оташ фитода,
Шуд забони ту кушода.
–Оҳ, оҳ, ин «хӯҷаинони саодат»,
«Посбонони адолат»,
Чун чароғи мурда,
Чун нори фусурда,
Карданам аз наври берун,
Тоқ мондам зери гардун.
–Аз куҷоӣ? Ҳақ надорам бар ҷавобаш,
–Кистӣ, гӯянд, гӯям–ломакон.
Орӣ аз номусу нангам,
Холӣ аз уммеди фардо!
Мезанам пар, меканам ҷон ҷою бе ҷо,
Моҳии афтода аз дарё ҷудо,
Меравам дар кӯча сархам
Аз ҳама кам.
Бекасе, беошное…
Мурдае бо зиндаҳое.
–Гуфтамат, ин асри бистум
Тоби бадномӣ надорад.
Асри бистум бомбаи атомӣ дорад!
Сарҳад ин ҷо байни ду дунёи таззод–
Сарҳади маргу ҳаёт!...

## СОФИ ЛОРЕН[1] ДАР ПОРИЖ

Пур аз баҳору нағмаи мурғони шоҳсор,
Пур аз навои тозаи борону обшор.
Оҳиста по ниҳодаву такрор мекунад
Зери лаб он тарона, ки набвад ба рӯзгор.

Ҳар чашм чун тарозуи аттор, бе хато
Бармекашад таҳарруки тан, зарби пои ӯ.
Дил чида-чида меравад бо ҳар нигаҳ зи раҳ,
Пур з-атри ишқ мешавад шаҳр аз ҳавои ӯ.

Шояд ба шаҳр мисли ӯ дигар нигор нест?
Ин қадр пурнафосату ин қадр нозанин.
Шояд чароғи чашми ӯ бар бод додааст
Осоишу сиёҳиро аз рӯи ин замин.

Ӯро гадойдидагон кайҳо «гадо» шуданд,
Ӯро маликадидагон ҳам «подшоҳ» шуданд.
Чун модар ашкрезии ӯро касе ки дид,
Кӯдак бишуд дубораву дил аз ҷаҳон биканд.

Дар ҳусни нозсарвари Потии[2]Порижӣ,
Дар қадду баст, мӯҳраи н-олудаи замон
Ӯ роҳ рафта, рафта, қиёмат ҳамекунад,
Ҷон медамад ба қолаби ранҷури шаҳриён.

## ДАР МАҚБАРАИ НАПОЛЕОН БОНАПАРТ

Шуста аз оламу аз одам даст,
Бонапарт хоб ба хоби абад аст.
Бо ҳама ёру бародарҳояш
Ӯ дар ин мақбара ҳамраҳ шудааст!

---

[1] Софи Лорен–артисткаи италиёвӣ, ки шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад, порижиён ӯро сахт дӯст доранд.
[2] Поти–ҳофизи машҳури Франция, аввали асри XX Аҳмади Дониш ӯро дар Петербург шунида, ба васфаш мисрае гуфтааст: «Потии пориҷӣ, эй сарвқади зӯҳраҷабин».

Якка дар мақбара метарсад ӯ,
Чунки танҳоӣ на дархурди вай аст.
Санги болои мазорашро бин,
Омадаст аз Русия даст ба даст.
Чӯби сайқалзадаи тобуташ,
Чанд солест надидаст шикаст.
Мебарандаш магар аз хок ба арш,
Гирди ӯ чанд ҳавории ба шаст,
Рост истода такопӯ доранд,
Дастҳо сӯи само дида ба паст.
Ҳар чӣ зебост ба Порижи кӯҳан,
Гашта бо номи вай акнун пайваст,
Ба тавофаш зи ҳама рӯи ҷаҳон.
Мебиёянд чӣ ҳушёр, чӣ маст…
Дуртар аз назар марқади ӯ
Дар лаби Сена ҷавоне хушбаст,
Мекашад тарҳи ҷаҳон бар соҳил,
Ки Бородино,
Ватерлоо будаст…

## ВАТАНГУМКАРДА ОЗОДӢ НАЁБАД…

*Ман бе ватанум, гирди ҷаҳон мегардум.*
*Мурда ба қатори зиндагон мегардум.*

*Халқ*

Бидидам дар Париж як пирамарде
Саропо сурати андӯҳу дарде.
Сараш хам, бар замин резад нигоҳаш,
Ба гардун мезанад фаввора оҳаш.
Ҷабинаш чун замини киштгардон,
Ҳазорон ҷӯяҳо дорад намоён…
Париж-нофи замини бекарон аст.
Париж-ангуштари дасти ҷаҳон аст.
Ба чашми кас зану мардони ин шаҳр,
Пурамвоҷанду пурҷӯшанд чун баҳр.
«Ратонд»-у Лувру Нотер-Дам дар ин ҷо
Шабеҳи худ надида то ба ҳоло.

Мисоли дасти болои заковат
Ба сӯи осмон Эйфел кашад қад.
Париж-бозор, Пориж-ид, гӯянд.
Париж-ҷавлонгаҳи уммед гӯянд.
Дар ин бозори пурғавғою хапгир,
Чӣ мехоҳад, чӣ меҷӯяд мусофир?!
Дар ин бозор бе зар ҷони ширин,
Намеарзад ба як мирӣ, ба як тин
Табибаш гуфт эй марди гирифтор,
Даво набвад ба ин дарду ин озор.
Вале рав «Мерсадес»-и хушраве хар,
Бар он омезу афган фикри дигар.
Чу шаб ояд, сияҳчашме ба бар кун.
Ба кӯҳдомону бар ҷангал сафар кун.
Ҳавои ҷангалу маҳтоб хилват,
Ду себи пеши бар, ду соки лӯъбат,
Лаби монанди гулмоҳӣ гурезон,
Таби ларзанда дар рагҳои ҷӯшон
Гиреҳи табъи беморат кушояд,
Куҳандоғи дилатро ҳам зудояд.
Магар ӯ ташнае будӣ, ки дид об,
Магар ӯ солҳо будаст дар хоб?
Парид аз ҷои худ мурғи гирифтор,
Давид бе пою бе сар сӯи бозор.
Харид ӯ «Мерсадес»-е бо таманно,
Ҳама асбоби айш омад муҳайё,
Ниҳоле аз гулистони Стамбул,
«Қадаш гул, оразаш гул, ғабғабаш гул».
Дари умри абад дар ҳар нигоҳаш,
Зи ҷон садҳо сабад дар рӯи роҳаш.
Фарангу Руму Ландан дида шӯхе,
Гул аз сарҷӯи дилҳо чида шӯхе,
Нишоти сад ҷаҳон дар бистари ӯ,
Муроди сад ҷавон дар бистари ӯ.
Гулистони тараб дорад дар оғӯш,
Ҳазорон тобу таб дорад дар оғӯш.
Дар ин оғӯшу ин бистар мусофир,
Ки гӯё дида зарби тиру шамшер,
Ду-се рӯзе гузашта сард гардид,
Мисоли чӯби селовард гардид.

Ғаму дарди дили ӯ бештар шуд,
Нигоҳи ёри ширин нештар шуд.
Майи нӯшу тараб дар ҷоми ӯ талх;
Нишоту айши шаб дар коми ӯ талх.
Парӣ дар чашми ӯ девест ҳафтсар,
Ҷаҳон аз шаш ҷиҳат чун теғи ханҷар,
Табасумҳои ширин заҳр ӯро,
Хушии табъи мардум қаҳр ӯро.
Замона ончунон бурдӣ ба пасташ,
Наёяд гарди домоне ба дасташ…
Табиби дигараш гуфто: Мусофир,
Давои дарди худ ҷӯ аз ҷавоҳир.
Ҷавоҳир акси яздонӣ, ки дорад,
Туро з-ин варта осон мебарорад.
Пас аз шабҳо нахуфтан, таб кашидан,
Паси дасти надоматҳо газидан,
Саҳар чун мурғакони бепару бол,
Равон шуд ҷониби бозор бе ҳол.
Зи ҷони одамӣ, то шири моҳӣ,
Дар ин бозор ёбӣ, гар бихоҳӣ.
Вале пир аз чӣ мехоҳад дилаш, нест,
Сафобахшандаи обу гилаш нест
Чу мори дар танӯр афтода сӯзон,
Бирафт ӯ бар дари тиллофурӯшон.
Харид ӯ баҳри худ ангуштарине,
Ки нархаш чун замоне, чун замине.
Дили танги варо ин хотами зар
Фурӯ афганд бар зиндони бедар:
–Куҷо хори Ватан, то бӯсамаш дер?
Куҷо хоки Ватан, то даркашам сер?
Куҷо шуд санги хорояш, занам сар?
Куҷо кӯҳаш, ки бо миҷгон кашам бар?
Табибаш гуфт: эй марди мусофир,
Ба сайри гирди олам бош ҳозир!
Набошад гарчӣ бар доғи ту марҳам.
Кунад сайри ҷаҳон дарди туро кам,
Афина, Риму Мадриди назарбоз,
Туро ҳар уқдаи дил мекунад боз.
Ба Юнон рав, ки он маъвои ҷон аст,
Вашингтон чораи бечорагон аст.

Мусофир сайри олам карду баргашт,
Дилу ҷон «кони мотам» карду баргашт,
–Азизо, ин қадар дунёст тира,
Ва ё чашми мани бадбахт хира?
Чаро бо давлатам давлат наёбам?
Чаро аз барги гул роҳат наёбам?
Бувад ними ҷаҳон дар ихтиёрам,
Сипанди рӯи оташ–беқарорам.
«Дарахтон соя доран, ман надорам,
Ғуломон хоҷа доран, ман надорам».
Нашуд равшан зи дунё ҳасбу ҳолаш,
Равон шуд ҷониби ҷоҳу ҷалолаш.
Нишаст ӯ рӯи курсии мулоим,
Ки аз кимхою дебо буд қоим.
Чӣ манзил? Фаршу сақфаш кони мармар,
Чароғон шаш ҷиҳат аз пой то сар.
Ба зери марзаҳо рӯдест ҷӯшон,
Назардӯзӣ кунад амвоҷи печон.
Гули рӯи ҷаҳон дар рӯи Соғаш,
Чаро малҳам намегардад ба доғаш?
Биёмад рашкаш аз мурғони ҳавво,
Ки пар доранду дар парвоз ҳар ҷо.
Умедаш канда аз савдои дунё,
Ҳаме ӯ менишинад дида бар роҳ…
Сабо аз дур мехонад сурудаш,
Ба оташ меравад буду набудаш…
Ҷаҳон ин бе Ватан як дом будаст,
Ҳадиқи меваҳои хом будаст.
Фазо ин бе Ватан гурзест бар сар,
Ба хокат мекунад ҳар дам баробар,
Чаман ин бе Ватан шасти ҳалокат,
Даман ин бе Ватан дасти фалокат,
Ватангумкарда озодӣ наёбад,
Ҷаҳон ёбад, вале шодӣ наёбад!

## ИЛҲОМ АЗ СУРУДАҲОИ ФРАНСАВӢ
### (Аз Вийон)

–Эй моҳрӯ, дар синни ту
Ман ҳам чӣ даврон доштам,
Аз ҳар гуле бӯ кардаам,
Кай бими ҳиҷрон доштам.

Акнун ки пиру лоғарам,
Фарсангҳо дур аз баҳор,
Дорам насиҳат, эй ҷигар,
Андеша фармо, гӯш дор:

Зебою нозебо, магӯ,
Пир аст ё барно, магӯ.
Марде, ки меояд дучор,
Худро бар оғӯшаш супор,
Бе нозу нуз, бе карру фар,
Аз ҳастии ӯ баҳра бар.

Медонӣ, ин умри сабил
Истода дар як рӯи қил.
То мижжа бар ҳам мезанӣ,
Ӯ меравад аз дасту дил.
Худ чун чароғи бешарар,
Меафтӣ аз мадди назар.

Серӣ агар хоҳӣ насиб,
Биншин ба деги он қариб.
Он сӯ бизан, ин сӯ бизан,
Аммо на бе ёру ҳабиб.
Коре бикун аз васли ту
Марде намонад бенасиб.

Рӯзе, ки гардӣ пиразан,
Дар гушае монӣ чу ман.
Чун кӯзаҳои бешароб,
Чун деги бе ошу кабоб.

Чун пул фитад аз эътибор,
Онро насозандӣ ҳисоб.

Ҳоло ки чун гул тозаӣ,
Дар сӯҳбату овозаӣ.
Ғофил машав, ҳар давраро
Ҳоло ту чун шерозаӣ.
Марде туро дорад сифат,
Марде ба поят мефитад.
Аз мардаке гулдастае,
Аз мардаке пул мерасад.

Гиру ба савлат ноз кун,
Анҷоми худро соз кун,
Бо бӯсаю оғӯшҳо
Худро ту сарафроз кун.

Ғофил машав, ин обутоб
Дигар намебинӣ ба хоб.
Чун пул фитад аз эътибор,
Онро насозандӣ ҳисоб.

Эй духтарон, бар пиразан
Доред ҳуши хештан.
Ибрат бигиретон зи мо,
Ҳиммат пазиретон зи мо.

## ИМДОД ҲАМЕХОҲАМ

Аз роҳиби беозор,
Аз дузди сари бозор,
Аз аскари ординдор,
Раққоси дилаш бе завқ,
Афсоначии бекор,
К-аз шарму ҳаё дуранд,
Аз дарду бало дуранд.
Имдод ҳамехоҳам,
Имдод ҳамехоҳам.

Аз духтараки бебок,
Рӯинатани чолок,
К-ӯ дар паси деворе,
Бе зӯрию бе зорӣ,
Бо раҳгузарон хобад
Рӯ аз ҳама бартобад,
Аз фарди пури ишқам,
Аз марди зи мардум кам,
Ман аз ҳамаи олам
Имдод ҳамехоҳам,
Имдод ҳамехоҳам.

Аммо зи хабаркашҳо,
Афсонабадаркашҳо,
З-он тоифаи бадрӯ,
З-он зумраи беоллоҳ
Имдод намехоҳам,
Имдод намехоҳам.

Ин шом саҳар дорад,
Ин варта хатар дорад.
Бар кӯрдилонаш халқ
Дар даст табар дорад.
Аз ҳамма табардастон,
Аз ҳамма зафармандон.
Аз кӯдаку аз пирон,
Аз ҳар кӣ бувад инсон,
Имдод ҳамехоҳам,
Имдод ҳамехоҳам.

## РОНДО[1]

Дар ин дунё ба ӯ бас ризқи кам додӣ,
Фишору дардҳои мунтазам додӣ.

Бихост ар об, оташхонааш бурдӣ,
Лаби нонаш рабудиву ситам додӣ.

[1] Қитъа

Чӣ манзил буд ӯро? Кулбае абгору вайрона,
Ба по хори мағелон, дар бағал афсӯсу афсона.
Забони оташинаш дода, хобондӣ ба яхдонаш,
Ба ақли комилаш андохтӣ дар хайли девона.

Кунун дар он ҷаҳон роҳат бифармояш,
Сари осудаю давлат бифармояш.
Агарчи зодаи ғам буд,
Вай аз тақдир хуррам буд.

Ҳалоҳилҳо, ки додӣ, хӯрд чун шаккар,
На одам, ҷони одам буд.
Дар он дунё нигоҳаш дор,
Худоё, дар паноҳаш дор.

## СУРУДИ ҚАДИМАИ ФРАНСАВӢ

Дар сояи себ се духтарак, бин
Се духтари ҳамчун ахтарак, бин.
Хобанд бо ноз, чун ғунчаи боз,
Ҳаргиз нагӯям бар халқ ин роз.

Мурғи дили ман
Овоз дорад,
Аз манзили ман
Парвоз дорад.

Духтари хурдӣ, дилбари хурдӣ,
Оне ки дил аз мардон рабудӣ.
Аз хоб хезад, бо мо ситезад,
Ҳарфе бигӯяд шаккар бирезад.

Мурғи дили ман
Овоз дорад,
Аз манзили ман
Парвоз дорад.

Хоманд ҳоло ин орзуҳо,
Бар ҷанг рафта ёрони зебо.
Дар ҳар балое, дар ҳар ҷафое,
Офат набинад ишқи дили мо.

Мурғи дили ман
Овоз дорад,
Аз манзили ман
Парвоз дорад.

Аз ҷанги мудҳиш он ёри сафдар
Ояд ба сӯям шоду музаффар.
Бӯсам заминаш, рӯю ҷабинаш,
Домони ӯро надҳам дигар сар.

Мурғи дили ман
Овоз дорад,
Аз манзили ман
Парвоз дорад.

Дар ҷанг агар ӯ мағлуб гардад,
Бо сад ҷароҳат мансуб гардад.
Бар ӯ расонед, пандам нахонед,
Ӯ боз моро маҳбуб гардад.

Мурғи дили ман
Овоз дорад,
Аз манзили ман
Парвоз дорад.

## АЗ ШЕЪРИ СИБИР
**силсила**

### ДАР ИН ҶО...

Фиғони тунд бархезад аз ин даргоҳи хомӯшон,
Фиғони дилшикан, оҳангузар, алмоспайконе,
Фиғони тӯдаи гарданкашоне, шӯълахӯёне,
Фиғони синабирён, соҳибэҳсон, дардмандоне.

Замин аз баҳри озодипарастон танг омад, танг,
Само аз ахтари комилёрон ёфт бо худ ранг.
Насиби раҳкушоён дору зиндони бало будаст,
Сари саркардаҳоро нест сардоре ба ғайр аз санг.

Пари парвоз агар гум кардаӣ, эй раҳгузар, биншин,
Ба аспи кӯзи Ершов, бар саманди баркҷавлоне,
Агар ту ростхоҳӣ, мерасӣ бар кӯи мақсудат,
Бахилӣ, нокасӣ, андар миёни чор раҳ монӣ.

Намебинӣ, ки ин ҷо хоб ахтарҳои саргардон,
Шаҳидони саодатмандию озодии инсон.
Чароғи раҳнамои рӯзи бӯрон, шоми бепоён,
Рафиқони адолат, душманони шоҳи бевиҷдон.

Ба онҳо соғари хуршед кам буд, баҳр шабнам буд,
Агар бо шоҳ бошад зиндагонӣ, сур мотам буд.
Ҳаёти ҷовидон гар бо ғуломӣ буд, як дам буд,
Нишоти даҳр дар маънии озодии одам буд.

Наяфтад осмон бар хок, наянгезад фалак то шӯр,
Дар ин ҷо номуродон даст боло карданд аз гӯр[1].

Кафи дастони холӣ, панҷаҳои бахтҷӯянда,
Падид ояд ба чашмони дили соҳибназар аз дур,
Ки биш каст аз дами санги ҷаҳолат ҳамчу соғар дил,
Сибирро ҷомагулгун карда аз хуни бародар дил.

Ба ҷангал дода сарсабзӣ, ба дарё мавҷи тӯфонӣ,
Гирифтаст ин замини сахтро гӯйӣ саросар дил.
Чӣ асрорест дар дастони онҳо, ман намедонам,
Чӣ осорест дар пайкони онҳо, ман намедонам.

Чу дар девони Ҳофиз дар кафи ҷӯяндаи онҳо
Суруди нотамоми рафтагони хеш мехонам:
«Ба сари турбати мо гар гузарӣ, ҳиммат хоҳ,
Ки зиёратгаҳи риндони ҷаҳон хоҳад буд».

Агарчанде, ки дунё фитна, шаҳ номардпарвар буд,
Каси озодиҷӯ аз харду олам даст бар сар буд,
Чароғи орзу то пилтаҳои охирин месӯхт,
Аҷал андар гулӯю дидаи уммед бар дар буд.

---

[1] Дар тахтасанги баъзе қабрҳо дасти холӣ кашида шудааст.

Аз ин рӯ ҳам фиғони тунд меояд аз ин манзил,
Аз ин рӯ осмон оинадори акси ёрон аст.
Аз ин рӯ ҳар гиёҳ бидҳад садо бар гӯши кас чун дил,
Аз ин рӯ Аҳриман нолон дар ин ҷо, марг сарсон аст.

Дар ин ҷо булбулони шӯргар то ҳол бедоранд,
Дар ин ҷо синачоконро ғами мурдан намегирад.
Дар ин ҷо аз ҳама дасти умеду орзу боло,
Касе ин ҷо намурдасту касе ин ҷо намемирад.

## БА ЛЕОНИД ЛАПТСУЙ–ШОИРИ НЕНЕТС

–Шабҳои қутб кӯтоҳ,
Қутбӣ, чаро нахобӣ?
Тарсидӣ аз шаманҳо,
Ё қофия бикобӣ?

–Ҳарфи ту аз шаман буд?
Ман аз шаман натарсам.
Тарсад касе, ки тарсад,
Зинҳор, ман натарсам.

Бо тезрав сагонат,
Манро ту ошно кун.
Дар рӯзҳои бӯрон,
Биншин, ба ман нигоҳ кун.

Бар барфбодаи тез
Чун сина мекушоям.
Бӯрони н-ошноро
Чун маҳв менамоям!

Медонӣ, худ чӣ сон аст
Хуршеди Тоҷикистон?
Андар вуҷуди ман он
Гармӣ диҳад дучандон.

Аз тундиҳои тундар,
Аз теғи тези сармо,

В-аз абри осмонпӯш,
Моро куҷост парво?

Ман бо ситораи Қутб
Умрест раҳшиносам,
Раҳ гум занам агар ман,
Ӯ медиҳад халосам.

## ДАР ПОЯИ ҲАЙКАЛИ ЕРМАК–ТОБЕЪГАРИ СИБИР

Ман ҳукумат, чун ҳукуматдор, имшаб,
Мекунам бар бешаҳои безабон фармонравоӣ.
Аз Сибир, аз зери конҳои чуқури бекарона,
Мефиристонам ба дунё ман паёми рӯшноӣ.

Мефиристонам паёми бешаҳое, ки ба мардум
Киштии дарёнаварду кулбаи мақсуд гаштанд.
Кӯпрукҳои азиме байни ду дунёи таззод,
Қасрҳои мӯҳташам, ҳам пояи тобут гаштанд.

Ман ҳукумат, чун ҳукуматдор имшаб,
Медиҳам хатти амонӣ бар асирони балодил.
Менишинам бар саманди кӯзпушту масти Ершов,
Ташнакомони Сибирро мекунам бо бахт восил.

Авф фармоед, азизон, бо ҳама ин ҳукму тадбир,
Хешро дар пеши Ермак ин қадар пурзӯр дидам.
Шоири тоҷик дар ҳар зарраи хоки Сибир
Олами пуршӯр дидам, олами пурнур дидам.

# ДОСТОНҲО

## АВВАЛИН ДИДОР

(Достон)

*Ба ёдбуди устод Мирзо Турсунзода*

Зарафшон ин саҳар сози дигар кард,
Чу кӯдак майли оғӯши падар кард.

Зи фарқи кӯҳҳо оинадорон
Равон буданд поин чашмасорон.

Сафедорони пиру солдида,
Ту гӯӣ сояи иқбол дида,

Ба дӯши ҳамдигар сар мениҳоданд,
Ба сӯи осмон пар мекушоданд.

Хабар омад, ки Турсунзода ояд,
Ба Фалғар шоири дилдода ояд.

Ту гӯӣ кӯҳҳои сар ба гардун
Зи марги Рӯдакӣ пурдарду дилхун,

Сар аз гирдоби худ боло кашиданд,
Ғами дерина бар дарё кашиданд.

Ҳанӯз андар дили ин кӯҳсорон
Садои тири ноҳақ гирдгардон.

Ҳамон тире, ки зад бар ҷони Туғрал,
Ба ҷисму ҷони нофармони Туғрал.

Диҳад акси садо аз ҳар забоне,
Зи ҳар як сина, аз ҳар хонадоне,

Ки ин мардум ҳанӯзам дар сипосанд,
Сухандонро чу пайғамбар шиносанд.

Ба истиқболи он шаҳбози даврон,
Ба истиқболи он марди сухандон,

Тамоми фалғарӣ шоир шуд он рӯз,
Ба расми дилбарӣ нозир шуд он рӯз.

…Сухан гуфтам зи Фалғар, маст гаштам,
Зи нав бар қӯллаҳо побаст гаштам.

Чу чашми хеш бар олам кушодам,
Ҳамин Фалғар рухи хуррам кушодам.

Вуҷудамро чу санги хора кард ӯ,
Забон дар комам оташпора кард ӯ.

Сари ағёр бурдан ёд додам,
Ба пои дӯст мурдан ёд додам.

Чу аз оғӯши Фалғар сар кашидам,
Ҷаҳонро ҳамчу зан дар бар кашидам.

Саморо софу равшан дидам ин ҷо,
Заминро мисли хирман дидам ин ҷо.

Камозору қаноатпеша будан,
Ба маҷнунбедҳо ҳамреша будан,

Ба ҳар пасту баландӣ мард будан,
Ба ҳар афтодае ҳамдард будан,

Нишастан гушна, худро сер гуфтан,
Бараҳна дар дами шамшер хуфтан,

Гирифтам ёд аз мардони Фалғар,
Зи мардони балогардони Фалғар…

Ҳамин халқи ба кӯҳу ёла дилбанд,
Зи омад-омади устод хурсанд.

Яке мегуфт: ӯ марди қадим аст,
Баробар бо чанорони азим аст.

Яке мегуфт: рӯяш хол дорад,
Нигоҳаш шӯхии атфол дорад.

Ана, устод омад бо табассум,
Миёни рӯди пуртуғёни мардум.

Қадам мемонд ӯ бар хок маҳкам,
Нигоҳи гарми ӯ бар дида марҳам.

Мисоли фалғариҳо рӯкушода,
Зи рӯди дил ба мардум ҷӯ кушода.

Ба лутфу базлаю гуфтори ширин,
Тароватбахшии ашъори ширин,

Ба Фалғар Порижу Мадрид овард,
Суруди тоза, файзи ид овард.

Шукӯҳи эйфелӣ дар қомати ӯ,
Баҳори Ҳинд андар сӯҳбати ӯ.

Тамоми Ҳафтдарё аз нигоҳаш,
Ҳама аҳроми Миср аз рӯи роҳаш,

Ба фалғарзодаҳо тақдим мешуд,
Ҷаҳон дар ин гузар тақсим мешуд…

Зане гумкардашӯ дар ҷанги мудҳиш,
Зане нораста аз гирдоби ташвиш,

-Падарҷон,-гуфту чашмаш об бигрифт,
Ду рӯяш партави маҳтоб бигрифт.

Бигуфто: –Як писар дорам, падарҷон,
Ки меҳраш дар ҷигар дорам, падарҷон.

Калон шуд бепадар бечора кӯдак,
Чу нахли пурсамар бечора кӯдак.

Ҳамехоҳам, ки акнун рӯз бинад,
Арӯсе дар бараш хушрӯз бинад.

Сухан гӯед ҳар боре зи минбар,
Зи номи беваҳои мулки Фалғар.

Бисӯзад хонаи душман, бигӯед,
Аз ӯ бадбахт марду зан, бигӯед.

Ҳазорон навхатон, навхонагонро,
Ба ҳусни зиндагӣ дилдодагонро,

Рабуду то абад аз мо ҷудо кард,
Насиби наварӯсонро бало кард.

Шумо чун ҳофизи сулҳу амонӣ,
Шумо чун шоири рӯиҷаҳонӣ,

Намонедо, ки ҷанг аз нав занад рӯ,
Ҳазорон духтарон монанд бешӯ…

Зани пурмеҳнату бонанги Фалғар,
Зи тахти ҷону дил мекард бовар,

Ки то Мирзосту шеъри равонаш,
Каломи шӯълаангезу забонаш,

Дар ин дунё бимонад сулҳ ҷовид,
Ҷаҳонҳо пур шавад аз ишқу уммед…

Нигар, он марди сангинхӯю лоқайд,
Ки набвад дар бисоташ ҷуз ду-се байт,

Гузар кард аз сари дунёву молаш,
Ки набвад пеши нокас хам ниҳолаш,

Ба истиқболи Турсунзода бархост,
Дари ҷону дилаш бикшода бархост:

–Дар ин дунё агар шоир набошад,
Башарро ғоибу ҳозир набошад.

Аё устод, бар гӯши Вазирон
Ва ё бар ҳукм-овар муддаиён

Бигӯед, одамӣ-ин гавҳари пок,
Дар ин сайёраи пуробу пурхок.

Чу одам зода мегардад зи модар,
Мисоли чашмаҳо пок аст аз сар.

Нашояд аз барои як хатое
Кашад одам фақат бори ҷафое.

Маро як дӯсте боре гунаҳ кард,
Якумрӣ рӯи худ гӯё сияҳ кард.

Гуноҳаш он ки як гапношунавро,
Дурӯя-тӯраи даврони навро

Ба мушти обдоре «тарбият» кард,
Барои дигаронаш офият кард.

Вале чун мурғи дур аз обу дона,
Бувад дар ин қаламрав ӯ ягона.

Агар танбӯри худро ҷӯр созад,
Ҳазорон синаро маъмур созад.

Ҳаводори навояш пиру барно,
Чаро бастан кунун пеши раҳашро?

-Чӣ ташвиш аст? Даврони ҳунарҳост,
Ҳунарвар нури чашму тоҷи сарҳост!

Шунида ҳарфи шоир марди бадфол,
Мулоим шуд бирешимвор филҳол.

Ба шоир чун ба пайғамбар нигаҳ кард,
Аз ин дам тарки афкори сияҳ кард…

Мане, ки дил будам аз пой то сар,
Раги бисмил будам аз пой то сар.

Чу байти хому беранги ҳавоӣ
Муаллақ мезадам андар фазое.

Гуноҳи шому узри рӯз будам,
Ба позанҷирҳо ҳамсӯз будам.

Сухан дӯшизае буд дастнорас,
Манаш як ошиқи нодору бекас.

Сухан гӯё ниҳон дар зову ҷар буд,
Дилам дар ҷустуҷӯяш дарбадар буд.

Намедонам зи рӯи меҳрубонӣ
Ва ё аз рӯи қасду бадгумонӣ,

Касе дуздида он «шеър»-и навэҷод,
Зи ман пинҳон нишон дода ба устод.

Бар он устод бо диққат назар кард,
Маро аз оташи худ бохабар кард.

Бигуфто:–Мард бояд буд дар ин раҳ,
Ки гоҳе барқ бояд буд, гаҳе каҳ.

Диламро з-ин сухан парвоз омад,
Сари созу дами овоз омад…

Манори Варз–он мероси аҷдод,
Нишони сарфарозиҳо ба авлод.

Ҷавонтар гашту болотар шуд имрӯз,
Чу мо дар интизори марди фирӯз.

Варо чун дид шоир, сар барафрохт,
Чу кӯдакҳо ба ӯ меҳри дилаш бохт.

Ду бурҷи мӯҳташам, ду бурҷи аъзам,
Ситода рӯ ба рӯ ҳамчун ду олам.

Яке афканда аз сар бори дунё,
Яке дар банду басти кори дунё.

Яке бар сар нами истора дорад,
Яке дар сина оташпора дорад.

Яке афсурдаи давру замон аст,
Яке парвардаи давру замон аст.

Яке бас қиссаҳо оварда дар чанг,
Яке бо душманони сулҳ дар ҷанг.

Назар андохта сӯи манора,
Бикард устод бар мардум ишора:

–Ба некӣ рафтагонро ёд кардан,
Бувад чун хонае обод кардан.

Ниёгон хешро боло гирифтанд,
Ватан дар кӯҳу дар саҳро гирифтанд.

Мисоли нардбон сӯи ситора
Бино карданд дар ҳар ҷо манора,

Ки то мо ҳам баландиқбол бошем,
Ба моҳу ахтарон ҳамбол бошем.

Ҷавонмардию одамдӯстдорӣ,
Сабурӣ, тоқат овардан ба хорӣ.

Зи бахти дигарон дилшод будан,
Зи эъҷози ҳунар обод будан.

Ба доғи дигарон марҳам ниҳодан,
Зи кам ҳам хештанро кам ниҳодан.

Ба шири модараш омад ба тоҷик,
Ба бӯи кишвараш омад ба тоҷик.

Агарчи борҳо ӯ гушна ҷон дод,
Вале дар пеши меҳмон сурфа бикшод.

Зи кӯҳҳо шуста зар рӯди Зарафшон,
Ҳамебахшад ба чӯлу бар биёбон.

Дили тоҷик ҳам монанди дарё,
Ҷаҳонро карда пур аз чашми бино.

Манори Варз ҳам ҷӯшида чун мард,
Ба шоир арзи ҳоли хештан кард:

–Чу нури чашми модарҳои раҳпо,
Чу оби чашмаю амвоҷи дарё.

Асои Рӯдакии дардпарвар,
Умеди Туғрали хушболу хушпар.

Чу бурҷи ҳиммату эҳсони тоҷик,
Чу қутби давлату виҷдони тоҷик.

Ба подоши ҳама он оҳу фарёд,
Шуморо, шоиро, қисмат ба мо дод.

Шумо акнун чу овози дили мо
Ба парвозед андар рӯи дунё…

Биёмад модари суғди сияҳпӯш,
Ки умре чун Зарафшон мезанад ҷӯш:

Ба ёди чор фарзанди шаҳидаш,
Ба ёди чор бурҷи пурумедаш,

Ки дар Маскову Берлин хуфта ҳоло,
Санавбар медамад аз хоки онҳо.

Варо чун модараш пиндошт шоир,
Сараш бар китфи ӯ бигзошт шоир.

Сарашро сила карда модари пир,
Варо шодоб кард аз файзи тақдир.

Ту гӯӣ хастагии роҳи бисёр,
Ғубори қитъаҳои дуру пуркор,

Зи дӯшаш рехтӣ бар пои модар,
Ба пеши дидаи раҳпои модар.

Чу сар бардошт ӯ аз китфи модар,
Сиришкаш карда буд чашмони ӯ тар.

Тамоми Фалғару боғоту рӯдаш,
Муаззам қуллаҳои хушнамудаш,

Дар оби чашми шоир дида худро,
Ба гардун мезадӣ нақши таманно.

Ба шоир то нигоҳи меҳр пайваст,
Хумори модари садсола бишкаст…

Зи паҳлӯи манор, аз рӯи минбар,
Ба ногаҳ мавҷ зад он баҳри мармар.

–Осиё гӯяд сухан, овози онро бишнавед,
Мавҷи дарё ғурриши баҳри дамонро бишнавед!

Садои равшану зангӯладораш,
Суруди нав, нукоти дилшикораш,

Бидод акси садо аз қуллаи Дор[1]
Тамоми Фалғар онро кард такрор.

Зи шавқи шеъри шоир фалғариҳо
Ба ҳам оина мегаштанд ин ҷо.

«Сараш бар санг мезад рӯди кӯҳӣ,
Ба домон чанг мезад рӯди кӯҳӣ».

Ғами Ангола дар овози ӯ буд,
Дили Бангола андар сози ӯ буд.

Ту гӯӣ сангҳои осиёҳо
Варо дар сар ҳамегардид танҳо.

Зи тафти шеъри сӯзону равонаш,
Шарорапошии теғи забонаш,

Кудурат дар диле буд ар, фано шуд,
Хусумат ҷо ба ҷо бе дасту по шуд.

Хиёнат-охирин тадбири номард,
Бирафт аз ин қаламрав чун дами сард.

Раҳи кину адоват баста гардид,
Забони ғайбате бишкаста гардид.

Ба мардум зӯри ҳиммат дода шоир,
Сари меҳру муҳаббат дода шоир.

Ҳамерафту ҳамеомехт бо мо,
Чу дарё сар ба сар мерехт бо мо.

Ба пояш қуллаҳо сар мениҳоданд,
Ғами деринаро дар мекушоданд.

Бирафт ӯ, ман зи дунболаш давидам,
Варо андар баландиҳо бидидам…

[1] Дор-қуллае дар силсилакӯҳи Туркистон.

## ҚУЛЛАҲОИ НОАЁН

Имшаб аз гунбанди афлок ба хок
Савти дилҳои башар шуд ҷорӣ.
Гӯш кардам, ки ҳаме набзи замон
Тез мезад чу дили гапдоре.

Дар ҷаҳон нест ягон кӯҳи баланд,
Ки аз он то ба фалак раҳ бошад.
Аз куҷо ёфта раҳ ин оҳанг,
Ки зи сирри фалак огаҳ бошад,

То биёбам сари он кӯҳи баланд,
Сар ба гирдоби хаёл афкандам.
Дашту саҳрою биёбон гаштам,
Дида бар Шарқу Шимол афкандам.

Чу ниҳодам қадаме дур зи худ,
Чеҳраи Соима омад бар ёд.
Ҳамчу як қуллаи оташпайкар
Алимардон ба сарам даст ниҳод.

Алимардон маҳаки деҳаи мо
Огаҳ аз кайфияти пасту баланд.
Мисли чӯбест,
ки аз дарёяш
Берун оварда ба оташ задаанд.

Бо қади пасту рухи пурожанг,
Бо ҳамон пираҳани ҷодорӣ.
Тофт андар назарам чун ағба
Ки дар он нест ягон ҳамворӣ…

Хайр, эй дӯст, иҷозат фармо,
Ман ба ин ағба сафар хоҳам кард.
Ҷониби гунбади фирӯзаи чарх
Аз ҳамин қулла назар хоҳам кард…

Баҳри атфоли кӯҳистон он сол
Иди Наврӯз дилафрӯз омад.
Боз шуд мактаби нав бар мардум,
Тӯҳфаи давлати фирӯз омад.

Деҳаи бархоста аз хоби саҳар,
Чашм молидаю мекард назар.
Навҷавонони деҳа аз ҳар кӯ
Ҷамъ гаштанд «Алифбо» дар бар.

Партаҳо ном харак бигрифтанд,
Тахта майдони ҳунарсозӣ шуд.
Чу давоте шуда ҳар нӯги забон
Бе яке ҳарф варақҳо пур шуд.

Он яке ном ба «о» кулча ниҳод,
Дигаре гуфт, ки «р» качкӯл аст.
Ҳар кӣ бо як сару сад андеша
Гӯӣ бо кори ҷаҳон машғул аст.

Аз дари синф назар карда бурун,
Гуфт ногаҳ Сафари дӯстписанд.
Бачаҳо,
ҳо, ана устоди ҳама
Мардаки пастаки пешонибаланд.

Гӯиё селаи кабкони дарӣ
Аз сари кӯҳ сӯи чашма парид.
Ҳама якбора ба дар часпиданд,
Ҳар кӣ бо ақли худ ӯро медид.

Писаре гуфт ба Даврон монад
Рӯи монанди фатираш, билло.
Духтаре дод шабеҳаш ба Мурод,
Дигаре гуфт, худи Нарзулло.

Аввалин бор чу устод ба меҳр,
Нақш аз ҳарфи нахустин бикашид,
Осмон гӯӣ ки поёнтар шуд,
Ҳар чӣ дар қалби замин буд, дамид.

Гӯӣ сел омада ин ҷо ногаҳ,
Бурд харсанге сари роҳи калон.
Кӯҳҳое,
ки абад хомӯшанд.
Инак, имрӯз кушоданд забон.

Гӯиё лавҳи саводомӯзон
Марраи аспу чапандозӣ шуд.
Чашмаҳо Кӯли Сикандар гашта
Тахтаю ҳарф фурӯ бурд ба худ.

Дару девор пас аз ин пур шуд,
Аз алифи каҷ, аз он нақши умед.
Аз сари сангу тани ҳар девор
Нақши он ҳарф ба дилҳо кӯчид.

Баъди ин дарс ҷавонон хуррам
Сайри наврӯзи баҳорон рафтанд.
Он Алиф буд чу хирвори заре
Ки бубардошта шодон рафтанд.

Дастаи духтаракон дар боғе,
Маст аз нашъаи наврӯзи баҳор.
Беқарорию чаманнозиашон
Ишқро дода дар ин боғ қарор.

Ногаҳон аз паси девор Сафар,
Дода аз омадани хеш дарак.
Гуфт:
– Эй дӯхти амак, Соимахон,
Гар ҳунар дорӣ, биё, шеърбарак.

Аз дами қаҳ-қаҳаи духтаракон
Ғунча дар боғ саросар бишкуфт,
Назаре Соима афканда ба ӯ:
–Эй писар, навбати аввал ба ту,–гуфт.

**Сафар:**

Рӯи ту ба қарси бурҷи Мулло монад.

**Соима:**

Гуфтори ту бар шамоли боло монад.

**Сафар:**

Аз рӯи ту ранги нав бувад дар наврӯз,
Моро бару дар оташи чашмонат сӯз.

**Соима:**

Билло, бахудо, ту дар алав ҳам сӯзӣ,
Эй сӯзани кӯҳна, нақши нав медӯзӣ!

**Сафар:**

Гар сӯзани кӯҳнаам,
фақат гул дӯзам,
Нақши рухи ту насибаи ҳар рӯзам.

**Соима:**

Гулҳота бару ба саҳнаи мактаб кор,
То духтараке бар ту шавад ошиқи зор.

**Сафар:**

Ин мактаби навкушода дорад ғавғо
Дидем, муаллими ту чашмаш беҷо.

**Соима:**

Номи каси бегунаҳ, ту беҳуда магир,
Эй кош, насибат бишавад беваи пир.

**Сафар:**

Ман мегирамат ту беваи пир шавӣ,
Шояд ба дами пирӣ ту гапгир шавӣ.

**Соима:**

Гар кӯҳ ба сар занад, кунад помолам,
Майли ту намекунам ба сесад солам.

**Сафар:**

Дар роҳи шумо, беваи сесадсола,
Биншаста зи дида мефишонам жола.

**Соима:**

Аз чашми ту жола не, ҳасад меборад,
Аз ашки ту кас моҳи асад ҷав корад.

**Сафар:**

Аз чашмам агар моҳи асад ҷав корӣ,
Ҳангоми дарав дурру гуҳар бардорӣ.

**Соима:**

Гар ту ҷави худро чу гуҳар пиндорӣ,
Ҳайронам аз он ки чун ту дил бардорӣ.

**Сафар:**

Дил аз бари ман рафта,
таги кафшата бин,
Ман канда варо фиканда будам пешин.

**Соима:**

Чун зиндаӣ, эй бачча, ту ҳоло бедил,
Ё пайкари ту сохтаанд аз каҳгил?

**Сафар:**

Рӯи мана аз коҳу гул оростаанд,
Ишқи туя дар сина чу дил сохтаанд.

**Соима:**

То кай ту ба ин сухан диҳӣ озорам,
Медонӣ, ки худ очаю додо дорам.

**Сафар:**

Ин давраи озодӣ маро гар ҷонӣ,
Баргӯ ба падар,
ки ошиқи ҳайронӣ.

**Соима:**

Дорам падаре гандагапу гандамиҷоз,
Тарсам, ки бурад сари ту, фаҳмад ин роз.

* * *

Ҷангу ғавғою ҳақорат ногоҳ
Гашт аз кӯчаи қишлоқ баланд.
Духтарон монда дар ин ҷо ҳайрон,
Писарон ҷангтамошо рафтанд.

Ҷанг дар кӯчаи қишлоқи калон,
Ҷанги ҳафтоду ду миллат гӯё.
Ҳама чун ҳезуми хушканд, вале
Ду шарар шӯълафишон дар ин ҷо.

Боз дарронда гулӯ Ҳазратқул,
Таъна бар мардуму мактаб мезад.
Нурро зулмати бетаг мегуфт,
Лоф аз мартабаи шаб мезад.

–Мазҳабу сидқ, куҷо шуд, эй халқ,
Ки ба ин мактаби нав раҳ додед.

Обрӯю шарафу номусро
Дар баҳои ду пари каҳ додед.

Онаи зората мебинӣ, Алӣ,
Ки ту овардӣ ба мо ин мактаб,
Ту ҳамехоҳӣ ҳама духтарҳо
Мисли момои ту гиранд лақаб.

–Ана ин ҳамдами мо мегаштаст,–
Гуфта афканд Алифбо таги по.
Хост онро бизанад бо лағадаш,
Лек аз зарбаи сахте ногоҳ

Ба замин чаппаю рӯболо шуд,
Боиси хандаи одамҳо шуд.
Он ки ӯро зада афканд ба хок,
Маҳаки деҳа Алимардон буд.

Оташи таънаю дашноми қабеҳ
Ҳар дуро сӯхт магар ҷону ҷигар.
Ҳазрат аз хашму ғазаб меларзид,
Алӣ мегуфт, ки:
– Эй баччаи хар,

Мактаб–инъоми ҳукумат бар мо,
Моли бобои качалпои ту нест.
Ки варо бандию оташ бизанӣ,
Гум шав, ин деҳа дигар ҷои ту нест.

–Ҳамтуя?!
–Ҳа, ҳамту!
–Ин падарлаъната бинед, эй халқ,
Ки зи худ рафта чиҳо мегӯяд,
Сари ин об нагирем, пагоҳ
Сел гашта ҳамаро мешӯяд.

Хез, эй халқ, Алимардонро
Зери теғи табари тезат гир!
–Ҳақи ту зери табар, эй ҳазрат,
Ки ту фарбеҳӣ чу як говӣ қасир.

Одамоне, ки ба лаззат ҳоло,
Менамуданд тамошо ин ҷанг.
Ҳама хандида ба овози баланд
Паст карданд каме ин оҳанг.

Садқаи мардуми деҳот шавам,
Гоҳ-гоҳ аз алами камкорӣ
Ҳамаро ҳаст хуши ҷанги ду кас,
Ҳамчу як воситаи сархорӣ.

Лек ин ҷанг набуд аз он ҷанг,
Ки ба ҳангоматалаб нон бахшад.
Бо суханҳои наву таҳдоре
Хандаҷӯро сару сомон бахшад.

Буд ин ҷанги ду олам бо ҳам,
Ин яке оташу в-он дигар об.
Ҳар ду аз қаъри замон бигзашта
Пухта имрӯз расидаст ба тоб.

Ҳар дуро ҳам сипару теғ ба даст,
Ҳар дуро ҳам ҳаваси бахту зафар.
Заррае ҷо ба амонӣ набувад,
Ҳар дуро ҳам кафан омода ба сар!

Иди Наврӯз ба мардум имрӯз,
Ҳам тараб доду ҳам оҳанги низоъ.
Дар миёни деҳа пайдо шуд рӯд
Одамонро ба ду сӯ кард ҷудо.

Тӯдае кӯраи сӯзон гашта
Аз суханҳои нави Ҳазратқул,
Ки барад мактаби нав аз деҳа
Обрӯю шарафу шавкати кулл.

Тӯдае аз сари кӯҳсор фитод
Ба таги чоҳи ҳазор андеша.
Дасти имдод ба китфи кӣ ниҳад
Ба кадом сӯй занад ӯ теша?

Тӯдае лек зи торикии чаҳ
Хешро бар сари кӯҳсор гирифт.
Аз дами қасди бади нохалафе,
Сари девори худаш хор гирифт.

Гуфт ин мактаби нав бар деҳа,
Бояд эҳсону ҳидоят бахшад.
Толибилмону сабакҷӯёнро
Дар раҳи умр иноят бахшад.

Дар замири дили ҳар кас аммо
Боз кирми дигаре меҷунбид.
Духтаронро ба чӣ мехононанд?
Пои аксар зи ҳамин мелағжид:

Пиразанҳои «ҷаҳондида»-и деҳ
Халтаи фалсафаро во карданд.
Рафта то хонаи Нуҳпайғамбар,
Гила аз Одаму Ҳавво карданд.

Он яке гуфт замон охир шуд,
Макваби нав–хари даҷҷол аст ин.
Мешавад субҳ қиёмат қоим,
Ана, бинед,
кафидаст замин.

Лек танҳо дили навшогирдон
Ҳамчу ҳарфе ба «Алифбо» ҷо буд.
Гӯиё нест ҷаҳони дигаре,
Ҳама гап дар сари як имло буд.

Ҳамчу вулқон нафаси мактаби нав
Ҳамаро кард ба ҳар сӯй равон.
Деҳа бозори шутур шуд гӯё,
Ҳама ҷо васвасаи суду зиён.

Лек дар кулбаяки хеш Алӣ
Бо ҳазор орзу танҳо шишта.
Гоҳ чун ғунча кушояд дар худ,

Гоҳ пажмурда шавад оҳиста.

Чун кунад мактаби навро эмин,
З-одами сели ҷаҳолат фардо.
Дарси дигар зи чӣ оғоз кунад,
Ба чӣ анҷом расад ин ғавғо!

Панди Саъдӣ, ки ба ҳар як хона
Ҳарф аз боби таҳаммул мезад.
Ҷӯши ин об намекард фурӯ,
Мавҷи ин рӯд ба шаҳпул мезад.

Халқ дар ҷаҳду такопӯ афтод,
Деҳаро шӯри нав омад бар сар.
Вазъи ин шоми дами тӯфонро
Мекунам арз ба оҳанги дигар.

Ба домони уфуқ хуршед рафту сарангун гардид,
Само чун рӯи духтарҳои нав устоздида лолагун гардид,
Ба дасту пои деҳ печида чун мори сиёҳи шаб
Даркашид анҳору гулгашту хиёбонро,
Хатти пайраҳаю роҳи калонро кӯр кард аз дидаи бино.
Либоси шаб ба бар беди лаби ҷӯбор мерақсад.
Ба ҳоли тираи шаб кирмаки шабтоб механдад.
Даруни кулбае ҳоло нишаста хундиле бингар,
Ба рӯи сафҳае мӯи сиёҳаш мекунад чун шир
Паси девори ӯ аммо ҷавоне мебарорад хат.
Яке аз хеш хурсанду яке аз хеш домангир,
Шунав дар кулбае гап аз муаллим
Мактаби нав, ҳарфи аввал рафтаву уммедҳо овард,
Вале дар ҷои дигар ин суханҳо
Кина бархезондаву рашку ҳасад парвард.
Шунав, дар пушти ин девори лоин,
Зери боми то замин хамгаштаи Соимаи мо
Набзи даврон мезанад тез,
Чархи гардон суст мегардад.
Дар ин ҷо ду ҷаҳони мухталиф
Муштu гиребонанду бехобанд.
Ҷаҳони аввал ин Соимаи ман,
Саъбаи навболу пар, барги гули тар,

Он ки аз дарси нахуст имрӯз кард,
Ҳарфи алиф аз бар…
Хумори ношикаста дораду паймони нобаста,
Ҷаҳони дигаре додои ӯ ки қасд карда
Рафта бар мактаб занад оташ.
Қасоси чанги имрӯзина бистонад зи сад ҷояш,
Ҳамин асрори даҳшатнокро Соима медонад,
Вале чун кабки по бар чела,
Ҳар сӯ мезанад пар
Мезанад сар,
Забон дар комаш оташпораву хомӯш меистад.
Чӣ сон раҳ ҷуста з-ин даргоҳ то берун равад.
Ин рози даҳшатнокро,
Ин шӯълаи заҳри ҳалоҳилнокро
Бар халқ гӯяд!
Мактабу устодро аз тӯҳмати ноҳақ,
Балои ногаҳон эмин нигаҳ дорад!
Гумонаш қулфи дар,
Хори сари девор, ҳар як санг,
Ва ҳар як вассаю болор,
Варо беист мепояд.
Ба чашмаш шаб дарозу умр кӯтаҳ,
Рӯз нопайдо,
Адолат мурда,
Ҷаҳли бемурувват зинда метобад.

Вуҷудам ногаҳон оташ гирифт,
Ҳамчун шарар печид бар андоми шаб.
Ман ӯро дарнамеёбам…
Вале пайваста мекобам…

Духтари гумраҳи деҳ дар ин шаб
Канда гардида чу кӯли лаби ҷар.
Қулбаи мазҳабу харсанги ҳаё
Дур андохт аз ин роҳи сафар.

Сару по сӯхта тозон мерафт,
Гӯиё шӯълафишон пайкар буд.
Хок дар зери қадамҳо сӯзон,
Осмон сарду балогустар буд.

Хост фарёд занад, эй мардум,
Меравад маърифату адл ба бод.
Лек ин оби раҳо гашта зи худ
Боғ норафта ба чоҳе афтод.

Дили чун чашми кабӯтар равшан,
Ки ба ҷуз раҳм набудаш ҷавшан.
Аз дами теғи падар пора шуда,
Ҳамчу фарёд баромад аз тан.

Аз тани пок баромад, афтод
Ҳамчу як пораи оташ ба замин.
Рухи бо қасри сафедаш ҷангӣ
Гашт аз хуни муродаш рангин…

Мактабу ҳуҷраи устод ҳама
Ногаҳон кӯраи оташ гардид.
Дуди он партаю он тахтаи нав
Ҳалқа мезад,
ба фазо мепечид…

Сӯфии пурманаҳи каллакалон,
Дод мезад зи ҷигар, эй мардум:
Мактаби нав хуни ноҳақ овард,
Як назар бар ҷасади духтари шум.

Соҳиби ному насаб Ҳазратқул,
Падари яккаи ин миласиёҳ,
Доғи номусу шараф шуст ба хун
Дида ӯро ба муаллим як ҷо.

Бурда дар мактаби нав гӯронед,
То шавад дарс барои дигарон.
Мактабу марқади ин миласияҳ
Ҳамчу лаънаткада монад ба ҷаҳон.

Содагони ҳақу ноҳақпарвар
Ҷониби хона шитобон рафтанд.
Чанд бекораи ҳангоматалаб

«Кохи лаънат» бинамуданд баланд.

Он ҳақиқат, ки ба чашми мардум
Лоақал рӯз намегашт аён.
Кас надонад ба куҷо рафт фурӯ
Дар дили тираи ин шоми гарон.

Субҳ пироҳани хунолуда
Пора бинмуд ғамангез дамид.
Аз дами наштари ҷаррохи замон,
Ҳар куҷо обилае буд, кафид.

Ҳамчу хуршед расиданд ба деҳ
Ҳомиёни шарафу обу замин,
Муддаиёни сари давлати нав,
Он писарҳои фидокори Ленин.

Ҳақу ноҳаққи шаби бигзашта
Баркашиданд ба мизони хирад.
Некро некӣ ба подош расид,
Бад гирифтор бишуд бо дами бад.

«Кохи лаънат», ки шаб афрохта шуд,
Ин саҳар маснади шӯҳрат гардид.
Як қадам,
                    як нафас аз нияти пок
Сару саркардаи қисмат гардид.

Духтари содаи қишлоқ вале
Рафт бо пои худаш сӯи аҷал.
На ба уммеди биҳишти абадӣ
На ба уммеди мукофоти амал.

Чунки аз илми ҷаҳон ӯ танҳо
Карда як ҳарфи Алифбо аз бар.
Аз шукӯҳу шарафи номварон
Заррае фикр набудаш бар сар.

Дод худро ба дами марг фурӯ,
Гул кунад то чамани армонаш.

Нашавад то сипари нохалафе,
Нагузорад ба уқубат ҷонаш.

Рафт Соима, Алимардонро
Ба сар омад ҳамин дарду бало.
Гӯӣ аз санги маломат танҳо
Сохт ӯ мактаби нав дар ин ҷо.

Рафт Соима, Алимардон монд
Ҳамчу тимсоли садоқат ба ҷаҳон,
Чилу як сол гузаштасту ҳанӯз
Ӯст дар мактаби мо пири ҷавон.

Ёд дорам, ки чӣ сон давраи ҷанг
Ӯ зи худ шахси дигар сохта буд.
Бар тасаллои дили раҳнигарон
Қасри уммед барафрохта буд.

Ҳар саҳар омада мегуфт ба мо,
Ки фалон дӯстам аз ҷанг омад.
Ӯ падарҳои шуморо дидаст,
Ки ҳама шоду саломат беҳад.

Ҳама имрӯзу пагаҳ меоянд,
Тири душман шуда кайҳо охир.
Ба шумо кастуми нав меоранд,
Ҷайбашон пур бувад аз қанду фатир…

Ёд дорам,
                    ки замистони хунук
Буд лағжонаку яхбаста замин.
Мӯзаи хеш ба як аскаршав
Дода, худ монд ба як кафши хасин.

Бо ҳамон кафши хасин меомад
Сӯи мактаб саҳарӣ аз хона.
Гарм мекард дили шогирдон
Аз гапи сохта, аз афсона.

Ёд дорам,
ки яке рӯзи баҳор
Нола мекард зане
то афлок.
Ки чаҳорум писари барнояш,
Боз аз тири адӯ гашт ҳалок.

Ҳама дар назди зани мотамдор
Бегапу сархаму мазлум буданд.
Ғарқ гардида ба оби дида,
Моту бечораю саргум буданд.

Ашки худ пок ба доман карда,
Дар ҳамин лаҳза Алӣ мардона
Рафта дар паҳлӯи модар биншаст,
Боз бикшода дари афсона.

Сад қасам хӯрд ба ҷонаш, ки дурӯғ,
Писари чоруми ӯ зинда бувад.
Инчунин номаву овозаи шум
Иштибоҳест, ки дар ҷанг шавад.

Гарчи дар дил ғами садсола кашид,
Аз лабаш ханда нашуд дур асло.
Ҷони мо баста ба сад тори умед
Гузаронд аз ҷарию аз дарё.

Гарчи чун санги сафеди сари роҳ
Ҳеҷ гаҳ шом нагирад ӯро,
Лек дар тантанаю ҳангома
Ҳеҷ кас ном нагирад ӯро.

Ҳамаи шарбати умри гузарон
Рехт бар косаи мардум бегап.
Гӯӣ пои ҳавасаш хушк шуда,
Гӯи бишкаста варо дасти талаб…

Имшаб аз гунбади афлок ба хок
Савти дилҳои башар шуд ҷорӣ.
Гӯш кардам, ки ҳама набзи замон
Тез мезад чу дили гапдоре.

Чу ниҳодам қадаме дур зи худ,
Чеҳраи Соима омад бар ёд.
Ҳамчу як қуллаи оташпайкар,
Алимардон ба сарам даст ниҳод.

Тофтӣ ҳар ду ба чашмам чун кӯҳ,
К-аз баландӣ шуда пинҳон зи назар.
Зина бар боми фалак сохтаанд
Аз ҳамин тоифаи насли башар.

Аз ҳамин тоифа, ки беминнат
Ҷон ба каф дар раҳи мардум гаштанд.
Рӯзи майдон чу шарар барқфишон,
Рӯзи подош на маълум гаштанд.

Гар ҷаҳон меравад аз хеш даме,
Дасти ин тоифа мардум дорад.
Чун занад чарх сари чархи барин,
Такя бар дӯши замин бигзорад.

# ДОСТОНИ АНТОН

## ОҒОЗ

Антон, чаро бар хоби ман
Ҳар шаб ту пайдо мешавӣ?
Дарди куҳанро аз дилам
Ҳар лаҳза ҷӯё мешавӣ?

Ҳар ҷо ки рафтам, меравӣ
Дар хобу дар бедориам.
Доман кашам аз дасти ту,
Ту аз гиребон дориам?

Аз бахт чун мастӣ кунам,
Аз мастӣ ҳушёрам кунӣ,
Дар лаҳзаҳои бехудӣ
Аз худ хабардорам кунӣ.

Бигрехтам аз дасти ту
Бар Ҳафтбаҳр[1] кардам сафар.
Шабҳои тӯфонӣ маро
Ҳамраҳ шудию чорагар.

Мехостам аз чашми ту
Дар Сурия[2] пинҳон шавам,
Андар мазори сангпӯш
Бе айбу бе нуқсон шавам.

Аммо ба болои сарам
Мисли падар пайдо шудӣ.
Ҳар ҷо ки ман раҳгум задам,
Чун дидаи бино шудӣ.

---

[1] Ҳафтбаҳр – баҳри Миёнзаминро гӯянд, ки хусусияти наҷотбахширо дорад.
[2] Дар Латакияи Сурия шаҳри қадимаест, ки мазорҳои сангин дорад.

Дар баҳри Мармар чун маяк
Чашмак задӣ ҳар шоми тор.
Аз байни аҳромони Миср
Гаштӣ чу пайғамбар дучор.

Рафтам ба Марсел то шинам,
Дар сояи Модархудо.[1]
Аммо ту аз оғӯши ӯ
Кардӣ ба сӯи ман нигоҳ.

Рафтам ба кӯҳи Рому Рим
Бар қаъри дунёи қадим.
Мехостам серӣ хӯрам
Аз шири он гурги ҳалим.

Аммо касе аз китфи ман
Бардошт бо дастони зӯр.
Дидам, ки Антон ин туӣ,
Чун омадӣ з-ин роҳи дур?

Эй шамси дунёгарди ман,
Аз ман чӣ мехоҳӣ,
бигӯ?
Эй чашми андар роҳи ман,
Аз дардам огоҳӣ–Бигӯ?

Ин қадр озорам мадеҳ,
Гир аз гулӯям дасти худ.
–Эй, танпараст, эй ёвагӯ,
Изҳор кун дарди вуҷуд.

–Охир, кадомин дардро
Изҳор созам бар касон.
Дар роҳи саҳрои дилам
Сад корвон ғам
шуд ниҳон.

---

[1] Ҳайкали модархудои Марсел ва ҳайкали озодии Нью-Йоркро як архитектор эҷод кардааст. Мардуми ин шаҳрҳо ин ҳайкалҳоро ҳамчун наҷотбахш мешиносанд.

–Дарди ба роҳи одамон
Ҷону сару дил бохтан.
Дарди чароғ
аз мағзи худ
Бар шоми мардум сохтан.

Як доғ аз сад доғи ман
Гул кард имшаб, дӯстон.
Антон, ту акнун дам нишин,
Ман боз гӯям достон…

Авзои гардун буд дигар
Дар мулки кӯҳистони мо.
Пинҳон ба домони саҳар
Буд ахтари тобони мо.

Ҳар рӯз меомад хабар
Аз марги додар ё падар.
Аз мӯриҳо дуди ҷигар
Мегашт бар дунё бадар.

Ҳар рӯз дасти гушнагӣ
Аз тифлакон ҷон мерабуд.
Хуршеду маҳ бар чашми мо
Дар сурати нон менамуд.

Бечора модарҳои мо
Раҳпою ғампарвар буданд.
Бар марги фарзандони худ
Дудила нобовар буданд.

Тар гашта домони замон
Аз ашки талхи беваҳо,
Наҳсу балою фитнае
Сар мезадӣ аз ҳар куҷо.

Аз пирдухтарҳои шӯх
Пур гашта будӣ хонаҳо.
Як мушти дарду орзу
Буданд он ҷононаҳо.

Бар дӯшҳо бори замон,
Бар синаҳо хори ҷаҳон,
Ду чашм бар майдони ҷанг
Бар номаҳои аскарон.

Андар ҷавоби номаҳо
Ин духтарон шоир буданд.
Ҷон дода бар ҷонони худ,
Бар хасм оташ мезаданд.

Дар китфи кӯҳҳо деҳи мо
Чун ҷомаи афсурда буд.
Анҳору боғу хонаҳо
Чун хони ногустурда буд.

Чашми арӯси якшаба
Бар осмон буді ҳанӯз.
Бар охирин аз ахтаре
Аз ахтарони хирасӯз…

…Ду чашми кампири Шакар
Дар роҳпоӣ канда шуд.
Доғи ду олам бар ҷигар
Имшаб ба маргаш банда шуд.

Се кӯҳпайкар, се писар,
Се сафшикан, се шерзан,
Се навхату, се додгар
Ӯ дода бар ҷанги Ватан.

Як номаи сегӯша буд
Дар дасти пурожанги ӯ.
Офоқ дар пуртоқатӣ
Ҳаргиз набуд ҳамсанги ӯ.

Мегуфт бар ҳар марду зан:
–Хонед ин хатро баланд.
Бо кенҷаи ман як урус
Чун аҳду паймон кардаанд.

Аз ду бародар гар яке
Дар ҷанг мирад ногаҳон.
Бар хонаи ӯ меравад
Ёре, ки мемонад амон.

Оё, касе, эй додарон,
Он бачаи русро надид?
Имрӯз он меҳмони ман
Бояд ба ин ҷо мерасид…

…Бечора кампири Шакар
Он номаро шому пагоҳ
Такрор карда дар ба дар
Мегашт,
чашмонаш ба роҳ.

Ӯ ҷомаи домодии
Фарзандҳои меҳрубон,
Дар фикри худ мекард чен
Бар қадди додархонашон.

Мағзу мавизи рустиаш
Аз таҳти сандуқ мекашид.
Аз хонааш то қадди роҳ
Сад рағза рӯзе метанид…

Аз шаҳр дишаб хаткашон
Овардӣ ин сон хушхабар.
Бар деҳ меояд пагоҳ
Фарзандхони Бишакар.

Бо чашми худ ӯ дидааст
Русбаччае қоматбаланд.
Монанди фарзандаш Зариф
Бедорақлу ҳушманд.

Бишнид ҳарфи хаткашон,
Кампир чу машъал даргирифт.
Дар чашми ёру дӯстон
Зебоии ахтар гирифт.

Ширин табассумҳо, ки ӯ
Гум карда будӣ як замон.
Чун ғунчаҳои орзу
Бишкуфт аз нав дар лабон…

Як лаҳза фориғ шуд магар
Аз шарру аз ҷабри фалак.
Омодаи парвоз шуд
Чун мурғи раста аз катак.

Ғуррида ногаҳ раъду барқ
Аз домани гардун гирифт.
Абри сиёҳе бе дарак
Дашту дару ҳомун гирифт.

Алмоспайкар қуллаҳо
Аз дидаҳо пинҳон шуданд.
Анҳору боғу хонаҳо
Пеши назар яксон шуданд.

Ду чашми чори раҳнигар
Имшаб зи дунё канда шуд.
Бечора кампири Шакар
Бар дасти маргаш банда шуд…

Дуди азо аз хонааш
То осмон рафт ин саҳар.
Медод кӯҳ акси садо
Аз нолаҳои пурасар.

Афғони қавми бевазан
Чун ханҷари алмос буд.
Дилпорагар,
                оҳангузар,
Пурдарду пурэҳсос буд.

Мурда, баҳона, одамон
Бар дарди худ гирён буданд.
Гӯяндазанҳои замон
Дарёи пурармон буданд:

–Эй модари се пилтан,
Эй модари се офтоб,
Бархез, шуд ҷои сухан,
Бархез, набвад вақти хоб.

Хезу муроди навхатон
Бингар ба чашми интизор.
Бикшода се дарвозаро
Оянд сӯят се савор.

Се навқади домодзеб,
Се сарви борику баланд.
Бархез, эй имдодзеб,
Келинбиёрон омаданд.

Хезу ба чашмат сурма каш,
Эй ҷони танҳо сӯхта.
Бар китфи домодон фикан
Он ҷомаҳои дӯхта.

Бархез, модар, омаданд
Аз ҷанг фарзандони ту,
Бархез,
              будаст иштибоҳ
Марги ҷигарбандони ту...

Модар ба хоби охират
З-ин дарду ғам озод буд.
Аз шаш ҷиҳат фориғ зи худ
Гӯё зи олам шод буд.

Русбаччае, ки дар раҳаш
Ӯ интизорӣ мекашид,
Андар либоси аскарӣ
Ҳангоми дафнаш даррасид.

Бар пешвозаш марду зан
Бо оҳу афғон хестанд.
То иззат орандаш ба ҷо,
Аз ҷони худ мекостанд.

Оғӯш мекардӣ варо
Ҳар кас ба ихлоси зиёд.
Ин нӯшдоруро фалак
Пас аз сари Сӯҳроб дод.

Ӯ хешро танҳо надид
Дар синаи гирёни деҳ.
Аз пояи тобут гирифт
Ҳамроҳи фарзандони деҳ…

Бар деҳаю бар одамон
Бо дил назар андохт ӯ.
Симои додархони худ
Аз қуллаҳо бишнохт ӯ.

Сад доғи танҳоӣ ба дил,
Модар гузашт аз ин ҷаҳон,
Аммо чароғи ӯ намурд,
Шуд гарм ӯро хонадон.

Шому пагоҳӣ одамон
Дар кӯи ӯ ғун мешуданд.
Бо маҳзи ин меҳмони рус–
Меҳмони шӯху дилписанд.

Дар деҳи мо шуд номи ӯ
Фарзанди руси Бишакар.
Бо инвалидони дигар
Шуд нури дида,
                    тоҷи сар.

Аз ҷанг маҷрӯҳгаштагон
Умри дубора дидагон,
Буданд бар мардум азиз
Чун мардуми чашмонашон.

…Рӯзе, ки з-оҳанги зафар
Акси садо додӣ ҷаҳон,
Истораи насли башар
Кам гашта буд дар осмон.

Фарзанди ҳафтоду ду қавм
Печида андар як кафан.
Пайванди ҳафтоду ду қавм
Гардида буд хоки Ватан.

Шоми қирони ахтарон
Чун рафту рӯзи нав расид.
Историҳои одамон
Аз хок мегаштӣ падид.

Ҳар нахли қадафрохта
Бар дида аскар менамуд.
Тифли ба по бархоста
Сарбози сафдар менамуд.

Банди дили аз аскарӣ
Бе дасту бе по гаштагон,
Чун осмон софии шаб
Рахшанда буд аз ахтарон.

Сарҳои ғам афкандаро
Дасти зафар боло намуд.
Уммеду армони дигар
Дар синаҳо дунё кушуд…

Аз кӯҳҳо овози кабк
Бо сози шодӣ даррасид.
Дар чашму
дар лабҳои халқ
Мавҷи табассум бардамид.

Бар сӯи нов омад яке
Оби равон аз новагоҳ
Бо гардиши чархи фалак
Зад чарх санги осиё.

Ҳар шарфаи пои чигас
Форам ҳамеомад ба гӯш.
Ин мусиқии шодӣ буд
Дар синаи деҳи хамӯш.

Якдастаю якпояҳо
Болои аспу зин шуданд.
Шӯ карда ҳамдарсони мо,
Бар бахти мо зомин шуданд.

Зад деги меҳмонхона ҷӯш,
Хомӯш гаштӣ сели ашк.
Шуд сурх рӯи одамон,
Болонишин шуд ишқу рашк.

Тири ҷувоз қад рост кард,
Равғанхӯрон пайдо шуданд.
Кайфи палавмастон чу қанд,
Биннии таббохон баланд.

Пайроҳаҳои қуллаҳо
Равшан шуданд аз рафтуо.
Тифлон ба дунё омаданд
Бо моҷаро,
 бо муддао.

Фарзанди руси Бишакар
Антони пайванди Сибир
Бо одамони кӯҳсор
Ҳамдаст гашту ҳамзамир…

Аввал ба меҳмонхона ӯ
Як печи русӣ сохта,
Кардӣ тамоми деҳаро
Бар печи худ дилбохта.

Дар давраҳо ҷуз ҳарфи печ
Ҳарфи дигар шуд носавоб.
Аз як даҳан гар хишту гил,
Аз дигаре мерехт об.

Мулло Туроб аз ҳамма пеш
Аз сандалӣ гардид дур.
Дар хонаи гармаш кунун
Паҳлу занад ӯ бо ҳузур.

Раҳмон, ки аз дуди алав
Риши сафедаш зард буд.
Умри алавковӣ варо
Дар сина мисли дард буд.

Ҳафтод соли умр агар
Дар шӯълаи гулхан бисӯхт.
Имрӯз ӯ ҳам
          сӯи печ
Чашми умеди хеш дӯхт.

Ҳам кампири Оинамоҳ
Ҳам Шодибои боргар.
Аз пушти Антон медаванд
То печ созад зудтар.

Як болға, як андова буд
Дороию давлат варо.
Як хокбезак, як табар
Аз ӯ намегаштӣ ҷудо.

Хулқаш чӣ хулқи хос буд,
Дар тезӣ чун алмос буд.
Мо баччамардонро ба ӯ
Ҳам меҳр, ҳам ихлос буд.

Аз субҳ, то шаб кӯ ба кӯ
Мо баччагон ҳамроҳи ӯ.
Оварда баҳраш лою хишт
Будем дилогоҳи ӯ.

Андова хаста дар камар,
Дар китф овезон табар.
Ҳар ҷо ки пайдо гаштӣ ӯ,
Он давра мешуд гармтар.

Хона ба хона рӯзу шаб
Буд печсозӣ пешааш.
Гӯё ки андар деҳи мо
Ӯ сабз карда решааш.

Шому саҳар ногуфта ӯ
Тайёр бар хизмат будӣ.
Бар дарди заҳматдидаҳо
Доруи бе миннат будӣ.

Дарҳои ҳар як хонадон
Бикшода буд бар рӯи ӯ
Дидорташна модаре
Ҳамвора буд дар кӯи ӯ.

Аз моли дунё барҳазар,
Аз суду савдо барҳазар.
Мулки Сибирро дода ҷо
Дар кулбаи Бибишакар.

Бо ҷӯраҳо мекард сарф
Ҳар пул ки овардӣ ба даст.
Ҷон хоҳӣ,
            ҷон медод ӯ
Бар ҷӯраҳои ҳамнишаст.

Мегуфт: аз шахси хасис
Набвад каси бад дар ҷаҳон,
Ман аз хасисон ду баҳо
Пул меситонам дӯстон.

Дуд мекунад дар хотирам
Печи Саидқурбон ҳанӯз,
Чун дода Антонро фиреб,
Шарманда гашту бенуфуз.

Фармуда печ ӯ баҳри худ,
Аммо ба Антон пул надод.
Антон чу ҳақ кардӣ талаб,
Фардо ба фардо мениҳод…

Рӯзе хасиси бепадар
Гуфто, ки эй Антони ҷон,
Шуд печи ман вайрон магар,
К-аз он ҳамеояд фиғон.

Якбора хандида баланд
Ҳар чӣ хасис, гуфт ӯ, дучанд,
Гармӣ агар хоҳӣ, бикуш
Аз баҳри мардум гӯсфанд.

Аз ин сухан Қурбонхасис
Бар сина сад наштар гирифт.
Печаш хунук шуд, дар назар
Худ ҷои печаш дар гирифт.

Бар хона омад, хона сард
Аз печ меомад фиғон.
Аз ҳар фиғони тунду тез
Чун тир мезад он ба ҷон.

Бар кӯча чун рӯ оварад
Мардум гарангаш мекунанд.
Аҳволи печ,
ҷанҷоли зан
Дар хона тангаш мекунанд.

Аз шаш ҷиҳат баҳри хасис
Дунё магар вайрона шуд,
Баҳри зиёфат додан ӯ
Розӣ шуду афсона шуд…

Шуминвалидони деҳа,
Ҳам мӯсафеду ҳам ҷавон.
Бар хонаи Қурбонхасис
Бо зӯрӣ гаштанд меҳмон.

Дар байни ҳавлӣ деги ош
Бо гӯшт ҷавлон мезадӣ.
Кайвониҳо андар танӯр
Ҳам кулча ҳам нон мезадӣ.

Андова хаста дар камар,
Дар китф овезон табар.
Аз ханда пур рӯю лабон
Антон намоён шуд зи дар.

Ӯ рафта аз тахмони печ
Ду тухмро берун гирифт.
З-он ҷо ду тухми хом ёфт,
Монданд мардум дар шигифт.

Пас дода бар Қурбон нишон
Антон бигуфт, эй ҷӯраҷон,
Ин тухмҳоро пири мо
Кардаст дар ин ҷо ниҳон.

Аз пири мо аз баҳри мо
Пандест аз даври қадим.
Ҳар кас хӯрад гар ҳаққи мо,
Як умр монад зери бим.

Он сон садои дилхарош
Бишнидӣ, эй Қурбон худат.
Гар ту зиёфат дертар
Мекардӣ, мешуд кор бад.

–Чун кори бад мешуд, бигӯ
Аз баҳри мо,
Антони ҷон?
–Ин тухмҳо бишкаста зуд
Дуд мебаромад бе фиғон.

Аз рӯи дастурхон яке
Шуд хандаи мардум баланд.
К-ин хонаи сарди хасис
Шуд гарм чун дӯкони қанд.

Бо лутфи Антон хонааш
Андоми мардумро бидид.
Деворҳои хонааш
Аз рӯи ёрон нур чид.

Ин ҳиллаи ӯ паҳн шуд
Сар то сари деҳоти мо.
Ҳар кас,
ки мефармуд печ,
Мекард аз Антон ибо.

Антони равшандил чу барқ
Ҳар ҷо ки пайдо мешудӣ.
Кам гашта ғам дар синаҳо,
Шодӣ дуболо мешудӣ.

Аз халтаи аскар–Иван
То тӯи Муллонасриддин
Такрор мешуд сар ба сар
Нақлу ҳикоёти навин.

Комилиёру дӯстрӯ,
Меҳнатпарасту ёрдӯст.
Дар чорроҳи зиндагӣ
Оинае дидордӯст…

…Эй ишқ, ишқи зӯрвар,
Пайкони ту сандон шикаст.
Бо номи ту насли башар
Сад дор, сад зиндон шикаст.

Болоназарҳои ҷаҳон
Афтода пешат нотавон.
Дарёдилони рӯзгор
Чун қатра бар чашми ту хор.

Озодадеҳқони асил,
Оҳангари зӯри кабир,
Муллои бар имон кафил,
Андешафармое вазир.

Гӯянд аз дасти ту дод,
Аз чашми пурқасди ту дод.
Ахтаршиносони замин
Кайҳонавардони далер,
Ҷарроҳҳои заррабин,
Сарҳаднигаҳдорони пир.

Дилдода шоирзодаҳо
То сустназми пурфиреб,
Гардан ба теғ омодаҳо,
То хонашер,
майдонғариб.

Гӯянд аз дасти ту дод,
Аз чашми пурқасди ту дод.

Антон, ки дар ин сарзамин
Парранда буд, озод буд,
Бикшода нав чини ҷабин
Чун боғи навобод буд.

Чун болғаю андоваαш
Ӯ бар касе моил набуд,
Ҷуз «раҳмат»-у «хуш омадӣ»
Аз меҳнаташ ҳосил набуд.

Эй ишқ, ишқи зӯрвар,
Уро ту ғамгин сохтӣ.
Чун бандаи бечорае
Дар доми худ андохтӣ.

Ин дом ишқи духтари
Муллотуроби фалғарӣ.
Шахсе ки ҳатто бар худо
Ҳаргиз надорад боварӣ.

Якроҳа, гӯлу сахтрӯ,
Ҳимматбаланди ақлпаст.
Умре ниҳоли орзу
Бо худписандиҳо шикаст.

Гар фаҳмад он ҷаҳлалвуҷуд
Аз ишқи Антони урус,
Аз духтари зебои худ
Созад як оши саг сабӯс…

Антони ошиқро чи бок
Аз расми муслимзодаҳо,
Чун дорад ӯ эҳсоси пок,
Кай тарсад аз ин моҷаро.

Кай тарсад аз занҳои деҳ,
Ки пашшаро фил мекунанд.

Дарвозаро монда кушод,
Дарвағнаро ғил мекунанд.

Аз пушти Тӯтӣ беибо
Ӯ ҳар куҷо гардад равон.
То хонаи ҳамсояҳо
Ё то лаби оби равон.

Ҳар гаҳ, ки кӯза тори сар
Берун шавад Тӯтӣ зи дар.
Рӯи раҳаш ҳозир бувад
Антони мо шому саҳар.

Бистонда аз ӯ кӯзаро
Худ меравад бар сӯи об,
Тутӣ зи шарму тарси худ
Дар ҷо бигардад ҷӯи об;

Не сар, ки бигрезад ба дур,
Не дил, ки ранҷонад варо.
Дарёю тӯфони дилаш
Медошт бо зӯрӣ нигоҳ.

Тӯтӣ натарсад аз касе
Ҷуз даҳшату зулми падар.
Чун мешавад ин ошиқӣ,
Овозае гардад агар..?

Бар Тӯтӣ халлоқи ҷаҳон
Ҳусни ду олам додааст.
Исторагарму меҳрубон
Чун ӯ шабар кам зодааст.

Саркаш дили ӯ ҳеҷ гоҳ
Бар ҳеҷ кас моил набуд.
Чун чашмаҳои пурфараҳ,
Дар марзаи соҳил набуд.

Аз вазъи бепарвои ӯ
Гар заррае орам нишон,

Аз молу дунёпарварӣ
Дилгир гарданд одамон.

Гоҳи дарав рӯмоли худ
Бар рӯи абрӯ мекашид.
Дар сояи миҷгони ӯ
Хуршед паҳлӯ мекашид.

Будӣ гулистони умед
Моро баногӯши гулаш.
Санги сияҳ мегашт об
Аз бӯи оғӯши гулаш.

Ҳангоми бигзаштан зи об
Поҷома чун бар мезад ӯ.
Аз нуқраи хоми ду соқ
Моро ба ханҷар мезад ӯ.

Гар аз сафи дандони ӯ
Гӯям шуморо як сухан.
Гавҳар шавад хоки сиёҳ,
Афтад садаф ҳам аз даҳан.

Аз ғуссаи он ноумед
Кай дошт ин кӯдак хабар.
Мехост бо як ҳилае
Ғамро намояд камасар.

Ку одаме,
            ки з-ин парӣ
Бахшида ҷонаш, дил барад.
Бар кишварони ахтарӣ
Ӯро аз ин манзил барад.

Ғайри ду-се тан инвалид
Дар деҳа марди соз нест.
Зиндаятимон кӯдаканд,
Антон чӣ? Бо ӯ мос нест?!

Антон ба ӯ мос? Як нигар
Бар дидаи баъзе касон.

Бишнида аз ту ин хабар,
Оташ фишонанд аз забон.

Тӯтӣ ба Антон гоҳ-гоҳ
Дуздида медӯзад назар.
Дорад сари сӯҳбат ба ӯ,
Аммо битарсад аз падар.

Антону рӯзе борҳо
Дарвозаи Муллотуроб.
Гаҳ гаҷ зада девори ӯ,
Гоҳе кашад
аз чашма об.

Мулло зи Антон шод буд,
Аз дасти ӯ обод буд.
Аз ошиқияш бехабар,
Аз иштибоҳ озод буд.

Антон валекин назди ӯ
Пою сараш гум мекунад.
Бо орзую бо умед
Худ сангро мум мекунад.

Ғамҳои мозӣ аз дилаш
Оҳиста мегардад бадар.
Обод карда манзилаш,
Часпад ба кӯҳҳо бештар…

Чун раъду барқи баҳманӣ
Пайкаршикан, оҳангузар.
Дар деҳаи мо паҳн шуд
Овозаи шум ин саҳар.

–Муллотуроб иброз дод
Бар тӯи Тӯтӣ дина шаб.
Ӯ духтарашро додааст
Бар хеши худ– калли Тилаб.

Шахсе Зарафшонро агар
Дар як нафас дар мекашид.

Гар офтоб аз Шарқ не,
Аз Ғарб ин ҷо медамид.

Марду зани қишлоқи мо
Ҳайрон намешуд ин қадар
–Калли Тилаб-шӯ, Тӯтӣ-зан,
Дунёи вожунро нигар.

–Муллотуроби сахтрӯ
Муллотуроби нобакор.
Ҳаққат таги қишлоқ не,
Ҳаққи ту рӯи чӯби дор.

Ту бар сари калли Тилаб
Як ман чаворӣ резу бин.
Оллоҳ занад як дона ҳам
З-он ҷо нарезад бар замин.

Калли гуреза,
муттаҳам,
Ҳаргиз надорад ҳаққи зан.
Аз ҷанг рӯ гардонда буд
Дар давраи сахти Ватан.

–Тӯтӣ магар худ розӣ шуд?
Пурсид ҳар кас бо шитоб.
Аз ҳар куҷо лекин савол
Мемонд бе шарҳу ҷавоб…

Рафтам ба кӯи Бишакар
Бинам, ки Антон чун бувад?
Дидам, ки он ҳам з-ин хабар
Дилхастаю маҳзун бувад.

Дарди дили худро ба ман
Ӯ як ба як изҳор кард.
Бечора чашмони умед
Акнун ба чун ман чор кард.

Гуфт ӯ хате бояд навишт
Бар Тӯтии носозгор.

Он сон хате, ки хонда худ
Гирад аз он оташ канор.

Аз оташи зулми падар,
Аз «шӯълаи» калли Тилаб.
Охир, чаро сӯзад дар об
Он мурғи озодиталаб.

Гиҷ карда ҳар ду майнаро,
Як номае ангоштем.
Аз Пушкину аз Сайидо
Байту ғазал бардоштем.

–Эй оташи тар, ассалом,
Эй шӯълапайкар, ассалом.
Ман сӯхтам аз доғатон,
Аз номи ахтар, ассалом.

Бар чашми ишқи коргар
Кофар, муслмон як будаст,
Бе ғам сари «мулло» Тилаб
Бо дарди Антон як будаст.

Бо бахти ноҳинҷор мо
Кайҳост одат кардаем.
Бо чархи каҷрафтор мо
Дилро табобат кардаем.

Бар хоки кӯи хештан
Доман маяфшонӣ дигар.
Хокистари мо тоқати
Доман задан дорад магар?

Бар ҳафт иқлим мерасад
Ақли худододи шумо.
Андешае, эй Тӯтихон,
Ин зулм, ин даҳшат чаро?

Байте, ки ҳангоми дарав
Моро будӣ вирди забон,

Тарсам, ки дар васфи шумо
Гӯянд рӯзе бачагон.

«–Як шӯ дорӣ гандахӯру гандамиҷоз,
Чашмони чуқур дораду лингои дароз.
Бигрехта аз хонаи торат, эй моҳ
Ҳар кас, ки туро ба ҷон кашад, бо он соз».

Аз таърихy чуғрофия
Доим баҳотон панҷ буд.
Ҳусни хати дасти шумо
Дар деҳа мисли ганҷ буд…

То шаҳр, эй ҷони азиз,
Набвад раҳи дур ин қадар.
Саъйеву раъйе аз шумо…
Омода мо шому саҳар…

Антон бигуфт, ин номаро
Ҳозир ба дасти Тӯтӣ бар.
Шояд ба инсоф ояд ӯ,
Бигрезад аз дасти падар.

Хатро ниҳода дар бағал
Чун сӯи ӯ гаштам равон.
Не дар таги поям замин,
Не бар сарам буд осмон.

Чашмам сиёҳӣ мезадӣ,
Ларзида аъзои бадан.
Гӯё, ки мебурдам касе
Барбаста дар гардан расан.

Дарвозаи Муллотуроб
Бар дида аждар мезадам.
Чашми зану мардони деҳ
Бар сина ханҷар мезадам.

Ман худ намедонам, чӣ сон
Бо Тӯтӣ гаштам рӯ ба рӯ.

Додам саломаш бе ибо,
Биспурдам он хатро ба ӯ.

–Ин нома аз кӣ? Он парӣ
Андохт бар чашмам назар.
Ман об гаштам ҷо ба ҷо,
Чун хӯлае аз ин шарар.

Ҳамчун тарозу чашми ӯ
Авзои манро бар кашид.
Ҳоло надонам ишқ буд,
Ё рашк, аз дил сар кашид.

Зад чарх чун гардун сарам,
Оташ гирифта пайкарам.
Гуфтам, ки аз номи худам
Аз ҳамма ман ошиқтарам.

–Эй баччаи шум, ман туро
Додар ҳамепиндоштам.
Бар ту чу бар як додарам,
Ман меҳри дерин доштам.

Шарму ҳаё кун,
эй сағир,
Охир манам аз ту калон.
Нохонда хатро пора кард
Афганд бар оби равон.

Бар об рафтам низ ман
Ҳамроҳи коғазпораҳо.
Дар пеши худ шармандаю
Дар назди Антон рӯсиёҳ.

Бистон худоё, ҷони ман
Хурди хиёнатгар шудам.
Он рашк буд ё ишқ буд
Аз раҳ ба зери ҷар задам.

Ман чун ба ин чашмони сар
Бар чашми Антон бингарам?

Акнун тамоми умр ман
Шармандаю домантарам.

–Ин кори рашки беамон,
Ин кори ишқи пурситам,–
Худро тасаллӣ дода ман
Бар кӯи Антон омадам.

Бори нахуст андоми ӯ
Бар дидаи ман пир зад.
Бо як нигоҳи пурумед
Бар синаам сад тир зад;

–Додӣ ба Тӯтӣ номаро?
–Ҳо…
–Баргӯ ҷавобаш зудтар
–Бардошт кун, оҳистатар.

Гуфт ӯ, ки бар калли Талаб
Рӯзи қиёмат мерасад.
Аммо чу ёбад фурсате
Ӯ бо ту гап як мекунад…

Антон аз ин дастони ман
Чун ғунчаи гул во шудӣ.
Аммо дили ҳайрони ман
Ғамгину вовайло будӣ.

То ҳол ман аз хоби хуш
Тарсида хезам нимашаб.
То ҳол, Антон, мекунӣ
Аз ман ту ҳаққи худ талаб…

Ҳар гап, ки буд Муллотуроб
Афканда бар пушти сараш,
Қишлоқро дод ӯ хабар
Имшаб ба тӯи духтараш.

Ғун гашта имшаб аҳли деҳ
Бар тӯи Тӯтӣ пургумон.

Мехост ҳар кас гул кунад
Дар тӯи он ороми ҷон.

Баъди чаҳорум соли ғам
Аз пушти ашки зор-зор,
Имшаб ба по шуд баҳри мо
Базми навои ёр-ёр.

Зиндаятимонро нигар
Чун сабза пушти лаб шудаст.
Ҳангомаи ин базмро
Онҳо гирифтандӣ ба даст.

Дар байни хирманҷои деҳ
Кундаалов афрӯхтанд…
Ҳар ғам, ки дар дил доштӣ,
Дар ин алав месӯхтанд.

Бо нағмаҳои рез-рез,
Бо савту сози думбура.
Рақсида шӯр андохтанд
Бар кӯҳу ангору дара.

Тоқии чустӣ дар сараш,
Дар тан қабои беқасаб.
Дар пеши гулхан менишаст
Антони хурсандиталаб…

Ман васфи ин шоми накӯ
Гӯям ба оҳанги дигар.
Зеро ки рӯ мезад тараб
Аз байни ғамҳои ҷигар:

–Ин шабе буд замон мерақсид,
Даст афшонда ҷаҳон мерақсид.
Чорсола тараби рафта зи ёд
Бо тамоми ҳаяҷон мерақсид

Шӯълаи кундаалав лаб мезад,
Гирди он пиру ҷавон мерақсид.

Лол буд ошиқи пургӯй имшаб,
Худ дилу кому забон мерақсид.
Бомҳо пур шуда аз бевааруӯс,
Дили онҳо ба фиғон мерақсид.
Марди бе даст ба по каф мезад,
Марди бе пой ба рон мерақсид.
Ишқи Тӯтӣ ҳамаро дар сина
Мисли тире ба камон мерақсид.
Медарид шӯълаи гулхан дили шаб,
Ахтари дида аён мерақсид.
Шодӣ-он мурғаки навроу азиз
Ба миёни дилу ҷон мерақсид.
Чарх гардида сари чархи фалак,
Дар ҳамин базми калон мерақсид.
Ана, гӯянда ба гуфтан сар кард,
То ба ҳол ар ба миён мерақсид:

**Гӯянда:**

–Ман ошиқи рӯи туам,
Худо худаш медуна.

**Халқ:**

–Ёр, ёр, ёри ман.

**Гӯянда:**

–Ман куштаи кӯи туам,
Худо худаш медуна.

**Халқ:**

–Ёр, ёр, ёри ман.

**Гӯянда:**

–Ман бастаи мӯи туам,
Худо худаш медуна.

**Овоз:**

–Антуна каш, Антуна.

**Халқ:**

–Ёр, ёр, ёри ман.

**Овоз:**

–Антуна каш, Антуна,
Худо худаш медуна…

Гар туйи Тӯтӣ баҳри ӯ
Дилпорагар–мотам будӣ,

Аммо ҳавасдевона худ
Имшаб чу як Ҳотам шудӣ.

Бархостӣ гирди алав,
Бозӯ парешон сохтӣ.
Бо рақси русӣ-тоҷикӣ
Халқе ту ҳайрон сохтӣ.

Ларзонда бозӯи баланд,
Каф кӯфтаву по мезадӣ.
Сад таъна бо ҳар ларзае,
Бар коми дунё мезадӣ.

Меҷаст озоду сабук
Аз ҳалқаи доми замин
Мехост ӯ гӯё парад
Бар осмони ҳафтумин.

Сад доғ андар синаву
Лабҳо вале аз ханда ғарқ.
Тутӣ табассум мекунад.
Гӯё аз ин гулхан чу барқ...

Эй, бод боло дасти ишқ,
Ин давлати пуршасти ишқ.
Ҳаргиз нагардӣ ноумед,
Чун мешавӣ сармасти ишқ.

Ҳарчанд медонӣ, ки ёр
Имшаб ба шавҳар мерасад.
Дорӣ, ту аз дунё умед,
Хоҳӣ ту аз қисмат мадад.

Шояд, ки ёр имшаб яке
Қасде ба ҷони дил кунад.
Аз ёри нав рӯ тофта,
«Ёд аз мани мискин кунад».

Худ бо ҳамин андешаҳо
Буд рақси ӯ пурҷӯштар.

Ҷавволаи оташ чу ӯ
Месӯхт аз по то ба сар.

Зиндаятимон ҳам ҳама
Рақсида дар ин базмгоҳ.
Бар сӯи Тӯтӣ мезадем
Тир аз камони дидаҳо…

Аммо чӣ парво Тӯтиро
Аз сози мо, аз сӯзи мо,
Чун бахт гӯё меравад
Имшаб вай аз ин мулки мо.

Имшаб тани пазмони ӯ
Часпад ба пазмони дигар.
Аз васл серонро чӣ ғам
Бар ишқи сӯзони дигар.

Фарқу заранги такдарахт
Месӯхт дар гулхан ба завқ.
Гӯяндаҳоро ҷӯш зад
Дар сина аз нав рӯди шавқ.

**Гӯяндаи 1**:

Имшаб равам ба қасдат,
Гирам зи банди дастат.
Аз пошнекои пастат,
Аз зулфи гулпарастат,
Аз домани аластат.

**Халқ:**

–Оҳо, ҷон, ҷони ман,
Гулмайдон ҷони ман.

**Гӯяндаи 2:**

Имшаб равам ба кӯят,
Гирам зи банди мӯят,
Мастӣ кунам зи бӯят,
Мирам дар орзуят.

**Халқ:**

–Оҳо, ҷон, ҷони ман,
Гулмайдон, ҷони ман.

**Гӯяндаи 3:**

–Имшаб ситораборон,
Зулфота кун парешон,
Ҷон дорӣ, ҷон маранҷон.

**Овоз:**

–Раҳме бикун ба Антон.

**Халқ:**

–Оҳо ҷон, ҷони ман,
Гулмайдон ҷони ман.

Бар ханҷари худ даст ёфт
Қурбонхасиси муттаҳам.
То гирад аз Антон қасос,
Ӯ рафт назди Хушқадам.

Гуфт: – Ор дорӣ, фалғарӣ,
Бар ҳарфи мардум гӯш кун.
Ё хеш бар дарё бизан,
Ё халқро хомӯш кун.

Бин, хоҳаратро одамон
Бадноми Антон мекунанд.
«Антуна каш,
–бо ин сухан»
Чун тирборон мекунанд.

Гӯё, ки Антон Тӯтиро
Бар хеш моил кардааст.
Бадхоҳ хасмони туро
Имрӯз қоил кардааст.

Аз ин суханҳо Хушқадам
Чун ҷангалистон даргирифт.
Ҳушу хирад аз даст дод,
Аммо ба каф ханҷар гирифт.

Ханҷар ба дасташ ногаҳон
Рафт аз бари Антон кашид.
Антон парид аз ҷои худ
Ханҷар ба китфи ӯ расид.

Аз наҳсиҳои Хушқадам
Базми тараб садпора шуд.
Монд ӯ худаш бар зери по,
Сад чорагар бечора шуд.

Монандаи парвона халқ
Бар гирди Антон ғун шуданд.
Тайёр будӣ ҷони худ
Дар ҷои ҷони ӯ диҳанд.

Антон вале девонавор
Авбошро берун кашид.
Аз зери пои одамон,
Аз калтаку зарби шадид.

Оварда ӯро дар паноҳ
–Эй халқ,–гуфт,–оҳистатар.
Набвад гуноҳи Хушқадам,
Ин кор аз ҷои дигар.

Ку рақс,
                эй Ҳайдар, бихез,
То навбати мо ҳам расад.
Биншонда он авбошро
Худ гирди гулхан чарх зад.

Зад ҷӯш аз нав рақсу базм,
Мардум сурур ангехтанд.
Саргарми байту шоирӣ,
Аз нав чи шӯр ангехтанд.

Пинҳонӣ аз чашми касон
Аз базм берун гашта ӯ,
Гуфтӣ ба ман зудтар биё,
Бар хонаи Биорзу.

–Биорзуи дуксафед,
Ҳар ҷо, ки бошӣ, шод бош.
Моро накардӣ ноумед,
Озод бош, ободбош.

Ин сон суруде доштанд
Мардум ба ҳаққи он табиб.
Бо дорую дармони худ
Бар аҳли деҳ буд ӯ ҳабиб.

Фаввора зад хун аз танаш,
Антон чу камзӯлаш кашид,
Аз зоғаки китфи чапаш
Шуд «нақш»-и он ханҷар падид.

Бо оби ҷӯш, орди фаранг
Баршуста хуну захми ӯ.
Бо латтамуту корае
Кардаш даво Биорзу.

Гуфто ба Антон: эй писар,
Аҳсан туро, аҳсан туро.
Аз ин ҷароҳат, ин ситам
Фил ҳам наистодӣ ба по.

–Модар, ташаккур,–гуфта ӯ,
Аз дидагонаш рехт ашк.
Ин дам замину осмон
Гӯё ба ҳам омехт ашк.

–То ҳол манро ҳеҷ кас
Ин сон нагуфтастӣ писар.
Дар умри худ ҳаргиз сухан
Ин сон накардастам асар.

Як ҷомаи нав ҳам кашид
Аз сандуқаш Биорзу.
Бар қадди Антони фақир
Бо зӯрӣ пӯшонид ӯ.

Имшаб утоқи Бишакар
Пур гашта буд аз одамон.
Хурду калон меомаданд
Бар пурсиши Антонашон…

Қурбони фарзандони деҳ,
Қурбони пайвандони деҳ.
Ҷон дода дилёбӣ кунанд
Бар мақдами меҳмони деҳ…

Антон азобу дарди худ
Аз халқ пинҳон менамуд.
Бо боданӯшон буд шарик,
Бо хандамастон ҳамсуруд.

Аммо ду чашми тоси хун,
Симои ғамолудааш,
Медод аз ишқаш хабар
В-аз бахти ноосудааш…

Бо як сару сад орзу
Деҳи ман имшаб хоб кард.
Оҳи дили Тӯтӣ магар
Сангони кӯҳро об кард.

То субҳдам бар гӯши ман
Овози дарё мерасид.
Мерафт аз сар ҳуши ман,
Ҳар мӯ чу морам мегазид.

Калли Тилаб пеши назар
Ҳар лаҳза гардад ҷилвагар.
Тӯтӣ намояд мисли ҳур
Деве кашад ӯро ба бар.

Чун субҳи козиб бардамид,
Бо зӯрӣ моро хоб бурд.
Он саллаи мулло Туроб
Дар хоб дидам об бурд.

Кабке, ки се соли расо
Ман дар қафас медоштам,
Ногоҳ аз дастам парид,
Аз хоб сар бардоштам.

Андова хаста дар камар,
Дар китф овезон табар,
Бо хандае чун субҳдам
Антон намоён шуд зи дар.

Гуфто: бихезо,
                    хоб бас,
Давлатчаро даъват намо.
Дар хонаи Биорзу
Созем печ имрӯз мо.

Ногаҳ касе фарёд зад:
–Эй қавми дунёбехабар,
Аз хонаи Калли Тилаб
Тӯтӣ гурехтаст ин саҳар.

Аз ин хабар дар лойдон
Монанди се ҳайкал шудем,
–Чун? Кай гурехтаст ӯ, бигӯ?
Ҳам даст бар сар мезадем.

–Бо як муаллими забон,
Шоиртароши бедаҳон,
Бигрехтаст аз деҳи мо,
Рафтаст бар шаҳри калон…

Антон чу оташ шӯъла зад,
Аз ин ҷасорат,
                    ин хабар,
–Ай Тӯтии носозгор,
Меҷӯямат дар баҳру бар…

Муллотуроби сахтрӯ,
Беобрӯ,
          бепоюю сар,
Бо завҷаи худ ноаён
Кӯчид бар деҳи дигар.

Бо ӯ нарафтӣ Хушқадам,
Бо ҷӯраҳо ин ҷо бимонд.
Антони некӯкорро
Бо хештан додар бихонд.

Ӯ печсозӣ пеша кард,
Омӯхт аз Антон ин ҳунар.
Ҳамроҳи Антон гардад ӯ
Аз деҳа бар деҳи дигар…

**АНҶОМ**

Чун достон ин ҷо расид,
Гардун дигар шуд бар сарам.
Рӯ дод аз Баҳри Сиёҳ
Субҳи сафеди кишварам.

Таззоди дунёи куҳан
Дидам дар ин роҳи сафар.
Сарҳои хам аз бори ғам,
Дилҳои сӯзон чун шарар.

Садҳо калисо дидаме
Бо расму оини ғализ,
Масҷидҳо, ки сангашон
Гӯё чу пайғамбар азиз.

Шаҳри Стамбул бар башар
Гӯё ҷавонӣ медиҳад.
«Бар баҳргардон дар сафар
Хатти амонӣ медиҳад».

Аз қуллаи Рим бар ҷаҳон,
Модархудо дӯзад назар.
«Гар ӯ ғазаб фармояде,
Дунё шавад зеру забар».

Фиръавнҳои садзана
То ҳол ҳам маснаднишин.
Дар соҳили дарёи Нил

Андар либоси мармарин.

Ҳар ҷо ки рафтам, буд маро
Дар тори сар,
                    дар зери по:
Модархудо, кишвархудо,
Доворхудо, соғархудо.

Аммо худованде набуд
Ҷуз меҳри меҳан дар сарам.
Шахсе надидам, то шавад
Ҷои ту як дам, додарам.

Бӯи Ватан зад бар машом,
Сад чашми дил гардид во,
Ёде накардам бо бадӣ,
Антон, туро, Тӯтӣ, туро.

Дар дурию маҳҷуриам
Имдодрас шуд ёдатон.
Тӯтӣ, куҷоӣ? Шод, бош!
То боздид, Антони ҷон…

## МУНДАРИЧА

«Ду байти ҷонбахш» ........................................ 3

Шеърҳо

Ғам нест ........................................ 11
Ҳавас ........................................ 11
Ранги ғам ........................................ 12
Аз гулу хоку шӯълаи оташ ........................................ 12
Баччагонам ҷангбозӣ мекунанд ........................................ 14
Эй камонбардаст ........................................ 14
Ёр меояд ........................................ 15
Аспи сулаймонӣ ........................................ 16
Эй дӯст ........................................ 17
Дод, сад дод… ........................................ 18
Мавҷгирам ........................................ 18
Обод мешавам ........................................ 19
Нимашаб ........................................ 20
Душанбе ........................................ 21
Шоир ва чӯпон ........................................ 22
Кори дунё ........................................ 23
Меҳр ........................................ 24
Кабоб шуд ханда ........................................ 24
Орзу ........................................ 24
Рози дил ........................................ 25
Одами хому раҳомад нестам… ........................................ 26
Шеър хонед ........................................ 27
Шеъри аввалин ........................................ 28
Кема ........................................ 28
Ёд ........................................ 30
Дар соҳил ........................................ 31
Фалғар ........................................ 31
Баҳор ........................................ 34
Умед кунед ........................................ 35
Танҳоӣ ........................................ 35
Пухтагӯйи хомтамаъ ........................................ 36
Шаби домодӣ ........................................ 36
Сафедор ........................................ 36
Як нуктаи накӯ ........................................ 37
Харсанг ........................................ 37
Хизр медид, асоям мекард ........................................ 38

Дар оташи имрӯзӣ ........ 38
Дард ........ 41
То ту будӣ… ........ 41
Нишон ........ 42
Кӣ гуфт? ........ 43
Шеъри сафеди рӯзи сиёҳ ........ 43
Ҷуфт шуд кабки дарӣ ........ 44
Ҷаҳон ........ 45
Доллар… ........ 46
Дар сари марқади Мирзо Турсунзода ........ 46
Гург ........ 47
Ҳаваскашна ........ 48
Дар дӯкони «ҳазор майда-чуйда» ........ 49
Бовар мекунам ........ 49
Шумо… ........ 50
Мирам аз мӯи сафедат, модарам ........ 50
Модар ........ 51
Хоҳаре омад ба дунё ........ 52
Бо дӯст оям рӯ ба рӯ ........ 53
Ҷомаи беқасаб ........ 53
Кӯҳсор мемонад ........ 54
Оина ........ 54
Хӯшачин ........ 55
Анҷоми зимистон ........ 56
Зан ........ 56
Бо ӯ равад ҷон ........ 57
Тавозӯъ ........ 58
Дар роҳи бод ........ 59
Ёди қуллаҳо ........ 61
Падар ........ 62
Барои барно исҳоқова ........ 63
Дар боғчаи бачагон ........ 64
Ёд ........ 65
Марди хуфта ........ 65
Майдон ........ 66
Асрори кӯҳҳо ........ 66
Гап дар байни худ… ........ 68
Ватан ........ 68
Чашми биною дили хурсанди ман… ........ 69
Ҳаяҷон ........ 70
Давр мегардад замин ........ 71
Хотираи устод айнӣ ........ 72
Марди албурз ........ 73

Қайсин кулиев ... 74
Пабло неруда ... 74
Файз аҳмад файз ... 75
Муин бсису ... 76
Ба сергей есенин ... 76
Осмони кушод мехоҳад ... 77
Ахтари гарм ... 78
Кай гузорам!.. ... 78
Ошиқи дур аз ғами шӯҳрат ... 79
Болу пар ... 81
Оташ мезанад ... 82
Деҳа ... 82
Сичароғ ... 83
Чанг занад дил ба гиребони ман ... 83
Хӯшаҳо ... 85
Ойини ишқ ... 85
Агар ман қад фарозам… ... 86
Шоиронем ... 87
Нест бод, зинда бод ... 90
Оҳанги дигарам ... 90
Нигоҳи тоза ... 91
Шоира ... 92
Соҳибдило… ... 93
То нек ба кор оям… ... 94
Агар дар базми гардун меравӣ ... 96
Чормағзи дарёӣ ... 97
Умри ҷовид ... 98
Остони баланд ... 98
Бӯйи нон ... 99
Нон дорӣ–ном дорӣ ... 100
Зиндаятимон ... 100
Андешаи фардо ... 102
Ҳаваси мӯйшикофӣ ... 102
Як рӯз дар хоки навкорам ... 103
Ҷавонӣ ... 105
Қуралай ... 105
Чоши гандум ... 106
Ҷаҳон ... 112
Баҳория ... 113
Шукр ... 113
Парвози меҳр ... 114
Чаро хомӯш истам ман ... 114
Парвоз дод ... 115

Шарафаш бод, ҳар он кас, ки вафодор шавад .............................. 115
Сарвати бенархи гарон ............................................................. 116
Сафо ёфтам ............................................................................ 116
Дӯст медорам шаби бехобро ..................................................... 117
Чун назар пок асту дил… ......................................................... 117
Уқобон фаровон дар ин кӯҳсор ................................................. 118
Оғози ишқ ............................................................................... 120
Сина девори ватан ................................................................... 121
Ватан ...................................................................................... 123
Қудрати оби равон .................................................................. 124
Тобаи нур ............................................................................... 124
Суратгари пир ......................................................................... 125
Гаҳвора ................................................................................... 125
Байти ногуфта ......................................................................... 126
Армоншикан ............................................................................ 127
Фарзанди кӯҳ .......................................................................... 128
Эъҷози одамӣ .......................................................................... 128
Ойни шаҳбозӣ ......................................................................... 129
Сӯҳбати фарзандон ................................................................. 130
Санги навишта ........................................................................ 131
Зарафшон ............................................................................... 131
Роҳ ......................................................................................... 132
Чун қулла баландам ................................................................ 132
Оташ ...................................................................................... 133
Бӯйи бунафша мекунад ............................................................ 133
Барои профессор Мақсуд Шукуров .......................................... 133
Кистам .................................................................................... 134
Зинда мегардам… ................................................................... 134
Шеъри оламгир ....................................................................... 135
Суруди насим .......................................................................... 135
Суруди шоҳин ......................................................................... 138
Суруди чӯпон .......................................................................... 138
Суруди кабк ............................................................................ 140
Меҳри тоҷикистон ................................................................... 140
Шаби шамтуч .......................................................................... 145
Пули сангин ............................................................................ 146
Сангпул .................................................................................. 146
Шукрона ................................................................................. 147
Чӯтак ӯрозов ........................................................................... 148
Деҳқони пир ........................................................................... 148
Духтари пахтачин ................................................................... 149
Умед ...................................................................................... 150
Падар .................................................................................... 150

Пири танҳо ........ 151
Дарди миллат ........ 153
Наврӯзӣ ........ 153
Ё раб ........ 154
Шикаст ........ 154
Дилам меларзад ........ 155
Нома аз роҳи дур ........ 155
Гиря ........ 156
Озодӣ ........ 157
Истиқлол ........ 157
Бозор ........ 158
Қавме шароб мехӯрад ........ 158
Зани тоҷик ........ 159
Шукр ........ 160
Таманно ........ 160
Дор эмин ........ 161
Сухане рӯ ба рӯ биёр ба ман ........ 161
Узри ҷони огаҳ ........ 162
Пораи инсоф ........ 162
Дар аҷоибхона ........ 163
Вахш ........ 164
Бе ҳадаф ........ 164

Дар хонаи пирони барҷомонда
Мурғи озод ........ 165
Ба умеде, ки… ........ 166
Ҳасрат ........ 166
Пазмони душанбе ........ 167
Дар роҳ ........ 168
Даврон ба кори хештан ........ 168
Ману додрасӣ ........ 169
Боғи паррандаҳои урметан ........ 170
Раҳзан ........ 170
Бо ҳавои дор-дорон ........ 171
Дунё ........ 171
Пари симин ........ 172
Ҷабр ........ 172
Ёд ........ 172
Илтимос ........ 173
Ғами ошиқӣ ........ 173
Шӯхӣ ........ 174
Сари баланд ........ 175
Одам аз по фитод, бардораш ........ 176

Бисёр ба ҷо, ки… 177
Як шеъри нотамом 178
Пайғоми бостон 178
Роҳи дил 179
Навҳа 180
Ишқи аввал 180
Тоқии чоргул 181
Хаткашон 183
Турфа ин ҷост 184
Водареғо 184
Кӯча гар бепосбон… 185
Ҳаё 186
Дар лаби дарёи варзоб 187
Даври рукуд 187
Имрӯз маро намебарад хоб… 188
Силамуштоқон 189
Дар танҳоӣ 190
Лона гирифтаст 190
Тарона месӯзад 190
Дафтари яғноб 191
Кӯч 191
Эҳсос 192
Холиқи гулбур 194
Духтари яғнобӣ 198
Суруди кӯҳи дор 201
Китобае дар санги кӯҳи муғ 203
Модар 203
Китоба дар табақи чапи дарвоза 205
Китоба дар табақи рости дарвоза 205
Коммунист абдураҳмон иноятов 205
Деҳқони яғнобӣ 207
Усто барот 208
Шаби мирзочӯл 211
Руҷӯи яғнобиписар 212
Дафтари пориж 214
Бурҷи эйфел 214
Коммунарҳо 215
Майдони ризоӣ 217
Жанна д–арк 218
Шабе дар тарабхонаи пориж 219
Туро ҳар шаб чу як умри дубора 221
Бомҳо 222
Модиляни 223

Жанна–зани модиляни̅ .......... 224
Ғазали модиляни̅ .......... 225
Дар калисои модархудоёни пориж .......... 225
Рӯ ба рӯ .......... 227
Софи лорен дар пориж .......... 230
Дар мақбараи наполеон бонапарт .......... 230
Ватангумкарда озоди̅ наёбад… .......... 231
Илҳом аз сурудаҳои франсави̅ .......... 235
Имдод ҳамехоҳам .......... 237
Рондо .......... 238
Суруди қадимаи франсави̅ .......... 238

Аз шеъри сибир .......... 239
Дар ин ҷо… .......... 239
Ба леонид лаптсуй–шоири ненетс .......... 241
Дар пояи ҳайкали ермак– тобеъгари сибир .......... 241

Достонҳо .......... 243
Аввалин дидор .......... 243
Қуллаҳои ноаён .......... 253
Достони антон .......... 268
Оғоз .......... 268
Анҷом .......... 301

**Қутбӣ Киром**

# МИНБАРИ ВИҶДОН

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 29.08.2012. супорида шуд.
Ба чопаш 03.09.2012 имзо шуд.
Андозаи 60/84 $^{1}/_{16}$ Ҷузъи чопӣ 19,5
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи давлатии нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018. ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи КММИИ «Аршан» ба чоп расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов, 73/1
E-mail: varz.tm@mail.ru